**АКАДЕМИЯИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

*Ба ҳуқуқи дастнавис*

**ВБД: 371 (091) : 323 + 373 (575.3)**
**ТКБ: 74.200 + 74.2 : 66.3 (2 тоҷик)**
**А - 94**

**АҲМАДЗОДА ЗУЛФИЯ КАБИР**

# АСОСҲОИ КОНСЕПТУАЛИИ ТАШАККУЛИ АРЗИШҲОИ МИЛЛИИ НАСЛИ НАВРАСУ ҶАВОН ДАР ЗАМИНАИ ИСТИФОДАИ АФКОРИ ПЕДАГОГИИ НИЁГОН

**ДИССЕРТАТСИЯ**
**барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 5.3.1 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот**

**Роҳбари илмӣ:**
**доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи сотсиология ва психологияи идоракунии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Файзализода Ҷ. Х.**

**ДУШАНБЕ – 2026**

**МУНДАРИҶА**


**МУҚАДДИМА........................................................................................ 4**

**БОБИ 1. АСОСҲОИ ТАЪРИХИИ ТАШАККУЛИ АРЗИШҲОИ МИЛЛӢ ВА УМУМИБАШАРИИ ХАЛҚИ ТОҶИК**

1.1. Тавсифи умумии арзишҳои ахлоқии миллӣ ва умумибашарӣ.. **22**

1.2. Асосҳои пайдоиш ва рушди арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ дар давраҳои гуногуни таърихӣ .......................................... 38

1.3. Мафҳуми анъана ва расму оин ҳамчун арзишҳои ахлоқии миллӣ ва аҳамияти онҳо дар тарбияи насли наврасу ҷавон ...................... 52

Хулосаи боби 1 ............................................................................... 83

**БОБИ 2. ПАЙДОИШ ВА РУШДИ АНДЕШАҲОИ ПЕДАГОГИИ НИЁГОН ВА НАҚШИ ОНҲО ДАР РУШДИ ПЕДАГОГИКАИ МУОСИРИ ТОҶИК ................................................ 87**

2.1. Зуҳур ва рушди афкори педагогии мутафаккирони тоҷик........ 87

2.2. Арзишҳои ахлоқию маънавии таълиму тарбия аз дидгоҳи мутафаккирони тоҷик ........................................................................ 92 111

2.3. Андешаҳои мутафаккирони тоҷик дар бораи ташаккули шахсият дар раванди таълиму тарбия ....................................................... 135

Хулосаи боби 2 ............................................................................... 159

**БОБИ 3. АРЗИШҲОИ АХЛОҚИЮ МАЪНАВИИ ТАЪЛИМ ВА ТАРБИЯ ДАР ОСОРИ НИЁГОНИ ХАЛҚИ ТОҶИК .................... 162**

3.1. Асоси тарбия ва ҷаҳонбинии дунявӣ ҳамчун зербинои таълиму тарбияи муосир ............................................................................ 162

3.2. Қобилият ба меҳнат ҳамчун асоси рушди маънавии инсон ва шаҳрванди замони муосир ........................................................... 183

3.3. Тарбияи арзишҳои оилавӣ - ҳамчун асоси рушди устувори ҷомеаи муосир ................................................................................. 207

Хулосаи боби 3 .............................................................................. 228

**БОБИ 4. НАҚШИ АНДЕШАҲОИ ПЕДАГОГИИ НИЁГОН**

**ДАР ТАШАККУЛИ АРЗИШҲОИ МИЛЛИЮ ИНСОНИИ НАСЛИ НАВРАСУ ҶАВОН......................................................................... 232**

4.1. Ҳамгироии арзишҳои афакори педагогии ниёгон дар ташаккули ахлоқи насли наврасу ҷавон ..................................................... 232

4.2. Ҳуввияти миллӣ ва ҳамгироии он ба арзишҳои ахлоқии умумибашарии насли наврасу ҷавон ........................................................ 258

Хулосаи боби 4 ............................................................................... 281

**БОБИ 5. ТАШАККУЛИ АРЗИШҲОИ МИЛЛӢ ВА УМУМИБАШАРИИ НАСЛИ НАВРАСУ ҶАВОН БО ИСТИФОДА АЗ ҒОЯҲОИ ПЕДАГОГИИ НИЁГОН ДАР ШАРОИТИ МУОСИР..................................................................................... 285**

5.1. Равандҳои демократикунонии ҷомеа ва таъсири онҳо ба ташаккули арзишҳои миллӣ ва умумибашарии насли наврасу ҷавон...... 285

5.2. Аҳамияти татбиқи aқидаҳои педагогии ниёгон дар низоми таҳсилоти муосир ............................................................................... 308

Хулосаи боби 5 ............................................................................... 321

**ХУЛОСАИ УМУМӢ ..................................................................... 324**

**ФЕҲРИСТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА........................... 339**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаёти иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодии ҷомеа дигаргунсозиҳои бунёдӣ ҷараён доранд. Дар ин робита баррасии нақши арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ дар тарбияи ахлоқии ҷавононро амри зарурӣ мешуморем. Ба андешаи мо, раванди ташаккули арзишҳои ҳаётӣ, аҳаммияти онҳо дар ташаккули  шахсияти ҷавонон, ба урфу одатҳо, анъанаҳо, қоидаҳои рафтор ва маросими миллӣ ошно намудани онҳо ба омӯзиши амиқу ҳамаҷонибаи қонуниятҳои муосири танзимкунандаи масъалаҳои таълиму тарбияи ҷавонон бо мақсади истифодаи натиҷаҳои бадастомада ҷиҳати ташкили корҳои тарбиявӣ дар муассисаҳои таълимии олии кишвар ниёз дорад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо дарназардошти  аҳаммияти проблемаи дар боло зикргардида изҳор намуданд, ки: “... Имрӯз монеаҳои ахлоқие, ки ба рушди ҷомеаи мо, баланд бардоштани сатҳи зиндагии шаҳрвандони  ҷумҳурӣ халал мерасонанд, бояд бартараф карда шаванд. Таҳти мафҳуми чунин монеаҳо ман андаке дур шудани  насли наврасро аз риояи анъанаҳо, урфу одат, маросими мардумӣ дар назар дорам, он имкон намедиҳад, ки мо дар роҳи  бунёди ҷомеаи муосир ва мутамаддин ба пеш ҳаракат намоем” [242].

Ҳаллу фасли масъалаи матраҳнамудаи  Президенти Тоҷикистон мушкил хоҳад буд. Проблема дар он аст, ки идроки бошууронаи арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ истифодаи маҷмуи комили донишҳоро талаб мекунад. Дар зимн дар назар бояд дошт, ки ҷаҳони воқеӣ ягона буда, аммо дидгоҳҳу ақидаҳо дар бораи чигунагии он сершуморанд.

Дар ҳамин ҳол, ҳангоми баррасии вижагиҳои арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ ба самтҳои мушаххаси фалсафӣ, педагогӣ, динӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва ғайра бояд таваҷҷуҳ намуд, ки аз мавқеи он арзиши анъанаҳо, урфу одат, маросим, қоидаҳои рафтор, муқаррарот ва дигар шоҳкорҳои хоси башарият ва мардум муайян карда мешавад.

Барои ҳар як давраи таърихии Тоҷикистон арзишҳои махсуси миллӣ ва умумибашарӣ хосанд, ки халқ онҳоро ба сифати қонун, оиннома, дастур, шиор ва низом мавриди истифода қарор медиҳад. Худи халқ тасмим мегирад, ки кадоме аз онҳо барои ҳамагон ҳатмӣ аст ва ба ҳаёти иҷтимоӣ ва шахсӣ низом, ҳамоҳангӣ ва ниятҳои некро ворид месозад.

Ҳамин тавр, аҳаммияти арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ дар он аст, ки онҳо барои тамоми ҷомеа ва халқҳо судманд мебошанд. Инсон усул ва стратегияи арзишҳоро амалӣ намуда, худро ба пайравии ҳақиқат, хирад, зарурати дарёфти дониш, эҳтироми қонун омода месозад. Аҳамияти педагогии арзишҳои бадастовардаи халқ ва башарият дар солҳои мавҷудияташ маҳз дар ҳамин аст.

Барои рушди низоми миллии таҳсилот ба таҷрибаи таърихии халқ, асосҳои илмӣ-педагогии таълиму тарбия такя мебояд кард.

Масъалаҳои тарбияи ҷавонон дар ҳамаи давру замонҳо барои олимон ва мутафаккирони бузург аз аҳаммият бархӯрдор буданд. Натиҷаҳои ҷусторҳо дар адабиёти мардумӣ, ривоятҳо, асарҳои илмӣ инъикос мешуданд. Бинобар ин, барои ҷустуҷӯи роҳи ҳалли проблемаҳои илми педагогика омӯзиши ҳаматарафаи мероси таърихии гузаштагон, ғояҳо ва андешаҳои педагогии донишпажӯҳон, файласуфон, маорифпарварон, ҳамчунин мулоҳизаи усули таълиму тарбияи дар асарҳои халқӣ мавҷудбуда зарур мебошад.

Мутафаккироне, ки дар таърихи Тоҷикистон ва мардумони дигар осори мондагори худро гузоштаанд, чунин ҳисоб мекарданд, ки дар кори такомули инсон ва ҷузъи маънавию ахлоқии ӯ нақши дониш басо бузург аст. Дар осори классикони қадим тавсия мешавад, ки кӯдаконро бояд дар руҳияи ахлоқи воло, хоксорӣ, меҳнатдӯстӣ, башардӯстӣ, дӯстӣ, таҳаммул, меҳру муҳаббат ба Ватан ва нафрат ба душманон, фидокорӣ дар роҳи шукуфоии Ватан тарбия намуд.

Месазад ба он далел таъкид намуд, ки классикон ҳамеша бар он ақида буданд, ки инсон бояд ба таҳсилот ва рушди ҷисмонии худ машғул бошад.

Барои педагогикаи муосир робитаи наздик доштан бо афкори педагогии донишмандон ва мутафаккирони асрҳои X-XV хос аст. Дар ҳамин давра ғояҳои бузурги халқи тоҷик арзи вуҷуд намуда, шуҳрати ҷаҳонӣ ба даст оварданд. Аз

миёни муаллифони чунин ғояҳо Абуалӣ ибни Сино, Абунасри Форобӣ, Абурайҳони Берунӣ, Закариёи Розӣ, Котиби Хоразмӣ, Низомии Ганҷавӣ, Ҳаким Саноӣ, Фаридаддини Аттор, Абуҳомид Ғазолӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҷалолиддини Румӣ, Абдураҳмони Ҷомиро метавон номбар намуд. Нуктаи ҷолиб он аст, ки дар таълимоти бисёр олимони асримиёнагӣ ғояҳои дар ҳамон замонҳо пешқадами педагогии Шарқу Ғарб инъикос шудаанд, онҳо минбаъд асоси илми педагогикаро ташкил намуданд.

Муҳтаво ва сохтори таълиму тарбия бо зуҳури ислом дар Шарқ ба тағйирот мувоҷеҳ гардид. Акнун ба мактаб таъсиру нуфузи дин афзоиш ёфт, бинобар ин ба мактаб вазифаю рисолати нав илова гардид. Аммо баъзе анъанаҳои таърихӣ маҳфуз монданд, ҳарчанд ки тобиши исломӣ пайдо карданд.

Барои илми педагогикаи муосир муҳим он аст, ки ақидаҳои асрҳои гузаштаи оганда ба арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ то рӯзҳои мо идома ёфта, дар тарбияи насли наврас мавқеи сазовор доранд.

Бисёр олимону нависандагон ва шоирони асрҳои миёна пайрави ақидаю мавқеъҳои пешқадами замони худ буданд. Онҳо башардӯстиро ҳамчун асоси тарбияи ахлоқӣ ва маънавии насли ҷавон таблиғ менамуданд. Маҳз дар ҳамин замон адабиёте арзи вуҷуд менамуд, ки манбаи донишҳо дар илмҳои гуногун ва соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла педагогика ба ҳисоб мерафт. Имрӯз он адабиёт воқеан ахлоқӣ ва амиқан маънавӣ эътироф шудааст.

Дар осори мутафаккирони асримиёнагии Шарқ проблемаҳои тарбияи ахлоқӣ ҷойгоҳи асосиро доранд. Аксарияти муаллифони осори мазкур дар саросари ҷаҳон мубаллиғони маъруфе буданд ва асарҳои онҳо ҷанбаи андарзномавӣ доштанд. Таҳқиқоти осори олимони асрҳои X-XV на танҳо ҳамчун ҳифзу нигаҳдории мероси фарҳангию педагогии гузашта, балки ба ҳайси афзори дорои арзиши бузурги таърихию педагогӣ аз аҳаммият бархӯрдор аст, ки тавассути он илмҳои ҷамъиятии муосир бо шумули педагогика бо вазифаҳои таълиму тарбиявии он рушд менамоянд.

Ҳамаи гуфтаҳои боло аз он шаҳодат медиҳанд, ки арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ метавонанд илми ватании муосирро ба таври назаррас ғанӣ гардонда, тавассути таҳқиқоти мероси гузашта ғояҳои навро фароҳам созанд.

Дар зимни таҳлили маълумоти андӯхтаи таърихшиносон, мо ба хулосае омадем, ки арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ маҳсули эҷодкардаи халқи муайян мебошанд. Дар ин ҳол чунин арзишҳоро бояд ба давра ва шароити мушаххаси таърихӣ мансуб дониста шаванд.

Бо мурури замон ҳаёти ҷамъиятӣ ба таври қобили мулоҳиза тағйир меёбад. Арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ низ иваз шуда, шакл, намуд, таъйинот ва вижагиҳои нави хоси ҳаёти инсонҳоро ба худ мегиранд. Дар зимн онҳо аз насл ба насл мегузаранд, ҷиҳатҳои нолозим сарфи назар гардида, ҷузъиёти судманд ба даст оварда мешаванд.

Ҳамин тавр, далелҳои дар боло зикргардида мубрамии таҳқиқоти моро муайян мекунанд, ки дар онҳо *асосҳои консептуалии ташаккули арзишҳои миллӣ ва умумибашарии насли наврасу ҷавон дар заминаи истифодаи ғояҳои педагогии ниёгон* мавриди баррасӣ қарор дода мешавад.

**Дараҷаи коркарди мавзуи илмӣ.** Ҳамакнун бисёр донишмандони тоҷик, мутафаккирони бузурги асримиёнагии Шарқ шуҳрати ҷаҳонӣ касб намудаанд. Пеш аз ҳама инҳо Абуалӣ ибни Сино, Абунасри Форобӣ, Абурайҳони Берунӣ, Закариёи Розӣ, Котиби Хоразмӣ, Низомии Ганҷавӣ, Ҳаким Саноӣ, Фаридаддини Аттор, Абуҳомид Ғазолӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҷалолиддини Румӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ мебошанд. Дар асарҳои онҳо моҳияти ғояҳои пешқадами ҳамон замон шарҳу тафсир мегардад. Дар таълимоти ин мутафаккирони бохирад ғояҳои пешқадами Шарқ бо ғояҳои Ғарб омезиш дода шудаанд. Махсусан, асосноксозии илмииояндаи фанни педагогика, ки дар таълифоти олимони номбурда инъикос ёфтааст, ҷалби таваҷҷуҳ мекунад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим" изҳор намуд, ки: "Агар миллат анъанаҳои миллии худро фаромӯш карда, урфу одат ва ҷашну маросими худро эҳтиром накунад, чунин миллат наметавонад истиқлолият ва

соҳибихтиёрии худро пурра истифода бурда, давлатдории навини худро бунёд намояд. Маҳз ба шарофати эҳтиром ба мероси гузаштаи худ миллати тоҷик тавонист мустаҳкам ба по хеста, сазовори эҳтиром аз тарафи дигар давлатҳо қарор гирад... Ҳар як миллат дар раванди рушди худ анъанаҳо, урфу одат ва маросими худро ба вуҷуд меоварад, ки онҳо сарвати миллӣ, бахши фарҳанги вай мегарданд.” [272, с. 61-62].

Дар асарҳои муҳаққиқи эронӣ Забеҳулло Сафо вижагиҳои таъсири мутақобилаи фарҳангҳои Шарқу Ғарб баррасӣ шудаанд. Асосан арзишҳои маънавӣ мавзуи пажуҳишҳои илмии ӯро ташкил мекунанд [86]. Ба ғайр аз анъана, урфу одат ва маросим боз фалсафа, санъат, дин, мантиқ, ахлоқ ва ғайра мавриди таваҷҷуҳи ин донишманд қарор доштанд. Ин гуна арзишҳо мояи ифтихори ҳар як халқ буда, равандҳои рушди худшиносии миллӣ, зеҳният ва ормонҳоро инъикос менамоянд.

Анъана ва маросим мавриди таваҷҷуҳи пажуҳишгари англис Д.Фрезер ҳам қарор гирифта буданд, ки ӯ дар асари худ “ Шохаи тилоӣ” аҳаммияти онҳоро чунин тавсиф менамояд: “Мо ба ҷустуҷӯи ҳақиқат дар ҳаёти худ бо эҳтиром муносибат менамоем. Аз ин рӯ, бояд ба анъана ва маросими халқҳо ҳам бо эҳтиром муносибат дошта бошем, ҳатто агар онҳо дар сатҳи пасти рушди фарҳангӣ қарор дошта бошанд” [341, с.298-305].

Аз охири асри XIX дар ҳудуди Тоҷикистони кунунӣ таҳқиқоти фаъолонаи мероси таърихии гузаштаи ин сарзамин бо шумули арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ оғоз мегардад. Олимони соҳаҳои гуногун: таърихшиносон, педагогҳо, мардумшиносон, иқтисоддонон, сиёсатшиносон ва ғайра ба ҷусторҳои илмӣ машғул шуданд.

Олимони маъруф И.И.Зарубин, А.А.Семёнов [301], А.Н.Писарчик [243], М.Раҳимов [266] ва дигарон дар омӯзиши бисёр ҷанбаҳои проблемаи номбаршуда саҳми назаррас гузоштанд. Пажуҳишгарони мазкур дар асарҳои худ маводи пурғановатро дар бораи арзишҳои мардуми Тоҷикистон ҷамъоварӣ намуда, сабабҳои ташаккули онҳо, роҳҳои рушд, зарурати корбурди онҳоро дар зандагии ҳаррӯза, ҳаёти оилавӣ ва ҷомеа мавриди таҳлил қарор доданд. Бори нахуст мардумшиносон саъй намуданд, ки арзишҳои миллиро бар мабнои ҳадафҳо,

вазифаҳо ва аҳаммияташон тасниф намоянд. Ҳамин тавр, арзишҳои динӣ ва ғайридинӣ ҷудо карда шуда, аҳаммияти мутараққию маънавӣ, сабабҳои маҳфуз мондани онҳо тайи чандин асрҳо омӯхта шуданд.

Дар таҳқиқоти донишмандон анъанаҳо, урфу одатҳо ва маросим мавқеи вижа доранд. Таваҷҷуҳи муҳаққиқонро сабабҳои тағйироти онҳо бо мурури замон, тағйирёбӣ ва такомули шаклҳои онҳо, муҳтаво, мутобиқшавӣ ба воқеиятҳои нави иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ ҷалб менамояд. Барои нишон додани давраи таърихие, ки ин ё он арзиши мушаххас ба он мансуб аст, муаллифони таҳқиқоти илмӣ аз истилоҳоти мувофиқ истифода намудаанд. Масалан, "муосир", "нав", "маросими нави ҷашни арӯсӣ", "кӯҳнашуда" ва ғайра.

Олимони зерин масъалаҳои арзишҳои миллӣ ва умумибашариро дар ҷанбаҳои гуногун таҳқиқ намудаанд: А. Паҳлавонов, А.Н. Тугаринов [315], А. Муҳаммадхоҷаев [189, 190], Б. Раҳимов [265], Б. Ғафуров [70-73], В. Асрорӣ [38], Е.Э. Бертелс [55], Е.А. Подолская [244], Я.К. Одинаев [231], И.О. Обидов [226], Қ. Қодиров [137-138], М. Шакурӣ [372], М. Лутфуллоев [153], Ф. Шарифзода [377], М. Раҷабов [251-252], Н.С. Розов [281], Х. Мирзозода [177], Д.Н. Латипов [150], Ҷ. Файзализода [327], М. Каримзода [116] ва диг.

Эмомалӣ Раҳмон ва Бобоҷон Ғафуров саъй намуданд, ки ба арзишҳо воқеъбинона баҳо дода, онҳоро аз шарҳу тафсирҳои нодуруст озод намоянд.

Барои арзёбии арзишҳои халқ онҳоро аз дидгоҳи равиши воқеъбинона бояд таҳқиқ намуд, ки ба он сиёсати давлат ва шакли низоми давлатӣ таъсир намерасонад. Е.Э. Бертелс [55], Х. Мирзозода [181], М.Шакурӣ [373] ва дигарон ба чунин хулоса омаданд.

Арзишҳо ҳамчун сарвати тамоми мардум ба ҳамаи башарият хидмат мекунанд. Бинобар ин, ҳангоми арзёбии ин ё он арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ ба муҳтаво ва аҳаммияти онҳо воқеъбинона муносибат кардан зарур аст. Ховаршиносоне, ки мо ба осори онҳо дар боло ишора кардем, зарурати эҳтиёт кардан ва барои наслҳои оянда маҳфуз доштани онҳоро таъкид мекунанд.

Ҳангоми ошкор намудани моҳияти ҷанбаи муайяни арзишҳо лозим аст, ҳатман давраи таърихӣ, ақидаҳо ва дидгоҳҳои ҳамон давраеро бояд ба назар

гирифт, ки онҳо ташаккул ёфтаанд. Фақат дар ҳамин ҳолат метавон дарунмояи маънoии арзишҳои миллӣ ва умумибашариро ба таври воқеӣ идрок намуд.

Олимон дар раванди омӯзиши арзишҳо, дар навбати аввал ба ҷиҳатҳои муштараки онҳо равшанӣ меандозанд ва баъдан ба омӯхтани масъалаҳои ҷузъӣ таваҷҷуҳ мекунанд. Равиши мазкур имрӯз ҳам асоси корҳои таҳқиқотӣ мебошад.

Қобили қайд аст, ки дар асарҳои дар ихтиёри мо қарордошта мо ҳеҷ гуна пешниҳод ва методҳои мушаххасро пайдо накардем, ки тавассути онҳо бар мабнои ғояҳои педагогӣ, усули мутафаккирони асримиёнагӣ ва олимони муосир дар донишҷӯён арзишҳо ташаккул дода шаванд.

Бо назардошти ин, мо ба чунин хулоса омадем: ҳаматарафа таҳқиқ намудани ғояҳои педагогии дар арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ ҷойдошта, бо такя ба ҳамон ҷанбаҳое, ки моҳияти тарбияи ахлоқии ҷавононро ошкор намуда, ба солимгардонии маънавии онҳо мусоидат мекунад. Дар ин ҳол, бояд методҳо ва равишҳои истифодаи мероси ниёгон дар шароити кунуниро пайдо намуд.

Мо таваҷҷуҳи худро ба арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ бо он шарҳу тавзеҳ медиҳем, ки донишмандони муосир ба ин мавзуъ шавқу рағбати зиёд зоҳир мекунанд, аммо то кунун бисёр масъалаҳои аҳаммияти педагогидоштаи арзишҳои мазкур ба таври бояду шояд омӯхта нашудаанд. Таҳқиқоти мо бояд холигоҳҳои дар ин замина вуҷуддоштаро такмил дода, онҳоро барои ҳамагон дастрас намояд.

**Робитаи таҳқиқот бо барнома (лоиҳа) ва мавзуъҳои илмӣ:** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи татбиқи нақшаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии кафедраи сотсиология ва психологияи идоракунии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2023 дар мавзӯи “Ташаккули салоҳиятҳои ахлоқӣ-маънавии ҷавонон дар заминаи арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ” ва муқаррароти асосии Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Ҳадафи таҳқиқот**: эҷоди усулҳои бунёдии ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавони кишвар бар мабнои ғояҳои педагогии ниёгони халқи тоҷик.

**Вазифаҳои таҳқиқот:** Барои ноил шудан ба ҳадафи таҳқиқот мо вазифаҳои зеринро барои таҳқиқу баррасӣ муайян намудем:

- омӯхтани ҷанбаҳои гуногуни таърихии ташаккули арзишҳои миллӣ ва умумибашарии мардуми Тоҷикистон;
- омӯзиш ва таҳлили раванди ташаккул ва рушди ғояҳои педагогии мутафаккирони асримиёнагӣ, муайян намудани арзиши онҳо барои тарбияи насли наврасу ҷавони тоҷик;
- ошкор намудани арзишҳои ахлоқӣ ва этикии таълиму тарбия дар осори мутафаккирони тоҷику форс;
- баррасӣ намудани аҳамияти ақидаҳои педагогии мутафаккирони асримиёнагӣ барои дар насли наврасу ҷавон ташаккул ёфтани арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ;
- пешниҳод намудани самтҳои асосии ташаккули арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ дар насли наврасу ҷавони мамлакат бо такя ба мероси педагогии ниёгон, ки дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон қобили татбиқ мебошад.

**Объекти таҳқиқот**: раванд ва самтҳои асосии ташаккули арзишҳои миллӣ ва умумиинсонӣ дар хонандагон ва донишҷӯёни муассисаҳои таълимӣ бо такя ба ғояҳои педагогии мутафаккирони асримиёнагӣ.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқот:** асосҳои консептуалӣ ва низоми ақидаҳо нисбат ба таъсиррасонии педагогии арзишҳои миллӣ ба насли наврасу ҷавони кишвар, ки дар асоси онҳо ғояҳои педагогии мутафаккирони тоҷику форс қарор доранд.

**Фарзияи таҳқиқот**: арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ дар насли наврасу ҷавони кишвар ба таври самаранок ташаккул меёбанд, **агар:**

- масоили ташаккул ва рушди ақидаҳо ва ғояҳои наслҳои гузашта мавриди таҳқиқоти амиқ қарор дода шавад;
- маҷмуи ғояҳои динӣ ва дунявии тарбияи шахсият дар осори бадеӣ ва илмӣ, ки метавон онҳоро дар тарбияи наврасону ҷавонон истифода намуд, муайян карда шаванд;

- асосҳои фалсафии ғояҳои педагогии мутафаккирони асримиёнагии Шарқ ошкор ва аниқ карда шавад;

- ғояҳои педагогии мутафаккирони гузаштаи тоҷику форс ба назария ва амалияи педагогии муосир бо мақсади тарбияи “инсони комил” ҳамгиро ва татбиқ карда шаванд;

- дар муассисаҳои таълимӣ корҳои таълимиву тарбиявӣ бо такя ба ғояҳои педагогии ниёгон мунтазам ба роҳ монда шаванд.

**Ғояҳои пешбари таҳқиқот:**

- дар ақидаҳои педагогии мутафаккирони асримиёнагӣ фалсафаи ислом бартарӣ дорад;

- мероси педагогии Тоҷикистон дар низомҳои таълиму тарбияи Шарқу Ғарб истифода мешавад;

- башардӯстӣ, самти дунявияти ғояҳои педагогии мутафаккирони тоҷику форс ба нигоҳдорӣ, рушд ва такмили арзишҳои миллӣ ва ҳувияти тоҷикон дар давраҳои гуногуни таърихӣ мусоидат мекунад;

- ғояи таълиму тарбия ва ақидаҳои педагогии мутафаккирони асримиёнагӣ дар асоси илми муосири педагогӣ, низоми таълиму тарбияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд.

**Марҳилаҳои таҳқиқот:** таҳқиқоти диссертатсионӣ дар се марҳила гузаронида шуд:

**Марҳилаи аввал** аз ҷустор ва ошноӣ бо маводе иборат буд, ки идроки моҳият ва умқи афкори педагогии халқи тоҷикро аз замонҳои қадим то давраи таърихии муосир имконпазир месохт. Вазифаи марҳилаи мазкур аз муайян кардани шароит ва қонуниятҳои пайдоиш ва дар раванди таълиму тарбия ҳамгиро гардидани ғояҳои пешқадами педагогии ба таълиму тарбияи кӯдакон ва ҷавонон нигаронидашуда иборат буд. Барои ин омилҳои иҷтимоии паҳншавии афкори педагогӣ дар миёни халқи тоҷик, ки ба дараҷаи қобили мулоҳиза ба тағйироти таърихӣ ва гуногунии ҷанбаҳои алоҳидаи педагогикаи мардумӣ вобастагӣ дошт, мавриди баррасӣ қарор гирифт. Ба тарви илова, ба сарчашмаҳои иттилооти ба таърихи Шарқ ва Осиёи Миёна дахлдошта, ҳаёти фарҳангию сиёсӣ, иҷтимоӣ ва

иқтисодии онҳо таваҷҷуҳ карда шуд. Ин ҳама дар маҷмуъ имкон дод, ки асосноккунии назариявии мавзуи таҳқиқоти муайяннамудаи муаллиф фароҳам оварда шавад.

**Марҳилаи дуюми** таҳқиқот ба барқарорсозии робитаи афкори педагогии асрҳои миёна бо ғояҳои педагогии мавҷудбуда дар сарчашмаҳои адабии Шарқ ва Осиёи Миёна, инчунин бо ғояҳои пешқадами таълиму тарбияи яуҷуддошта дар ёдгориҳои мероси фарҳангӣ - Авасто, Қуръони карим, ҳадисҳо ва ғайра нигаронида шудааст.

Мо дар ин марҳилаи таҳқиқот вижагиҳои ақидаҳои педагогии мутафаккирони қадимро муайян намуда, қонуниятҳои дар онҳо мавҷудбударо ошкор кардем ва бо афкори педагогии давраҳои минбаъдаи таърихи Тоҷикистон то замони ҳозира мутаносиб сохтем. Робитаи мутақобилаи ғояҳои педагогикаи мардумӣ бо рушди ҳаёти маънавӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии халқи тоҷик баррасӣ гардид.

**Марҳилаи сеюми** таҳқиқот имкон дод, ки маводи ҷамъоваришуда оид ба таърихи афкори педагогии тоҷику форс дар давраи рушди Тоҷикистон ба низом даровардa шуда, тавсифномаи ғояҳои педагогикаи мардумӣ тибқи вазифаҳои тарбияи ахлоқии ҷавонон, низоми педагогии халқӣ дар давраи мушаххаси таърихӣ фароҳам оварда шавад. Дар охири марҳилаи мазкур коркарди маводи ҷамъоваришуда, шарҳу тафсир ва ҷамъбасти он, инчунин танзими хулосаҳо ва пешниҳоди тавсияҳо анҷом дода шуд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқотро таълимоти педагогии мутафаккирони тоҷику форс, файласуфон, равоншиносон ва педагогон дар бораи тарбияи ахлоқӣ-маънавӣ, андешаҳои мутафаккирони тоҷику форс оид ба ташаккули арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, тарбия ва омода намудани насли наврасу ҷавон ба ҳаёти оянда, асарҳои муосири олимону муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ, қонуну консепсия ва барномаҳои давлатии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму

тарбияи фарзанд”, Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд.

**Сарчашмаҳои таҳқиқот:**

- Авасто, Қуръони карим, ҳадисҳо ва дигар ёдгориҳои фарҳанги бостонӣ;

- қиссаҳои андарзомези асримиёнагӣ ва сарчашмаҳои афкори педагогӣ: “Калила ва Димна”, “Китоб дар бораи идоракунии давлат”, “Китоби маслиҳатҳо”, “Синдбоднома”, “Самаки айёр”, “Кобуснома”, “Ҳазору як шаб” ва ғайра;

- осори илмӣ дар соҳаи педагогикаи мардумӣ: А.Э.Измайлов [101], М.А.Орипов [32], Б.Р.Раҳимов [259], И.О.Обидов [226], М.Л.Лутфуллоев [153], Қ.Қодиров [138], Г.Волков [64], Х.С.Афзалов [43], Ф.Шарифзода [377], С/ Сулаймонӣ [307], И.Х. Каримова [114], А. Нуров [223], Ҷ.Х.Файзализода [327], М.Б. Каримзода [116] ва дигарон.

- маълумотномаҳо, маҷмуаҳои осори фалсафӣ, таҳқиқоти бунёдии таърихӣ: А.М. Баҳоваддинов, А.С. Брагинский [61], Б.Ғ. Ғафуров [70-72], А.А. Семенов [301], А.И. Болдирев, А.Н. Писарчик [243], В. Асрорӣ [38], И.И. Зарубин, М. Раҳимов [266], М. Шакурӣ [373], Е.Э. Бертелс [55], Х. Мирзозода [180], Э. Раҳмон [395] ва дигарон;

Дар раванди таълифи диссертатсия мо методҳои таҳлили адабиёти таърихию педагогӣ, асарҳои мардумшиносӣ ва шарқшиносӣ, рисолаҳои фалсафиеро истифода намудем, ки дар онҳо мавзуи арзишҳои педагогии миллӣ ва умумибашарӣ, ғояҳои педагогии мутафаккирони асримиёнагӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Ғайр аз ин, маъхазҳои хаттии бостонӣ аз қабили “Авасто”, “Хурдак Авасто”, “Қуръони Карим”, ҳадисҳо, “Насиҳати Луқмони Ҳаким ба фарзанд”, ҳикмати донишмардони дигар ва ғайра омӯхта шуданд.

Ҳамчунин, мо корҳои интихоб, ҷамъбаст ва ба низом даровардани ғояҳои педагогии ба давраҳои гуногуни таърихӣ мансуббударо анҷом дода, аҳаммияти педагогии ғояҳои мутафаккирони тоҷику форси ниёгон ва муосири Тоҷикистонро оид ба таълиму тарбияи ҷавонон, ҳифзи анъана, урфу одат ва арзишҳои миллӣ арзёбӣ кардем.

**Заминаҳои эмпирикии таҳқиқот:** дар раванди таҳқиқот аз адабиёти илмӣ, сарчашмаҳои таърихию педагогӣ, психологию иҷтимоӣ васеъ истифода бурда шуда, бо усулҳои монандӣ, таҳлили муқоисавӣ, пайдарҳамӣ ва сохторӣ, анкета ва коркарди омории ахбор, мушоҳида, суҳбат, мусоҳиба истифода шуд. Аз усулҳои эмпирикӣ, ба монанди ҷустуҷӯ, омӯзишу таҳлили нахустсарчашмаҳо дар шакли асарҳои бадеӣ, рисолаҳои илмӣ, амрҳо, қарорҳо ва қонунҳо аз рӯйи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ; таҳлили сарчашмаҳои назариявӣ, таҳлили таърихию муқоисавии санадҳо; танзими далелҳои таърихӣ, ҷамъбасти иттилооти иқтибосгардида аз сарчашмаҳои адабию публисистӣ, мулоҳизаи интиқодии онҳо; ҷамъбасти мероси педагогии мутафаккирони асримиёнагӣ ва муосир, ғояҳои педагогии онҳо, низоми ақидаҳо оид ба таълиму тарбия, ба низом даровардани маводи мазкур; муайян намудани робитаи мутақобилаи ғояҳои педагогӣ, арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ дар ташаккули шахсияти инсон ба таври васеъ истифода карда шуд.

**Пойгоҳи таҷрибавӣ-озмоишии таҳқиқот:** Корҳои таҷрибавӣ-озмоишии таҳқиқот дар Академияи идоракунии давлтии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №№55, 71-и шаҳри Душанбе ва №№1, 17-и шаҳри Ҳисор гузаронида шуданд. Ба озмоиш 200 нафар донишҷӯён ва 380 нафар хонандагони муассисаҳои таълимии зикршдуда: 294 нафар ба гуруҳҳои озмоишӣ ва 286 нафар ба гуруҳҳои назоратӣ фаро гирифта шуданд.

**Навгонии илмии таҳқиқот:** Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз он иборат аст, ки:

- нахустин бор нақши арзишҳои педагогии миллӣ ва умумибашарӣ, вобаста ба рушди таърихӣ, дар ташаккулёбии ахлоқ ва маънавияти насли наврасу ҷавон, ҳамчун шарти асосии тарбияи шаҳрванди нави Тоҷикистони демократӣ ва мустақилу соҳибихтиёр баррасӣ шудааст;

- дар таҳқиқоти диссертатсионӣ асосноксозии назариявии раванди дар насли наврасу ҷавони тоҷик ташаккулёбии арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ ироа

гардида, низоми татбиқи амалии он дар такя ба мероси педагогии мутафаккирони асримиёнагӣ муайян карда шудааст;

- бори нахуст консепсияи дар насли наврасу ҷавони мамлакат ташаккулёбии арзишҳои миллӣ ва умумибашарии ба ғоя ва андешаҳои педагогии мутафаккирони асримиёнагӣ асосёфта таҳия ва барои истифодаи амалӣ пешниҳод гардидааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Далелҳои таърихии дар асоси ташаккули арзишҳои миллӣ ва умумибашарии халқи тоҷик қарордошта муайян ва таҳқиқ карда шуданд. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ нақш ва аҳаммияти арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ дар раванди таълиму тарбияи насли наврас ва ҷавон дар шароити Тоҷикистони муосири демократӣ, мустақил ва соҳибихтиёр ошкор карда шудааст.

2. Ҷанбаҳои гуногуни пайдоиши ғояҳои педагогии мутафаккирони асримиёнагӣ ва муосир, рушди онҳо дар даврахои гуногуни таърихӣ ва арзиши онҳо барои илми педагогика ҳаматарафа баррасӣ шудаанд. Теъдоди зиёди сарчашмаҳои илмиву бадеӣ, аз рисолаҳои мансуб ба асрҳои X-XV то қомусҳои соҳавии муосир ҷамъоварӣ ва мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

3. Дар осори мутафаккирони асримиёнагӣ ва олимони муосир арзишҳои ахлоқию этикии таълиму тарбия ошкор ва аниқ карда шудаанд:

- дар раванди таҳқиқот исбот карда шудааст, ки дар ҷомеаи кунунии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таълиму тарбияи насли ҷавон фарҳанги динӣ, ба ҳайси танзимгари фарҳанги маънавии одамон ҳангоми ҳамкорӣ бо фарҳанги дунявӣ таъсири калон мерасонад, ки он дар соҳаҳои мухталифи фарҳанги моддии ҷомеа зоҳир мешавад;

- таносуби диндорӣ ва фарҳанги ҷамъиятӣ, роҳҳои ҳамгироии дин ва фарҳанги мардуми Тоҷикистон, мероси мутафаккирони асримиёнагии Шарқ, ки дар рушди маориф саҳми бузург гузоштаанд, муфассал таҳлил шудааст;

- муқаррар карда шудааст, ки дар мардуми тоҷик муносибати боэҳтиромона нисбат ба меҳнат ҳамчун арзиши ахлоқии инсон дар шакли ҳамгирогардидаи таҳсилоти шахсӣ, ки меҳнатро ҳамчун тарзи мавҷудияти фард дарк менамояд, ташаккул ёфтааст. Маънии арзиши меҳнат дар қобилияти инсон ҷиҳати тарроҳии

зиндагии худ бо истифода аз меҳнат ба сифати ҷузъи таркибии бунёдии раванди мазкур хулоса мешавад.

4. Нахустин бор дар илми педагогика андешаҳои мутафаккири асримиёнагӣ Абуалӣ ибни Сино, маорифпарварони тоҷик Аҳмади Дониш ва Абдурауфи Фитрат мавриди омӯзиш қарор гирифта, ба раванди рушди фарҳанги оила дар ҷомеаи тоҷикон нисбат дода шудааст. Аҳаммияти ғояҳои ниёкони бузург барои ташаккули ҷомеаи муосир, тарбияи насли наврас ошкор карда шудааст. Саъй карда шудааст, ки таҳаввули ақидаҳои хирадмандони асрҳои миёна бо истифода аз методи таҳлили системавӣ баррасӣ карда шавад. Ба таври марҳилавӣ ғояҳои осори Абуалӣ ибни Сино, Аҳмади Дониш ва Абдурауфи Фитрат оид ба никоҳ, ташкили оила, тарбияи ҷавонон мавриди омӯзиш, таҳлил ва баррасӣ қарор дода шуда, тафовути ақидаҳои мутафаккирони бузург дар бораи никоҳ, оила ва тарбия равшан ва тавсиф гардидааст.

5. Дар баъзе нахустсарчашмаҳо арзишҳое аз қабили эҳтиром, маънавият, хушахлоқӣ, эҳтироми калонсолон, меҳру муҳаббат ба хешу ақрабо ва дигар ҷузъҳои таркибии фарҳанги оила ва ҷомеа бо арзишҳои динӣ иваз карда шуданд. Қобили тазаккур аст, ки чунин тағйирот шояд барои ашхосе ягона иқдоми дурусту саҳеҳ бошад ва арзишҳои мазкур танҳо муҳтавои динӣ доранд. Аммо ин тавр нест. Арзишҳои оилавӣ, фарҳанги хонавода ва таълиму тарбия тайи чандин асрҳо дар заминаи ғановати мутақобилаи меъёрҳо ташаккул меёбанд, ки инро таълимоти мутафаккирони бузурги тоҷику форс исбот кардаанд.

6. Раванди дар насли наврасу ҷавони кишвар ташаккул ёфтани арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, ба сифати он таъсир расондани ғояҳои педагогии ниёкон баррасӣ гардидааст. Мо низомҳои истифодаи арзишҳои миллӣ ва умумибашарии мутараққиро барои ташкили раванди таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон бо шумули шаклҳо ва методҳои самти мазкур асоснок намудаем.

7. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ баъзе тазодҳои мавҷудбуда дар методҳо, нуктаҳо, шаклҳо ва усули истифодаи баъзе анъанаҳо, урфу одатҳо, аҳком, қоидаҳо, маросим ва ғайра, дар радифи арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ барои тарбияи насли наврас муайян карда шудаанд. Ин ихтилофот монеаҳои мавҷуда дар роҳи

бунёди ҷомеаи ҳозиразамони солими орӣ аз ҳар гуна хурофот ва шарҳу тафсироти нодурусти мафҳумҳои ахлоқиро нишон медиҳанд.

Бо назардошти ситеза (хатар)-ҳои замони ҳозира, равандҳои ҷаҳонишавӣ, хавфу хатарҳои иқтисодию сиёсӣ, мо диссертатсионӣ равиши нави муносибат ба таълимоти дар сарчашмаҳои динӣ мвҷудбуда, ки ахлоқ ва арзишҳои миллии мусулмонони ҷаҳонро муайян кардаанд, пешниҳод намуда, меъёрҳоеро муайян намудаем, ки аз рӯйи онҳо арзёбӣ намудани самаранокии тарбияи ахлоқии ҷавонон тавсия мегардад.

8. Мо асосҳои зарурииро барои дар муҳассилини муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ ташаккул додани арзишҳои миллӣ ва умумибашариро бо такя ба мероси педагогии мутафаккирони қадим ва олимони муосир мувофиқ бо шароити демократия, истиқлолият ва соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим ва пешниҳод намудем. Ғояи тарбияи инсони комил, ки дар ҳаёти мардуми тоҷик тайи чандин асрҳо бо шумули замони ҳозира нақши басо муҳим дошт, бознигарӣ ва таҷдид карда шуд. Раванди таҳаввулоти андешаҳои педагогӣ, ғояҳои мутафаккирони асримиёнагӣ марҳила ба марҳила ва муфассалан баррасӣ гардида, ба низом дароварда шуд. Тағйирёбии ғояҳои маъмули таълиму тарбияи насли наврас дар асрҳои X-XV дар Шарқ ҷиҳати ҳамгиройӣ ва мувофиқсозии онҳо ба низоми таълиму тарбияи муосири тоҷик асоснок гардидааст.

**Арзиши назариявии таҳқиқот:**

- муҳтавои раванди ташаккул ва рушди ғояҳои педагогӣ, вижагӣ ва робитаи мутақобилаи онҳо бо донишҳои фалсафии Юнони Қадим, ки дар афкори педагогии мусулмонони Шарқ тағири шакл намуданад, таҳқиқ гардид;
- дараҷа ва ҷанбаи таъсири таълимоти педагогии мутафаккирони бузурги ҷаҳон ба ғояҳои тарбия дар Шарқи асрҳои X-XV муайян карда шуд;
- таҳаввулоти ғояҳои педагогии рушди инсон хушахлоқ аз асрҳои миёна то замони ҳозира омӯхта шуд;
- хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар диссертатсияи мазкур дарҷгардидаро метавон барои идомаи минбаъдаи таҳқиқот дар соҳаи рушди педагогикаи Тоҷикистон,

инчунин таълифи васоити таълимӣ оид ба таърихи педагогика ва фанҳои муҷовир истифода намуд.

**Арзиши амалии таҳқиқот:** аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он зуҳур меёбад, ки :

а) натиҷагириҳои дар раванди ҷустори посух ба фарзияи пешниҳодшуда ва тавсияҳои минбаъдаро метавон ҷиҳати ташкили фаъолияти амалии муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот мавриди истифода қарор дод:

- ба сифати методика дар ташкили курси таърих ва назарияи илми педагогика;

- дар курсҳо оид ба таърихи рушди таҳсилот дар Тоҷикистон, афкори педагогии педагогикаи мардумӣ;

- дар курсҳо оид ба педагогикаи этникӣ тибқи нақшаи таълимии муассисаи таҳсилоти олӣ;

- ҳангоми омодасозии маҷмуи васоити таълимию методӣ, барномаҳои муассисаҳои таҳсилоти равияи педагогидошта;

- ҳангоми навиштани корҳои курсӣ ва дипломии донишҷӯён;

- дар курсҳои такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф.

б) маводи дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷамъоваришуда барои истифода дар муассисаҳои таълимии самтҳои гуногун барои тарбияи ахлоқӣ ва маънавии ҷавонон, муносибати боэҳтиромона ба гузаштаи халқи худ, ба арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ тавсия мешавад.

**Дараҷаи эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот:** дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ натиҷаҳое ба даст оварда шуданд, ки бо истиноду сарчашмаҳо ва корҳои илмии муаллифони дигар тасдиқ мешаванд. Ғайр аз ин, таҳқиқоти таърихию педагогӣ аз рӯйи методикаи дар амал санҷидашуда анҷом дода шудааст. Дар раванди таҳқиқот мо ба маҷмуи хеле бузурги маводе муроҷиат намудаем, ки тибқи ҳадаф ва вазифаҳои рисолаи илмӣ мавриди коркард, таҳлил ва ҷамъбаст қарор дода шудаанд. Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда аз лиҳози илмӣ асоснок гардида, дар такя ба асли таърихгароӣ коркард ва манзур шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ:** Мавзуъ ва муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба самтҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мувофиқ мебошанд:

– *банди 1.* Методологияи таҳқиқотҳои педагогӣ (корҳои таҳқиқотӣ дар рушди илми педагогика, ҳамбастагӣ ва татбиқпазирии онҳо; характери диалектикии алоқаи мутақобилаи илми педагогика ва амалияи таълим);

– *банди 2.* Таърихи рушди илми педагогика ва амалияи таълим (рушди таърихии амалияи таҳсилот; ташаккул ва рушди афкор; консепсияҳо, назарияҳо; омӯзиши монографияи мероси педагогии омӯзгорони маъруфи замони гузашта; таърихи этнопедагогика);

– *банди 5.* Назария ва косепсияҳои тарбия (омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангии тарбия; шаклҳо, принсипҳои тарбияи кӯдак дар марҳилаҳои гуногуни ба камол расидани ӯ; асоҳҳои арзишии ташаккули раванди таълим, низоҳои педагогии тарбия; консепсияҳои этнопедагогии тарбия;).

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот:** Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳлили ҳамаҷонибаи масъала дар омӯзиши дурусти таҳқиқотҳои назариявӣ, таҳлили миқдорӣ ва сифати мавод; дар истифодаи маҷмуи усулҳо вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот; дар баргузори таҳқиқоти озмоишӣ ва тасдиқи амалии муқаррароти кори илмӣ дар давоми таҳқиқот, таҳлили натиҷаҳои коркарди маълумоти озмоишӣ, таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, амалӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада ва таҳияи диссертатсия таҷассум меёбад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот:** Муқаррароти асосии дисертатсия ва натиҷаҳои таҳқиқот дар мақолаҳои илмӣ ва маводи дигари аз ҷониби муаллиф таҳия ва нашркардашуда дарҷ гардидаанд. Натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияҳои илмию амалӣ ва илмию назариявии сатҳҳои гуногун, семинарҳои илмӣ-методӣ ва ҷаласаҳои кафедраи сотсиология ва психологияи идоракунии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии

омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ирао шуда, муҳокима ва баррасӣ гардидаанд. Маводи таҳқиқот дар раванди чорабиниҳои таълимиву тарбияи муассисаҳои таълимие, ки пойгоҳи таҳқиқот буданд, ҷорӣ ва роҳандозӣ карда шудаанд.

**Интишорот аз руйи мавзуи диссертатсия.** Аз руйи мавзуи диссертатсия беш аз 59 номгӯй мақолаву монография дастурҳои таълимӣ-методӣ, аз ҷумла 22 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 25 номгӯй мақолаҳо дар маҷмуаи маводи конфренсияҳо, 9 дастурҳои таълимиву методӣ ва 3 монографияи илмӣ нашр шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия:** Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия бо мантиқи он мувофиқ буда, аз муқаддима, панҷ боб, хулосаҳо, тавсияҳо ва рӯихати адабиёти истифодашуда иборат аст. Мазмуни диссертатсия дар 382 саҳифаи чопи компютерӣ дарҷ гардидааст. Феҳристи адабиёти истифодашуда фарогири 404 номгӯй мебошад.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ ТАЪРИХИИ ТАШАККУЛИ АРЗИШҲОИ МИЛЛӢ ВА УМУМИБАШАРИИ ХАЛҚИ ТОҶИК

## 1.1. Тавсифи умумии арзишҳои ахлоқии миллӣ ва умумибашарӣ

Тайи даҳсолаҳои ахир дар ҷаҳон дигаргуниҳои куллӣ ба амал омада, бевосита ба ҳаёти мардуми кишварҳои мухталифи қитъаҳои гуногун таъсир мерасонанд. Бинобар ин, омӯзиши таҳаввулоти муосир дар сиёсат, иқтисодиёт, фарҳанг ва дигар соҳаҳои фаъолияти инсон зарурати таъхирнопазир мебошад. Низоми арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ низ мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор мегирад. Таҳлили вазъи проблемаи мазкур, омӯзиши ҷанбаҳои он на барои бунёди ҷомеаи расмӣ, балки барои ҷомеаи воқеан демократӣ басо муҳим арзёбӣ мешавад.

Чунон ки маълум аст, бисьёр халқу миллатҳо тавонистанд истиқлолияти худро аз таъсири беруна ҳифз кунанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар ин маврид истисно нест. Дар шароите, ки барои соҳибихтиёрии давлат мубориза идома дорад, муайян намудани аҳамият ва накши арзишҳои миллӣ, робитаи онҳо бо анъанаҳои халқ ва расму оинҳои мардумӣ зарурат дошта, бояд шароитеро муҳайё намуд, ки чунин арзишҳо шаҳрвандони кишварро дар руҳияи ватандӯстӣ, меҳру муҳаббат ба Ватан, майлу хоҳиши муҳофизати марзу буми давлат, меҳнат кардан ба манфиати он ва манфиати тамоми ҷомеа тарбия намояд [73, 2237-2232].

Проблемаи расидан ба мақсади дар боло зикршуда аз он иборат аст, ки низоми арзишҳо дар махзани бузурги анъанаҳо, ақидаҳо, донишҳо, ҷаҳонбиниҳо, эҳсосот, расму оинҳо ва ғайра сохта мешавад. Илова бар ин, мо бояд ба назар гирем, ки дар ҷаҳони воқеӣ шумораи зиёди нуқтаи назарҳо, афкор ва дидгоҳҳои мухталифи ноҳамгун вуҷуд доранд.

Дар Тоҷикистон тайи садсолаҳо низоми таълимот, равишҳо, нуқтаи назарҳо оид ба ин ё он масъала ташаккул ёфтаанд, ки мабнӣ ба мактабҳо, назарияҳо ва принсипҳои мафкуравии гуногун мебошанд.

Таҳлили далелҳо ва рӯйдодҳои таърихӣ собит месозад, ки арзишҳои асосии халқу миллат дар натиҷаи фаъолияти муайяни халқ дар як давраи мушаххаси

таърихӣ ва дар шароити мушаххас ташаккул меёбанд. Ҳамин тариқ, арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ дорои ҷанбаи таърихӣ мебошанд. Онҳо мушаххасанд ва мавҳум нестанд.

Арзишҳо ба ҳаёти иҷтимоӣ таъсири бузург мерасонанд. Онҳо ҳамеша дар ҳаракатанд, вобаста ба дараҷаи инкишофи инсон, мардум ва ҷомеа иваз мешаванд ва рушд мекунанд. Қобилияти мутобиқшавӣ ба шароити нав имкон медиҳад, ки чунин арзишҳо на танҳо тағйир ёбанд ва мутобиқ шаванд, балки аз насл ба насл гузашта, арзишҳои ҷомеаи нав ва ҷавонро ташаккул диҳанд. Аз ин нукта чунин бармеояд, ки арзишҳои мавриди баррасии мо карахт ва ғайрифаъол нестанд. Вобаста ба талаботи ҷомеа онҳо метавонанд мазмуни дигаргуна пайдо кунанд. Тибқи назарияи инкишофи илми диалектика арзишҳо тамоюли тағйирёбӣ аз шакли пасттари мавҷудият ба шакли бештар инкишофёфтаи онро доранд.

Пеш аз таҳлили арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ аз нуқтаи назари диалектика, мо ба мазмуни дохилӣ, аҳамият ва шароити инкишофи онҳо дар алоқамандӣ бо ҷиҳатҳои гуногуни қонунҳои таърих тавaққуф мекунем.

Мо адабиёти махсус оид ба мавзуи таҳқиқотро мавриди омӯзиш қарор дода, муқаррар намудем, ки дар ҳоли ҳозир нуқтаи назари ягонае вуҷуд надорад, ки дар масъалаи мазмун ва таснифи арзишҳо ҳамаи олимонро қонеъ гардонад.

М.Л. Лутфуллоев [153, с. 32-36], Х.С. Афзалов [42, с.78-72] М. Шукуров [393, 96-109], Ф.Шарифзода, Ҷ.Файзализода [35, с. 400], Каримзода М.Б.[116, с. 203] ва дигарон дар асарҳои илмии худ тавсифот, хусусиятҳо ва аҳамияти арзишҳои миллӣ ва умумибашариро баррасӣ намуда, онҳоро яктарафа омӯхтаанд, ин ба мо имкон намедиҳад, ки дар бораи пурра воқеъбинона будани ақидаҳои мазкур сухан ронем. Олимон ба мулоҳизаҳои шавқангез оид ба арзишҳои миллӣ саргарм гардида, то андозае фаромӯш карданд, ки онҳо бо арзишҳои умумибашарӣ муштаракоти зиёд доранд, ки дар он на танҳо вижагиҳои инфиродӣ, балки тавсифоти умумиро низ қайд кардан лозим аст.

Ба андешаи мо, ба омӯзиши арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ аз он мавқеъ муносибат кардан лозим аст, ки онҳо на танҳо манфиати миллатҳо, балки дигар ҷомеаҳоро низ ифода мекунанд. Ҳеҷ мумкин нест, ки арзишҳои миллати худро ба

арзишҳои миллати дигар муқобил гузошта, аҳамияти арзишҳои миллати дигар нодида гирифта шавад. Ин ҳолат метавонад боиси гумроҳӣ гардад ва падидаи шовинизмро ба вуҷуд орад, ки мо аз мисолҳои мушаххаси таърихиро дар ин бора медонем.

Дар ташаккули арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ ҳамеша тазодҳо ва мушкилоти гуногун вуҷуд дорад, ки донистани онҳо барои миллат ва халқ муҳим аст. Албатта, дар як таҳқиқот паҳлуҳои гуногуни ин масъаларо пурра ва ҳаматарафа омӯхтан мумкин нест. Бинобар ин, мо таҳқиқоти худро бо проблемаи омӯзиши арзишҳои ахлоқӣ ҳамчун муҳимтарин ҷанбаи педагогӣ маҳдуд намудем [37,с.214-219].

Арзишҳои муайяни миллӣ ва умумибашариро дар робитаи зич бо як давраи мушаххаси таърихӣ арзёбӣ намудан лозим аст. Дар баробари ин дараҷаи некуаҳволии халқ, вазъияти илм, таҳсилот, нигоҳдории тандурустӣ, сатҳи рушди қувваҳои истеҳсолкунанда, комёбиҳои фарҳанг, санъат, яъне он ҷузъҳои таркибии моддӣ ва маънавии ҳаёти инсонҳоро ба назар гирифтан лозим аст, ки дар он замон вуҷуд доштанд.

Минбаъд мо ба таърифи мафҳумҳои арзиши миллӣ ва умумибашарӣ таваҷҷуҳ менамоем. Он ба кадом ҷанбаҳои ҳаёт таъсир мерасонад ва онро чи гуна арзёбӣ кардан мумкин аст.

Инак, ба далелҳои таърихӣ мурочиат мекунем. Чун анъана таҳти мафҳуми арзишҳои мавриди омӯзиши мо қоидаҳо, меъёрҳо, воситаҳое фаҳмида мешаванд, ки ҳаёти одамон, форматсияҳои ҷамъиятиро танзим мекунанд ва аз ҷониби тамоми аъзои ҷомеа ва халқ эътироф карда мешаванд.

Арзишҳо хислати инкишоф, такмилёбӣ, васеъ кардани ҳудуди таъсири худ, гирифтани шаклҳои барои иҷро ҳатмибударо доранд.

Маҷмуи арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ ҷаҳонбинӣ ва афкор, анъанаҳо, нуқтаи назарҳо, одатҳо, маросимҳо, расму ойинҳо, гуфтор, шоҳасарҳои миллӣ, касбу кор ва ғайраро дар бар мегирад.

Ҳар яке аз ин унсурҳо бо тавзеҳоти маънавӣ, фалсафӣ, педагогӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ тавсиф мешаванд. Онҳо дар маҷмуъ неруе мебошанд, ки

ҷомеаро ба ҳаракат водор намуда, вижагиҳои давраи мушаххаси таърихиро инъикос мекунанд. Арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ дар ҳар давру замон шиору дастуроти муайяне доранд, ки ҳамчун қонун ва меъёрҳо амал карда, риояи онҳо воҷиб мебошад. Ҳамин тавр, ҳар як ҷузъи маҷмуи арзишҳо бевосита ба ҳаёти инсонва ҷомеа таъсир расонида, ба он тартибот, ҳамоҳангӣ ва сифатҳои нек меорад [376, с. 54-57].

Арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ вуҷуд доранд ва дар шаклу ҷанбаҳои гуногун зуҳур мекунанд. Дар соҳаи педагогика ба инсон омӯзонидани шинохт ва аз ҳамдигар фарқ кунонидани онҳо хеле муҳим аст.

Вобаста ба вижагиҳо, аҳамият ва ҷойгоҳи худ дар ҳаёти инсон, арзишҳо ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд:

1. Миллӣ, ки манфиатҳои мушаххаси як миллат, як халқро ифода мекунанд.

2. Умумибашарӣ. Онҳо маҳсули фаъолияти халқҳо, миллатҳои гуногун буда, манфиатҳои доираи васеи одамонро ифода мекунанд.

Арзишҳои миллӣ ва умумибашариро таҳқиқ намуда, мо яке аз вижагиҳои муҳими онҳоро қайд кардем. То имрӯз дар байни олимон дар бораи шакли тафсири мафҳуми мазкур ақидаи ягона вуҷуд надорад. Бархе аз олимон ба ҷанбаи фалсафии арзишҳо таваҷҷуҳ карда, баъзеи дигар ба луғати истилоҳ бештар диққат намуда, онро ба иборaҳои умумӣ тавсиф мекунанд. Аммо, ҳеҷ кас арзишҳоро ба маънои педагогии онҳо шарҳ намедиҳад. Ин ҳолат гувоҳи он аст, ки муаллифони луғатҳо ин вижагии мафҳуми «арзиш»-ро фаромӯш кардаанд ва ё ба он аҳамият надодаанд.

Ба андешаи мо маънои педагогии мафхуми «арзишҳо»-ро бояд ошкор ва тавсиф кард. Ин барои илми педагогика ахамияти калон дорад.

Ба ақидаи мо таҳти унвони арзиши миллӣ бояд як низоми ягона ва мураттабро дарк кард, ки дар он нуқтаи назари аз тарафи умум пазируфташуда ва ташаккулёфта дар тули асрҳо аз тарафи халқ, миллат нисбат ба ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла масъалаҳои ахлоқ, одоб, фарҳанг, фалсафа, дин, иқтисод, ҳаёти иҷтимоӣ ва ғайра ифода ёфтааст

Маҷмуи арзиши миллӣ принсипҳои ташкили фаъолияти одамонро, ки ба давраи мушаххаси таърихии замон хос аст, аз ҷумла ташкили маориф ва кори

таълиму тарбияро дарбар мегирад. Илова бар ин, арзиши миллӣ муносибати одамонро ба эътиқод, анъана, қоидаҳои рафтор, тартибот ва ормонҳо муттаҳид мекунад.

Дар арзиши умумибашарӣ  ҳам ҳамон унсурҳоеро, ки дар арзиши миллӣ мавҷуданд, метавон пайдо намуд. Аммо онҳо дар зери таъсири бисёр халқҳо, миллатҳо ва қавмҳо ташаккул ёфта, манфиатҳо ва вижагиҳои ҳаёти онхоро ифода мекарданд [221, с.60-67].

Ҳамин тариқ, далелҳои боло гувоҳӣ медиҳанд, ки арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ инъикосгари ҳаёти маънавӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва динии ҷомеа мебошанд.

Бояд гуфт, ки на ҳамаи он чизеро, ки ба ҳаёти халк таъсир мерасонад, метавон арзиш номид. Арзиш чизест, ки барои инсон, мардум махсусан муҳим аст. Арзиш барои ҳар як узви ҷомеа намунаи ибрат ва тақлид аст.

Агар тафсирҳои гуногуни мафҳуми «арзиш»-ро ҷамъбаст намоем, таҳти мафҳуми ин истилоҳ чизеро фаҳмидан лозим аст, ки инсонро беҳтар мегардонад, андеша, кирдорашро ба роҳи ҳақиқӣ ҳидоят мекунад, ба хирад рӯ оварданро талқин мекунад. Зери мафҳуми  он арзише, ки ҳар як инсон дорад, бояд Ватан, зодгоҳ, хонаи волидайн, табиат ва ғайраро дарк кунад.

Дар фарҳанги кишварҳои Шарқ мисолҳои зиёде мавҷуданд, ки ба нишондиҳандаҳо ва талаботи арзишҳо комилан мувофиқанд. Масалан, шоҳасари мусиқии «Шашмақом», ки дар асри XVI  офарида шуда, ҳоло дар кишварҳои Осиёи Марказӣ, Афғонистон ва Эрон шуҳрати зиёд дорад, бояд ба арзишҳои ҳақиқӣ мансуб дониста шавад.

Дар достони мардумии «Гӯрғулӣ»  низ тамоми сифатҳои арзишӣ мавҷуд аст. Дар Тоҷикистон маълумоти  асари мазкур ба асри XVII  тааллуқ дорад. Чунин достонҳо инчунин дар кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Қафқоз низ паҳн шудаанд.

Арзишҳои миллии халқи тоҷик дар соҳаи адабиёт асари Абулқосим Фирдавсӣ «Шоҳнома», ки ҳанӯз дар асри X офарида шудааст, инчунин китоби муқаддаси «Авесто» ва ғайра мебошанд.

Осори меъморӣ низ арзиш шуда метавонанд, масалан, мақбараи Мумтозмаҳал дар соҳили дарёи Ҷамна, ки дар нимаи аввали асри XVII бино шудааст ва як қисми маҷмааи «Тоҷмаҳал» мебошад. Онро меъмор Усто Исо сохтааст. Иморати муҳташам  74 метр баландӣ дошта, дар гӯшаҳои он манораҳои зебои 45-метрӣ мавҷуданд. Деворҳои мармарии сафедранг бо сангҳои қиматбаҳо оро дода шудаанд. «Тоҷмаҳал»-ро бо зебоӣ, азамат ва маҳорати меъморӣ метавон ба муъҷизаҳои олам мансуб донист [274, с.5-25].

Дигар шоҳасарҳои меъмории Осиёи Марказӣ, ки ба тамоми талаботи арзишҳо ҷавобгӯ мебошанд, инҳоянд:

- мақбараи «Гӯри мир» дар Самарқанд. Санаи бунёди он 1404 мебошад. Мақбара бо фармони амир Темур сохта шудааст. Ба сохтмони мақбара Муҳаммад ибни Маҳмуди Исфаҳонӣ роҳбарӣ кардааст. Иншооти мазкур як бинои ҳашткунҷаест, ки бо гунбази азим пӯшонида шудааст. Дар деворҳои бо мармари сафед пӯшонидашуда оятҳо аз Қуръони карим хаттотӣ шудаанд. Баландии ҳар як ҳарф камаш 2 метр аст. Бисьёр унсурҳои мақбара бо рангҳои гуногун оро дода шудаанд. Тамошои маҷмаа  дар инсон эҳсоси сулҳу оромиро ба вуҷуд меоварад.

- «Мадрасаи Улуғбек» як ёдгории дигари бузурги меъморӣ дар Самарқанд аст, ки соли 1420 бо фармони Улуғбек ҳокими давлати Темуриён сохта шудааст.

Ин қабил ёдгориҳои меъморӣ дар Осиёи Миёна хеле сершуморанд. Масалан, дар Тошканд чунин ёдгорӣ «Мадрасаи Баракхон» аст, ки дар асрҳои XV - XVI сохта шудааст, дар Бухоро «Мадрасаи Говоршон», ки ба асри XVI тааллуқ  дорад ва дар Конибодом «Мадрасаи Додхоҳ», ки дар асри XVII бино шудааст.

Ба ғайр аз осори меъморӣ, шоҳасарҳои адабиёт, санъат, ҳунарҳои мардумиро ҳам бояд ба арзишҳои миллӣ мансуб донист. Масалан, либосҳои миллӣ, расму оинҳо. Идҳои миллӣ, аз қабили «Наврӯз», «Меҳргон», «Сада» ва ғайраро ҳам набояд нодида гирифт.

Рамзҳои давлатӣ, Нишон, Парчам, Суруди миллӣ, Конститутсия, инҳо низ аз ҷумлаи арзишҳои миллӣ мебошанд [291,с.130-32].

Арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, одатан ба панҷ гурӯҳ тақсим мешаванд:

1. Маънавӣ, ҳамчун маҷмуи эътиқодоти инсон.

2. Сиёсӣ (ҳуқуқи инсон, принсипҳои сохти сиёсӣ, фарҳанги сиёсат ва ғ.).

3. Иҷтимоӣ дар шакли ғояҳо, ормонҳо, мақсадҳое, ки барои ноилшавӣ ба онҳо саъю кӯшиш лозим аст.

4. Моддӣ, ки аз тарафи мардум ва ҷомеа андухта шудааст.

5. Тиббӣ, ба мисли саломатӣ, тарзи ҳаёти солим ва ғ.

Таҳқиқоти диссертатсионии мо вазъи кунунии арзишҳои ахлоқӣ ва рушди онҳоро таҳлил менамояд. Аҳамияти ин таҳқиқот дар он аст, ки маҳз арзишҳои ахлоқӣ бо илми педагогика бештар робитаи наздик доранд. Онҳо ба кори таълиму тарбияи донишомӯзон, донишҷӯён ва дигар таълимгирандагон таъсири ҷиддӣ мерасонанд.

Мо дар таҳқиқоти илмии худ кӯшиш намудем, ки ҷанбаҳои гуногуни арзишҳои ахлоқиро, ки ҳамчун арзишҳои мансуб ба гурӯҳи миллӣ ва умумибашарӣ муайян карда шудаанд, баррасӣ намоем. Мо ба ҷиҳатҳои педагогӣ ва психологии арзишҳои ахлоқӣ диққати махсус додем. Дигар паҳлуҳои онҳо дар таҳқиқоти мо ҳамчун манбаи иловагии иттилооте тавсиф шудаанд, ки моҳияти асосии маводи омӯхташавандаро ошкор месозанд.

Таърихи ташаккули арзишҳои миллии халқҳои Тоҷикистон аз гузаштаи дур ибтидо мегирад. Халқи тоҷик дар муддати ҳазор сол шоҳасарҳои миллӣ меофарад, ки имрӯз мо онҳоро арзиши миллӣ меномем.

Гузаштагони тоҷикони имрӯза суғдиён буданд, ки бо истифода аз хатти худ, осори адабию мусиқӣ эҷод намуда, дигар соҳаҳои санъатро ҳам инкишоф додаанд. Дар Суғди қадим ба фаъолияти тарҷумонӣ низ машғул буданд. Тарҷумаҳои суғдии навиштаҳои осори муқаддаси насрониҳо, матнҳои динии буддоӣ ва осори кеши монӣ маълум аст.

Ҳамин тариқ, аллакай ҳазор сол пеш дар қаламрави Тоҷикистони кунунӣ дар байни кишварҳои Осиёи Шарқӣ ва Ғарб мубодилаи фарҳангӣ вуҷуд дошт. Авҷи чунин муносибатҳо ба он давраи таърихӣ рост меомад, ки тоҷикон дар ҳайати императориҳои Ҳахоманишиён ва Кӯшониён буданд [196, с.74-78].

Давраи Кӯшониён дар таърихи халқи тоҷик махсусан ҷолиб аст, зеро он арзишҳои фарҳангҳои ғарбиро азхуд карда, арзишҳои фарҳангии худро дар ихтиёри

онҳо қарор медод. Мероси фарҳангӣ дар Юнони Қадим фаъолона истифода мешуд, ки дар онҷо китоби муқаддаси аҷдоди тоҷикон «Авесто» ба забони юнонӣ тарҷума шудааст.

Азбаски таҳқиқоти мо бештар ба омӯзиши арзишҳои маънавӣ, аз қабили расму оин, ҷаҳонбинӣ, анъана, санъат, одобу ахлоқ, мантиқ, ахлоқ, маросимҳо, эстетика, дин ва ғайра нигаронида шудааст, мо онҳоро ба сифати омилҳои асосии муайянкунандаи худшиносии миллӣ, ваҳдат, ифтихор, зеҳният ормонҳо ва ғ. мешуморем.

Мо дар таҳқиқоти худ вижагиҳои таърихии арзишҳои миллӣ ва умумибашариро бо ҷанбаҳои психологию педагогии онҳо, ки ба ҳаёти инсон ва ҷомеа таъсир мерасонанд, бодиққат омӯхтем.

Пеш аз ҳама, бояд қайд кард, ки арзишҳои миллие, ки ба мардуми Тоҷикистон хос аст, роҳи чандинасраи ташаккулёбиро тай намуда, ба тимсолҳои муосир табдил ёфтаанд.

Нахустин ёдвориҳо оид ба арзишҳои асосии халқи тоҷик дар давраи ташаккули якхудоӣ, дар замони кеши оташпарастӣ сарчашма мегирад, ки мо аз китоби муқаддаси «Авесто» дар ин бобат маълумот гирифтем.

Ғояи парастиши оташ аз насл ба насл мегузашт. Аввалин ёдварии ин динро мо дар асри VIII пайдо мекунем. Ва имрӯз ҳам мухлисони ин мазҳаб кам нестанд [163,с.100-105].

Ҳоло ҷавонписарону ҷавондухтарони арзандаи Тоҷикистон дар асоси арзишҳои миллӣ тарбия гирифта, омодаанд, ки садоқат ба Ватан, халқи худ, мардонагӣ, қаҳрамонии худро дар ҳифзи ормонҳои халқи тоҷик аз истилогарони бегона, ҳамлаи намояндагони адёни ғайр собит созанд.

Далелҳои таърихӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки мавқеи файласуфони аҳди бостон, ақидаҳои иҷтимоии онҳо, ки дар замонҳои Маздак, Монӣ ташаккул ва дар асрҳои минбаъда инкишоф ёфтаанд, ба зуҳури арзишҳои миллӣ, такмил ва мутобиқ шудан ба талаботи нави замон таъсири ҷиддӣ гузоштаанд.

Дар асари «Шохаи тиллоӣ», ки онро олими Британияи Кабир Д-Фрезер навиштааст, гуфта мешавад, ки ҳаёти имрӯзаи мо дар асоси таҳкурсие сохта

шудааст, ки бисьёр наслҳои пештара ба вуҷуд овардаанд ва комёбиҳо ва дастовардҳои худро дар ихтиёри мо гузоштаанд ва акнун онҳо моликияти мо гардидаанд. Ба туфайли саъю кӯшиши ин заҳматкашони гумном ҳоло мо дар ҳамон ҳолем, ки ҳастем. Шояд халқҳое, ки пеш аз мо зиндагӣ мекарданд, фарҳангу дониши баланд надоштанд, аммо ба туфайли расму оинҳои ташаккулдодаи онҳо мо метавонем ҳақиқатро аз дурӯғ, некиро аз бадӣ фарқ кунем. Аз ин рӯ, агар мо наслҳои пеш аз мо умр басарбурдаро эҳтиром кунем, мо амали шоиста мекунем.

Хулосаҳоеро, ки аз суханони Д.Фрезер бармеояд, бояд ба арзишҳои умумибашарии хоси ҳар як халқ, аз ҷумла тоҷикон мансуб дониста шавад, ки таърихи он ба замони хеле дури Зардушт рафта мерасад [341, с.298-303].

Ҳангоми омӯзиши арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ мо бояд робитаҳои диалектикии ин ду мафҳумро муайян кунем. Дар ин бобат ба мо далелҳои таърихӣ ёрирасон мебошанд.

Давраи таърихие, ки тайи он арзишҳои миллии халқҳои Тоҷикистон ташаккул ёфтаанд, аз рӯйи марҳилаҳои худ яксон набуданд. Хусусиятҳои арзишҳои миллии на танҳо халқҳои муқими Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки дигар халқҳои форсизабони минтақаро омӯхта ва таҳлил намуда, дастовардҳои онҳоро муайян кардем, ки ба ташаккули арзишҳои мавриди таҳқиқи мо таъсири назаррас расонидааст. Дар раванди таҳқиқот асарҳои мутафаккирони гузашта ва имрӯза истифода шуданд.

Баъзе ҷанбаҳои арзишҳое, ки мо онҳоро ба миллӣ ва умумибашарӣ нисбат медодем, дар асрҳои миёна ҳам баррасӣ мешуданд. Ҳамин гуна масъалаҳо таваҷҷуҳи Рӯдакӣ, Абунасри Форобӣ, Муҳаммад Ҷарири Табарӣ, Ибни Сино, Абушакури Балхӣ, Дақиқӣ, Муҳаммад ибни Аҳмади Хоразмӣ, Фирдавсӣ, Муҳаммад Закриёи Розӣ ва дигаронро ба худ ҷалб карда буданд.

Рӯдакӣ дар шоҳкорҳои ашъори худ, тавонист, ки чунин арзишҳои миллӣ ва умумибашарии халқии халқи тоҷик аз қабили рафоқат, бародарӣ, ватандӯстӣ, илму дониш, башардӯстӣ, адлу инсоф, хоксорӣ, сулҳдӯстӣ, наҷобат, ахлоқи пок, росткорӣ ва ғайраро тараннум намояд.

Шоир Абулқосим Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» номгӯи муҳимтарин арзишҳои миллиро ба ақидаи худ мураттаб намуд, ки он, қаҳрамонӣ, андарзи ахлоқӣ, хоҳиши ҳифзи марзу буми Ватан, подшоҳи одил ва ғайраро дарбар мегирад. Фирдавсӣ дар достони ҳамосаи худ ба хислатҳои накукорӣ, эҳтироми бузургон, рафтори ғайратмандона, ягонагии халқҳо, саховатмандӣ бештар таваҷҷуҳ мекард.

Дар осори Абуалӣ ибни Сино низ мо масъалаҳои оид ба аҳамияти арзишҳои миллӣ ва умумибашариро пайдо мекунем. Мутафаккир ба тарбияи инсон, кӯдак дар оила, мактаб, таъсири ҷомеа ба шуури насли наврас диққати калон медиҳад. Дар як қатор арзишҳо, ба қавли Ибни Сино, нақши омӯзгор дар ҳаёти инсон, ба даст овардани илму дониш, некӣ, саодатмандӣ, иттиҳоди мардум, хоксорӣ, саховатмандӣ ва ғайра мавқеи муҳим дорад [179, с.243].

Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Ибни Сино классикони адабиёти миллии Тоҷикистон мебошанд. Онҳо дар осори худ проблемаҳои фалсафиеро ба миён гузоштаанд, ки барои ҳамаи халқҳо аҳамият доранд ва методология, ғояи арзишҳои асосии ҳар як халқу миллат, арзишҳои ҷанбаи миллӣ ва умумибашаридоштаро ташкил медиҳанд [2, с.150-158], [10, с.18-25].

Дар адабиёти он замон осори марбут ба ҷанбаҳои маънавии арзишҳои мардумӣ, ба сифати фалсафӣ ва ахлоқии онҳо мавқеи асосиро ишғол мекунад.

Дар асри XI дар байни мутафаккирони Шарқ масъалаҳои арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ фаъолона мавриди баррасӣ қарор мегирифтанд. Масалан, онҳо дар эҷодиёти Низом-ул-мулк, вазири бузурги давлати сулолаи Салҷуқиён инъикос ёфтаанд. Муаллиф дар «Сиёсатнома»-и худ аҳамияти арзишҳоеро, ки асоси идораи давлатӣ мебошанд, таҳқиқ намудааст. Вай аз ҷумлаи чунин арзишҳо виҷдон, маърифати халк, идораи оқилона, рушди тиб, адабиёт, илму санъатро махсус қайд кардааст. Ӯ ба ахлоқи подшоҳон ва ашрофзодагон нақши вижа қоил шудааст [215, с.13-14].

Низомулмулк чунин мепиндошт, ки барои таъмини устувории ҳокимияти давлатӣ одилона ва боинсофона ҳукмронӣ кардан лозим аст. Ӯ навиштааст: «Агар хоҳӣ, ки аъмоли ту ба наслҳои баъдӣ бирасад, бояд дар роҳи ростқавлӣ ва ростгӯӣ

саъй намоӣ». Ба андешаи мутафаккир, мардуми тамоми дунё, сарфи назар аз давраи таърих, пойбанди чунин қоидаҳо мебошанд.

Дар асрҳои минбаъда дар осори шоирону файласуфони халқи тоҷик арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ аз паҳлуҳои мухталиф мавриди омӯзиш ва тавсиф қарор гирифтаанд. Дар байни муаллифони осори доир ба ин мавзуъ эҷоднамуда Носири Хисрав, Имом Ғазолӣ, Низомии Ганҷавӣ, Саъдии Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Умари Хайём, Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Камолиддин Биноӣ, Аҳмади Дониш,  ва дигаронро махсус қайд мекунем.

Мо асосҳои ҷаҳонбинии мутафаккирони тоҷику форс, мазмуни маънавии онро бодиққат омӯхта, ошкор намудем, ки таълимоти онҳо ба арзишҳои гуногуни миллӣ ва маънавии хоси халқу миллатҳо асос ёфтааст. Аз ҷумлаи онҳо ахлоқи неку, адл, покизагӣ, хирадмандӣ, бовиҷдонӣ, дӯстии халқҳо, меҳрубонӣ, муҳаббат ба Ватан, сулҳу оромӣ, шафқат, рафтори шоиста, ободонии кишвар ва ғайра мебошанд [231, с.4-56].

Арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ бо ҷанбаҳои мухталифи худ дар тамоми марҳилаҳои таърихӣ инкишоф ва такмил ёфта, ба талаботи замон мувофиқат намуда, дороии мардуми Тоҷикистон ва дигар миллатҳои ҷаҳон гардиданд.

Қобили зикр аст, ки бисёр самтҳои арзишҳои  мавриди таҳқиқи мо қароргирифта дар китоби муқаддаси Қуръони карим баррасӣ гардида, дар он на танҳо арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ зикр шудаанд, балки тафсири онҳо низ оварда шудааст.Ин китоби муқаддасро ҳатто кодекси ахлоқии мусулмонон низ меноманд, зеро дар он феҳристи талабот барои инсон, ҳамчун субъекти ҷомеа ва бахше аз ҷаҳон мавҷуд аст, ки барои риоя ва иҷро кардан ҳатмӣ мебошанд.

Дар  асоси Қуръони карим  маҷмуаи қонунҳои мусулмонӣ (шариат) тартиб дода шудааст, ки қоидаҳои рафтори мусулмон, ормонҳои ӯро дар ҳаёти шахсӣ ва ҷамъиятӣ муайян мекунанд.

Тибқи ривоятҳо, Қуръони карим ба паёмбар Муҳаммад (с) аз тарафи Худованд нозил гардида,  паёмбар дар навбати худ ба одамон ҳадя намудааст. Он ба қоидаҳое асос ёфтааст, ки ба ҳусни тафоҳум дар байни одамон дар саросари ҷаҳон, бо назардошти эҳтироми эҳсосот мусоидат мекунанд. Аҳамияти муҳтавои

Қуръони карим  дар он аст, ки китоби муқаддас мусулмононро ба риояи зуҳду тақво дар зиндагӣ, аҳкоми некӯаҳволӣ, ҳамфикрӣ, ваҳдати мардум ва Худо, ҳамчун офарандаи ҳар чизе, ки дар ин дунё инсонро иҳота кардааст, таълим медиҳад [115,с.205-214].

Қуръони карим  аз бисёр ҷиҳат бо дигар динҳои ҷаҳонӣ ҳамоҳангӣ дорад. Зеро дар ҳеҷ яке аз динҳо даъват ба фиребу найранг, бародаркушӣ, бераҳмӣ, тамаъкорӣ ва ғайра вуҷуд надорад.

Вале набояд фаромӯш кард, ки динро ба мақсадҳои ғаразнок ҳам истифода бурдан мумкин аст. Сиёсатмадорони бевиҷдон аҳкоми диниро таҳриф намуда, барои иваз кардани ҳукуматҳо  низоъҳои байни миллатҳо, эътирозҳои мардумро ташкил намуда, бо ҳамин тариқ дар ҳукумат мансабҳои баландро барои худ ба даст меоранд.

Я.К. Одинаев дар асари илмии худ менависад, ки агар мафҳумҳои динҳои гуногун бодиққат баррасӣ гардад, ягонагии маъно ва шакли онҳоро метавон дарёфт намуд. Моҳияти ҳамаи динҳо дар қаробат ёфтани халқҳо, риояи таълимоти ахлоқӣ, қоидаҳои ҳамзистӣ, беҳдоштию беҳзистӣ мебошад. Асоси чунин қаробат танҳо Худо ва имон буда метавонад. Дар ҳеҷ як дин мо наметавонем таълимоти ахлоқиеро пайдо намоем, ки ба таблиғи манфиати худ, макру фиреб, бераҳмӣ, хоҳиши зарар расонидан ба наздикон нигаронида шуда бошад.

Имрӯз ба ҳеҷ касе пӯшида нест, ки дар муборизаи сиёсӣ усулҳое истифода мешаванд, ки динро ба воситаи расидан ба ҳадафҳои шахсии дур аз ҳадафҳои таъмини некуаҳволии оммаҳои халқ ба кор мебаранд. Бо ёрии дин масъалаҳои байни миллатҳо ҳаллу фасл гардида, ҷангҳои байнидавлатӣ оғоз  мешаванд. Таҳрифгарони ақидаҳои динӣ як ҳадаф доранд ва он ҳам барои худ дар сиёсат баъзе афзалиятҳо ба даст овардан аст. Барои ашхосе, ки қудрат ва пулро дӯст медоранд, ҳеҷ чизи муқаддас вуҷуд надорад.

Бартарии бебаҳси ҳама динҳо дар он аст, ки онҳо дар тули ҳазорсолаҳо арзишҳои гуногуни фарҳангиро ҷамъоварӣ намуда, ба моликияти наслҳои нави минбада табдил додаанд. Ин арзишҳо на барои подшоҳон, ашрофон ва мартабаҳои

бузургвор, балки барои мардуми оддӣ, ки дар зиндагӣ ба дастгирии рӯҳонӣ, ҳимоя ва роҳат ниёз доштанд, пешбинӣ шуда буданд.

Я.К. Одинаев маънии руҳ ва шафқатро ошкор намуда, хулосаи ҷолиб баровардааст. Ба эътиқоди ӯ, маърифат барои поксозии руҳ аз ҳар чизи манфӣ, олудагӣ, адоват, ташнагӣ барои қудрат, манфиати худ, хашм кӯмак мекунад. Аз ин рӯ, он ҳаргиз аҳамияти худро гум намекунад ва бояд дар раванди тарбияи инсон дар руҳияи меҳру муҳаббат ба наздикон, дӯстии халқҳо, ёрии ҳамдигарӣ истифода шавад [183, с.86-100].

Ҳамаи арзишҳои миллии дар боло зикршуда дар ҷараёни таҳаввулоти таърихӣ шакли арзишҳои умумибашариро касб намудаанд, ки омӯзиши онҳо махсусан таваҷҷуҳи олимони асри XIX -ро ба худ кашид. Арзишҳоро файласуфон, таърихшиносон, иқтисоддонҳо, равоншиносон, омӯзгорон ва ғайра таҳқиқ намудаанд.

Ҳар як донишманд ба омӯзиши арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ аз мавқеи тахассуси худ муносибат мекард. Муаллифон дар асарҳои илмии худ маводро ҷамъбаст намуда, онро мавриди таҳлил қарор дода, аломатҳо, хусусиятҳо, роҳҳои ташаккул ва инкишофи арзишҳои миллӣ ва умумибашарии мардуми Тоҷикистонро муайян кардаанд.

Муҳаққиқон арзишҳои тахассусиро бо назардошти мақсад, вазифаҳои гурӯҳи иҷтимоӣ, давраи таърихии замон ва ғайра ба таври гуногун муайян мекунанд. Арзишҳо ба динӣ, мутараққӣ, феодалӣ, зиддидинӣ, ақибмонда, муосир, бо таъкид ба ин ё он сифатҳои онҳо тақсим карда мешуданд.

Баъзе олимон кӯшиш кардаанд, ки сабабҳои дар ҳаёти мо пайдо шудани расму оин, тартибот, ахлоқ, урфу одат, қоидаҳои рӯзмарраи рӯзгорро ошкор намуда, аҳамияти онҳоро барои тамоми наслҳо нишон диҳанд. Онҳо анъанаҳои халқиро дар маҷмуъ бо ҷаҳонбинии гурӯҳи одамон мавриди баррасӣ қарор дода, муҳтавои арзишҳо, шаклҳо, роҳҳои такмили онҳоро дар лаҳзаҳои гуногуни таърихӣ дар шароити мушаххаси ҳаёт муайян намуданд.

Донишмандон барои тасниф аз рӯйи вақт ва давраи ташаккули арзиш аз истилоҳҳои «нав», «муосир» истифода кардаанд. Масалан, «техникаи муосир»,

«фарҳанги нав» ва ғайра. Арзишҳо на танҳо омӯхта мешуданд, балки аҳамияти тарбиявии онҳо дар як давраи мушаххаси рушди давлат муайян карда мешуд [57,с.710-713].

Имрӯзҳо дар Пажӯҳишгоҳи таърих, бостоншиносӣ ва этнографияи назди Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт таҳқиқот фаъолона идома доранд.

Бояд гуфт, ки ҳангоми таҳлили дастгоҳи мафҳумии арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ мо тавонистем дар бораи он танҳо дар адабиёти махсус, ки аз луғатҳо ва маълумотномаҳо иборатанд, маълумот пайдо кунем.

Арзишҳои маънавӣ ба ҷаҳони муосир аз замонҳои хеле қадим омадаанд. Онҳо барои эҷоди андарзҳо, зарбулмасалҳо, ҳикматҳои ахлоқӣ, афоризмҳо ва ғайра асос гардиданд.

Таҳқиқоти этнографӣ аз асри XIX фаъолона ба роҳ монда шудааст. Объекти омӯзиши онҳо арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ буд. Ба урфу одат, расму оин ва вижагиҳои тарбияи фарзандон дар оилаҳои миллӣ диққати калон дода мешуд.

Мардумшиносон ба бисёр ҷанбаҳои ташаккул ва рушди арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, аз ҷумла ба аҳамияти педагогӣ, психологии онҳо таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд.

Проблемаи арзишҳо бо ҷанбаҳои мухталифи худ на танҳо мардумшиносон, балки омӯзгорон, сиёсатмадорон, шарқшиносон, файласуфон, адабиётшиносон ва равоншиносонро низ ба худ ҷалб мекард. Дар байни онҳо чунин олимон ва мутафаккирони маъруф, монанди Э.Ш. Раҳмонов [273,с.55-67], Б. Ғафуров [71,с.230], Х. Мирзозода [181,с.424], Х. Ҷонназаров [81], А. Муҳаммадхоҷаев [190], Д.Т. Фрезер [341,с.34-35], В. Асрорӣ [38,с.2035], М. Раҷабов [252,с.100-132], Я.К. Одинаев [230,с.150], М. Шакурӣ [373,с.27], А.Э. Измайлов [101,с.252], Н.С. Ранов [255], М. Шукуров [393,с.96-109], А.П. Тугаринов [315, с.77-83], М. Лутфуллоев [155,с.310], Е.А. Подолская [244,с.45-53], Н. Сайвалиев [39,с.48-59], Х. Афзалов [43,с.6074], Ҷ. Асрориён [39,с.55-68], ва дигаронро метавон дид.

Дар таҳқиқоти бархе аз олимон тамоюли ҷудо кардани арзишҳои миллӣ аз сиёсат, таъсири сохторҳои давлатӣ мушоҳида мешавад. Онҳо ин мавқеъро бо он шарҳ доданд, ки арзишҳои миллӣ дар айни замон самтҳои зерини рушд доранд:

- арзёбии арзишҳо шакли арзишҳои "расмӣ" ва "расминашуда" -ро мегирад;
- бартарафсозии таъсир ба арзишҳои идеологияи ҳизбҳо ва иттиҳодияҳои гуногун;
- аз байн бурдани арзишҳое, ки ба воқеияти кунунӣ мувофиқат надоранд;
- наздикшавии арзишҳои миллӣ бо арзишҳои умумибашарӣ;
- қаробати арзишҳои миллӣ ба самти рушди ҷаҳонӣ;
- бартараф намудани таъсири маъмуриятчигӣ ба ташаккули низоми арзишҳо.

Агар ба арзишҳои миллӣ ба таври сунъӣ таъсир расонда шавад, онҳо аҳамияти мутараққии худро аз даст медиҳанд. Агар арзёбии арзишҳо ба зиммаи шахси алоҳидае вогузор шуда бошад, ки ӯ манфиати шахсии худро аз манфиати ҷомеа болотар медонад, пас ин ба он оварда мерасонад, ки арзишҳо нодуруст шарҳ дода мешаванд, маънои онҳо ғайритабиӣ мешавад ва ба руҳияи мардум ҷавобгӯ нахоҳад гардид.

Барои шарҳу тафсири дурусти арзишҳои миллӣ ҳамчун мероси қадимии халқ назари воқеъбинонаи муҳаққиқ, мавқеи мустақил аз таъсири ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳо, сиёсати давлатӣ ва низоми иҷтимоӣ зарур аст.

Арзишҳо ба ҳамаи халқ тааллуқ доранд. Онҳо ба халқ ва башарият хизмат мекунанд ва онҳоро танҳо ба манфиати ҳизб, ҳаракат, ашхоси соҳибқудрати муайян истифода бурдан мумкин нест. Бояд гуфт, ки ҳукумати аз ҷониби мардум интихобгардида бояд ҳангоми қабули ҳар гуна қарор, аз ҷумла тафсири арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, ки ба мардум ва башарият тааллуқ доранд, ба муносибати воқеъбинона дошта бошад [181, с.72-86],

Далелҳои дар боло зикршуда гувоҳӣ медиҳанд, ки ҳеҷ кас, ҳатто бузургтарин шахсият ҳақ надорад, ки арзишҳои миллиро таҳриф намуда, баъзеи онҳоро аз таърихи халқ ҳазф кунад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ

таваҷҷуҳи зиёд доранд. Ӯ дар китоби худ «Тоҷикон дар оинаи таърих» менависад, ки ҳукумат ва шахсан Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон он далелро муҳим мешуморанд, ки Тоҷикистони муосир бо ба даст овардани соҳибихтиёрӣ ба по хест ва муҳофизи арзандаи мероси фарҳангии ниёгони худ гардид [273,с.94-95].

Эмомалӣ Раҳмон қайд мекунанд, ки тоҷикон дар ҳама давру замонҳои таърихи худ барои сулҳу дӯстӣ талош варзида, бо ҳамсояҳо ва давлатҳое, ки истиқлолияти моро эътироф мекунанд, ҷонибдори ҳамкориҳои судманд мебошад. Пешвои миллат таъкид мекунанд, ки таърих фарҳанги воло, некхоҳии халқи тоҷик, майли рафоқат ва бародариро бо дигар халқҳо дар асоси баробарӣ исбот кардааст.

Арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ дар тули садсолаҳо ташаккул ёфтаанд. Дар бораи онҳо ҳатто дар асарҳои Афлотун, аз ҷумла дар асари ӯ «Давлат» зикр ёфтаанд. Дар асрҳои миёна Абулқосим Фирдавсӣ, Абӯалӣ ибни Сино ба арзишҳои халқи тоҷик ишора кардаанд [344,с.23-28].

Бояд гуфт, ки мутафаккирон ва шоирони он замонҳо барои омӯзиши арзишҳои халқ дар назди худ ҳадафи мушаххас нагузоштаанд, вале дар осори онҳо андешаи равшан мушоҳида мешавад, ки ба арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ ғамхорона муносибат карда, барои  ба наслҳои оянда гузаштани онҳо саъю кӯшиш кардан  лозим аст.

Онҳо дар бораи арзиши мушаххас ба мо нақл карда, аз замони худ,  бо назардошти  он нуқтаи назаре, ки дар як давраи муайяни таърихӣ ҷой дошт, такя мекарданд. Ин барои илм хеле муҳим аст.

Хизмати донишмандони замонҳои қадим ва асрҳои миёна дар он аст, ки онҳо бо эҷодиёти худ ба мо маълумоти умумиро дар бораи арзишҳои замони худ нишон дода, масъалаҳои омӯзиши баъзе ҷанбаҳои ташаккул, инкишоф ва аҳамияти онҳоро ба миён гузоштаанд.

Дар баробари ин қайд накардан мумкин нест, ки онҳо дар асарҳои худ ба масъалаҳои диалектикаи пайдоиш ва тағйирёбии арзишхои миллӣ дахл накардаанд, онҳоро бо хислати миллӣ, вижагиҳои ин ё он халқи муайян муқоиса накардаанд. Илова бар ин, мо дар осори эшон тафсири мафҳуми «арзиш»-ро намебинем. Дар осори донишмандони муосир баъзе тобишҳои мушобеҳеро низ мушоҳида мекунем,

ки маводи конфронси ҷумҳуриявии «Тарбияи худшиносӣ ва ифтихори миллӣ», ки ба муносибати 1100-солагии давлати Сомониён ташкил карда шуда буд, шаҳодат медиҳад.

Дар баромадҳои пажӯҳишгарон дар ин ҳамоиш оид ба арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ таҳлили амиқ сурат нагирифтааст. Фақат ба баъзе ҷанбаҳои он мухтасаран равшанӣ андохта шудааст. Таҳлили назариявии низоми арзишҳо ва аҳамияти педагогии онҳо ошкор карда нашудааст.

## 1.2. Асосҳои пайдоиш ва инкишофи арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ дар даврахои гуногуни таърихӣ

Барои ташаккули арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ вақт лозим аст. Арзишҳо мувофиқи қонунҳои ҷомеа дар асоси риояи қоидаҳои ҳамзистӣ инкишоф меёбанд, ҳамзамон бо тараққиёти илму техника такмил меёбанд. Барои ба вуҷуд омадани арзишҳо шароити муайяни таърихӣ, табиӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ заруранд, ки қонунҳои объективиеро, ки муносибатҳои ҷомеаро танзим мекунанд ва ба сарчашмаҳои илмӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ мувофиқат мекунанд, ба инобат гиранд.

9 июни соли 1999 дар мавзуи «Дар бораи танзими расму оинҳои мардумӣ» маҷлиси ҷумҳуриявӣ барпо гардид. Дар ин ҳамоиш Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд, ки ҳар миллат дар тули таърихи худ тарзи зиндагии хосеро ба вуҷуд меорад, ки дар он анъанаҳо, расму ойинҳо ҷойгоҳи муҳимро ишғол карда, вижагиҳои он бештар ба вазъи иҷтимоӣ, иқтисодӣ, низоми сиёсӣ ва ҳатто шароити табиӣ вобастагӣ доранд. Арзишҳое, ки дар тули асрҳо ташаккул ёфтаанд, ҷузъи ҷудонашавандаи ҳаёти мардум ва фарҳанги миллии он мебошанд [268,с.24-28].

Арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, ки дар як давраи муайяни таърихӣ ба вуҷуд омадаанд, дар назарияҳои илмию сиёсӣ, осори ҳунарӣ, принсипҳои ахлоқу одоб ва зиндагии мардум, бешубҳа, осори худро хоҳанд гузошт.

Инсон тавассути омилҳои сершумор бо ҷомеа алоқаманд аст. Ин муносибати байниҳамдигарӣ хеле мураккаб ва серпаҳлу аст.

Ҳамзамон бо ташаккул ва мураккаб шудани муносибатҳои ҷамъиятӣ доираи арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ густариш ёфта, ҳадафҳо, вазифаҳо ва ҷанбаҳои онҳо, ки сарнавишти инсон, ҳаёти имрӯзу ояндаи ӯро муайян мекунанд, тағйир меёбад.

Барои он ки зиндагии инсонҳо собиту устувор бошад, ҳар як шахс бояд афзалиятҳои худ, муносибат ба ҷомеаро муайян кунад, онҳоро дар донишҳо, ақидаҳо, мавқеъҳои ҷаҳонбинӣ, эҳсосот ва фарҳанг мушаххасан, ифода намояд.

Дар таҳқиқи раванди ташаккул ва инкишофи арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ омӯзиши сарчашмаҳои маънавӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ-сиёсӣ, назариявӣ, муайян кардани вижагиҳо ва қонуниятҳо, шароити таърихӣ, табиии ба як шароити мушаххаси давраи таърихӣ мувофиқатдошта  аз аҳамияти калон бархӯрдор мебошад. Аз ин рӯ, олимони соҳаҳои гуногун, муаррихону ҳуқуқшиносон, этнографҳо, омӯзгорон, файласуфон ва ғайра дар асарҳои илмии худ бисёр ҷанбаҳои ҳаёти иҷтимоиро мавриди баррасӣ қарор додаанд [169,с.17-22].

Мақсади таҳқиқоти мо омӯзиши ҳамаи паҳлуҳои арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ набуда, балки омӯхтани ташаккул, инкишофи марҳила ба марҳилаи онҳо аз нигоҳи аҳамияти педагогӣ мебошад.

М.Лутфуллоев қайд мекунад, ки омӯзиши ҷанбаҳои фалсафӣ, педагогии арзишҳое, ки дар тули таърихи ҳазорсолаи Тоҷикистон ташаккул ёфтаанд, ба ғанӣ гардонидани илми педагогика ва истифодаи таҷрибаи андӯхтаи ниёгон барои тарбияи ҷавонони тоҷик нигаронида шудааст.

Аз пайдоиши педагогикаи Аҷам чандин садсолаҳо сипарӣ шудааст.  Дар ҳамин ҳол, он то имрӯз аҳамияти худро нигоҳ дошта, дар раванди тарбияи ҷавонони муосир саҳми худро мегузорад [153,с.146-158].

Аҳамияти педагогикаи ниёгон дар он аст, ки вай ҷиҳатҳои воқеии худи ҳаётро инъикос мекунад, ба талаботи ҳамаи инсонҳо ҷавобгӯ аст.

Табиист, ки истилоҳот, таърифҳо ва мафҳумҳои арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ дорои мазмуни хоси маънавию ахлоқӣ, як паҳлуи ҳаёти ҷамъиятӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, нисбат ба як давраи муайяни таърих мебошанд.

Масалан, ба чунин вожаҳо мафҳумҳои Ватан, сулҳ, озодӣ, ваҳдат, миллат, нишони миллӣ, парчам, конститутсия, модар, ваҳдат, ҳамбастагӣ, дӯстӣ ва ғайра мансуб мебошанд.

Ҳамаи ин мафҳумҳо аз лиҳози муҳтавои худ аҳамияти бебаҳси тарбиявӣ доранд. Ҳар кадоми онҳо дар тарбияи ватандӯстӣ, истиқлолият, башардӯстӣ, дӯстии халқҳо, адолат, поквиҷдонӣ, озодӣ дар ҷавонон мусоидат менамоянд.

Аз рӯйи моҳияти худ ҳар як калимаи боло зикргардида як бахши барномаи умумии кори таълиму тарбия дар мактабҳои шуравӣ буд. Ва онҳо имрӯз ҳам дар муассисаҳои таҳсилотии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти худро гум накардаанд ва асоси таълиму тарбия мебошанд. Маънои ин мафҳумҳо дар китобҳои нави дарсӣ, адабиёти таълимию методӣ, аёниятҳое, ки ҳоло дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ истифода мешаванд, инъикос ёфтааст.

Дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ мафҳумҳое, ки маҷмуи арзишҳои миллӣ ва умумибашариро ташкил медиҳанд, то ин ё он дараҷа ба фаъолияти таълимӣ ва беруназсинфии донишомӯзон дохил карда мешаванд. Бо руҳияи арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ ва чорабиниҳои гуногуни фарҳангӣ, иқдомот ва мусобиқаҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзишӣ фаро гирифта шудаанд. Мисоли равшани ин Бозиҳои олимпии осиёӣ аст, ки соли 2003 дар Тоҷикистон баргузор шуданд, дар ҷараёни он руҳияи бародарӣ, дӯстӣ ва ҳамкории халқҳои гуногун воқеан эҳсос мешуд.

Дар шароити муосир, ки суботи ҷаҳон дар хатар аст, ҷавонони Тоҷикистонро бояд дар руҳияи муҳаббат ба Ватан тарбия намуда, ба мардонагӣ, қаҳрамонӣ, меҳру муҳаббат, эҳтиром ба халқҳои дигар равона карда, меҳнатдӯстӣ, майлу рағбати фарогирии донишҳои нав, аз худ намудани арзишҳои фарҳангӣ, миллӣ ва инсониро инкишоф диҳанд.

Ҳар як давраи мушаххаси таърихӣ арзишҳои миллӣ ва умумибашарии худро дорад, ки маҳсули фаъолияти муштараки одамон ба шароити муайяни иҷтимоӣ, табиӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ мутобиқ шуда, дар ақидаҳо, анъанаҳо, вижагиҳои забонӣ, ахлоқ ва ғайра ифода меёбад. Бинобар ин, вижагиҳои давраи таърихӣ ба ташаккули арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ бевосита таъсир мерасонанд. Ба чунин вижагиҳо

сатҳи таҳсилот, илм, фарҳанг, ҳаёти халқ, нигохдории тандурустӣ, санъат, ҷанбаи неруҳои истеҳсолкунанда, фазои ахлоқии ҷомеа  дохил мешаванд. Яъне ҳамаи он чи ки заминаи маънавию моддии ҷомеаро ташкил медиҳад [136,с.65-71],

Бо дарназардошти шароити мазкур, ки яке аз ҷанбаҳои асосии таҳқиқоти мост, мо заминаи назариявии ташаккули арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, инкишоф ва мутобиқсозии онҳоро ба шароити нави зиндагӣ интихоб кардем.

Дар асоси гуфтаҳои боло метавон ба хулосае омад, ки арзишҳое, ки мо меомӯзем, на танҳо заминаи таърихӣ, маънавӣ ва моддӣ доранд, балки ба вижагиҳои педагогӣ ва психологии ҷомеа низ асос ёфтаанд.

Далелҳои таърихӣ гувоҳи он мебошанд, ки дар ҳудуди Тоҷикистони кунунӣ дар замонҳои қадим қавму қабилаҳои гуногуни намояндагони миллатҳои гуногун сукунат доштанд. Аз ҷиҳати дараҷаи тараққиёт,  фарҳанг, низоми сиёсӣ онҳо аз ҳамдигар ба таври назаррас тафовут доштанд. Аз ин рӯ, он арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, ки онҳо мерос гузоштаанд, чи аз лиҳози сифат ва чи аз ҷиҳати тавсифоти дигар  ба таври ҷиддӣ фарқ мекунанд. Ин ба тафовут дар  иқтисодиёт, фарҳанг, сохти ҷамъиятии қавму қабилаҳо вобаста аст.

Гувоҳи дараҷаи инкишофи арзишҳои миллӣ ва умумибашарии он замонҳо шоҳасарҳои сершумори меъморӣ буданд, ки халқҳои қадим ба мо мерос гузоштаанд. Ҳамаи онҳо дар он давраи таърихӣ мавҷуд будани шаҳрсозӣ, умуман фарҳанги хеле тараққикардаро нишон медиҳанд.

Ҳамин гуна мисоли боварибахш гуфтор ва навиштор мебошад. Дар заминаи онҳо метавон арзишҳои нави миллӣ ва умумибашариро ташаккул дод.

Боз як мисоли мубрамро меоварем. Халқҳое, ки дар ҳудуди Тоҷикистони кунунӣ зиндагӣ мекарданд, дар гузашта аксар вақт дар натиҷаи ҷангҳои байниқабилавӣ, ҳуҷуми муғулҳо ва муқовимату зиддияти аморатҳо ва хонигариҳо дар Осиёи Миёна дучори бухрони амиқ буданд. Дар он айём фарҳанг, илм, иқтисодиёт давраҳои вазнинро аз сар мегузарониданд. Ин ба вазъи арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, ки бо далелҳои мушаххаси таърихӣ тасдиқ карда мешавад, таъсир нагузошта наметавонист. Чунин мисолҳо бори дигар собит мекунанд, ки арзишҳое, ки мо таҳқиқ мекунем, зери таъсири як давраи муайяни таърихӣ қарор дошта, ҳам

ба некуаҳволии моддии ҷомеа ва ҳам ба беҳбудии маънавии халқ вобаста аст. Арзишҳо метавонанд ҳамзамон бо инкишофи муносибатҳои иҷтимоӣ тағйир ёбанд. Бо пешрафти ҷомеа худи онҳо ҳам инкишоф меёбанд ва дар замонҳои номусоид таназзул ва таҷзияи онҳо мушоҳида мешавад [164,с.231-236].

Давраи салтанати Сомониён барои халқи тоҷик асри тиллоӣ буд. Дар ин давраи таърих, илм, ҳунар, забон, фарҳанг, адабиёти миллӣ инкишофи бемисл дошт. Ҳамаи ин ба афзоиши худшиносии одамон далолат мекунад. Маҳз дар ҳамин давра тамоюл ба истиқлолият, ва давлати мустақил арзи вуҷуд намуд.

Ба бовари донишманди маъруф М.Шакурӣ ба шарофати дастовардҳои бузург дар фарҳангу санъат, илму ҳунар, рушди забони форсӣ, осори адабӣ, ки барои бисёриҳо ормони ахлоқии мардум гаштаанд, ҷомеаи тоҷик тавонист барои ноил шудан ба ҳадафҳои. давлати сохибихтиёру мустақил шудан муттаҳид шавад.

Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ шоир ва мутафаккири он замон навишта буд ки илм, сулҳпарварӣ, тавозуъ, ахлоқи нек, мардонагӣ, саховатмандӣ, адл, ватандӯстӣ арзишҳои асосии инсон ва халқ аст [372,с.55-61].

Ба унвони мисол метавон «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсиро овард. Шоир чунин арзишҳои умумибашарӣ, аз қабили башардӯстӣ, хайрхоҳӣ, рафтори хоксорона, шуҷоат, эҳтироми падару модар, фарзандон, адолат, ваҳдати мардум, ростгӯӣ, чолокӣ, хушахлоқӣ ва ғайраро тарғиб кардааст [3,с.150-161].

Мутафаккири бузурги ин давра Абуалӣ ибни Сино барои инсон арзишҳои бахту саодат, дониш, саховатмандӣ, дӯстии халқҳо, тавозуъ, адлро муҳимтар аз ҳама мешуморад.

Фалсафаи сиёсии арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ маҳсули инкишофи дарозмуддати диалектикии ҷомеа мебошад, бинобар ин он як навъ «оинаест», ки вижагии як давраи муайяни таърихиро инъикос мекунад. Ҳамин тариқ, байни арзишҳои умумибашарӣ ва миллӣ ва баръакс, робитаи наздик вуҷуд дорад. Аз ин бармеояд, ки арзишҳои миллӣ асоси арзишҳои умумибашарӣ мебошанд ва **охирин ба арзишҳои** миллӣ ғояҳо, принсипҳо, ангезаҳои нав ворид мекунанд. Ин робитаи диалектикии арзишҳое мебошад, ки мавриди таҳқиқи мо қарор гирифта, дар давраҳои гуногуни таърихӣ зоҳир мешавад.

Таҷрибаи наслҳо собит кардааст, ки арзишҳои миллии хуб ташаккулёфта ва инкишофёфтаи баъзе халқҳо ба рушди арзишҳои дигар халқҳои сусттараққикарда мусоидат мекунанд.

Дар Осиёи Марказӣ аз замонҳои хеле қадим арзишҳои миллӣ дар сатҳи баланд вуҷуд доранд. Ҷашни фарорасии баҳор - Наврӯз, ҷашни ҳосилу фаровонӣ - Меҳргон, ҷашни видоъ бо зимистон - Сада аз ҷумлаи онҳо мебошанд. Мардум ин ҷашнҳоро дар замонҳои қадим дӯст медоштанд ва акнун ҳам мепарастанд.

Инчунин маросиму маъракаҳо, аз қабили ҷашнҳои ҳосили харбуза, гулкунии марғзорон, бӯйи нон ва ғайраҳоро ҳам ба арзишҳои миллӣ дохил кардан зарур аст. Дар Осиёи Марказӣ аз тарафи ҳамагон ҷашн гирифтани онҳо анъана шудааст.

Расму оинҳои маҳаллӣ, маросимҳо, зиндагии рӯзмарра, расонидани кумак ба ба ниёзмандон, эҳтироми пиронсолон, меҳмоннавозӣ ва дигар меъёрҳо, қоидаҳои зиндагии мардумони Осиёи Марказӣ ва Миёна ба ғанишавӣ ва инкишофи арзишҳои миллии Тоҷикистон мусоидат намуданд [108,с.169-174].

Сарвати миллии ҳар як миллат арзишҳои умумибашариро ҳам дар бар мегирад, ки он арзишҳои миллиро бо муҳтавои худ ғанӣ мегардонанд.

Дар навбати худ, арзишҳои миллӣ аз сатҳи рушди худшиносии миллӣ шаҳодат медиҳанд. Бинобар ин, онҳо бахши муҳими хазинаи умумибашариро ташкил мекунанд.

Дар асоси гуфтаҳои боло мо ба хулосае омадем, ки арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ бо ҳам зич алоқаманданд. Онҳо ҳамдигарро ташаккул медиҳанд, ба рушди ҷузъҳои ба ҳам иртиботдошта мусоидат мекунанд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо назардошти диалектикаи таъсири мутақобилаи арзишҳои иҷтимоӣ гуфта буандд, ки дар тули асрҳои зиёд арзишҳои умумибашарӣ эҷод ва инкишоф ёфтаанд. Мо бояд онхоро эхтиром кунем, бо муҳтаво ва мазмуни нав ғанӣ гардонем. Ин нуқтаи назар аз он гувоҳӣ медиҳад, ки анъанаҳои алоҳидаи байналмилалӣ, расму оинҳо бо шарти дар онҳо ҷой додани хислатҳои миллӣ ба ҳаёти фарҳангии халқи тоҷик табдил ёфта метавонанд [164,с.231-236].

Ба чунин анъана ва расму оинҳои байналмилалӣ, ки имрӯз ба бахши ҳаёти мардуми тоҷик табдил ёфтаанд, идҳои байналмилалии Рӯзи ҳифзи кӯдакон, Рӯзи занон (Рӯзи модар) 8 март, Рӯзи пиронсолон ва ғайра тааллуқ доранд.

Ҳама ҷашнҳои номбаршуда ба руҳияи замон ва талаботи арзишҳои миллии мардуми Тоҷикистон комилан мувофиқанд.

Арзишҳои миллӣ дар раванди инкишофи худ як ҷузъи муҳими арзишҳои умумибашарӣ гардида, ба мазмуну моҳияти онҳо амиқан ворид шуда, ба арзишҳои умумибашарӣ табдил меёбанд.

Мо чунин мешуморем, ки раванди ташаккули арзишҳои умумибашарӣ ва инкишофи минбаъдаи онҳо чунин аст.

Барои ҳар як миллат арзишҳои миллӣ аксар вақт аз ҳудуди авлодӣ ва қабилавӣ берун рафта, ҷанбаи воқеан умумӣ пайдо мекунанд. Арзишҳои умумибашарӣ арзишҳои миллиро ғанӣ гардонида, барои истифодаи онҳо дар фаъолияти муштарак ва эҷодиёти тамоми халқ шароит фароҳам меоваранд.

Дар раванди пайдоиши худ арзишҳои умумибашарӣ ба таҳкими нуфузи арзишҳои миллӣ мусоидат намуда, намояндагони халқҳои давлатҳои гуногунро ба ҳамкорӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт водор мекунанд. Ин дар навбати худ ба беҳтаршавии ҳамфикрии байни халқҳо мусоидат менамояд, онҳоро дар руҳияи дӯстӣ ва рафоқат тарбия мекунад.

Агар мо арзишҳои умумибашариро таҳқиқ намоем, он гоҳ мо таҳти мафҳуми мазкур арзишҳои на як халқ ва ё гурӯҳи муайяни миллатҳо, балки моликияти одамонеро, ки ба халқу миллатҳо, давлатҳо ва қаламравҳои гуногун тааллуқ доранд, дар назар дорем. Муҳтавои чунин арзишҳо доираи васеи масъалаҳоро дар бар мегирад.

Ба вуҷуд омадани арзишҳои умумибашарӣ ва инкишофи минбаъдаи онҳо дар ҷараёни таърих, дар зери таъсири омилҳои беруна такмилёбии маҳсули фаъолияти намояндагони сершумори миллату халқиятҳое мебошад, ки бо ҳамдигар муносибат доранд. Заминаи чунин ҳамкориҳои мутақобила арзишҳои миллӣ мебошанд.

Сифати асосии мусбати арзишҳои умумибашариро метавон қобилияти ғанӣ гардонидани фарҳанги халқҳои гуногун номид, ки бо истифода аз неруи созандаи

андухтаи башарият дар тули таърихи ҳазорсола амалӣ мегардад. Инкишофи арзишҳои умумибашарӣ ба ҳусни тафоҳуми беҳтари халқҳои сокини давлатҳои ҷаҳон, ба мустаҳкам шудани ҳамкориҳо ва дӯстии байни онҳо мусоидат мекунад.

Дар ҳоли ҳозир робитаҳои байналмилалии байни кишварҳои гуногун дар бисёр соҳаҳои илм, фарҳанг, маориф, иқтисод, сиёсат ва ғайра пайваста дар ҳоли густариш мебошанд. Ин ҳолат имкон медиҳад, ки иқтидори арзишҳои умумибашарӣ то ҳадди имкон барои наздикшавии халқҳои ҷаҳон истифода гардад [66,с.213-217].

Ҷумҳурии Тоҷикистон робитаҳои байнидавлатии худро фаъолона густариш дода, бо бисёр кишварҳо дар самти ҳамкорӣ на танҳо дар иқтисоду сиёсат, балки дар фарҳангу тандурустӣ, санъат ва дигар соҳаҳои барои мардуми тоҷик муҳимбуда робита ва тамосҳо барқарор менамояд. Кор дар ин самт бо мақсади мустаҳкам намудани иқтисодиёт ва фарҳанги кишвар, инчунин баланд шудани дараҷаи некуаҳволии халқ ба роҳ монда мешавад. Ҳамин тариқ, арзишҳои умумибашарӣ ба давлат барои амалӣ намудани он чи, ки дар Конститутсияи кишвар муқаррар гардида, ба манфиати тамоми халқи тоҷик нигаронида шудааст, мусоидат мекунанд.

Раванди фаъолшавии робитаҳои байналмилалиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иқдомоти зерини Президент ва Ҳукумат дастгирӣ мекунанд [273,с.88]:

- солҳои ахир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 10 сафоратхонаҳои нави давлатҳои хориҷӣ ба фаъолият оғоз карданд;

- Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 7 давлати дунё сафоратхонаҳои худро ифтитоҳ намуд;

- Тоҷикистон бо 78 кишвари ҷаҳон равобити дипломатӣ дорад;

- Ҷумҳурии Тоҷикистон бо 75 давлат ҳамкории иқтисодиро ба рох мондааст;

- шартномаҳои дӯстӣ ва ҳамкорӣ бо 21 давлати ҷаҳон ба имзо расонида шудааст;

- бо зиёда аз 50 созмони байналмилалӣ дар соҳаҳои гуногун созишномаҳои ҳамкорӣ баста шуданд.

Ҳамаи иқдомоти дар боло зикршуда имкон медиҳанд, ки арзишҳои миллии халқҳои Тоҷикистон тавассути робита ва ҳамкориҳо бо арзишҳои умумибашарӣ ба таври муассир инкишоф ва такмил ёбанд.

Дар ин робита суханони муҳимро Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гуфтаанд. Сарвари давлат иброз доштанд, ки шаҳрвандони кишвар дарк мекунанд танҳо дар сурате ба таври сазовор метавонанд зиндагӣ кунанд, ки ҳар як сокини ҷумҳурӣ ба ҳифзи ваҳдати миллӣ ва озодии кишвар манфиатдор бошад. Таърихи чандинасраи Тоҷикистон собит кардааст, ки мардуми тоҷик сарфи назар аз душвориҳои ташаккул ва рушди давлатдорӣ хислатҳои муҳими ҳувияти миллӣ: хайрхоҳӣ, сулҳдӯстӣ, хирадмандӣ, талош баҳри бунёдкорӣ, сабру тоқат, муҳаббат ба Ватан ва садоқат ба дӯстонро нигоҳ доштааст.

Бояд гуфт, ки хислатҳои номбаршудаи ҳувияти миллӣ ба арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ тааллуқ доранд, ки ба онҳо шоҳасарҳои меъмории миллии тоҷикон, осори санъат, адабиёт, анъанаҳо ва расму оинҳои мардумиро илова кардан зарур аст.

Арзишҳои мавриди таҳқиқи мо, пеш аз ҳама, тамоми он чизҳое мебошанд, ки онҳоро ба анъанаҳои мардум, расму оинҳо, эҷодиёти шифоҳӣ, урфу одат ва меъёрҳои рафтор мансуб медонем. Ин нуктаро дар айни замон, вақте ки дар ҷаҳони муосир неруҳое вориди амал шудаанд, ки дар байни адабиёт ва анъанаҳо, урфу одатҳо ва эҷодиёти халқ монеаи баланд ба вуҷуд меоваранд, дарк кардан, махсусан, муҳим аст ва онҳо ин иқдоми худро бо он тавзеҳ медиҳанд, ки гӯё дар байни арзишҳои мазкур робитаи бевоситаро намедида бошанд.

Мо, дар навбати худ, чунин мешуморем, ки арзишҳои мардумӣ, сарфи назар аз навъи онҳо, ҳатман ба анъанаҳо, қоидаҳо, расму оинҳои халқӣ асос ёфтаанд, ки шаклҳои вобаста ба шароити муайяни давраи таърихиро ба худ гирифтаанд. Чунин арзишҳо дар раванди таҳаввул инкишоф меёбанд, такмил меёбанд ва шакли мувофиқи замони навро қабул мекунанд.

Сарчашмаҳои то ба замони мо расида нишон медиҳанд, ки дар марҳалаҳои гуногуни таърих арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ дар шакли анъанаҳо, расму

ойинҳо, қоидаҳои рафтор, меъёрҳои иҷтимоие, ки ба руҳияи мардуми ҳамон давраи тараққиёти кишвар мувофиқат мекунанд, вижагиҳои хоси худро доранд.

Мардум чунин арзишҳоро муқаддас медонист ва онҳоро эҳтиёткорона ҳифз намуда, аз насл ба насли дигари ҷавон интиқол медод. Мардум ба чунин арзишҳое аз қабили шоҳасарҳои санъат, меъморӣ, расму оинҳо, маросимҳо ва анъанаҳо, ки таърихи чандинасраи муборизаҳо барои озодӣ ва истиқлолияти миллатро инъикос мекунанд, муносибати хоса дошт.

Мутобиқи давраи пайдоиш ва ташаккул арзишҳои миллӣ ва умумибашариро метавон чунин тасниф кард [73,с.227-232]:

1. Дар замонҳои қадим арзишҳои миллӣ, инчунин расму оинҳо, анъанаҳо, меъёру қоидаҳои дар он давраи таърихӣ мавҷудбуда, асосан хусусияти асотирӣ дошта, тасаввуроти асотириро дар бораи ҷаҳон, равандҳои дар он ва дар ҷомеа ба амал омадаро инъикос мекарданд. Унсурҳои алоҳидаи арзишҳои марбут ба асотир то имрӯз боқӣ мондаанд. Масалан, эътиқод ба сарнавишт ва ё баъзе мисолҳои дигар.

Дар замонҳои қадим дараҷаи дониши одамон, инкишофи маънавии онҳо дар сатҳи хеле паст қарор дошт, бинобар ин, онҳо наметавонистанд рӯйдодҳои табиат ва ҷомеаро ба таври эътимодбахш тавзеҳ намоянд. Ин ба ҷанбаи асотирӣ пайдо намудани андешаҳои онҳо дар бораи сохти ҷаҳон мусоидат кард, ки бешубҳа ба самти ташаккул ва инкишофи арзишҳои миллӣ таъсир расонд.

2. Дар давраи низоми ғуломдорӣ маҷмуи арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ ҷанбаи возеҳан ифодашудаи синфӣ дошта, манфиатҳои синфҳои ҳукмронро ифода мекард. Арзишҳои миллии ин давраи таърихиро метавон ба гурӯҳҳои зерин тақсим кард:

А) Мутараққӣ. Инҳо ҳамон арзишҳое мебошанд, ки дар зери таъсири оммаи заҳматкашон ташаккул ва инкишоф ёфта, маҳсули эҷоди онҳо мебошанд. Ҳамин тариқ, арзишҳои мутараққии миллӣ манфиатҳои халқро инъикос мекарданд.

Б) Иртиҷоӣ. Ба ин гурӯҳ арзишҳое дохил мешаванд, ки бар мабнои онҳо манфиатҳои синфи ҳукмрон ва иҷрокунии вазифаҳои синфи истисморгарон қарор доранд.

Ҳангоми омӯзиши арзишҳои дар давраи низоми ғуломдорӣ ташаккулёфта бояд қайд кард, ки намояндагони синфи истисморкунанда бо роҳҳои гуногун кӯшиш мекарданд, ки арзишҳои мутараққиро ба манфиатҳои худ тобеъ гардонанд, бинобар ин баъзеи онҳо дар натиҷа аҳамияти ноҳамгун пайдо намуданд.

3. Феодалӣ. Вижагии ин давраи мавҷудияти арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ муҳтавои динии онҳост. Бисёре аз мутафаккирони он замон арзишҳоро аз нуқтаи назари дин баррасӣ мекунанд, ки симои маънавии инсонро дар давраи феодализм бештар муайян мекунад. Ба ҳаёти одами оддӣ, феодал ва умуман давлат аз нуқтаи назари дин баҳо дода мешуд. Ин далели он аст, ки аҳкоми динии танзимкунандаи арзишҳои миллӣ аз тавассути шариат муайян карда шудаанд.

Ҷаҳиши ногаҳонии Тоҷикистон аз низоми амалан феодализм ба ҳокимияти шуравӣ на танҳо натиҷаҳои мусбат дод, балки ҷиҳатҳои манфии чунин ҷаҳишро низ ошкор намуд. Масалан, дар солҳои аввали ташкилёбии ҶШС Тоҷикистон бисьёр арзишҳои миллии халқ зарарнок эълон гардида, маҳкум ба нигоҳдорӣ дар анборҳо ё нобуд карда мешуданд. Ба чунин арзишҳо иншооти динӣ, баъзе шоҳасарҳои адабиёт ва санъат, ки аз ҷониби устодони машҳури ҷаҳон офарида шудаанд, дохил мешуданд. Аммо дар пажӯҳишҳои олимон, ки арзишҳои миллии ин давраи таърих баррасӣ мешуданд, ин осор бояду шояд инъикос ва арзёбӣ нашудаанд [97,с.16-23].

Сарфи назар аз он, ки дар асрҳои миёна дар тамоми Шарқи мусулмонӣ арзишҳои миллӣ таҳти таъсири густардаи дин қарор доштанд, онҳо то имрӯз аҳамияти маънавию ахлоқии худро нигоҳ доштаанд.

Аксари арзишҳои миллии халқи тоҷик дар давраи исломии таърихи Тоҷикистон ташаккул ёфтаанд. Онҳо дар имтидоди асрҳо такмил ёфтаанд ва то ба замони мо расида, дар шакли арзишҳои миллӣ ба сарвати миллӣ табдил ёфтаанд. Дар ҳамин ҳол, дини ислом ба расму оин ва анъанаҳо фишори ҷиддӣ меовард. Аз ин рӯ, онҳо дар дар замони ҳозира бо ҳам бисёр муштаракот доранд.

Пас аз қабули дини ислом дар миёни мардуми тоҷик ҷашнҳои Иди қурбон ва Иди фитр дар миёни мардуми тоҷик маъмул гаштанд, ки бо анъанаҳои мусулмонон робитаи мустақим доранд [272,с.24].

Ҷузъи таркибии динӣ на танҳо дар арзишҳои миллии замони низоми феодалӣ вуҷуд дошт, ҳиссаи хеле зиёди диндорӣ дар арзишҳое низ вуҷуд дошт, ки дар давраи ибтидоӣ ва ғуломдории таърихи башарият хос буданд. Ин бо он тавзеҳ мегардад, ки худи ҷомеа ба ин гуна арзишҳо бевосита манфиатдор буд. Ҳолати мазкур гувоҳӣ медиҳад, ки арзишҳои миллӣ ва умумибашариро набояд ба динӣ ва зиддидинӣ тақсим кард.

Дар давраҳои зикршудаи таърих дин бештар фарҳанги инсонҳо ва ҷомеаро муайян карда, ҳаёти маънавии оммаи халқро танзим менамуд. Аҳамияти дин ва арзишҳои он замон хеле бузург буд, ки ба туфайли он меъёрҳои ахлоқию одоби рафтор дар байни мардум ташаккул ёфта, мазмуни зиндагии мардумро бо ормону хоҳишҳои муайян пурра менамуд. Аксари ин меъёру қоидаҳо то замони мо омада расидаанд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо ба муносибати эҳтиёткорона нисбат ба суннатҳои исломӣ ишора кардаанд. Пешвои миллат ба унвони мисол аҳамияти корномаи Исмоили Сомониро мисол овардаанд. Амир бо нуфузи худ ба «асри тиллоӣ» роҳ кушод, ки дар фарҳанги мардуми тоҷик ҳангоми ҳукмрониаш фаро гирифта буд. Исмоили Сомонӣ аз арзишҳои диние, ки анъанаҳои мардумро рушду таҳким бахшида, ба ташаккули худмуайянкунии миллӣ ва худшиносии миллӣ мусоидат намудаанд, моҳирона истифода кардааст [272,с.34].

4.Сармоядорӣ. Он арзишҳо манфиатҳои буржуазия ва сармоядоронро ифода мекарданд. Бо вуҷуди ин, дар он давра арзишҳои миллии дорои ҷанбаи умумӣ низ вуҷуд доштанд, ки ба таҳкими тартибот ва интизоми чи шахс ва чи ҷомеа нигаронида шуда буданд.

Дар меъёрҳои ахлоқии ин давра дигаргуниҳои ҷиддӣ ба амал омаданд. Илм ва таҳсилот аҳамияти калон пайдо карданд, зеро бидуни онҳо истеҳсолоти сармоядориро тараққӣ додан мумкин набуд.

5. Сотсииалистӣ. Барои арзишҳои миллӣ ва умумибашарие, ки хоси ин давраи таърихи халқи тоҷик аст, ифодаи манфиатҳои тамоми ҷомеа ва пеш аз ҳама, халқи заҳматкаш вижагии фарқкунандаи он мебошад.

Мо дар давраи сотсиалистии инкишофи арзишҳо далели фаъолона омезишёбии арзишхои умумибашариро қайд мекунем, ки ин ба ғановати мутақобила мусоидат кард. Албатта, мо чунин омезишро дар дигар давраҳои таърих ҳам мебинем, вале махз дар замони сотсиализм он бештар зоҳир мешуд.

Ғанишавии мутақобилаи фарҳангҳои гуногун ва дар натиҷа, арзишҳои гуногуни миллӣ ба он вобаста буд, ки халқҳои ҶШС Тоҷикистон бо халқҳои дигар ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шуравӣ дар заминаи манфиати умумӣ умр ба сар бурда, бо як конститутсия ва қонунҳои муштарак муттаҳид буданд.

Чунин шароит ба ташаккули одатҳо, расму оин ва анъанаҳои нав мусоидат кард. Аммо онҳо, бешубҳа, ба меъёрҳо, қоидаҳо ва таълимоти ахлоқии наслҳои пешин асос меёфтанд.

Дар баробари ин, набояд он далелро нодида гирифт, ки ҳамгироии фаъолонаи арзишҳои миллӣ бо арзишҳои умумибашарӣ баъзе ҷиҳатҳои манфӣ ҳам дошт. Дар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ дар замони сотсиализм кӯшиш мекарданд, ки аз «боқимондаҳои феодалӣ», «боқимондаҳои замони гузашта», «динпарастӣ» халос шаванд. Ҳокимияти расмӣ бо ин баҳона мафкураи худро ба халқ таҳмил намуда, саъю кӯшиш мекард, ки ақидаҳои намояндагони қишри зиёиёнро ба худ тобеъ созад, инчунин осори олимону адибони бузургро, агар ба меъёрҳои сотсиализм мувофиқат надошта бошанд, нобуд мекард [357,с.40].

Баъзе арзишҳои миллӣ бо мақсади «ғанигардонӣ»-ии онҳо як қатор аломатҳои фардии худро аз даст доданд, ки ин ба ҳолати меъёрҳои ахлоқии дар Тоҷикистон маъмулбуда таъсири манфӣ расонд.

Ҳамин тариқ, дар давраи сотсиалистии таърихи Тоҷикистон арзишҳое ташаккул меёфтанд, ки шакли миллӣ доштанд, аммо муҳтавои онҳо ба меъёру қоидаҳои сотсиалистӣ комилан тобеъ буданд.

Вазифаи ҳукумати марказии он давра дар ИҶШС тарбия намудани халқи «шуравӣ»-и ягона буд. Замоне ҳатто кӯшиш карда буданд, ки дар шиносномаҳои шаҳрвандони Иттиҳоди Шуравӣ миллати «шуравӣ» навишта шавад. Бо вуҷуди ин, хоҳиши нигоҳ доштани миллати худ дар байни мардум аз он ки мақомот интизор буданд, хеле нерумандтар баромад ва таҷриба бебарор дониста шуд.

Имрӯз ин тамоюли ҳифзи ҳувияти миллӣ бо нерӯи тоза зуҳур мекунад. Пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ соҳибистиқлол шуданд, узвият дар СММ-ро соҳиб шуданд ва ба тарғиби фаъолонаи таъриху фарҳанги худ иқдом намуда, арзишҳои миллӣ ва умумибашариро ба асос гирифтанд.

Дар Тоҷикистон сол то сол таваҷҷуҳи ҷавонон ба таърихи Ватан, фарҳангу адабиёти миллии худ ва эҷодиёти устодони бузурге, ки моликияти тамоми башарият гардида, аҳамияти арзишҳои умумибашариро касб кардаанд, дар ҳоли афзоиш аст.

Дар навбати худ, арзишҳои миллӣ дар тарбияи ҷавонон дар руҳияи муҳаббат ба Ватан, эҳсоси эҳтиром ба анъанаву ойинҳои мардумӣ, ба падару модарон ва куҳансолон, фаъолияти меҳнатӣ ва азхудкунии донишҳои нав мусоидат мекунанд.

Ҷавононе, ки ба таърихи Тоҷикистон таваҷҷуҳ доранд, сарфи назар ба душвориҳо аз наслҳои пешин дарс меомӯзанд, то ба ҳадафҳои худ расида, сарвати кишварро афзун гардонанд, онҳо бо такя ба илму фарҳанг, арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ якҷоя бо давлат рушд мекунанд [272,с.61-62].

Нуктаҳои дар боло зикргардида ба мо имкон дод, ки чунин хулоса барорем:

- арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ дар таърихи кишвар решаҳои амиқ доранд;

- сабабҳои пайдоиши арзишҳои мавриди таҳқиқи мо, талаботи давраи таърихӣ, шароити объективӣ ва субъективии табиӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ мебошанд.

Ба андешаи мо, шароити таърихие, ки аҷдоди мо дар он зиндагӣ мекарданд, ба ташаккули арзишҳои миллӣ, ки ҷузъҳои таркибии маънавии онҳо аз тимсолҳои таърихӣ ғизо мегиранд, бевосита таъсир расонидааст. Арзишҳои халқро бидуни пайвастан ба як давраи мушаххаси таърихӣ баррасӣ кардан ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, мо ба омӯзиши онҳо маҳз аз мавқеи равиши таърихӣ муносибат кардем.

Ҷиҳати мусбати истифода аз ин равиш дар он аст, ки он ба муҳаққиқ имкон медиҳад, ки хусусиятҳои ҳаёти гузашта ва имрӯзаи халқи тоҷикро биёмӯзад. Ин, бешубҳа, ба муносибати объективӣ ба проблемаи арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ мусоидат мекунад [170,с.204-207].

Ба андешаи мо халқу миллате, ки ба решаҳо ва асли фарҳанг ва илму ҳунари худ таваҷҷуҳ намекунад, дар бораи моҳият ва аҳамияти арзишҳои миллӣ тасаввурот надорад, вай наметавонад худшиносии шоиста дошта бошад, маънои ба даст овардани истиклолияти миллиро дарк намояд.

Муносибати таърихӣ омӯзиши ҳамаҷонибаи тамоми ҷанбаҳои арзишҳои миллӣ ва умумибашариро тақозо мекунад. Ҳар як шаҳрванди кишвар бояд дуруст дарк кардани муҳтавои арзишҳои миллӣ, идроки онҳо, донистани таърих ва ҳадафи онҳоро омўзад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҳз ба ҳамин самти таҳқиқоти арзишҳои миллӣ аваҷҷуҳ намудаанд. Сарвари давлат дар асарҳои худ навишта буданд, ки расму оинҳо ва одатҳои қадимиро нигоҳ доштан, онҳоро инкишоф додан ва танҳо бо назардошти шароити замони имрӯза истифода бурдан лозим аст. Пайравии кӯр-кӯрона ба анъанаҳо ба ягон чизи нек оварда намерасонад. Ин гуна муносибат ҷаҳонбинии инсонҳоро маҳдуд сохта, онҳоро аз робита бо халқҳои дигар давлатҳо маҳрум мекунад.

Танзими анъанаҳо, расму оин ва маросим проблемаи муҳими тамоми халқи тоҷик мебошад. Барои ин, бояд аз принсипҳои ахлоқие, ки наслҳои гузашта таҳия кардаанд, барои тарбияи ҷавонон истифода гардад.

## 1.3. Мафҳуми анъана ва расму оинҳо ҳамчун арзишҳои ахлоқии миллӣ ва аҳамияти онҳо дар тарбияи ҷавонони донишҷӯ

Мо дар таҳқиқоти худ ҳадафи омӯзиши моҳияти арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, вазифа ва нақши онҳо дар тарбияи сифатҳои писандидаи насли ҷавонро дар назди худ гузоштаем. Аз ин рӯ, дар ин таҳқиқоти илмӣ мо он арзишҳои миллиро баррасӣ мекунем, ки ба сифати зиндагии инсон, фаъолияти ӯ дар касбу кор ва зиндагии рӯзмарра таъсири мусбат расонида, ба таҳкими ахлоқу одоб мусоидат мекунанд. Илова бар ин, мо саъй намудем, ки зарурати соҳиб шудан ба арзишҳои миллати худ ва дигар халқу миллатҳоеро, ки арзишҳои онҳо руҳан ба мо наздиканд, асоснок кунем.

Миллатҳо ва халқҳои ҳамсоя, ки дорои арзишҳои муҳим мебошанд, аксаран дар асоси умумияти расму оин, анъанаҳо, меъёру қоидаҳои рафтор, тарзи зиндагии мушобеҳ, тарзи зиндагии рӯзмарра, ки дар зиндагии онҳо садхо сол ташаккул ёфтаанд, муттаҳид мешаванд. Ҳамин тариқ, мавҷудият ва рушди миллатро бештар омилҳои дар боло зикршуда муайян мекунанд. Зимнан, чунин омилҳо берун аз миллат вуҷуд дошта наметавонанд. Аз ин рӯ, миллат ва омилҳое, ки онро ташкил медиҳанд, бо ҳам алоқаманд буда, ҳамдигарро ғанӣ мегардонанд[264,с.21-30].

Барои он ки миллат устуворона вуҷуд дошта бошад ва инсон ба фардо дилпур бошад, омилҳои ба рушди миллат ва халқ таъсиркунандаро бодиққат таҳқиқ намудан лозим аст. Аҳамияти ин омилҳо бояд ба таваҷҷуҳи ҳар як шаҳрванди кишвар расонда шавад. Некуаҳволии шахсии инсон ва тамоми ҷомеа ба дастгирии шахсии шароити барои мавҷудияти миллат, халқ ва қавм зарурбуда вобастагӣ дорад.

Барои дар амал татбиқ намудани ин вазифа анъанаҳо, урфу одатҳои халқи худ, қоидаҳои рафтор, меъёрҳои ахлоку одобро донистан лозим аст. Дар баробари ин, чунин донишҳо бояд на танҳо дар бораи имрӯз, балки дар бораи гузашта низ маълумот дошта бошад. Бидуни он донишҳо барои инсон дарк намудани маънии арзишҳое, ки асоси зиндагии халқ мебошанд, душвор аст.

Барои пурра ба даст овардани ин донишҳо бо комёбиҳои навтарини илм оид ба проблемаи муайянкардаи мо шинос шудан зарур аст. Танҳо ба шарофати дониш мо метавонем анъанаҳо, урфу одат, расму оинҳои аз даст рафтаро, ки ҳомили эҳсосоти нек буданд, зинда гардонем ва бар мабнои онҳо, анъанаҳо, расму оин, урфу одат, расму оинҳои замони навро ташаккул диҳем. Ин фаъолият дар назди худ ҳадафи эҳёи миллиро мегузорад. М.Шакурӣ мафҳуми «эҳёи миллӣ»-ро фаъолияте медонад, ки дар ҷараёни он миллат аз ҷиҳати маънавӣ ҳаёти нав пайдо мекунад ва дар он арзишҳои миллии фарҳангии таърихи тулонидошта дубора маънии худро пайдо карда, ба бахши муҳими ҷомеаи муосир табдил меёбанд. Олим дар осори худ менависад, ки имрӯз мо бояд фаъолиятамонро тавре ба роҳ монем, ки ҳеҷ роҳе барои бозгашти кишвар ба рӯйдодҳои садаҳои XVII-XIX, ки мардуми тоҷик дар баҳри хуну ҷаҳолат ғӯтавар шуда буд, набошад. Эҳёи миллат танҳо дар сурати ба

даст овардани истиқлолияти фарҳангӣ  имконпазир аст, ки маънавиёти мардуми Тоҷикистонро ба зинаи нав боло бурда, миллатро ба эътироф дар арсаи ҷаҳонӣ мерасонад[192,с.137].

Бо мувофиқат бо андешаи М. Шакурӣ мо метавонем ҳадафҳо, вазифаҳои заруриро барои ташаккули маънавиёти ҷомеа тасвият намоем, ки фароҳам овардани шароити зарурӣ барои тарбияи ҷавонон дар руҳияи озодӣ, истиқлолият, ҳамсоягии нек ва эҳтиром ба дигар миллатҳо, халқҳо ва қавмҳоро талаб мекунад.

Ҳангоми ташкили раванди тарбияи насли наврас арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ ва ҷузъҳои асосии онҳоро дар шакли анъанаҳо, урфу одат ва расму оинҳо ба роҳбарӣ гирифтан лозим аст. Зимнан, муайян кардан лозим аст, ки вижагиҳои маънавии мардуми худ ва дигар халқҳои ҷаҳон чи гуна аст, инчунин тавассути кадом омилҳо шабоҳат ва тафовути арзишҳои халқҳои Тоҷикистон ва кишварҳои дигар тавзеҳ дода мешаванд.

Имрӯз мо бояд симои ахлоқию этикии худро тавре ташаккул диҳем, ки ба он на танҳо халқи тоҷик, балки намояндагони миллатҳои дигар низ талабгор бошанд. Ғайр аз ин, моҳияти ҳаёти моро арзишҳои умумибашарии дигар муайян мекунанд. Масалан, ормонҳои фарҳангӣ, принсипҳои ахлоқӣ, аҳкоми иҷтимоӣ. Онхо дар асрҳои гузашта талабгор доштанд ва дар замони ҳозира ҳам, ки дар ҷомеа дар шароити тағйирёбандаи иҷтимоию сиёсӣ анъанаҳо, урфу одатҳо ва расму оинҳои нав ташаккул меёбанд, аз ҷанбаи мубрам бархӯрдоранд.

Арзишҳои маънавии номбаршуда бояд дар ҳаёти ҳар як инсон роҳнамо шаванд. Дар акси ҳол, мо наметавонем сифатҳои худро такмил диҳем ва ба насли наврас маҷмуи арзишҳоеро ҳадя кунем, ки барои шахсият шудани онҳо мусоидат намоянд, онҳо на танҳо ба муваффақияти худ, балки ба муваффақияти ҷомеа ва кишвар таваҷҷуҳ дошта бошанд.

Мо арзишҳои миллиро аз аҷдоди худ мерос гирифтаем, ки самараи эҷодиёти неку мебошанд. М. Шакурӣ барои инсон аҳамияти ахлоқро, махсусан, таъкид кардааст. Ӯ навишта буд, ки буҳрони ахлоқ, аксаран, боиси чунин кирдорҳои ғайриинсонӣ, ба монанди ҷанг, харобшавии асосҳои давлат мегардад [373,с.27].

Нерӯи созандаи башарият танҳо ахлоқу ниятҳои нек аст. Онҳо инсонҳоро ба ҳам наздик мекунанд, ба одамон ёрӣ мерасонанд, ки ба қуллаи башардӯстӣ боло бароянд. Ҳамаи хислатҳое, ки номбар кардем ва инсон бояд онҳоро дошта бошад, ба нишонаҳои одамият ва башардӯстӣ тааллуқ доранд.

Асосҳои башардӯстиро дар замонҳои хеле қадим пайдо кардан мумкин аст. Масалан, Зардушт дар китоби «Авесто» (асри VII пеш аз милод) аломатҳои башардӯстиро бо пиндори нек, рафтори нек ва гуфтори нек хулоса кардааст. Ӯ навиштааст, ки инсон ҳайвони ваҳшӣ нест. Мо аз вуҳуш бо хираде, ки ба он корҳои хайри барои беҳбудии зиндагонии ҳамаи инсонҳо иҷрошаванда хос аст, фарқ мекунем.

Башардӯстиро Аҳуромаздо барои мардум офаридааст, ки маънии он  Худо ва хирад аст. Ҳамин тавр, инсон ҳамчун соҳибхирад,  ки бо зеҳнияти олӣ зуҳур кардааст, бояд кирдорҳои оқилонаро анҷом диҳад, яъне омӯзад, дониш андузад, илмҳоро фаро гирад, худро рушд бидиҳад ва дар пешрафти дигарон низ саҳмгузор бошад. Ӯ бояд тамоми дониш ва таҷрибаи худро ба манфиати халқ, ба манфиати давлат истифода намояд. Зӯроварӣ, адоват ва харобкорӣ бояд аз кирдор ва пиндори инсон хориҷ карда шавад. Зардушт дар ин бора орзӯ  карда, фикру зикр ва шиорҳои худро дар бораи сохтусоз ва маънии ҳаёт ба мо гузошта, онҳоро ба  ибораҳои кутоҳу муъҷаз мубаддал сохт.

Руҳ аз хислату кирдори неки инсон аён мегардад. Мардум мегӯянд, ки олим шудан аз одами воқеӣ шудан ба маротиб осонтар аст. Аз ин рӯ, барои мувофиқат кардан ба унвони инсони "воқеӣ" руҳи худро бо ахлоқу пиндорҳои нек пур кардан лозим аст.

Зардушт ин талаботро дар шакли се хислат: пиндори нек, рафтори нек ва гуфтори нек ба расмият даровардааст ва он имрӯз ба андарзи ҳикматомези сегонаи корҳое табдил ёфтааст, ки инсон бояд ҳаллу фасл намояд, то ҳаққи инсон номидани худро дошта бошад.

Андарзи сегонаи файласуфи бузурги замони қадим бар мабнои  аксари динҳои ҷаҳон, аз ҷумла ислом, буддоӣ ва насронӣ гузошта шуда буданд. Ҳоли ҳозир онҳо

яке аз принсипҳои асосии ЮНЕСКО, қисми таркибии СММ буда, самтҳои асосии инкишофи илм, тандурустӣ ва таҳсилотро муайян мекунанд [353,с.219-225].

Маҳз ба шарофати дарки моҳият ва аҳамияти андарзи сегонаи Зардушт, ки дар асари ҷовидонаи «Авесто» баён шудааст, башарият то ҳол симои инсонии худро гум накардааст. Инкишофи минбаъдаи андарзи сегона, дар ҷомеа оммавӣ гардондани он гарави инкишофи тамоми башарият, ҳифз ва такмил додани арзишхои миллӣ ва умумибашарӣ мегардад.

Имрӯз мо метавонем ифтихор намоем, ки ниёгони мо ба андарзҳои ҳикматомези оини зардуштӣ сазовор арҷ гузошта, бо пайравӣ ба се асл -пиндори нек, рафтори нек ва гуфтори нек заминаи ахлоқӣ барои зиндагии наслҳои оянда, шароити ҳастии тамоми башариятро гузоштаанд.

Пайдоиш ва ташаккули тарзи зиндагии инсонҳо, қоидаҳои рафтор, анъана, урфу одат, расму оин, ахлоқ, этика, хайрхоҳӣ ба арзишҳои миллӣ асос ёфта, дере нагузашта, худи ҳамаи ин мафҳумҳо ба арзишҳои миллӣ табдил ёфтанд.

Ба инсон аз лаҳзаи ба дунё омаданаш кирдор, рафтор ва гуфтори нек хос аст, ки бо номи одамият ё инсонигарӣ ёд мешавад. Дар анъанаҳо, урфу одатҳо ва расму оинҳои мардумӣ, одамият, хулқу атвор ва кирдори нек дар ҷойи аввал қарор дорад. Танҳо касе, ки дорои чунин сифатҳо аст, инсони воқеӣ номида мешавад.

Дар баробари ин, ба халқҳои алоҳида ва қавмҳо арзишҳои миллии инфиродӣ хосанд, ки танҳо дар як халқ ва ё қавм зоҳир мешаванд.

Аммо ба ҳар сурат, арзишҳои миллие сершуморанд, ки халқҳои гуногунро муттаҳид мекунанд. Маҳз ҳамин арзишҳоро мо ба арзишҳои умумибашарӣ мансуб медонем. Ин нуктаро ба назар гирифтан зарур аст.

Агар арзишҳои миллӣ дар шакли анъана, урфу одат, расму оин, меъёру қоидаҳои рафтор, ҳаёти ҳаррӯза маънои худро аз даст диҳанд, ба башарият бадахлоқӣ, гум кардани симои инсонӣ таҳдид мекунад. Муоширати байни одамон ба кирдорҳои бесарусомонӣ ва бехирадона, пур аз дағалӣ, бераҳмӣ ва аблаҳӣ мубаддал мегардад. Ин ҳолатҳо ба мо нишон медиҳанд, ки арзишҳои миллии аз ҷониби наслҳои гузашта андухташуда дар ҳаёти одамон аҳамияти бузург доранд. Аммо ин маънои онро надорад, ки имрӯз мо бояд ба гузашта баргардем ва аз тарзи

зиндагии ниёгон нусхабардорӣ кунем. Дар ҳар сурат, бозгашт ба гузашта имконпазир нест. Ҳаёт идома дорад ва мо бояд кӯшиш кунем, ки он чизҳои мусбати аз наслҳои гузашта ба мо мерос мондаро инкишоф ва такмил диҳем. Дар баробари ин, азхуд намудани он унсурҳои арзишҳои миллӣ, ки асоси ҷомеаро ташкил медиҳанд, зарур аст. Охир, дар бораи аҳамияти чунин хислатҳо, ба монанди рафтору кирдор ва пиндори нек касе баҳс намекунад [268].

Дар шароити муосир бояд ба арзишҳои миллӣ эҷодкорона муносибат кард, яъне онҳоро ба шароити иҷтимоие, ки дар давраи муайяни таърихӣ мавҷуд аст, мутобиқ кардан лозим аст.

Дар маҷлиси умумиҷумҳуриявии моҳи июли соли 1999 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тағйири муносибат ба баррасӣ ва кор бо анъанаҳо, маросим, расму ойинҳо, ҷашнҳо, қоидаҳои рӯзмарра ва ғайраро эълон намуданд. Сарвари давлат изҳор намуданд, ки ҳангоми ташкили идҳо, чорабиниҳои оммавӣ, ҷашнвораҳои мардумӣ арзишҳои миллии ниёгонро ҳамчун замина ба эътибор гирифтан зарур аст.

Замони нав арзишҳои миллиро бо руҳияи дигар фаро гирифт, шеваҳои баёни онҳоро муайян намуд, ки аз пешина фарқ мекунад. Аммо дар асл, ҳамаи онҳо идомаи замони гузаштаанд. Арзишҳои миллӣ мазмуни муосир пайдо кардаанд, ки дастовардҳои башарияти замони ҳозираро инъикос карда, ба тарбияи ҷавонон мусоидат менамояд.

Дар замонҳои қадим қудрат ва давлатдорӣ аз нуқтаи назари одамият арзёбӣ мешуд. Бинобар ин, мо чунин мешуморем, ки одамият бояд меъёри асосии арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ гардад.

Меъёрҳои дигари баҳодиҳӣ ба ҳаёти одамон одоби наку, тарбиядидагӣ ва боадабиро дарбар мегиранд. Ҳамаи онҳо дар тули садҳо сол ташаккул ёфта, дорои эътиқоди ҳақиқии мардуманд, ки ҳатто дар шароити имрӯза ҳам мубрам мебошанд. Ба онҳо танҳо мазмуни замонавӣ додан лозим аст.

Ҳамин тариқ, эҳёи ахлоқ бояд роҳнамои халқе бошад, ки барои истиқлолият, соҳибихтиёрӣ ва аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф шудан талош мекунад. Бо баррасии меъёри мазкур, бояд қайд кард, ки ҳадафи ҳаёти инсон ва мавҷудияти

ҷомеаро танҳо бо вуҷуд доштани шароити муайяни иҷтимоӣ ва иқтисодӣ тавсиф кардан мумкин нест. Ҳамаи онҳо муваққатӣ мебошанд. Ва танхо ахлоке, ки дар давоми асрҳо муҳтарам ва муътабар аст, асоси ҳаёти мо шуда метавонад [167,с.21-32].

Аммо, агар худи мо ба он чун чароғи роҳнамое муносибат кунем, ки роҳи зиндагии моро равшан мекунад ва ормони кунунӣ аст, аҳамияти ин меъёр метавонад назаррас бошад.

Масалан, имрӯз яке аз ҷузъҳои бунёдии ҳадафи миллӣ мудовимати миллӣ мебошад. Ин чунин маъно дорад, ки усул ва сатхи тарбиядидагӣ, хулқу одоби одамон бояд решаҳои таърихӣ дошта, дар айни замон ба талаботи имрӯзаи ҷомеа ҷавобгӯ бошад.

Вижагиҳои ҳаёти миллиро танҳо аз рӯйи он меъёрҳои ахлоқии миллӣ, ки воқеан муҳтавои онро инъикос мекунанд, ба таври воқеӣ арзёбӣ кардан мумкин аст. Барои он ки зиндагӣ, маишати инсон осонтар гардад, зарур аст, ки меъёрҳои ахлоқ мазмуни инсонӣ дошта бошанд.

Илова бар ин, чунин меъёрҳо бояд ба инсон барои муайян кардани муносибати ӯ ба арзишҳои миллӣ мусоидат кунанд.

На он мавҷуде инсон номида мешавад, ки дасту по, сар, бинии зебо, даҳон дошта бошад ва сухан гуфта тавонад. Ҳамонеро бояд ба ҳисоби инсон овард, ки дорои ақлу идрок, фаросат аст ва ин ҳама ҳадафмандона истифода мешаванд. Сифатҳои наку барои беҳтар кардани ҳаёти худ ва тарбияи фарзандон заруранд. Бинобар ин, хангоми талаффузи калимаи «инсон» мо, пеш аз ҳама, олами маънавии ӯро дар назар дорем.

Ҷамъбасти фосилавиро анҷом медиҳем. Инсон, ин дарунмояи руҳонӣ аст, на ҷилди берунӣ. Инсон дар раванди зиндагии худ руҳу равони худро такмил медиҳад, ғизои маънавӣ ба даст меоварад. Инсон саъй мекунад, ки наслро ҳамчун идомаи худ, ормонҳои худ, маънои зиндагӣ нигоҳ дорад. Инсон офарандаи, садҳо иншооти марғуби меъморӣ, техникаи тавоно ва муфид, неъматҳои моддӣ, илм ва асарҳои санъат мебошад. Инсон, ин хирад, нақшаҳои оянда, барномаҳои рушд, ободонии замин аст [172,с.254-262].

Дар асоси гуфтаҳои боло мо ба хулосае омадем, ки яке аз вазифаҳои асосии масъалаи миллии муосир такмили ахлоқи миллӣ, мутобиқ сохтани он ба шароити замони нав, идомаи анъанаҳои пуршараф ва неки ниёгон мебошад.

Ҳангоми ҳалли масъалаи миллӣ андарзи сегонаеро, ки дар китоби муқаддаси «Авесто» баён шудааст ва ба ташаккули ахлоқи инсонӣ дар ҷомеа нигаронида шуда, аз гузаштаи хеле дур сарчашма мегирад, набояд аз даст дод.

Ахлоқ бояд ба меъёрҳои рафтори инсон дар ҳамон давраи муайян мувофиқат дошта бошад. Дар ин ҳол анъана, урфу одат ва расму оинҳои наслҳои пешин бояд ҳамчун асоси ахлоқ боқӣ монад. Ахлоқи муосир бояд бо ақидаҳо ва пиндорҳои дар гузашта ташаккулёфта алоқаманд бошад.

Барои ба сатҳи байналмилалӣ баромадани миллат вижагиҳои миллӣ дар шакли дидгоҳи махсус, идрок ва арзёбии рӯйдодҳои ҷаҳонӣ мусоидат мекунанд. Дар баробари ин дарк намудан лозим аст, ки бар мабнои ин гуна вижагиҳо бояд ғамхорӣ дар бораи халқу миллати худ, беҳбудии ҷомеа, инчунин дарки аҳамияти дӯстии халқҳо барои тамоми шаҳрвандони Тоҷикистон, риоя намудани принсипҳои андарзҳои сегонаи ахлоқӣ дар шакли пиндору рафтору гуфтори нек қарор дошта бошанд.

Башарият дар ҳама давру замон дар орзуи сулҳ, бародарӣ ва зиндагии зебо умр ба сар бурдааст. Инсон барои таъмини некуаҳволии хонавода, халқ, миллат ва давлат саъй мекард, ки чизи навро дарк намояд. Беҳтарин офаридаҳои инсон аҳамияти арзишҳои миллӣ пайдо карда, дар навбати худ моликияти халҳои ҷаҳон гардиданд, яъне ба арзишҳои умумибашарӣ мубаддал гардиданд. Ҳамчун мисол 7 муъҷизаи оламро овардан мумкин аст, ки онҳоро намояндагони баъзе халқҳо эҷод карда буданд ва дар навбати худ ба арзиши умумибашарӣ табдил ёфтанд. Инҳо манораи Искандария, аҳромҳои Миср, боғҳои муаллақи Бобулистон, бути бузурги Родос, муҷассамаи Зевс дар Олимп, мақбараи Дион ва мақбараи Артемида мебошанд [148,с.113-116].

Мардуми Тоҷикистон аз он ифтихор дорад, ки намояндагони онҳо дар тарроҳӣ ва бунёди бархе аз муъҷизаҳои ҷаҳон ширкат кардаанд. Тоҷикистон низ муъҷизаҳои ба худ хос дорад, ки ба гузаштаи хеле дур, асрҳои миёна ва замони

ҳозира тааллуқ доранд. Бо шукӯҳу шаҳомат, миқёс ва зебоии худ онҳо аз шоҳасарҳои ҷаҳонӣ камтар нестанд. Масалан, маҷмааи мадраса ва мақбараҳо дар Ҳисор, Бухоро ё Самарқанд, маъбади оташи Навбаҳори Балх, иншооти обёрии заминҳо дар водии Вахш, роҳи оҳани Қӯрғонтеппа-Кӯлоб, канали Ҳисор, корхонаи алюминии Регар, осоишгоҳи «Гармчашма»- дар кӯхистони Помир, биноҳои Китобхонаи миллӣ, Театри мусиқӣ ва мазҳакавии ба номи Камоли Хуҷандӣ ва ғайра аз ҷумлаи чунин мӯъҷизаҳо мебошанд.

Ҳоло дар дарёи Вахш сохтмони неругоҳи азими барқи обии Роғун идома дорад. Ин иншооти муҳташам ва бениҳоят калон, бешубҳа, яке аз муъҷизаҳои воқеии ҷаҳон хоҳад шуд.

Инсон дар тамоми умраш бояд рисолати эҷодкориро иҷро намояд. Барои ҳалли ин масъала дар худ бояд инҳоро тарбия намуд [161,с.114-119]:

1. Дарки масъулияти худ дар назди халқ дар ин маврид, ки инсон унвонест, ки бояд ба он бо кирдору рафтори нек сазовор гардид.

2. Фаҳмидани он, ки танҳо инсони соҳиби ҷисму руҳи солим, барандаи тарзи ҳаёти фаъол метавонад эҷодкор бошад.

3. Идроки он ки инсон ҷузъи табиат аст. Аз ин рӯ, ӯ вазифадор аст, ки онро ба мисли худ муҳофизат кунад. Танҳо дар ваҳдат бо табиат тан ва руҳи солимро дар инсон нигоҳ доштан мумкин аст.

Минбаъд мо анъанаҳо, муҳтаво, мазмун ва аҳамияти онҳоро муфассал баррасӣ хоҳем кард.

## АНЪАНАҲО

Анъанаҳо дар маҷмуъ бо урфу одатҳо, расму оинҳо, қоидаю меъёрҳои рафтор инсонро аз хурдсолӣ бо олами атроф шинос намуда, ормонҳо ва мафҳумҳоеро ташаккул медиҳанд, ки дар оянда сифатҳои шахсии ӯ мегарданд. Дар раванди идроки аҳамияти анъанаҳо қалби инсон аз меҳру муҳаббат ва равони ӯ аз одамият пур мегардад. Донистан ва дарки анъанаҳо фикру зикри одамонро ҷолибтар намуда, афкорро баланд бардошта, қобилияти эҷодиро фаъол мегардонад. Азбаски анъанаҳо ҷузъи арзишҳои миллӣ мебошанд, онҳоро бо тамоми зуҳуроташон бояд мавриди омӯзиш қарор дод.

Ахлоқ ва хирад ба арзишҳои миллӣ асос ёфтаанд. Онҳо бо ҳамдигар робитаи хеле наздик доранд ва танҳо дар ҳамин иртиботи мутақобила вуҷуд доранд. Раванди эҳёи халқ ва миллатро яктарафа фаҳмидан мумкин нест. Ин бозгашт ба анъанаҳо, урфу одат, расму оин, қоидаю меъёрҳои гузашта нест.

Баръакс, эҳё ин поксозии фарҳанг аз гарду ғубори чандинасра аст, ки нишон додани сифатҳои беҳтарини худро халалдор менамуд. Эҳё ин такмил додани фарҳанг, ормонҳо, саъю кӯшишҳо, мулоҳизаҳои худ, майлу хоҳиши якҷоя бо аҳли ҷомеаи ҷаҳонӣ зиндагӣ кардан, дар асоси принсипҳои ҳусни ҳамҷаворӣ, бародарӣ ва ҳамкорӣ бо дигар миллату халқиятҳо ҷаҳони амну осоишта барпо кардан аст. Халқи тоҷик имрӯз ҳақ дорад дар оилаи бузурги халқҳое, ки намояндагони кишвару қитъаҳои гуногун мебошанд, ҷойгоҳи сазоворро ишғол намояд.

Дар баробари ин, бояд дарк намуд, ки ҳар як миллат хусусиятҳои хоси худро дорад, ки ба туфайли он дар байни халқҳои дигар фарқ мекунад ва фарҳанги ҷаҳониро ғанӣ мегардонад.

Ҳамаи гуфтаҳои боло гувоҳи он мебошанд, ки анъанаҳо, урфу одатҳо, расму оинҳо, қоидаҳо ва меъёрҳои рафтор, маишат, рӯзгори мардумони гуногун дар шароити муайяни таърихӣ, табиӣ ва объективию субъективӣ ташаккул ва инкишоф ёфта, аз насл ба насл мегузаранд ва ба як давраи мушаххас мувофиқат мекарданд [398,с.161-168].

Арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, албатта, барои ҷавонон аҳамияти тарбиявӣ доранд. Дар баробари ин, аҳамияти иҷтимоӣ ва сиёсии онҳоро набояд нодида гирифт. Ҷавононро тарбия намуда, дар онҳо эҳсоси эҳтиром ба арзишҳои миллӣ, анъанаҳо, урфу одатҳо, расму оинҳо, қоида ва меъёрҳои рафторро ташаккул дода, мудовимати наслҳоро таъмин намуда, насли наврасро ба муҳаббат ба Ватан, эҳтиром ба халқу миллатҳои саросари ҷаҳон ҳавасманд месозад.

Мардуми Тоҷикистон бояд манбаъҳо ва сарчашмаҳои пайдоиши арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, роҳҳои рушд ва такмили онҳоро бидонад. Илова бар ин, тоҷикон ҳам мисли ҳар як халқ бояд муҳтаво ва аҳамияти анъанаҳои мардумӣ, урфу одатҳо, расму оинҳо, қоидаю меъёрҳои рафторро донанд, онҳоро бо имрӯзу дирӯз алоқаманд созанд. Танҳо дар ин сурат инсон метавонад эҳсоси миллӣ, ифтихори

миллиро пурра идрок намояд, ҷойгоҳи мардуми тоҷикро дар тамаддуни ҷаҳонӣ дуруст арзёбӣ кунад.

Ҳамин тавр, ҷавононро дар самти омӯхтан ва дарки арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ бо назардошти талаботи замони муосир тарбия кардан лозим аст.

Кори тарбиявиро дар ин самт тавре ба роҳ мондан лозим аст, ки ҷавонон аз тамоми ҷанбаҳои анъанаҳо, урфу одатҳо, расму оинҳо, қоида ва меъёрҳои рафтори халқӣ амиқ огоҳ гардида, моҳият, муҳтаво ва мазмуни онҳоро дарк намоянд. Чунин тарбия ба насли нав имкон медиҳад, ки ормон ва мақсади халқи худро дарк намуда, онҳоро ба мубориза барои амалисозии орзуи чандинасраи тоҷикон ёд диҳад [290,с.147-151].

Барои амалисозии вазифаҳои пешбинишуда инсон бояд онҳоро дуруст дарк карда, аз мафҳумҳо, муҳтаво ва ҳадафи ниҳоии онҳо огоҳӣ ҳосил намояд. Дарки мафҳумҳои ҳамаи қисмҳои таркибии арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, махсусан, муҳим аст. Ин имкон медиҳад, ки маъно, ҳадаф ва вазифаҳои онҳо идрок карда шавад.

Тарбияи инсонро ҳамчун шахият ба қабули бошууронаи арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ равона кардан муҳим аст, зеро ин аз аҳамияти калони назариявӣ ва амалӣ бархӯрдор аст. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳор намуданд, ки агар миллат анъанаҳо, урфу одатҳо, расму оинҳо, қоидаҳо ва меъёрҳои рафтори дар байни мардум ташаккулёфтаи худро қадр карда натавонад, аз самараи соҳибихтиёрӣ ҳеҷ фоидае намебинад, наметавонад давлати соҳибистиқлолро бунёд кунад ва ба таври дуруст тавоноии демократияро ихтиёрдорӣ кунад.

Минбаъд худи мафҳуми «анъана»-ро ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи арзишҳои миллӣ ба таври муфассал баррасӣ хоҳем кард.

Дар замони ҳозира тафсирҳои гуногуни мафҳуми мазкур вуҷуд доранд. Масалан, ба ақидаи Ю.Акбаров ва М.Шукуров, истилоҳи «анъана»-решаи арабӣ дорад. Он достонеро дар назар дорад, ки маънии он ифтихор аз гузашта ва гузаштаи кишвар, қабила ва авлод аст. Агар вожаи «анъана»-ро аз лотинӣ тарҷума

кунем, пас он ҳамчун «нақл кардан», «муаррифӣ кардан» маънидод мешавад [393,с.3-11].

Истилоҳи «анъана»-ро низ дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ” пайдо кардан мумкин аст, ки дар он маънои ҳикояти пайдар пайи чанд нафар дар бораи ҳодисаи муайянест ва қиссаест, ки аз насл ба насл мегузарад.

Мо чунин мешуморем, ки ҳамаи тафсирҳои дар боло зикршудаи мафҳуми «анъана» моҳият ва маънии ин вожаро инъикос намекунанд. Дар асл, ин мафҳум хеле сермаъно мебошад. Онро бояд аз нуқтаи назари ҳаёти шахсӣ ва иҷтимоии инсон бояд баррасӣ намуд.

Анъанаҳо дар маишат, дар фаъолияти касбӣ, фарҳанг, адабиёт ва санъат зоҳир мешаванд. Аз ин рӯ, дар ҳар як ҳолат онҳо ҷанбаи вижа ва самти махсус доранд.

Доир ба ин масъала андешаҳои Ю.Акбаров ва М.Шукуровро мисол меорем. Онҳо дар асари илмии худ «Анъанаҳо ва навоварӣ» навиштаанд, ки таҳти мафҳуми анъана ҳамаи беҳтарин чизҳои офаридаи ниёгонамонро бояд дарк намуд, ки мероси онҳо дар тули асрҳои зиёд аз санҷиш гузашта, имрӯз дар тафаккур ва дилу дидаи мардум инъикос ёфтааст.

Анъанаҳо пайвандгари байни гузашта ва ҳозира мебошанд. Ин нукта хеле муҳим аст, зеро агар ҷавонон аз истифодаи таҷрибаи андухтаи наслҳои пешин дар зиндагии худ саркашӣ кунанд, он гоҳ рушди ҷомеа хеле суст шуда, шаклҳои манфӣ пайдо карда метавонад.

Чунин анъанаҳо, ки ҷузъи ҷудоинопазири ҳаёти имрӯзаи мо гардидаанд ва аз қадимулайём ба мо омадаанд, аз ҷумла қоидаҳои ҳангоми даромадан ба хона салом гуфтан, аз калонсолон пеш нагузаштан, дар сари дастархон дасти ношуста нанишастан, ба калонсолон дар сари дастархон ҷойи фахриро пешниҳод кардан, ҳангоми ба хона даромадани калонсолон аз ҷой бархостан ва ғайра. Ин анъанаҳо ба бахше аз ҳаёти тоҷикон ва тамоми мусулмонони Шарқ табдил ёфтаанд. Онҳо пешрафти ҷомеаро таъмин намуда, аҳамияти таҷрибаи насли калонсолро нишон медиҳанд. Ва агар ин робита қатъ гардад, дар ҳаёти ҷамъиятӣ буҳрон оғоз мешавад. Напазируфтани арзишҳои инсонӣ аз ҷониби инсон ҳатман сабаби гумроҳиҳои

минбаъда, таназзули руҳонӣ, аз даст рафтани меъёрҳои ахлоқию этикии ба халқ хосбуда мегардад [106,с.120-123].

Аз мулоҳизаҳои боло чунин хулоса бармеояд, ки аз таҷриба ва андарзҳои ниёгон дар ҳаёти худ истифода бурдан лозим аст. Бинобар ин, дар Тоҷикистон риояи анъанаҳо, урфу одатҳо, расму ойинҳои мардумӣ ва қонунҳои кишвар қабул шудааст.

Мо чунин мешуморем, ки анъанаҳо ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти инсонро дар бар мегиранд. Онҳо қувваи қонунӣ пайдо карда, ҳаёти ҷамъиятиро танзим менамоянд ва иҷрои онҳо барои ҳар як инсон, узви ҷомеа ҳатмӣ мебошанд.

Ҳамин тавр, анъана маҳсули ҳаёти чамъиятӣ мебошад. Дар раванди пешрафти ҷомеа анъанаҳо такмил ёфта, ба шароити нав мутобиқ мешаванд, хусусиятҳои ба руҳияи замон хосро пайдо мекунанд. Дар баробари ин, таҳкурсие, ки анъана бар он ташаккул ёфтааст, ҳатман нигоҳ дошта мешавад. Имрӯзҳо дар байни мардум чунин суханонро мешунавем: «ҳашар анъана шудааст», «рӯзи таваллуди инсон ҷашни анъанавӣ аст», «тӯйҳои нав ба шакли анъана даромадаанд».

Дар замони ҳозира анъанаҳои «сартарошон», «хатна», «гаҳворабондон», «мурочиат ба касби падару модар», «ба мерос додани молу мулк» аз нав зинда мешаванд. Ҳамаи онҳо решаҳои амиқи таърихӣ доранд ва аз ниёгон ба мо мерос мондаанд.

Ягон ҷанбаи зиндагиро наметавон пайдо кард, ки дар он ин ё он анъанаҳои халқӣ ба ин ё он шакл инъикос наёбанд.

Дар боло мо як қисмати андаке аз анъанаҳои мардуми тоҷикро баррасӣ намудем. Дар ҳаёти воқеӣ онҳо хеле зиёдтаранд. Барои он ки тасаввуроти мо дар бораи анъанаҳо комил шавад, паҳлуҳои дигари онҳоро омӯхтан лозим аст.

Мо итминон дорем, ки анъанаи ба таври сунъӣ таҳмилшуда қобили ҳаёт нест. Он бешубҳа монеаи ҷиддӣ дар ташаккули чизи дар мазмуни он гузошташуда мегардад. Илова бар ин, агар барои ба вуҷуд омадани анъанаи нав шароити иҷтимоӣ вуҷуд надошта бошад ва ё он ба таҷрибаи ниёгон асос наёбад, ин гуна анъанаро халқ ғайритабиӣ мешуморад ва онро дастгирӣ нахоҳад кард.

Ю.Акбаров ва М.Шукуров ин масъаларо чунин шарҳ доданд: анъанахои қадимиро ба асос гирифта, онҳоро бо мазмуни муосир пур кардан, имкониятҳои навро ошкор кардан лозим аст. Инсон тамоми имкониятҳоро дорад, ки гузаштаро бо имрӯзу фардо пайваст намуда, ба анъанаҳои нав табдил додани анъанаҳои кӯҳна, ки ба руҳияи замон хос бошад, муваффақ шавад [80,с.273].

Дар ин маврид олимон асосан анъанаҳои адабиро баррасӣ намудаанд. Вале мо чунин мешуморем, ки мулоҳизаҳои мазкур ба анъанаҳое комилан мувофиқанд, ки мазмуни дигар соҳаҳои ҳаёти инсонро инъикос мекунанд.

Неруи анъанаҳо хеле бузург аст. Онҳо чандин аср муқаддам ба вуҷуд омада, ба ҳаёти имрӯза таъсири бевосита мерасонанд.

Қобили зикр аст, ки анъанаҳо ҷузъи муҳими ҳаёти ҳар як инсон буда, асоси мавҷудияти маънавии ӯ мебошанд. Агар дар ҳаёти инсон тағйирот ба амал ояд, он гоҳ ба ҳолати анъанаҳо ҳам таъсир менамояд ва дар онҳо бо сифати нав зоҳир мегардад. Чунин тағйирот ба ташаккули анъанаҳои нав мусоидат мекунанд ё ба онҳо хислатҳои махсус медиҳанд.

Неруи анъанаҳо дар он аст, ки онҳо метавонанд ҷомеаро инкишоф диҳанд, дар ташаккули сифатҳои нек дар он саҳм гузоранд, ахлоқу маънавиётро такмил диҳанд. Бо вуҷуди ин, бояд анъанаҳоро истифода бурдан тавонист, ба татбиқи онҳо дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт эҷодкорона муносибат намуд.

Агар мо аз ҷустуҷӯи эҷодӣ дар омӯхтани анъанаҳо, аз омӯхтани имкониятҳои онҳо даст кашем, он гоҳ онҳо зуд ба «ҷисми бесамар» табдил меёбанд, ки барои мардум ғайриҷолиб ва бефоида мешаванд.

Бояд қайд намуд, ки анъанаҳо мувофиқи қонунҳои худ зиндагӣ мекунанд ва инкишоф меёбанд. Баъзеи онҳо кӯҳна мешаванд ва ба талаботи ҷомеаи муосир мувофиқ намеоянд. Аз ин гуна анъанаҳо қатъиян даст кашидан лозим аст. Масалан, имрӯз дар Тоҷикистон издивоҷи бармаҳал, бисёрзанӣ, издивоҷи хешу табор ва дигар суннатҳои ба ин монанд маънои худро гум карда, аз паст будани шуурнокии падару модар, ноогоҳии онҳо аз донишҳо дар бораи саломатии инсон шаҳодат медоданд [275,с.280].

Маҳз аз ҳамин сабаб дар байни аҳолӣ фаъолона ба роҳ мондани корҳои оммавию-таблиғотӣ дар самти тавзеҳ намудани сарчашмаҳои пайдоиши ин ё он анъана, моҳият, мазмун ва аҳамияти он дар ҷаҳони муосир басо муҳим мебошад.

Далелҳои таърихӣ шаҳодат медиҳанд, ки анъанаҳои як халқ ба анъанаҳои халқҳои дигар табдил ёфта, ба тавлиди анъанаҳои нав мусоидат карда метавонанд. Ин як раванди табиӣ аст. Дар асоси омезиши анъанаҳо халқҳои ҷаҳон ба ҳам наздик шуда, онҳоро дар ҳалли проблемаҳои муайяне, ки барои миллатхои гуногун муштараканд, муттаҳид менамоянд.

Ҳамин тавр, ҳамгироии анъанаҳое ба вуҷуд меояд, ки якдигарро ғанӣ мегардонанд ва арзишҳои умумибашариро ташаккул медиҳанд.

Дар давраҳои муайяни таърих анъанаҳои ин ё он халқ ба ҳаёти ҷамъиятии дигар халқ ё халқҳо таъсири калон расонда метавонанд. Аммо гузариши онҳо танҳо дар сурати мавҷуд будани заминаю шароити объективӣ ҷомаи амал мепӯшад. Анъанаҳоро ба таври сунъӣ аз як халқ ба халқи дигар  гузарондан ва бо зӯрӣ таҳмил намудан муяссар намешавад. Як халқ суннатҳои халқи дигарро дар сурате қабул мекунад, ки ба он ниёзе дошта бошад ва ин гуна анъанаҳо ба нафъи онҳо бошад.

Дар асоси ин мо ба чунин хулоса омадем, ки гузариши анъанаҳо дар сурате имконпазир аст, ки агар онҳо аз тарафи одамони дигари масъалаҳои инкишофи худро ҳалнамуда ва рисолати муайяни таърихиро иҷрокунанда талабгор бошанд. Дар баробари ин анъанаҳои нав бояд ба арзишҳои мавҷудаи миллӣ мувофиқат кунанд.

Анъанаи мардумӣ, ки аз як халқ ба халқи дигар мегузарад, дар шаклу мазмуни худ ҳатман тағйир меёбад, ба шароити нав мутобиқ мешавад. Аз ин чунин бармеояд, ки дар анъанаҳои мардумӣ такрори дақиқи анъанаҳои миллати дигарро пайдо намекунем. Вале ба вижагиҳои халқ ва қавми дигар мувофиқ кунондани анъанаҳо вақти хеле зиёдро талаб мекунад.

Ю.Акбаров ва М.Шукуров ин масъаларо чунин тавсиф кардаанд: анъанаҳои як халқ ҳамеша ба анъанаҳои гузарандаи халқи дигар муқобил мебароянд. Ин раванди мутақобила аст. Яъне  ҳам анъанаҳои гузаранда ва ҳам он анъанаҳое, ки дар байни

мардум аллакай вуҷуд доранд, тағйир меёбанд. Бо омезиш анъанаҳо сифату мазмуни нав пайдо мекунанд [266,с.332].

Олимон ба таври илова ба чунин ҳолат таваҷҷуҳ медиҳанд: агар болоравии анъанаҳои давраҳои гузаштаи таърих оғоз гардад, пас ҳангоми ба ҳаракат омадан онҳо бо мазмуну руҳияи нав пур мешаванд, ки ин натиҷаҳои нек ва самараи хуб медиҳад.

Чунон ки таърихи Тоҷикистон нишон дод, анъанаҳои замоне маълуму маҳбуби мардум фаромӯш шуда буданд. Масалан, Наврӯз, Сада, Меҳргон, Тиргон. Муддати тулонӣ онҳоро аз ҳаёти ҷамъиятӣ дур карданӣ шуданд. Аммо бо ба даст овардани истиқлолият ва соҳибихтиёрӣ аз ҷониби Тоҷикистон ин анъанаҳо эҳё шуданд. Онҳоро халқ базудӣ ба хотир овард, зеро аз хотираи худ онҳоро фаромӯш накарда буд.

Дар байни арзишҳои мардумӣ чунин анъанаҳоеро низ дучор меоем, ки дар айни замон оммавӣ нестанд ва дар ҳаёти халқ нақши чандон муҳиме надоранд. Аммо таъсири мусбати онҳоро ба ҷавонон метавон истифода намуд, зеро онҳо ба ташаккули арзишҳои миллии давраи нави таърихӣ мусоидат мекунанд.

Мо нақши мададгори ин гуна анъанаҳоро муҳим мешуморем. Аз ин бармеояд, ки вобаста ба замони мавҷудияти анъанаҳо баъзеи онҳо барои мардум аҳамият пайдо мекунанд ва баъзеи дигар аҳамияти худро аз даст медиҳанд.

Ю.Акбаров ва М.Шукуров навиштаанд, ки анъанаҳои алоҳидаи замони гузашта худро суст ва бевазоҳат зоҳир мекунанд. Аммо дар давраи нави таърихӣ онҳо якбора ба таври равшан дурахшида, босуръат инкишоф ёфтанд ва аҳамияти онҳо дар бозсозии ҷомеа аён буд [289,с.180-186].

Вале мо дар таърих далелҳои ба ҳам муқобилро низ мушоҳида мекунем, вақте ки анъанаҳои дар гузашта аҳамияти калондошта, дар давраи нави таърихӣ мавқеи худро пайдо накарданд. Онҳо дуюмдараҷа шуданд ва дар бозсозӣ нақши ночиз бозиданд ва вазифаи ёрирасонро иҷро мекарданд. Ба ин анъанаҳо шакли хонаводаҳои ҷамоатиро мансуб медонанд.

Бояд қайд намуд, ки бисёр халқҳои ҷаҳон, аз ҷумла халқҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон анъанаҳои худро мақсаднок навсозӣ намуда, онҳоро мустақилона

тағйир медиҳанд, инчунин анъанаҳои дигар халқҳо, масалан, русиро истифода мебаранд. Ба чунин анъанаҳое, ки тағйир ёфтаанд, маросими арӯсӣ дохил мешаванд.

Анъанаҳои нав бо роҳи душвор ба вуҷуд меоянд ва онҳоро одамон зуд ба осонӣ дарк карда наметавонанд. Ин раванд бо муҳокимаҳо, баҳсу мунозираҳои шадид мегузарад. Дар ҳаёти одамон аксар вақт рӯйдодҳо ва падидаҳое воқеъ мешаванд, ки қаблан маълум набуданд ва дар бораи онҳо чизе намедонистанд. Аммо инсон аз рӯйи фаросат эҳсос мекунад, ки шароити нав барояш фоиданок мешавад. Аз ин рӯ, ӯ ба омӯхтани онҳо мепардозад, онҳоро барои некуаҳволии ҳаёти худ мутобиқ месозад.

Батадриҷ он чизи нав, ки дар раванди муҳокимаҳо ва баҳсу мунозираҳо вориди зиндагии мо гардид, ҷузъи ҷудонашавандаи ҷомеа гардида, талаботу хоҳишҳои онро амалӣ менамояд.

Талабот ба анъанаҳо, устувории онҳо дар давраи мушаххаси таърихӣ аз дидгоҳ ва нуқтаи назари халқ муайян карда мешавад. Ин вазъиятро дар давраҳои барои халқ душвори бозсозии робитаю муносибатҳои иҷтимоӣ, масалан, дар вақти бо низоми дигар тағйир ёфтани як низоми иҷтимоӣ возеҳан дидан мумкин аст. Агар муносибатҳои нави ҷамъиятӣ ҷанбаи мутараққӣ дошта бошанд, анъанаҳои навро халқ ба осонӣ, бо шавқу рағбат қабул мекунад.

Аммо дар байни инсонҳо нисбат ба чизи нав, аз ҷумла анъанаҳо на ҳамеша якдилӣ вуҷуд дорад. Дар байни онҳо ҳам тарафдорони ғояҳои нав ва ҳам мухолифони онҳо ҳастанд. Мухолифати байни нав ва кӯҳна бо роҳҳои гуногун, бо роҳи осоишта, бо роҳи гуфтушунид ва ё бо муборизаи тезу тунд ҳал гардида, ҳатто ба муқовимати мусаллаҳона табдил меёбад. Мисоли равшани чунин мухолифат ба сотсиализм гузаштани халқҳои Осиёи Миёна мебошад. Дар давраи аз сотсиализм ба низоми ҷумҳурии демократӣ гузаштани Тоҷикистон низ ҳамин раванд ба мушоҳида расид [304,с.319].

Давраи гузариш дар ҳаёти ҳар як инсон, умуман ҷомеа дар масири худ ба душвориҳои зиёде дучор меояд. Аз ин рӯ, масъалаи чӣ гуна дуруст рафтор кардан дар вазъияти додашуда ҳамеша мубрам буд. Муҳим он аст, ки гузаштан ба шакли

нави иҷтимоӣ бо асосҳои гузаштаи ҳаёт робита дошта бошад. Аммо ҳаллу фасли масъалаи чиро аз гузашта ба ҳаёти нав гирифтан осон нест. Вале бе ин дар бораи мустаҳкам намудани сохти нави ҷамъиятӣ ва тарзи хаёт сухан рондан мумкин нест.

Дар нимаи аввали асри XX дар Россия ва Осиёи Миёна ғояҳои сотсиалистӣ фаъолона тарғиб карда шуданд. Кишварҳо ба сотсиализм талош доштанд. Дар ин давраи таърих одамоне буданд, ки пешниҳод мекарданд, ки асосҳои фарҳанги пешинаро ба ҳаёти нав нагиранд ва фарҳанги нави пролетарии худро барпо намоянд.

Албатта, ин гуна андешаҳо заминаи муайяне доштанд. Э.Потйе дар ашъори худ, ки баъдан «Интернатсионал»-и коммунистӣ гардид, навишта буд: «Мо тамоми дунёи зӯровариро нобуд мекунем...». Шоир орзу мекард, ки «ҳеҷбудагон, хама чиз мешаванд»... Баъзе коргузорону мудирони маҳаллии он замон низ ҳамин гуна мавқеъро ишғол мекарданд. Ин ғояҳо на танҳо дар соҳаҳои сиёсӣ ва иқтисодии ҳаёти халқ амалӣ гардиданд. Барҳамдиҳӣ нисбат ба анъанаҳо, урфу одат, расму оинхои халқҳо низ ба қайд гирифта мешуд [338,с.352].

Баъзе арзишҳои миллиро боқимондаи синфҳои истисморкунанда эълон карданд, ки бинобар ин ба халқ зарароваранд. Ин далели қавии рад кардани анъанаҳо, урфу одатҳо ва расму оинҳо гардид.

Ба ҳамин тариқ, мактабҳои навъи нав ташкил карда шуда, барномаҳои таълимӣ, тартиби акди никоҳ бастан ва бекор кардани он мавриди бозбинӣ қарор дода шуданд. Тағйирот дар шакли либоси занона, ороиши мӯй ва бисёр чизҳои дигар ворид шуданд. Хоҷагиҳои дастаҷамъӣ (колхоз) аз рӯйи принсипи моликияти ҷамъиятӣ ташкил карда шуда буданд. Чунин ислоҳот яксон қабул карда намешуданд. Ба ҳаёти халқ дохил шуданн падидаҳои нав душвор буд. Аммо маҳз онҳо барои амалӣ гардидани ғояҳо ва анъанаҳои нав асос гардид.

Фаъолияти фарҳанги пролетарӣ дар тамоми давраи сохтмони Ҳокимияти шуравӣ дар Тоҷикистон ҳам зоҳир гардид. Бо оғоз гардидани ҷанги шаҳрвандӣ, пешвоёни алоҳидаи исломгароён кӯшиш карданд, ки ҳаракати коммунистиро бо роҳи аз ҷиҳати ҷисмонӣ нобуд кардани дигарандешон, аз ҷумла на танҳо коммунистон, балки раҳбарони ҳокимияти шуравӣ, омӯзгорон, шаҳрвандони содиқ

ба ҳукумати нав саркӯб кунанд. Чунин амалҳо дар давраи муосири таърихи Ҷумҳурии Тоҷикистон, вақте ки Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон аз харитаи ҷаҳон нопадид шуда, давлати мустақили демократӣ бо ин ном ташкил ёфт, ба қайд гирифта шуд. Солҳои 90-уми асри гузашта бо оғози ҷанги бародаркуш дар ҷумҳурӣ баъзе пешвоёни исломгаро кӯшиш карданд, ки насли наврасро ба бунёди кишвар бар асоси усули исломӣ ҷалб кунанд.

Вале ақли солим пирӯз гардид. Ба туфайли миёнҷигарии Федератсияи Русия ва Ҷумҳурии исломии Эрон ҷонибҳои даргир сари мизи гуфтушунид нишаста, ҷанги бародаркушро қатъ карданд.

Ин таҷрибаи сулҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бисёр кишварҳо намунаи ҳалли осоиштаи масъалаҳои баҳснок гардид. Имрӯз шаҳрвандони Тоҷикистон муътақиданд, ки танҳо бо ҳамин роҳ ба ҳар мушкиле расидагӣ мешавад. Ба тавофуқ расидан ҳамеша мумкин аст, агар шумо на танҳо ба далелҳои худ, балки ба далели тарафи дигар низ гӯш диҳед. Тарафҳои қаблан мутахосим бо қабули шартҳои қобили қабули ҳамагон шарики бунёди давлати демократӣ ба манфиати тамоми сокинони он мешаванд [343,с.142].

Бо вуҷуди ихтилофҳо, нерӯҳои мухолифаткунанда набояд гузоранд, ки мардум бо сабаби баҳсҳои сиёсӣ, бахусус, насли ҷавон ва пиронсолон ранҷу азият бикашанд.

Бояд саъй намуд, ки дар мамлакат сулҳу осоиш ба ҳар қимате ки бошад, таъмин карда шавад. Ба манфиати сулҳу пешрафт ба ҳамзистии осоиштаи мухолифони идеологӣ ҳамчун чораи охирин ноил шудан лозим аст.

Мақсади имрӯзаи мо аз воқеаҳои гузашта хулосаи дуруст бароварда, тарбияи ҷавононро тавре ташкил кардан лозим аст, ки онҳо аҳамияти сулҳу амният, дӯстӣ ва ҳусни ҳамҷаворӣи халқҳои гуногун, ҳамкории мафкураҳои ба ҳам зидро дарк намоянд. Барои ҳалли ин масъала таҳсилот ва илми педагогикаро инкишоф додан, технология, методҳо ва методикаи онро такмил додан лозим аст.

Дар байни арзишҳои миллӣ бояд «оин», яъне «қоида»-ро ҷудо кард.

Дар фарҳанги «Ғиеё-ул-луғот» оварда шудааст: вожаи «оин» решаҳои арабӣ ва маънои "кӯмак расонидан"- ро дорад.

Дар “Фарҳанги забони  тоҷикӣ” вожаи мазкур ҳамчун қоида, расму одат, қонун ва низом маънидод шудааст.

Илова бар ин, тафсири вожаи «оин»-ро метавон ба таври дигар баррасӣ кард. Масалан, агар ин вожа ба шакли «ойин» навишта шуда бошад, пас маънои дигар пайдо мекунад. Дар «Ғиеё-ул-луғот»  вожаи «ойин»-ҳамчун дастур, роҳ, услуб маънидод мегардад. Дар фарҳанги  «Бурҳони қотеъ» вожаи мазкур ҳамчун дастурамал ва дар фарҳанги «Баҳори Аҷам» ба маънои «омода кардан», «нишон додан»,  «кардан» тафсир шудааст.

Ин мафҳумҳоро ҷамъбаст намуда, ба хулосае омадан мумкин аст, ки «оин», яъне, қоида, чунин маъно дорад: усул, дастур, нишондод, усул, услуб, гирифтан, покиза кардан, барпо кардан, партофтан, сарнагун кардан, партофтан, додан, кардан ва ғ.

Мо чунин мешуморем, ки вожаи «оин» маънои вожаҳои тарз, дастур, дастурамалро пурра ифода мекунад. Ҳамаи ин тафсирҳо аз майлу хохиши беҳтар намудани ҳаёти инсон, ёрӣ расондан ба ӯ далолат мекунанд. Бинобар ин, моҳияти вожаи «оин» маҳз дар ҳамин аст. Аз ин бармеояд, ки «оин» яке аз арзишҳои миллии мардуми тоҷик ба шумор меравад.

Мо чунин мешуморем, ки «оин» (қоида, аҳком) бояд ҳамчун танзим, муайянкунанда фаҳмида шавад. Маънои ин калима бояд ҳамчун мутобиқшавӣ ба меъёрҳои аз тарафи умум эътирофшудаи рафтори инсон, ҳамаи хислатҳои ҳаётии ӯ, ки бо фаъолияти шахсию ҷамъиятӣ алоқаманданд, ифода карда шавад. Аз ин рӯ, мегӯянд: «оини рӯза», «оини  мусулмонӣ», «риояи  оин, урфу одат». Ҳамаи ин ифодаҳо муқаррароти муқаддасанд [374,с.180].

Бояд дарк намуд, ки қоидаҳо дар муҳтавои худ руҳияи замонро инъикос намуда, ҳаёти одамро муайян мекунанд, ҷиҳатҳои гуногуни онро мушаххас месозанд. Оинҳо, таълимотҳо аз ҷониби одамон барои ташкили ҳаёти худ, тибқи тартиби муайян истифода мешаванд. Ин барои он зарур аст, ки худро аз иштибоҳоте, ки метавонанд ба худ ва дигар одамон, умуман ҷомеа зарар расонанд, муҳофизат кунанд.

Аз тарафи инсон риоя гардидани меъёрҳои муқарраршуда гарави инкишофи бомуваффақияти ӯ, рушду пешрафти тамоми ҷамъият мегардад. Ин ҳадафи асосии қоидаҳо мебошад. Аз ин рӯ, мо онҳоро ба гурӯҳи арзишҳои миллӣ мансуб медонем.

Ҳамин тавр, оинҳо ва таълимот имрӯз ба воситаи ҳақиқии муътадилгардонии ҳаёти ҷамъиятӣ, бо муҳтавои мушаххас пур кардани он, ба миён гузоштани ҳадафи ниҳоӣ табдил ёфтаанд.

Мардуми Тоҷикистон муддатҳои тулонӣ оинҳои гуногунро истифода мебурд. Масалан, таълимоти зардуштия. Дар ҷумҳурии мо аҳолии муъмин барои ташкили ҳаёти худ аз меъёрҳои шариат, яъне таълимоти исломӣ истифода менамояд. Бинобар ин, дар байни онҳо иборахое аз қабили: «оини рӯза», «шариати ислом» ва ғайра маъмуланд. Аммо барои ҳамаи шаҳрвандони кишвар қонуни асосие, ки тартиби зиндагиро муайян мекунад, Конститутсия мебошад. Дар баробари ин, ҳам аҳкоми исломӣ ва ҳам қонуни асосӣ арзишҳои миллӣ мебошанд.

Чунин қоидаҳоро мардум дар дигар шаклҳои ташкили ҷомеа низ истифода мебаранд. Масалан, хуччати асосие, ки фаъолияти корхона, иттиҳодияи истеҳсолӣ, ширкатро муайян мекунад, оиннома мебошад. Дар ин ҳуҷҷат мазмуни фаъолияти ташкилот, ҷанба ва қоидаҳои ҳамкории он бо дигар ташкилот, коллективҳои меҳнатӣ, мақомоти давлатӣ ва ғайра нишон дода шудаанд [392,с.290].

Қобили зикр аст, ки ҳар як санади меъёрӣ, аз ҷумла оиннома аҳамияти муайяни тарбиявӣ дорад. Дар баробари ин муҳтавои онҳо мазмуни фалсафию ҳуқуқӣ дорад, ки аз ҷиҳати аҳамият ба фаъолияти педагогӣ монанд аст.

Дар «Ғиёс-ул-луғот» вожаи «расм», яъне «одат»-ро пайдо мекунем. Тафсири он дар луғатҳои гуногун ба таври мухталиф дода шудааст. Аммо ба таври маъмул маънои "аломат", "қоида", "одат" умумӣ мебошад.

Дар фарҳанги Сироҷ «расм» ҳамчун қонун, қоида омадааст. Ин вожа решаи арабӣ дорад. Ба таври маҷозӣ маънии онро метавон ҳамчун «вазифа», «калима» тафсир намуд. Ба маънои мантиқӣ, он ба ашё ишора мекунад. Масалан, бо ин калима мафҳуми инсон муайян карда мешавад.

Вожаи «расм» аз замонҳои қадим ба мо омада, маънои қиёсӣ дошт. Масалан, барои муқоиса кардани инсони боақл бо ҳайвоне, ки сухан гуфта метавонад, истифода мешуд.

Агар мо ҳадафи таҳқиқотеро, ки мо гузаронида истодаем, ба асос гирем, пас мебинем, ки мафҳумҳои қоида ва қонун, ки барои танзими бисёр ҷиҳатҳои ҳаёти инсон ва ҷомеа истифода мешаванд, маъноҳои мушобеҳ доранд. Ба ин маънӣ вожаи «расм», яъне урфу одатро ҳамчун қоидаҳо, қонунҳое маънидод кардан мумкин аст, ки ҳаёти инсон, ҷомеа, мардумро муайян мекунанд. Риояи ин қоидаҳо барои ҳамаи шаҳрвандони Тоҷикистон ҳатмист.

Дар нутқи гуфтугӯӣ «расм» маънои мустақил дорад. Масалан, чунин мегӯянд: «расми халқи мо». Аксар вақт вожаи «расм» дар ҳамгирой бо дигар калимаҳо истифода мешавад: «Расму оин», яъне одат, қоида. Шакли дигари он «русум», яъне шакли ҷамъи арабии он мебошад. Онҳо як маъно доранд, ки ба мафҳуми урфу одат мувофиқат мекунанд [49,с.510].

Калимаҳои «одат» ва «тартиб» аз лиҳози маънӣ ба ҳам хеле наздиканд, зеро онҳо як вазифаи умумиро доранд, ки дар танзими ҳаёти инсон, ҷомеа ва мардум ифода меёбад.

Аммо дар баъзе мавридҳо арзишҳои миллии дар боло тавсифшударо бидуни ҳамгирой бо мафҳумҳои дигар ҳар якеро алоҳида баррасӣ кардан лозим меояд. Масалан, калимаи «оин»-ро танҳо ҳамчун қоида ва «одат»-ро ҳамчун хислат бояд омӯхт. «Русум»-ро ба маънои аслиаш чун тартиб, аммо на ба маънои одат таҳқиқ менамоем

Дар ин ҳол бояд гуфт, ки ҳамаи ин суханон ба як фикр мувофиқанд. Аз ин рӯ, аксар вақт онҳоро ба шакли «расму одат» истифода мекунанд.

Ҳар як халқ, аз ҷумла халқи тоҷик, расму одатҳое дорад, ки хоси тамоми мардум аст. Аммо расму одатҳои ба як гурӯҳи муайяни иҷтимоӣ хос низ ҳастанд. Масалан, урфу одатҳои динӣ.

Дар таҳқиқоти худ мо зарурати ташкили мубоҳиса барои ҷустуҷӯи мафҳумҳои ҳар як арзиши миллиро намебинем. Мо роҳҳои истифодаи арзишҳои миллиро барои ташкили кори самараноки тарбиявӣ бо ҷавонон меҷӯем. Аз ин рӯ, мо зарур

мешуморем, ки аҳамияти арзишҳои миллиро дар робита ба корҳои тарбиявӣ баррасӣ намоем.

Масалан, дар ноҳияҳои шимолии Ҷумҳурии Тоҷикистон урфу расми қабули меҳмон, густурдани дастархон ва дар сари дастархон нишондани меҳмонон ва ғайра мавҷуданд. Дар ин ҷо қабл аз хӯрдани нозу неъмат ба соҳиби хона таманнои нек кардан, яъне фотеҳа хондан анъана шудааст. Дар ҷануби ҷумҳурӣ барои ин кор қоидаи қатъӣ нест. Аммо новобаста ба ҳудуд меҳмон барои тоҷикон фиристодаи Худост, аз ин рӯ ҳама ба қонунҳои меҳмоннавозӣ эҳтиром мегузоранд. Дар Тоҷикистон одат шудааст, ки меҳмонро эҳтиром намоянд, ба ӯ таваҷҷуҳ зоҳир кунанд ва агар хоҳише дошта бошад, ба қадри имкон онро иҷро кунанд.

Қоидаҳои меҳмоннавозӣ ҳамеша бо некӯаҳволии инсон робита доштанд. Дар сурате, ки инсон осудаҳол бошаду ба чизе эҳтиёҷ надошта бошад, меҳмон ҳамеша барояш дилхоҳу матлуб ва ҳадяи Худованд аст.

Дар замонҳои қадим дар Тоҷикистон сарватмандон савори асп мешуданд, аз ҷумла ба меҳмонӣ аспсавор мерафтанд. Дар ин ҳол, аз рӯйи қоидаҳои меҳмоннавозӣ соҳиби хона, ки меҳмононро пешвоз мегирифт, на танҳо ба меҳмонон эҳтиром нишон медод, балки аспҳои меҳмононро ҳам нигоҳубин менамуд, яъне хидматрасонии онҳоро таъмин мекард, ба онҳо обу алаф медод. Ин як амали маъмул буд. Аммо дар лаҳзаҳои душвори зиндагии як инсони оддӣ мардум мегуфтанд, ки” меҳмон атои Худо бошад ҳам, аспаш балои Худо аст”. Ин маънои онро дошт, ки чунин меҳмон ҳарчанд азиз бошад ҳам, хӯрок додани аспи ӯ хеле гаронхарҷ мебошад [19,с.816].

Дар асоси далели боло мо ба хулосае омадем, ки меҳмоннавозиро бояд як падидаи иҷтимоӣ арзёбӣ кард. Қоидаҳо ва тафсири он бо тағйири вазъи иҷтимоии аксарияти шаҳрвандони кишвар тағйир меёбад.

Аз ин рӯ, дар таърих чунин мисолҳоеро пайдо хоҳем намуд, ки баъзе расму оинҳо аз байн рафта, ба ҷойи онҳо урфу одатҳои дигар омадаанд. Ба чунин дигаргуниҳо вазъи моддии одамон бевосита таъсир мерасонад.

Одати меҳмоннавозӣ дар миёни мардуми Тоҷикистон маъмул аст. Аммо тоҷикон расму русуми дигаре ҳам доранд, ки иҷрои онҳо маросими вижаеро

тақозо мекунад. Ба инҳо гаҳворабахшон, вақте ки волидон дар бораи издивоҷи писару духтари навзод дар оянда мувофиқат мекунанд; маросими гаҳворабандон, яъне ба гаҳвора бастани тифл; домодталабон, даъвати домод ба хонаи падараръӯсаш; келинталабон, пазироии арӯсе, ки ба хонаи волидонаш омадааст; хонадомод, яъне пас аз издивоҷ ба оилаи падарарӯс сокин шудани навхонадорон; расму оинҳои вобаста кафну дафни марҳум ва ғайра дохил мешаванд [70,с.503].

Расму оинҳо, урфу одатҳо дар давраҳои мушаххаси таърихии ҳаёти халқ ташаккул ва такмил меёбанд. Онҳо ҳамеша барои башарият аҳамияти фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ доштанд. Махз аз рӯйи урфу одатҳо ва расму оинҳо ба дараҷаи тараққиёти фарҳангию иқтисодии халқ дар як давраи муайян баҳо додан мумкин аст. Қоидаҳои мазкур дар гузашта ҳам ҷой доштанд ва имрӯз низ мубрам мебошанд.

Имрӯз бо дастури Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, кори танзими анъанаҳо ва маросим идома дорад. Аз ҷумла, баъзе урфу одатҳо дар марҳалаи кунунӣ соддагардонӣ ё ворид намудани ислоҳоти муайянро тақозо мекунанд. Анъанаҳое ҳастанд, ки татбиқи онҳо тасҳеҳи хароҷоти моддиро талаб мекунад. Зарурати чунин дигаргуниҳо тақозои замон аст ва аз шароити мушаххаси иҷтимоию иқтисодие, ки мардуми Тоҷикистон дар он қарор доранд, бармеояд.

Барои расидан ба ҳадафи таҳқиқоти худ мо бояд диалектикаи ташаккул ва инкишофи арзишҳои миллии мардуми ҷумҳуриро бодиққат мавриди омӯзиш қарор диҳем. Урфу одатҳо, расму оинҳои тоҷикон асоси анъанавии худро доранд. Онҳо дар раванди инкишофи анъанаҳо арзи вуҷуд намуда, инкишоф ёфта, дар давраи муайян такмил меёбанд ва баъд ба худи анъана мубаддал мешаванд. Ин раванд барои пайдоиши урфу одатҳои нав шароити заруриро ба вуҷуд меорад. Аз ин рӯ, ягонагии урфу одатҳо, расму оинҳо ва анъанаҳо амри табиист. Аз нуқтаи назари диалектика ҳамаи онҳо аз ҳамдигар ҷудо ба таври алохида вуҷуд дошта наметавонанд.

Ҳамин тариқ, арзишҳои миллӣ дар шакли қоидаҳо, одатҳои рӯзмарра, урфу одатҳо, анъанаҳо ва ғайраро ҳамчун занҷири иборат аз ҳалқаҳои ба ҳам алоқаманд

ҳисоб кардан лозим аст. Ин қонунияти диалектикӣ мебошад, вақте ки як рӯйдоди ҳаёти инсон, ҷомеа, одамон давомдиҳандаи воқеии рӯйдодҳои оянда мегардад. Дар ҳамин ҳол, як падида метавонад боиси тавлиди падидаи дигаре гардад, ки қаблан вуҷуд надошт. Аз ин бармеояд, ки урфу одат дар як давраи муайяни таърих ба одати нав табдил ёфта метавонад. Чунин қонунияти диалектикӣ тараққиёти ҷамъият ва такмили онро муайян мекунад.

Дар фарҳангу луғатномаҳо дар бораи чунин арзиши миллӣ бо номи «таомул», яъне тартибот маълумот пайдо намекунем. Аммо дар воқеъ он мавҷуд аст ва хусусиятҳои худро дорад [69,с.241].

Тавре ки мардум мегӯянд, «мо ҳамин гуна таомул дорем». Масалан, агар меҳмонон ба хона оянд, бояд аввал фотеҳа ё дуо хонда шавад, то ки маротиби эҳтиром ва орзуҳо ба соҳиби хона баён карда шавад.

Фотеҳа ё дуо имкони ҳалли ду масъаларо фароҳам меоварад. Аввалан, ба сарвари хонадон некиву хонаободӣ таманно мегардад. Дуюм, аломати он аст, ки вақти ба охир расидани меҳмонӣ фаро расидааст ва бояд манзили мизбонро тарк намуд. Ин аст, ки баробари хондани фотеҳа дар охири зиёфат меҳмонон ба хайрухуш бо мизбонон мепардозанд. Аммо, бояд донист, ки чунин маросим дар баъзе нохияҳои ҷумҳурӣ ҳатмӣ нест. Аз ин рӯ, мо баъзе фарқиятҳои чунин таомулро  дар байни сокинони шимол ва ҷануби кишвар  пайдо хоҳем кард. Намунаи чунин тафовутинчунин тартиби пешниҳоди таомҳо ба меҳмонон аст. Агар дар шимол аввал шириниҳо пешкаш кунанд, пас дар ҷануб ба меҳмонон аввал чой пешниҳод карда мешавад.

Ҳамчунин бояд донист, ки «таомул»  чун урфу одат, арзишҳои гуногуни миллиро иваз мекунад. Масалан, мо «расму оин»-ро чун урфу одат мефаҳмем. Дар баробари ин, «расм» низ як одат аст. «Русум» низ чунин маъно дорад. Бинобар ин. дар баъзе мавридҳо ин вожаҳо пай дар пай истифода мешаванд. Дар гуфтори мардуми тоҷик чунин ибораро намеёбем: « мардуми мо русуми хос дорад».Дар ин ҷо "русум" танҳо як калимаи оддӣ аст. Мо ҳамин гуна омезишро дар дигар арзишҳои мардум пайдо хоҳем кард. Ҳама якҷо «таомул», «оин», «урф» ҳамчун «одат» дарк мешаванд. Ҳамин тавр, ин мафҳумҳо маънии якхела доранд.

Дар «Ғиёс-ул-луғот» омадааст, ки истилоҳоте чун «русум», ки чун урфу одат маънидод мешавад, «оин», ба маънои таълимот ва «одат», ки чун одат фаҳмида мешавад, вазифаҳои якхела доранд.

Дар баробари ин, дар маъхазҳои адабӣ ва ҳам дар гуфтори мардумӣ вожаи «русум»-ро, ки алоҳида, бидуни ҳамгирой бо калимаҳои дигар оварда шудааст, пайдо намекунем. Аз ин рӯ, мо наметавонем таърифи якхелаи ин истилоҳро диҳем [107,с.176].

Дар робита ба вожаи «урф», ки дар алоҳидагӣ ба кор нарафта, танҳо дар ҳамгирой истифода мешавад, ҳамин гуна вижагиҳо низ вуҷуд дорад. Масалан, ибораи «урфу одат»-ро метавон ҳамчун «боқимонда» маънидод кард. Аммо, дар луғат мо «урф»-ро дар алоҳидагӣ пайдо намекунем.

Масалан, дар «Ғиёс-ул-луғот» тафсири «урф» ҳамчун хаёти рӯзмарра оварда шудааст. Решаҳои «урф» ба забони арабӣ бармегарданд, ки дар он чун «арф» талаффуз мешавад ва ба унвони саховат, дониш маънидод мешавад. Ба маънои васеъ «арф» дар байни арабҳо ифодаи ин сифатҳоро ба мардум дошт. Масалан, шафқат ба мардум, иффати мардум ва ғайра. Он ҳамчун меҳрубонӣ, марҳамат низ маънидод мешавад. Яъне ин вожа мафҳумҳои зиёде дорад, ки вобаста ба таносуби “арф” бо вожаҳои дигар шарҳу тафсир мешаванд.

Дар давраи шуравии таърихи Тоҷикистон вожаҳои «урф», «оин» ба як маънои мазҳабӣ идрок шуда, ба мисли дастнорас будани таҳсилот барои мардум, бисёрзанӣ, нобаробарии гендерӣ, боқимондаи замони гузашта ва ғайра маҳсуб мешуданд.

Дар замони ҳозира «урф»-ро зиндагии рӯзмарра, дар шакли меҳрубонӣ ва хайрхоҳӣ медонанд. Ҳамин тариқ, ин вожаро аз рӯйи маънои семантикии худ метавон ба арзишҳои миллӣ нисбат дод, ки дорои аҳамияти муҳими тарбиявӣ мебошанд.

Акнун ба баррасии вожаи «одат» мепардозем.

Маънои луғавии «одат» маъмулӣ аст. Агар онро аз нуқтаи назари педагогию психологӣ баррасӣ намоем, пас ин маънои «одат»-ро пайдо мекунад. Аммо агар дар нутқи гуфтугӯӣ «одат» маънои маъмулиро дошта бошад, пас дар фарҳанги

воҳидҳои луғавии забони тоҷикӣ маънии он ҳамчун рафтори ба одам одатшуда нишон дода шудааст. Аз як тараф, ин тафсир дуруст аст, вале мо онро нопурра мешуморем.

Дар нутқи гуфтугӯӣ маънои калимаҳои «одат», «феъл» ё «хӯ» яксон аст. Масалан, метавон чунин гуфт: "феъли бад" ё "хӯи бад". Ҳар дуи ин ибора маънои «одати бад»-ро доранд.

Одатҳоро ҳамчун вижагии шахсияти инсон, тамоюлоти ў мефаҳманд. Одатҳои хуб ва бадро фарқ мекунанд. Аз ин рӯ, барои мубориза бо одатҳо, донистани табиати шахси мушаххас зарур аст, ки новобаста аз хоҳиши шахс ба таври худбахудӣ зоҳир мешавад. Чунин одатҳо, самараи фаъолияти ҳаррӯзаи одамон, ки тамоми паҳлуҳои рӯзгори ӯ, хона, кор, реҷаи рӯзмарра, афзалиятҳо дар ғизо ва ғайраро фарогир мебошад [199,с.102].

Одатҳои модарзодиро, ки ҳамроҳ бо генҳо чун ирс  ба одам мераванд, ҷудо мекунанд. Онҳоро пурра аз байн бурдан имконнопазир аст. Дар ҳоле ки одатҳои иктисобӣ ба таъсири беруна дучор мешаванд. Шумо метавонед бо ёрии таълим аз онҳо халос шавед.

Мо ба одатҳои мусбати инсон хушахлоқӣ, боадабӣ, нозукӣ, дақиқӣ, некхоҳӣ, сулҳдӯстӣ, интизомнокӣ ва ғайраро  дохил мекунем. Ба ҷумлаи одатҳои манфӣ тамокукашӣ, одат ба  машрубот, дағалӣ, бетартибӣ ва ғайра дохил мешаванд.

Одатҳои хуб шахсияти инсонро барои ҷомеа, одамони дигар ҷолиб мегардонад. Одатҳои бад одамро аз мардум дур мекунад. Мардум мегӯянд: ахлоқи хуб, руҳи хуб; одати бад, парвози руҳ.

Аз одатҳои бад халос шудан, ҳатто агар инсон бихоҳад ҳам, хеле душвор буда метавонад.

Бисёр одатҳои гуногун вуҷуд доранд. Доираи онҳо ба табиати шахс, тарзи ҳаёти ӯ, омилҳои табиии маҳалли зист вобаста аст. Маҷмуи одатҳо на танҳо дар зери таъсири ирсият, балки дар шароити зиндагии инсон, ахлоқи ҷомеа, ки ӯро иҳота кардааст, ташаккул меёбад. Аксар вақт чунин мешавад, ки одатҳои бад дар назари аввал ҷолибанд. Бинобар ин, онҳо аз аҳамияти калони иҷтимоӣ бархӯрдоранд. Ин далелҳо  зарурати босифат ташкил кардани кори тарбиявиро дар

хонавода, мактаб ва дигар муассисаву ташкилотҳои ҷамъиятӣ нишон медиҳанд. Аммо дар ташаккули одатҳои хубу бад нақши хосаро волидони фарзандон иҷро мекунанд, ки онҳо вазифадоранд ба тарбия машғул шаванд, то кӯдак ҳамчун шаҳрванди ҳалолкор ва ватандӯст ба воя расад [246,с.372].

Барои таҳқиқоти мо ин далел ҳам ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки «одат» метавонад маънои дигаре дошта бошад. Масалан, ибораи «одати мардуми мо» дар гунаи классикӣ маънои «одати мардуми мо»-ро дорад, аммо дар гуфтори мардумӣ онро ба таври: «қоидаҳои (анъана, урфу одат) халқи мо» тафсир мекунем. Ва маҳз ҳамин тафсири «одат» имкон медиҳад, ки он ба гурӯҳи арзишҳои миллӣ мансуб дониста шавад.

Дар луғатҳо «одат» як радифи синонимӣ дорад: феъл, хӯ, хӯгир.

Дар фарҳанги «Ғиёс-ул-луғот» вожаҳои «хӯ», «хӯгир» ба маънои «одат» омадаанд. Аммо дар фарҳангу луғатномаҳои гуногун он ба таври мухталиф шарҳу тафсир мешавад. Масалан, дар луғати Сироҷ «хӯгир» ба маънии «улфатпазир», «хушмашраб» омадааст [74,с.74-103].

Дар кори таҳқиқотии худ мо ба вожаҳои умумӣ такья кардем, зеро ҷанбаҳои соҳавӣ мафҳуми калимаро ҳамчун арзиши миллӣ нокифоя инъикос мекунанд. Яъне танҳо луғатҳои умумӣ имкон медиҳанд, ки мафҳуми вожа, инчунин мазмуну вазифаҳои пурраи онро дуруст баён гардад.

Тавре ки аз мисолҳои боло дида мешавад, «хӯгир» ҳатто дар луғатҳои умумӣ ҳам нодуруст маънидод карда мешавад. Агар дар як луғат маънои «улфатпазир»-ро дошта бошад, дар фарҳанги дигар ба маънои «одат», дар луғати севум «хушмашраб» ва ғ. маънидод мешавад.

Аммо, агар ба нутқи гуфтугӯии мардумӣ такя намоем, пас «хӯгир»-ро ҳамчун «одаткунӣ» маънидод кардан дуруст аст. Аммо мо чунин мешуморем, ки маънои аслии он ба «мутобиқшавӣ» наздиктар аст, зеро улфатпазирӣ низ ҷузъи таркибии маънои семантикии он аст.

Масалан, «хӯгир»-ро метавон ҳамчун мутобиқшавӣ ба қоидаҳо, анъанаҳо, урфу одатҳо, қонунҳои нав маънидод кард. Дар баробари ин, одатҳо низ метавонанд мутобиқ шаванд.

Ҳамин тавр, мо мушоҳида менамоем, ки арзишҳои миллӣ дар шакли одатҳо, анъанаҳо, қоидаҳо, расму оинҳо ва ғ. якдигарро пурра карда метавонанд.

Тасаввур мекунем, ки тамоми арзишҳои миллӣ як рустании дорои шохаҳои зиёдро ташкил медиҳанд. Ва ҳар як шоха (арзиши миллӣ) вазифаи худро дорад. Аммо, дар айни замон, дар як организм муттаҳид шуда, вазифаи умумиро иҷро мекунанд. Аз ин рӯ, ҳар як шоха (арзиши миллӣ) барои амалӣ гардидани як мақсади умумӣ басо муҳим мебошад [74,с.16].

Арзишҳои миллӣ бо ҳам алоқаманд буда, бо амали худ занҷири умумии рӯйдоду падидаҳоро ташкил медиҳанд.

Дар байни мардум дар бораи инсон мегӯянд: «тартибу кирдоре, ки ба он одат кардааст». Масалан, аз рӯйи одат ӯ барвақт аз хоб мехезад; одат кардааст, ки пагоҳии барвақт чой нӯшад; одати пас аз шустани дастонаш ба сари дастархон нишастанро дорад; ӯ одати бад дорад; ба фиреб додани одамон ва ғайра одат кардааст.

Арзишҳои миллиро бо дарназардошти ҳадафи мушаххаси тарбия бо тарзҳои гуногун истифода бурдан мумкин аст. Онҳоро барои инкишоф додани хислатҳои неки инсон, инчунин муайян кардани камбудиҳои ӯ истифода бурдан мумкин аст.

Вожаи «хӯ» (феъл)-ро аз мавқеъҳои равоншиносию педагогӣ ба назар гирифта, дарк мекунем, ки маънои «хулқ»-ро дорад. Решаҳои он ба забони юнонӣ иртибот дорад. Дар байни юнониён онро ҳамчун «нишона», «тамға» маънидод мекунанд. Психологҳо маънои онро ҳамчун тарзи устувори хислатҳои шахс, ҳолати руҳии ӯ шарҳ медиҳанд, ки сифатҳои онҳо ҳангоми ҳамлаҳои руҳӣ, дар доираи васеи таҳаммулоти отифавӣ равшантар зоҳир мешаванд [256,с.50].

Асоси рафтори инсонро хулқу хӯ, одатҳои ӯ ташкил медиҳад, ки дар хулқшиносӣ омӯхта мешаванд.

Ин илм асосан аз ҳисоби психологияи олмонӣ дар ибтидои асри XX бо ҳамгиросозии якчанд бахшҳои психология: падидашиносӣ (феноменология), фалсафаи ҳаёт ва ғайра ташаккул ёфтааст.Дар ин маврид мафҳуми «хулқ» ҳамчун муродифи шахсияти инсон муайян карда мешавад.

Дар фалсафа хулқу хӯ ва одат дар иттиҳоди типологӣ бо инфиродӣ ифода меёбад. Чунин ассотсиатсия натиҷаи таъсири мутақобилаи сифатҳои ирсӣ бо сифатҳои шахсият мебошад, ки дар раванди инкишофи он ташаккул меёбанд.

Ҳамаи гуфтаҳои боло гувоҳӣ медиханд, ки танҳо инсонҳо хулқу хӯ ва одат дошта метавонанд. Дар баробари ин, моҳияти инсон дар муносибатҳои ҷамъиятии ҷанбаи гуногундошта ифода меёбад. Аз ин бармеояд, ки вижагиҳои ин мафҳумҳо заминаи иҷтимоӣ ва таърихӣ доранд.

Аз рӯйи хулқу хӯи инсон муайян мегардад, ки микроиқлим дар хонаводаи ӯ, дар маҳалли хидмат ва дигар ҷойҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ аҳамиятнок чӣ гуна хоҳад буд.

Омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ як вазифаи мураккабу муҳимро ҳаллу фасл мекунанд. Онҳо вижагиҳои  хулқу атвори донишомӯзонро меомӯзанд ва маълумоти бадастомадаро барои ташкили раванди тарбия истифода мебаранд, ки ба ташаккули хислатҳои мусбати хулқу атвор ва одатҳои неку дар кӯдакон нигаронида шуда, вижагиҳои  инфиродии ҳар як кӯдакро ба назар  мегирад.

Минбаъд, як мафҳуми дигар «маросим»- ро мавриди баррасӣ қарор медиҳем. Дар бисёр луғатҳо он ҳамчун аломат, коида маънидод мешавад. Аммо чунин тафсир моҳияти онро пурра ошкор намекунад. Дарвоқеъ, «маросим» мафҳуми амиқтар ва васеътар аст, ки бояд расму оин ва ғайра идрок карда шавад [315,с.342].

Маросим дар байни мардум бо навъҳои гуногун хеле васеъ муаррифӣ мегардад. Онҳо на танҳо маънои умумӣ, балки маънои динӣ низ доранд.

Агар ҳангоми баррасии расму оинҳо ҷиҳати динии онҳоро гирем, пас онҳоро маросими марбут ба гусел кардани шахси фавтида дарк кардан лозим аст.

Масалан, маросимҳои либоси мотамӣ, баромадан аз мотам, худи маросими мотам, ёдбуд ва ғ. мавҷуданд.

Дар байни маросимҳои умумӣ, анъанавӣ метавон маросими ақди никоҳ, тӯйро ҷудо кард. Масалан, маросими гусели арӯс; тарошидани  мӯйсари домод; маросими вохӯрӣ бо арӯс дар хонаи домод ва ғайра Инҳо ҳама қоидаҳо, урфу одатҳое мебошанд, ки дар байни мардум риоят мешаванд.

Бидуни омӯзиши ҷанбаҳои гуногуни расму оинҳо маънии арзиши муайяни миллӣ, аҳамияти он дар тарбияи насли ҷавонро дарк кардан душвор аст.

Бояд гуфт, ки муносибат ба расму оини муайянро аз намуди зоҳирии шахс муайян кардан мумкин аст. Масалан, дар мавриди мотам зан ба миёнаш руймол мебандад, мард ҷома мепӯшаду тоқӣ ба сар мегузорад. Илова бар ин, аз рӯйи либосе, ки соҳиби хона мепӯшад, шумо метавонед фаҳмед, ки ин зиёфат ба чи муносибат дода мешавад.

Дар баъзе ноҳияҳо мардон ба муносибати мотам  муддати 40 рӯз мӯйи сару риши худро наметарошанд. Дар ин  давра уҳдадор аст, ки аз иштирок дар чорабиниҳои хушҳолкунандаи фароғатӣ, новобаста аз сабаби он, худдорӣ кунад.

Занони мотамдорро аз либосашон низ муайян кардан мумкин аст. Он метавонад кабуд ё сиёҳранг  бошад. Ба занони мотамдор шахсан дар чорабиниҳои дилхушкунанда иштирок кардан манъ аст.

Мазмун ва ангезаи сурудҳое, ки дар рафти чорабинӣ иҷро карда мешаванд, ҷанбаи рӯйдодро нишон медиҳад. Ҳамин тариқ, аз рӯйи  суруд метавон дарк намуд, ки ба кадом муносибат он вақтхушӣ ташкил карда мешавад ё кадом маросим иҷро карда мешавад.

Дар асоси далелҳои дар боло зикршуда метавон муайян кард, ки аломатҳои беруна нишон медиҳанд, ки кадом маросим иҷро шуда истодааст ё кадом унсури анъана ҷой дорад. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки расму оинҳо дорои дастгоҳи бисёрҷониба буда, бо омӯхтани онҳо дар бораи рӯйдод хулоса баровардан мумкин аст [363,с.642].

Тавассути омӯзиши арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ аз мавқеъҳои гуногун аҳамияти онҳо барои халқ, мақсад ва вазифаҳои иҷрошаванда, аҳамияти тарбия барои инсон ва ҷомеаро дарк кардан мумкин аст.

Дар асоси расму оинҳо, урфу одатҳо, маросимҳо инсон барои худ хулоса мебарорад, ки дар мавриди риоя кардани қоидаҳои ахлоқ дар вазъияти муайян бо одамон чи тавр муносибат кардан лозим аст,. Ин аҳамияти тарбиявии онҳост.

Имрӯз дар байни мардум расму оинҳои гуногун бо маҷмуи муайяни маросимҳо собит шудаанд. Агар расму оинҳои умумихалқиро ба назар гирем, пас

онҳо аз анъанаҳо ташаккул ёфтаанд. Дар номгӯйи  чунин расму оинҳо  мо инҳоро ҷудо мекунем: маросими арӯсӣ, ки дар шакли пайдарпайии муайяни расму оинҳо ташкил карда шудааст. Дар ин ҷо аз хостгорӣ то ба хонаи домод овардани арӯс омилҳои зиёд ба инобат гирифта мешаванд. Ғайр аз ин, ба анъанаҳои маъмули мардумӣ маросими хатнасур, сартарошон ва ғайра дохил мешаванд.

Илова бар ин, чунин маросимҳои динӣ мавҷуд мебошанд: маросими дафн, мотам гирифтан, баромадан аз мотам ва ғ.

Расму оинҳои умумӣ ва динӣ, анъанаҳо бевосита ба ҳаёти халқ робита доранд. Онҳо ҳаёти ҷомеаро танзим менамоянд. Аҳамияти онҳо  хеле бузург аст, зеро анъанаҳо ва расму оинҳо ба инсонҳо барои оқилона ба тартиб даровардани зиндагӣ кӯмак мекунанд.

Омӯзгоронро зарур аст, ки дар кори тарбияи донишомӯзон аз  анъана, урфу одат ва расму оинҳои халқӣ эҷодкорона истифода баранд. Барои ноил шудан ба ин мақсад талаб карда мешавад, ки раванди таълиму тарбияро тавре бояд ташкил намуд, ки донишомӯзон на танхо аз фанҳои алоҳида, балки дар бораи анъана, урфу одат ва расму оинҳои халқӣ, ки ба гурӯҳи арзишҳои миллӣ мансубанд, дониш ба даст оваранд.

## Хулосаи боби якум

Дар боби якуми таҳқиқоти илмии худ мо мавқеъеро, ки арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ дар ҳаёти ҳар як инсон ва ҷомеа дар як давраи мушаххаси таърих ишғол мекунанд, нақши онҳоро дар ташаккули ахлоқи шаҳрванд ва тарбияи насли наврас таҳлил намудем.

Арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ бо ҳаёти ҷамъиятӣ иртибот доранд. Онхо ҳамзамон бо инкишофи кулли ҷомеа тағйир меёбанд, ба шароити нави иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсии ҳаёти инсон ва ҷомеа мутобиқ мешаванд.

Ин гуна арзишҳо бинобар чандирӣ будани худ дар як давраи муайян ниёзҳои маънавии тамоми ҷомеа ва мардум мешаванд. Дар раванди мутобиқшавӣ ба

шароити нав бо мазмуну муҳтавои нав пур шуда, аз рӯйи як ҳалзунии диалектикӣ инкишоф ёфта, аз шакли паст ба шакли олӣ мубаддал мешаванд.

Арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ вобаста ба хусусиятҳо ва вазифаҳояшон ба маънавӣ, моддӣ, иҷтимоӣ, тиббӣ ва сиёсӣ тасниф мешаванд. Дар ҳар як чунин арзиш метавон самтгирии психологӣ, ҳуқуқӣ, динӣ, фалсафӣ ва иқтисодии онро ҷудо кард.

Мо дар боби аввал аҳамияти арзишҳои миллӣ ва умумибашариро, ки шиор, оиннома, низом, қонун, даъват ва дастур барои инсон ва мардум дар як давраи мушаххаси таърихӣ мебошанд, асоснок намудем. Дар зимн, иҷрои талаботе, ки дар арзишҳо мавҷуданд, барои пайравони онҳо ҳатмист. Ин ҳолат аз аҳамияти бузурги тарбиявии арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ шаҳодат медиҳад.

Дар боби аввал арзишҳои педагогӣ баррасӣ шудаанд, ки унсурҳои онҳо анъанаҳо, урфу одатҳо, расму ойинҳо, қоидаҳо, андешаҳо, эътиқодот, одатҳо, маросим, андарзҳо, зарбулмасалҳо, мақолҳо, иншоот, шоҳасарҳои меъморӣ, санъат, фарҳанг мебошанд. Ҳар як ҷузъи таркибии арзишҳо барои танзими ҳаёти инсон ва ҷомеа мусоидат намуда, ба кирдорҳои оқилона, зарурати омӯхтан, идроки чизи навро ба мақсади истифодаи донишҳо ва таҷрибаи андухташуда барои эҷоди арзишҳои нави миллӣ ва умумибашарӣ даъват мекунад.

Дар боби мазкур мо заминаҳои (таърихӣ, маънавӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ғ.) ташаккули арзишҳои миллӣ ва умумибашариро бо назардошти давраи таърихии мавҷудияти онҳо баррасӣ намудем.

Мо ақидаи худро бо он асоснок кардем, ки арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ ба муҳтавои меъёрҳои ахлоқию этикӣ, санъат, ғояҳои сиёсӣ, дин, илму маориф, ҳаёти одамон дар як давраи муайяни таърихӣ таъсир мерасонанд. Чунин таъсир бо он шарҳ дода мешавад, ки арзишҳои мавриди таҳқиқи мо маҳсулест, ки одамон дар тули садсолаҳо истеҳсол ва гирдоварӣ кардаанд. Аз ин чост, ки вай талаботи ҳаётии одамонро қонеъ мегардонад. Масалан, дар ҳама давру замон маҷмуи арзишҳои миллӣ Ватан, модар, миллат, истиқлолият, озодӣ, сулҳ, дӯстӣ, рамзҳои давлатӣ, ваҳдат ва ғайраро дар бар мегирифтанд. Ҳамаи онҳо барои дар руҳияи

одоби нек, хушахлоқӣ, башардӯстӣ, озодӣ, дӯстии байни халқҳо, росткорӣ ва ғайра тарбия намудани насли ҷавон  мусоидат менамоянд.

Бо дарназардошти чунин шароит арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ дар кори таълиму тарбия дар муассисаҳои томактабӣ, мактабӣ, миёнаи касбӣ ва олӣ мавқеи муҳимро ишғол мекунанд.

Дар боби аввал мо робитаҳои мутақобилаи диалектикиро низ баррасӣ кардем, ки дар арзишҳои ба ҳам вобастаи таҳқиқоти мо зоҳир мешавад.

Илова бар ин, мо мавҷудияти такягоҳи таърихии арзишҳои миллӣ ва умумибашариро, ки асоси таваллуд ва инкишофи онҳост, асоснок намудем, зеро чунин арзишҳо дар як давраи муайяни таърихӣ барои такомул ва тағйирёбӣ замина пайдо мекунанд. Ин аст, ки мо маҳз арзишҳои миллӣ ва умумибашариро бо истинод ба решаҳои таърихии онҳо мавриди омӯзиш қарор додем.

Дар боби аввали таҳқиқот мо мазмуни арзишҳои миллӣ, мақсад, вазифаҳо ва инчунин аҳамияти тарбиявии онҳоро тавсиф намудем. Ба хулосае омадем, ки бидуни тасаввуроти объективӣ дар бораи мазмуну ҳадаф, вазифаҳо ва аҳамияти арзишҳои миллӣ ба моҳият ва аҳамияти мафҳумҳое аз қабили ифтихори миллӣ, эҳсосоти худшиносӣ дуруст баҳо додан ғайриимкон аст. Илова бар ин, мо ба аҳамияти тарбиявии арзишҳои миллӣ, нақши онҳо дар беҳсозии зиндагии инсон, ҷомеа ва мардум аҳамияти зиёд додем.

Як қисми таҳқиқоти худро мо дар боби аввал мо ба омӯзиши арзишҳои мушаххас (анъанаҳо, урфу одатҳо, расму оинҳо, қоидаҳо, оинномаҳо, маросимҳо) бахшида шуда, ба гузашта ва имрӯзи онҳо таваҷҷуҳ дода шуд.

Маводи ғании мардумшиносиро омӯхта, исбот кардем, ки арзишҳои миллӣ бояд дар ҳаёти инсон нақши раҳнаморо иҷро намоянд. Агар ин тавр нашавад, дар он сурат инсон наметавонад такомул ёбад, сарватҳои нави маънавие, ки бо принсипҳои баланди ахлоқӣ хосанд, ба вуҷуд оварад. Чунин муносибат ҳаёти инсонро бехавф гардонда, онро аз харобӣ ва ҷангҳо эмин хоҳад дошт.

Маҳз арзишҳои миллӣ мебошанд, ки ба ташаккул ва инкишофи ҳаёт, қоидаҳои рафтор, тарзи зиндагӣ, одоб ва ахлоқ мусоидат мекунанд. Агар мардум аз таваҷҷуҳ ба арзишҳои миллӣ даст кашанд, ҷомеа симои инсонии худро аз даст дода, ба

бадахлоқӣ ва бетарбиятӣ ғӯтида, муоширати байни одамон дағалона, хашмгин, бехирадона ва оштинопазир мегардад.

Ҳамаи далелҳои дар боло зикршуда аз аҳамияти бузурги арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ дар ҳаёти халқ, ҷомеа ва шахси алоҳида шаҳодат медиҳанд.

Бо назардошти ҳамаи гуфтаҳои боло мо ба хулосае омадем, ки дар таҳқиқоти худ мазмун, ҳадафҳо, вазифаҳое, ки арзишҳои миллӣ, аз ҷумла ҷузъҳое ба монанди анъанаҳо, қоидаҳо, урфу одатҳо, расму оинҳо, оинномa, маросим ва ғайра иҷро менамоянд, ошкор намудан зарур аст ва ва мо ин корро дар  боби аввали таҳқиқоти худ анҷом додем.

# БОБИ 2. ПАЙДОИШ ВА РУШДИ АНДЕШАҲОИ ПЕДАГОГИИ НИЁГОН ВА НАҚШИ ОНҲО ДАР РУШДИ ПЕДАГОГИКАИ МУОСИРИ ТОҶИК

## 2.1. Зуҳур ва рушди афкори педагогии мутафаккирони тоҷик

Тоҷикистони соҳибистиқлол ба масъалаи баррасӣ, таҳқиқ ва таҳлили арзишҳо аз нуқтаи назари илми педагогикаи муосир ба таври нав рӯ овардааст. Тағйирот, пеш аз ҳама, ба ҳамон ҷанбаҳое дахл доштанд, ки ба тарбияи ҷавонон дар асоси таҷрибаи андухтаи наслҳои пешина ва анъанаҳои миллӣ таъсиррасон буданд.

Ҳамакнун бисёр илмҳои гуманитарӣ ва ҷамъиятшиносӣ дар омӯхтани самтҳои мубрами педагогика, таърихи халқҳои Тоҷикистон фаъолона иштирок мекунанд. Мутаассифона, пештар афкор ва андешаҳои мутафаккирони гузаштаи тоҷику форс ба қадри кофӣ мавриди таҳқиқ қарор нагирифта буданд. Ҳоли ҳозир маҳз онҳо асоси ислоҳоти низоми таҳсилоти ҷумҳуриро ташкил медиҳанд.

Қобили зикр аст, ки солҳои пеш дар самти нишондодаи мо баъзе таҳқиқот сурат гирифта, то ҳадде мавриди таваҷҷуҳи аҳли илм қарор гирифта буданд. Бо вуҷуди ин, ҳанӯз масъалаҳои зиёде мавҷуданд, ки бояд ҳаллу фасл карда шаванд. Масалан, проблемахои истифодаи технологияҳои тарбия, масъалаҳои назарияи таълиму тарбия, масъалаҳои истифодаи таҷрибаи пешқадам дар кори таълиму тарбия ва ғайраро коркард ва асоснок кардан тақозо мегардад.

Барои Тоҷикистони соҳибистиқлол проблемаҳои ҳифзи анъанаҳои мардумӣ ва омӯзиши таърихи кишвари худ боз ҳам ҷолибтар гардиданд.

Илми педагогика дар маҷмуъ бо илмҳои дигар ба таҳияи чунин мавзуъҳо, аз қабили ғояҳои худшиносии миллӣ, масъалаҳои ватандӯстӣ, башардӯстӣ, тамоюлоти арзишии насли наврас, рушди ташаббус ва навовариҳо, арзишҳои миллӣ ва ғайра оғоз намудааст.

Барои ҳаракати пешравандаи ҷомеа ҷанбаи умумифарҳангӣ муҳим аст, ки дар он дастовардҳои гуногуни илми ватанию ҷаҳонӣ, аз ҷумла педагогика инъикос меёбад. Дар барномаҳои таълимии ҷавонон чунин самтҳо, аз қабили ватандӯстӣ, тарзи ҳаёти солим, омодагии варзишӣ ва ғайра ворид карда шуданд.

Ҳукумати Тоҷикистон яке аз муҳимтарин самтҳои афзалиятноки сиёсати таҳсилотии кишварро тарбияи ҷавонон ҳамчун шахсияти аз ҷиҳати маънавӣ ва ҷисмонӣ солим арзёбӣ мекунад. Самти дуюми асосии таҳсилот ташкили низоми сифатӣ аст, ки бидуни он тарбияи ҷавонони аз ҷиҳати ахлоқӣ устувор ва ватандӯсти кишвари хешро тасаввур кардан ғайриимкон аст [329,с.134-139].

Солҳои ахир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳалли масъалаҳои дар боло зикргардида як силсила ҳуҷҷатҳои барномавӣ ва санадҳои қонунгузорӣ қабул карда шуданд. Дар байни онҳо Қонун “Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон” ва Қонун“Дар бораи маориф”-ро алоҳида қайд мекунем. Хусусан, Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»-ро қайд мекунем, ки вазифаи падару модарро дар таъмини тарбия ва таълими шоистаи насли наврас муайян кардааст. Ҳамин тавр, ягон кӯдак дар ҷумҳурӣ бе таҳсилот намемонад, ки он ба рӯйи инсон дари ҳаёти навро боз мекунад.

Маҳз дар тарбияи маънавию ахлоқии ҷавонон қишри умумифарҳангии таҳсилот асос меёбад. Бинобар ин аз равишҳои куҳна нисбат ба таҳсилот қотеона даст кашидан, мафкураи нави фаъолияти муассисаҳои таҳсилотии навъҳои гуногунро таҳия намудан лозим аст. Барои расидан ба ин мақсад ба мероси пурғановати халқи тоҷик, эҷодиёти шифоҳии мардум, мероси мутафаккирони гузашта рӯ овардан лозим аст. Ин ҳама маводи пурарзиши таълимӣ ва тарбиявӣ буда, дар ташаккули шахсияти донишомӯзон ва донишҷӯён мусоидат мекунад.

Бидуни насли наврас халқ оянда надорад. Аммо тарбияи насли наврас таваҷҷуҳи ҷиддиро талаб мекунад. Дар ин раванд саъю кӯшиши омӯзгорон, донишомӯзон ва падару модарони онҳоро ҳамоҳанг сохтан зарур аст. Вазифа ва ҳадафҳои таълим бояд дақиқ ва возеҳ ифода ёфта, ба ташаккули шахсияти дорои таҳсилот, тарзи ҳаёти солим, тамоюли эҷодкорӣ, меҳру муҳаббат ба Ватан равона карда шаванд.

Номгӯи муҳимтарин вазифаҳое, ки бояд ҷомеаи илмию педагогӣ дар давраи кунунии ислоҳоти низоми таҳсилот ҳаллу фасл намояд, аз инҳо иборат аст: проблемаҳои мутобиқсозии муҳтавои кори таълиму тарбия ва технологияҳои педагогӣ ба манфиати давлат, ки ба таълиму тарбияи насли ҷавон, дар руҳияи

хушахлоқӣ ва ватандӯстӣ дар муассисаҳои таҳсилотӣ нигаронида шудаанд. Чунин кор бояд ба меъёрҳои муосири таълим ва дигар ҳуҷҷатҳои танзимкунандаи сиёсати давлатии таҳсилот асос ёбад [330,с.286-291].

Дар таҳқиқоти педагогии давраи шуравии таърихи Тоҷикистон ҷиҳатҳои мусбат бисёранд. Аммо дар онҳо камбудиҳо ҳам мавҷуданд. Аз ҷумла таҳқиқи нокифояи истифодаи афкори педагогӣ, андешаҳои намояндагони маъруфи илму фарҳанг, адабиёт ва санъати тоҷику форс, эҷодиёти шифоҳии халқ дар таълиму тарбияи ҷавононро номбар кардан мумкин аст.

Ба даст овардани истиқлолият ба Тоҷикистон имкон дод, ки ба проблемаҳои таълиму тарбия аз дидгоҳи тоза назар карда, барои ислоҳоти низоми томактабӣ, мактабӣ, таҳсилоти олӣ замина гузошта шуда, он бо афкори педагогикаи мардумӣ мукаммал гардонида шавад. Масъалаҳои фарҳангшиносӣ, мардумшиносӣ, педагогикаи замони гузашта фаъолона омӯхта ва таҳқиқ мешаванд. Олимон ба кори таҳияи амсила ва методҳои таълиму тарбия, бо истифодаи маҷмуи педагогикаи халқӣ ва технологияи педагогии муосир машғул шуданд. Масъалаҳои арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ низ аз омӯзишу таҳқиқ дар канор намонданд.

Ба проблемаи ташкил ва муҳтавои таълиму тарбия равандҳои ҷаҳонишавӣ таъсири калон мерасонад. Зарурати таъхирнопазири ин давраи таърихӣ дар ҳаёти халқи тоҷик ҳифзи анъанаҳои миллӣ ва тарбияи насли наврас дар руҳияи фарҳанги миллӣ, арзишҳои умумибашарӣ гардид. Ҳамин тариқ, самтҳои мазкур ба мавзуи муҳими таҳқиқоти педагогӣ табдил ёфтаанд.

Илмҳои гуманитарӣ ва ҷамъиятӣ ҳамеша дар Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгирӣ меёбанд. Илова бар он, рохбарияти ҷумҳурӣ омӯзиши мероси таърихии илми педагогикаро самти афзалиятнок муайян кардааст. Ба ҳамин тариқ, аввалин бор дар таърихи Тоҷикистон таҳқиқоти афкори педагогӣ дар ҷанбаҳои гуногуни он вазифаи асосии олимоне гардид, ки бо проблемаҳои таълиму тарбия машғуланд. Ва дар ин корҳо кормандони илмӣ аз ҷониби мақомоти расмии кишвар дастгирӣ ёфтанд.

Ба инкишофи педагогика ҳамчун илм мутафаккири бузурги асрҳои миёна Абӯалӣ ибни Сино таъсири калон расондааст. Дар рисолаи худ «Одоби оила»

муаллиф масъалаи тарбияи фарзандони хурдсолро мавриди баррасӣ қарор додааст. Ба ақидаи Абуалӣ ибни Сино ба тарбияи фарзанд аз лаҳзаи аз синаи модар ҷуда карданаш оғоз кардан лозим аст. Пеш аз ҳама, ӯ бояд аз муносибатҳои маҳрамона, кирдорҳои зишт эмин бошад ва оғози некуро инкишоф диҳад.

Мутафаккири бузург ба меҳнат одат кунондани кӯдаконро аз хурдсолӣ даъват кардааст. Кӯдак дар синни шашсолагӣ метавонад корҳои оддитаринро иҷро кунад. Ба ӯ бояд ба натиҷаи кораш шавқманд будан ва бартараф кардани душвориҳоро омӯзонд.

Мо дар рисолаи илмии Сафаров Ш. мулоҳизаҳои ҷолибро пайдо мекунем. Донишманди мазкур қайд мекунад, ки андешаҳои мутафаккирони гузашта аз қабили Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Абурайҳони Берунӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ ва дигарон дар ташаккули шахсияти солим дар асоси ҳамгироии тарбияи ақлонӣ, ҷисмонӣ, ахлоқӣ, ватандӯстӣ, меҳнатӣ аз таъсири бузург бархӯрдоранд.

Олими таърихшинос Ҳ.Абдулло муҳтавои шоҳасари Абулқосим Фирдавсӣ «Шоҳнома»-ро бодиққат омӯхта, ба хулосае меояд, ки ғояи асосии достон даъват ба ваҳдати кишвар, васфи Ватан ва муҳофизати давлат аз истилогарони хориҷӣ мебошад. Муаллифи «Шоҳнома» тасдиқ мекунад, ки эрониҳо ҳеҷ гоҳ ҷангҳои ноодилона накардаанд. Қаҳрамонони хақӣ садоқати худро ба Ватан, подшоҳ ва, халқ ҳамеша намоиш медоданд. Дар баробари ин, онҳо метавонанд тавҳини ҳокимонро ба сарватмандон ба хотири манфиати кишвар бахшанд.

Таҳлили осори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Форобӣ, Носири Хусрав, Саъдии Шерозӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Аҳмади Дониш, нишон дод, ки онҳо дар асарҳои адабӣ ва илмии худ ба аҳамияти аввалиндараҷаи тарбияи ақлонӣ ишора кардаанд. Мутафаккирони қадим равшан дарк мекарданд, ки олати тафаккур дониш аст.

Рӯдакӣ навиштааст, ки ”Дониш андар дил чароғи равшан аст” . Инсони бохирад дар ҳама даври замон идеали мардум буд. Фирдавсӣ таъкид кардааст: «Ақл чароғест, ки роҳи одамонро дар зиндагӣ мунаввар месозад». Омӯзиши мероси

педагогии мутафаккирони асрҳои миёна имрӯз барои дарки самти рушду такомули равандҳои таълим, тарбияи ҷавонони муосир хеле муҳим аст.

Муҳаққиқ Иматова Л. диссертатсияи худро ба проблемаҳои тарбияи ахлоқию ватандӯстии донишомӯзон бахшидааст, ки ба тафаккури интиқодӣ асос ёфтааст. Пажӯҳишгар муҳтавои достони Фирдавсӣ «Шоҳнома»-ро баррасӣ намуда, зикр кардааст, ки шоҳон ва паҳлавонон ҳифзи Ватанро аз душманони хориҷӣ вазифаи муқаддаси худ медонистанд. Дар достони ҷовидонаи Фирдавсӣ проблемаҳои сулҳ, хирад, адл, ваҳдат ва ахлоқ бо ба таври возеҳу мушаххас ишора шудааст.

Ғояҳое, ки дар достони «Шоҳнома» инъикос ёфтаант, намунаи боризи хушахлоқӣ ва ватандӯстӣ мебошанд. Дар саросари достон Некӣ бо Бадӣ дар набард аст, ки он дар пиндору кирдор ва рафтори қаҳрамононе, ки ба ҳолатҳои гуногун дучор мешаванд, инъикос ёфтааст [181,с.424].

Ҳалимов А. дар осори илмии худ ақидаҳои педагогии Фирдавсй ва Абуалӣ ибни Синоро мавриди омӯзиш қарор додааст [347,с.94], [348,с.311], [349,с.62], [350,с.119], [351,с.140].

Мавзуи ватандӯстӣ ва тарбияи ҷисмониро ба мо муҳаққиқ Хокироев Р. бо истинод ба «Шоҳнома» кушода медиҳад. Муҳаққиқ менависад, ки қаҳрамонони асар намунаи ибрати равшан буда, камолоти маънавӣ ва ҷисмонии онҳоро исбот мекунанд. Дар достони «Шоҳнома» ғояи камоли инсоне фаро гирифта шудааст, ки ба бадӣ, хиёнат, тамаъ, худпарастӣ муқовимат мекунад [361, с.165].

Наҷмиддинова Ғ. мутафаккири асрҳои миёна Абуалӣ ибни Синоро бо истинод ба китоби ӯ «Тадбир-ул-манозил», ки баъзе ҷанбаҳои тарбияро ошкор кардааст, донишманди бузурги давраи Эҳёи Шарқ медонад. Мутафаккир дар ин рисола ба падару модарон оид ба тарбияи фарзанд тавсияҳо дода, вазифаҳои волидайнро дар ин замина нишон медиҳад ва таъкид мекунад, ки волидон бояд бо ибрати худ фарзандони худро ба меҳнатдӯстӣ, эҳтиром ба ҳунару касб тарбия кунанд. Барои тарбияи дурусти оила зиндагии кӯдаконро оқилона ташкил кардан, вақти фароғати онҳоро бо машғулият гузарондан зарур аст. Ибни Сино менависад, ки ин корро кардан осон нест. Тарбияи оилавӣ як раванди нозук ва бисёрҷанба аст,

ки бояд аз лаҳзаи таваллуди кӯдак оғоз гардида ва минбаъд пайваста идома ёбад [198,с.226].

Таъсири дини ислом ба афкори педагогии мутафаккирони тоҷик дар рисолаи илмии Шарифзода Ф.ва Файзалиев Ҷ., таҳти унвони «Фалсафаи афкори педагогии ниёгон» мавриди баррасӣ карор гирифтааст. Аз ҷумла, муаллифон таъкид мекунанд, ки арзишҳои ислом, бешубҳа, ба зиндагии дунявӣ, таҳсилот, ҳуқуқи занон ва мақоми мард таъсири бузург доранд. Муаллифон амсилаи оилаи исломиро бо бартарӣ ва нуқсонҳои он, муносибат ба тарбияи фарзанд, омӯзгору шогирд ва таҳаммулпазирӣ таҳқиқ намудаанд [377,с.400].

Муаллифони рисола саъй намудаанд, ки моҳияти ғояҳои педагогии мутафаккирони асримиёнагиро бо кумаки асосҳои Қуръони карим ва ҳадисҳои Паёмбар (с) ошкор созанд. Онҳо бо истифода аз методи таҳлили муқоисавии Қуръони карим ва ҳадисҳои Паёмбар (с) оид ба ахлоқу тарбия, мулоҳизаҳои педагогиро дар дигар осори адабии замонҳои гузашта мавриди омӯзиш қарор додаанд.

Шарифзода Ф. ва Файзалиев Ҷ. асосҳои бунёдии ташаккули назарияҳои педагогӣ, роҳҳои инкишофи онҳо, бартарӣ ва нуқсонҳои онро муайян карданд.

Пажӯҳишгар Раҷабов М. афкори педагогии Абулқосим Фирдавсиро аз нуқтаи назари таъсири онҳо дар ташаккули ахлоқи инсонӣ баррасӣ намуда, таъсири бузурги он ақидаҳоро дар ташаккули афкори педагогии достони «Шоҳнома» қайд кардааст [251,с.270]. Илова бар ин, донишманди мазкур дар пажӯҳишҳои илмии худ ба мавзуи ватандӯстӣ, тарбия, хирадмандӣ, ташаккули сифатҳои шахсии инсон борҳо муроҷиат кардааст. Ӯ ақидахои педагогии Фирдавсиро бодиққат омӯхта, ба ҷиҳати ватандӯстӣ ва нақши тарбияи ҷисмонӣ таваҷҷуҳи бештар намуда, онро яке аз унсурҳои асосие медонад, ки ба ташаккули шахсият таъсир мерасонад.

Раҷабов М. қайд кардааст, ки дар достони «Шоҳнома» ба тарбияи ҷисмонӣ таваҷҷуҳи зиёд дода шудааст. Қаҳрамонҳои асосии асар дар ин бобат намунаҳо барои тақлид ва пайравӣ мебошанд. Онҳо аз ҷиҳати омодагии ҷисмонии худ аз дигар симоҳои достон хеле бартарӣ доранд ва инро бо неру, маҳорат, камонварӣ, иштирок дар мусобиқаҳои гуштини халқӣ, аспсаворӣ исбот мекунанд. Илова бар

ин, фасоҳати сухангӯии қаҳрамонон метавонад ҳар гуна зиёфат, муошират, мубоҳисаро оро диҳад.

Абулқосим Фирдавсӣ дар достони безаволи худ аҳамияти тарбияи меҳнатиро нишон додааст, ки он метавонад шахсияти инсонро ҳамвор, шоиста, хушбахт, бонуфуз гардонад. Шоир халқи меҳнаткашро васф карда, ба саҳми вай дар мустаҳкам кардан, обод кардани давлат, некуаҳволии халқ баҳои баланд додааст. Фирдавсӣ меҳнати ҳаррӯзаи деҳқонеро, ки аз самараи меҳнати ӯ тамоми аъзои ҷомеа баҳравар мешавад, тавсиф намуда, таваҷҷуҳи моро ба он ҷалб мекунад, ки деҳқон ҳама корро бо дастони худ иҷро намуда, на танҳо дар ҳаққи худ, балки барои одамони дигар ҳам ғамхорӣ мекнад. Аз ин рӯ, ӯ таъна ва таҳқирро намешунавад.

Шоир инсони меҳнатдӯстро, ки бошуурона ба кору заҳмат кӯшо аст, ҳамеша васф кардааст. Муаллифи «Шоҳнома» дар айни ҳол барои инсон зараровар будани бекорӣ ва танбалиро ба таври боварибахш нишон додааст, агар ба чунин одатҳои зарарнок пайравӣ гардад, албатта, ба бадбахтиҳои гуногун дучор шудан ногузир аст.

Ба ақидаи Фирдавсӣ, инсонро мавҷуди комил донистан нашояд. Маҳз барои ҳамин ҳам, барои ӯ тарбия ва таълим зарур аст. Чунин ақидаҳои шоири мутафаккир ба ақидаҳои педагогии муосир комилан мувофиқат дошта, ба мо нишон медиҳанд, ки дар ташаккули шахсияти инсон тарбияи меҳнатӣ нақши бунёдӣ дорад.

Фирдавсӣ ба масъалаи интихоби касб, касбу ҳунар диққати калон медод. Ӯ таъкид мекард, ки ба ин раванд бояд хеле ҷиддӣ муносибат кард. Зеро чунин интихоб тамоми ҳаёти ояндаи одамро муайян мекунад. Агар пешае, ки инсон ба он машғул аст, барои ӯ писандида бошад, корашро ба осонӣ анҷом медиҳад ва хушбахтона умр ба сар мебарад [295,с.176].

Ақидаҳои педагогӣ ва инсондӯстии шоир ва мутафаккири асримиёнагӣ Абулқосим Фирдавӣ дар осори илмии А.Ҳалимов, Қ.Б. Қодиров[135,.62] олимони мутахассис оид ба таърихи педагогикаи Тоҷикистон таҳқиқ шудаанд. Онҳо достони «Шоҳнома»-ро дар самти ҷустуҷӯи ғояҳои тарбияи ватандӯстӣ ва такомули

ҷисмонӣ таҳлил кардаанд. Илова бар ин, ҷаҳонбинии педагогии Фирдавсӣ дар осори Ҳ. Афзалов, М. Раҷабов, Б.Раҳимов мавриди омӯзиш қарор гирифтааст [14,с.186].

Г. Мухторова дар рисолаи илмии худ ба педагогикаи халқӣ дахл карда, масъалаҳои тарбияи меҳнатиро ба миён мегузорад. Муаллиф на танҳо проблемаҳои кунуниро дар ин самт муфассал таҳлил кардааст, балки ба осори мутафаккирони тоҷику форс, аз ҷумла Абулқосим Фирдавсӣ низ муроҷиат кардааст[197,с.178].

Мо таҳқиқоти диссертатсионии дигар муаллифони муосир аз қабили И. Давлатшоева [78,с.225], Т. Ҳайдарова, [345,с.180], Б.Маҷидова [158,с.360], А. Нуровро низ мавриди омӯзиш қарор додем [223,с.40]. Онҳо дар асархои илмии худ ба арзишҳои миллӣ, анъанаҳо, тарбияи сифатҳои маънавию ахлоқии ҷавонон диққати махсус додаанд. Дар баробари ин, муаллифони болозикр ба мавзуъҳои ватандӯстӣ, тарбияи ҷисмонии насли наврас дахл накардаанд.

Муҳаққиқон С. Раҳимов [263,с.24], С. Охунова [239,с.141], дар зимни баррасии масъалаҳои педагогика дар осори Абӯалӣ ибни Сино таҳқиқи масъалаҳои ватандӯстӣ ва тарбияи ҷисмониро сарфи назар намудаанд. Дар навбати худ, мо дар таҳқиқоти диссертационии худ ба он пажӯҳишҳое муроҷиат мекунем, ки дар онҳо проблемахои мазкур таҳлил ва таҳқиқ карда шудаанд.

И.Б. Маттиев қайд мекунад, ки аҳамияти асарҳои Абӯалӣ ибни Сино на танҳо дар он аст, ки ӯ нафъи тарбияи ҷисмонии ҷавононро нишон медиҳад, балки таъсири бешубҳа мусбати машқҳои ҷисмонӣ ба одамони калонсолро низ зикр менамояд. Мутафаккири бузург ба омилҳои дарозумрӣ диққати махсус медиҳад. Ба фикри ӯ, ба саломатии калонсолон сарбориҳои ҷисмонӣ, масҳ ва ҳаммом таъсири мусбат мерасонад.

Ғояҳои педагогии Абӯалӣ ибни Сино ба ҷаҳонбинии дигар мутафаккирони бузурги замонҳои қадим таъсир расонданд. Дар баробари ин ақидаҳои Абӯалӣ ибни Сино дар зери таъсири афкори дигар олимон, нависандагон ва файласуфон ташаккул ёфтааст. Ин ҷиҳати масъаларо А. Нуров [233,с.40], И. Давлатшоев [78,с.225], М. Лутфуллоев [155,с.310], К. Хоҷаев [358,с.40], Қ. Қодиров [139,с.370],

Х. Афзалов [43,с.186], А.Ҳалимов [349,с.62], Ф. Гулмадов [77,с.340], М. Каримзода [116,с.203] дар асарҳои илмии худ баррасӣ намудаанд.

Дар робита ба мавзуи таҳқиқоти мо асари илмии С.Охунова, ки «Ақидаҳои педагогии Ибни Сино» ном дорад, ҷолиб аст. Аммо дар он на ҳамаи ҷанбаҳои аҳамияти педагогии осори мутафаккири бузург мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Дар ин масъала мақолаҳои пурмуҳтавои файласуф А. Маҳмадов ҷолиб мебошанд [238,с.263].

Аммо бояд қайд намуд, ки аксарияти таҳқиқоти афкори педагогии Абӯалӣ ибни Сино ба ҷанбаҳои ахлоқӣ бахшида шудаанд, дар ҳоле, ки ақидаҳои педагогии мутафаккир ба маротиб густардатар мебошанд.

А.Маҳмадов менависад, ки дар давраи таърихии мавҷудияти давлати Сомониён Абӯалӣ ибни Сино дар баробари тарбияи ахлоқӣ ба тарбияи ватандӯстӣ ва камолоти ҷисмонии инсон таваҷҷуҳи бештар додааст. Имрӯз ҷанбаҳои мазкур омӯзиши бодиққатро тақозо мекунад ва натиҷаҳои он метавонад барои илми варзиш бисёр маълумоти муфид фароҳам оварад.

Дар ҳама давру замонҳои таърихӣ ғояи тарбияи инсони аз ҷиҳати ҷисмонӣ солим ва аз ҳар лиҳоз инкишофёфта орзуи ҳамешагӣ будааст. Инсони дорои чунин сифатҳо ҷомеаи одилона барпо карда метавонад.

Ба ақидаи М. Ашуралиев, эҳё намудани анъанаҳои мардумии нигаронидашуда барои тарбияи насли наврас, ташаккули шахсияти аз ҷиҳати маънавӣ ва ҷисмонӣ солим яке аз вазифаҳои асосии педагогикаи муосир мебошад. Барои ин, ба мероси педагогие, ки имрӯз мубрамӣ дорад, инчунин таҷрибаи ниёгон ва ба сарчашмаҳои эҷодиёти шифоҳии халқ, адабиёт ва илм муроҷиат кардан лозим аст [47,с.130].

Имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масири устувори бунёди ҷомеаи демократӣ ва башардӯстона равона аст. Ҳадафҳои гузошташударо танҳо тавассути тарбияи одами нав, дар асоси ғояҳои ахлоқию педагогии мутафаккирони бузурги гузашта амалӣ кардан мумкин аст, ки барои пайдо кардани роҳи ҳалҳои зарурӣ барои ташаккули миллати аз ҷиҳати маънавию ҷисмонӣ солим ва нақшаҳои калонмиқёси сохтмони давлатӣ мусоидат намоянд.

Пас аз ба даст овардани истиқлолият дар Тоҷикистон на танҳо дар ҳаёти сиёсӣ, балки дар соҳаҳои иқтисодӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ низ дигаргуниҳои куллӣ ба амал омаданд. Дар ин бобат муҳаққиқ С.Сулаймонӣ дар осори илмии худ навиштааст. Ӯ қайд мекунад, ки рӯйдодҳои бавуқуъомада ба Ҷумҳурии Тоҷикистон имкони дар ҷомеаи ҷаҳонӣ муайян намудани мавқеи худро фароҳам оварданд.

Албатта,ислоҳоти кишвар ба низоми таҳсилот таъсир накарда наметавонист. Имрӯзҳо дар самти таҳияи китобҳои нави дарсӣ, воситаҳои таълимӣ, нақшаҳои таълиму тарбиявӣ корҳо фаъолона идома доранд [307,с.300].

Дар омӯзиши масъалаҳои тарбияи ватандӯстӣ, таҳкими солимии ҷисмонӣ ва маънавии насли наврас саҳми олимони Тоҷикистони муосир ба мисли Ф. Гулмадов [77,с.340], М. Лутфуллоев [155,с.310], Б. Маҷидова [158,с.360], И. Давлатшоев [78,с.225], И. Каримова [114,с.300], К. Хоҷаев [358,с.40], Ф. Шарифзода [385,с.400], Қ. Қодиров [139,с370], М. Раҷабов [250,с.220], С. Сулаймонӣ [307,с.300], А. Нуров [223,с.40], Х. Афзалов [43,с.60-74], ва дигарон, ки андешаҳои навоваронаи худро дар педагогика бо мероси гузаштагон, бо ақидаҳои педагогии мутафаккирони тоҷику форс иртибот додаанд, хеле бузург аст.

А. С. Роботова таваҷҷуҳи моро ба он нукта ҷалб мекунад, ки ба назари баъзе муҳаққиқон методологияи фанҳои гуманитарӣ нисбатан содда менамояд ва татбиқи он гӯё саъю кӯшиши зиёдро талаб намекарда бошад. Аммо, ин як мулоҳизаи иштибоҳӣ ва нодуруст аст.

Имрӯз мо бояд ба педагогикаи ватанӣ ҷиддӣ муносибат кунем. А. В. Юркевич чунин мешуморад, ки дар давраи кунунии рушди илми педагогика ба вайрон кардани тавозуни парадигмаҳои илмҳои табиатшиносӣ, гуманитарӣ хотима додан лозим аст [34,с.162],

Андешаҳои педагогии мутафаккирони пешгузаштаи тоҷику форс дар Тоҷикистони соҳибистиқлол аз маҳбубияти пешинаи худ бархӯрдор шуданд. Ин бо он тавзеҳ мегардад, ки онҳо дар ҷанбаҳои гуногуни таълиму тарбия мазмуни амиқ доранд. Аз ин рӯ, арзишҳое, ки мутафаккирони асрҳои миёна истифода кардаанд, ба қисми асосии Консепсияи миллии тарбия дохил карда шуданд. Аммо барои

кушодани тамоми моҳияти тарбияи маънавӣ, ахлоқӣ ва ҷисмонии ҷавонон ҳанӯз онҳоро бодиққат таҳлил кардан лозим аст.

Дар қаринаи проблемаҳои дар таҳқиқоти диссертатсионии мо матраҳгардида муайян кардани меъёрхое, ки тавассути онҳо ҳақиқати илмӣ муайян карда мешавад, мазмуни махсус пайдо мекунад. Чунин меъёрҳо барои ҳар чи зудтар ҳал намудани мушкилоти тарбияи ҷавонон дар давраи ислоҳоти низоми таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заруранд.

Ҳақиқатро ба маънои классикии он мутафаккирони қадим чун Афлотун, Лукретсий, Арасту, Демокрит омӯхтаанд. Дар раванди инкишофи таърихӣ назарияи ҳақиқат борҳо ислоҳу тасҳеҳ гардида, ба ақидаҳои нави фалсафӣ мутобиқ мешавад.

Барои ҷаҳони муосир равандҳои ҷаҳонишавӣ хос аст, ки ба равандҳои дар низоми таҳсилот ба вуқуъоянда таъсир мерасонанд. Дар айни замон аз ақидаҳои кӯҳнашуда дар бораи соҳаи таълиму тарбияи ҷавонон даст кашидан лозим аст.

Тағйироти ҷиддии ақидаҳои анъанавӣ оид ба таҳсилот бо афзоиши худшиносии динии мардуми Тоҷикистон ба амал омад. Ба туфайли равишҳои нави илмию педагогӣ, таҳқиқи таъсири педагогикаи исломӣ ба тарбия, ҷанбаҳои кунунии тарбияи ватандӯстӣ ва ҷисмонии насли наврас ошкор гардиданд.

Педагогикаи муосир мафҳумҳои гуногуни тарбияро дар назар дорад, ки ҷузъҳои таркибии илмӣ, динӣ, фалсафӣ ва ғайраро дар бар мегирад.

Ақидаҳои педагогии мутафаккирони бузурги гузашта, аз қабили Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Абулқосим Фирдавсӣ, ба андешаи Ш. Сафаров, осори афкори мардумӣ дар бораи ташаккул ва камолоти инсон аз ҳар лиҳоз ҳамчун шахси солим боқӣ мондааст. Тарбияи инсон, ба гуфтаи олим, бояд ба ормонҳои ахлоқию этикӣ, ақлонӣ, эҳтиром ба меҳнат ва касб асос ёфта бошад.

Барои он ки тарбияи маънавӣ, ҷисмонӣ ва ватандӯстии насли наврас бо такя ба мероси гузаштагон, ақидаҳо ва аҳкоми мутафаккирони асрҳои миёна натиҷаи мусбат диҳад, зарур аст, ки мавзуи фаъолияти илмию таҳқиқотӣ ба талаботи муайян ҷавобгӯ бошанд.

Олиме, ки дар назди худ ҳадафи пажӯҳиши масъалаҳои тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи ватандӯстиро гузоштааст, бояд омодагии муносиб дошта бошад, инчунин дар бораи методҳои навоварии кори тарбиявӣ ва андешаҳои мутафаккирони даврони гузаштаи тоҷику форс тасаввурот дошта бошад .

Навоварии илмӣ дар ин маврид низоми ормонҳои меъёрӣ ва принсипҳое мебошад, ки дар асоси он одоби олим-муҳаққиқ қарор дорад.

Дар масири омӯзиши равандҳои тарбияи ҷавонон, ки бар пояи арзишҳои тавсифгардидаи мутафаккирони тоҷику форс асос ёфтаанд, метавонанд мушкилоте дучор шаванд. Пеш аз ҳама, ин аз ҷониби муҳаққиқони муосир коркарди нокифояи методҳо ва технологияҳои дахлдори педагогӣ мебошад, зеро ин мавзуъ ба аспирантҳо ва довталабони дараҷаҳои илмӣ чандон писандида нест.

Профессор И. Х. Каримова муътақид аст, ки мавқеи баъзе роҳбарони ташкилотҳои илмӣ, таълимӣ, маъмурӣ, ки то ҳол пойбанди консепсияи замони шуравӣ мебошанд, ба эҷодиёти муҳаққиқоне, ки бо проблемаҳои тарбияи насли наврас машғуланд, таъсири манфӣ мерасонад.

Донишмандони Тоҷикистони муосир хостори он мебошанд, ки раҳбарон демократизми бештар нишон диҳанд ва муҳаққиқон дар интихоби мавзуъҳои таҳқиқоти илмии худ аз озодии комил бархӯрдор бошанд.

Дар табиати роҳбарӣ решаи муваффақият дар назарияи рафтор нуҳуфта аст. Тобеон аз рӯйи вазифаҳои худ бо роҳбарони худ оид ба масъалаҳои гуногун иртиботи доимӣ доранд. Барои самарабахш будани чунин муносибатҳо аз равишҳои сифатӣ истифода бурдан зарур аст.

Ба андешаи мо кори таҳқиқотӣ, ки ташаккул ва инкишофи афкор ва ақидаҳои педагогиро дар давраҳои гуногуни таърихӣ баррасӣ менамояд, бояд дар асоси анъанаҳои чандинасраи халқи тоҷик бо назардошти бурду бохтҳо, проблемаҳои гузашта ва имрзаи марбут ба соҳаи таълиму тарбия ба роҳ монда шавад.

Дар ҳар гуна давраи таърихӣ дар байни миллатҳо ва халқҳо мухолифати мафкуравӣ ба амал меояд. Дар давраи муосир чунин мухолифат дар талоши ҳар як миллат ва халқ барои нишон додани арзишҳои миллии худ ва дар арсаи байналмилалӣ таҳким бахшидани онҳо зоҳир мегардад.

Яке аз вазифаҳои асосии педагогикаи Тоҷикистон дар ин давра таҳқиқи масъалаҳои дар рӯҳияи ватандӯстӣ, ғояҳои солимии маънавӣ ва ҷисмонӣ тарбия намудани ҷавонон мебошад. Ин раванд бояд бар пояи осори мутафаккирони асримиёнагии тоҷику форс сурат бигирад.

Ҳамин тариқ, арзишҳои ахлоқии педагогикаи Осиёи Марказӣ дар асарҳои илмии К. Камалиева, М. Муратова, А. Алҷибоева, С. Раҳимов ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Фаъолияти таҳқиқотии С. Раҳимовро алоҳида қайд кардан лозим аст , ки ба дарёфти баҳои шоистаи аҳли ҷамъияти педагогӣ сазовор шудааст. Пажуҳишгар дар асари худ нуқтаи назари Абӯалӣ ибни Синоро оид ба проблемаҳои педагогика ва тарбия баррасӣ кардааст.

Дар эҷодиёти мутафаккирони асрҳои миёна ғамхорӣ дар бораи ахлоқи халқи тоҷик баръало мушоҳида мешавад.

Саъдии Шерозӣ хоксорӣ ва тавозуъро яке аз фазилатҳои асосии инсон медонад. Ӯ ин хислатро бо такаббур ва мағрурӣ мукобил мегузорад. Эҳтимол меравад, мутафаккири бузург дар бораи таназзули ахлоқи одамони дар маснади ҳукмронӣ нишастаи кишварро дар он замон тахмин зада бошад. Аз ин рӯ, Саъдӣ, на мардуми оддӣ балки онҳоеро, ки дар сари қудрат буданд, ба тавозуъ ва хоксорӣ даъват мекард.

Дар «Гулистон» суханонеро метавон пайдо намуд, ки чунин маъно доранд: «Боре дар ҷамъият одамеро таърифу тавсиф мекарданд, аз фазилатҳои ӯ ба ваҷд меомаданд. Ба ин посух дод, ки танҳо худи ӯ медонад, ки дар асл кист. Дар бораи зуҳуроти зоҳирии фазилат сухан ронда, мо танҳо дар бораи ҷанбаи зоҳирии шахс сухан меронем, ки ӯ онро ба намоиш мегузорад. Дар ботини ин шахс чӣ ниҳон аст, мо огоҳӣ надорем» [287,с.452].

Саъдӣ бар ин назар аст, ки ченаки хоксорӣ бояд амали мушаххаси инсон дониста шавад, на сухани ӯ. Ҳамин тавр, хоксорӣ дар сухан не, балки дар кирдор зоҳир мешавад.

Мутафаккир як қатор принсипҳои муоширати байни инсонҳоро танзим кардааст. Аввалан, инсони тарбиятдида ба сухани ҳамсуҳбат бодиққат гӯш мекунад ва ҳеҷ гоҳ сухани ӯро намебурад. Саъдӣ андешаҳояшро бо овардани масал ва

ҳикоятҳои кӯтоҳ ба таври муъҷаз баён мекунад. Матнҳои мухтасар ба шуури одамон осонтар роҳ ёфта, диққати оноро ба худ ҷалб намуда ҳамнавоӣ пайдо мекунад. Андешаҳои мутафаккир ба ҷаҳонбинии қобили дарки мардум асос ёфтаанд. Маҳбубияти ақидаҳои Саъдиро сатҳи хеле баланди бадеии баёни афкори ӯ таъмин мекунад.

Дар навбати худ, ба ақидаи шоири асри XI Абулмаҷди Саноӣ, яке аз омилҳои асосии ҳаёти солим муътадилӣ аст. Устоди сухан таъкид мекард, ки саломатӣ дар ҳаёти мо аҳамияти ҳалкунанда дорад. Аз ин рӯ, ғамхорӣ дар бораи он бояд афзалият дошта бошад [234,с.136].

Саноӣ ба ҷойи мағрурӣ ба одамон хоксориро пешниҳод мекард. Ба ақидаи ӯ, агар инсон хоксор бошад ва нафси худро идора карда тавонад, ба корҳои бад қодир нахоҳад буд. Ба касоне, ки зери таъсири нафсанд, шоир нафратдоштааст. Фақат фазилат барои инсон намуна шуда метавонад. Ҳатто дар фикру ақидаҳо низ инсон набояд танҳо бо манфиатҳои худ маҳдуд шавад.Саноӣ дар мулоизаҳои худ қайд мекунад, ки нафсу ҳаваси ҳайвонӣ хоси инсони шариф нест. Наҷобат хоксорӣ ва ростқавлӣ аст. Аммо дар замири инсон ҳамеша некию бадӣ дар набарданд. Агар инсон ба нафсу ҳавасҳои ҳайвонӣ дода шавад, худаш ба ҳайвон табдил меёбад [352,с.740].

Мутафаккир чунин мешуморад, ки агар инсон сирри дигаронро пинҳон карда тавонад, пас ин яке аз аломатҳои асосии дӯстии ҳақиқӣ мебошад, зеро мо метавонем асрори махфии ботиниро танҳо ба одамони наздиктарин бовар кунем. Ба шахси тасодуфӣ кушодани роз метавонад моро ба фалокат дучор намояд. Саноӣ менависад, ки ба дӯстони оқил розеро бовар кардан лозим аст, ки на танҳо онро нигоҳ медоранд, балки дар сари вақт ба кумак меоянд.

Меъёрҳои рафоқат ва дӯстӣ, барои Саноӣ садоқат ва самимият аст. Дӯстӣ ба манфиати молу мулкӣ асос ёфта наметавонад. Инсоне, ки дӯстро интихоб мекунад, барои ин масъулияти шахсӣ дорад. Аз одамоне, ки дар дустӣ манфиати ғаразнок меҷӯянд, канорагирӣ кардан лозим аст.

Саноӣ мулоҳиза меронад, ки дӯсти бадро метавон ба шамшери тез монанд кард, ки бояд ҳамеша аз он эҳтиёт намуд. Аз ин ҷост, ки шоир моро аз дӯстӣ бо танбалону оворагардон барҳазар медорад [339,с.824].

Илова бар ин, Саноӣ ҳарисиро яке аз сифатҳои ношоистатарини инсон медонист ва онро ба наҳанг муқоиса кардааст, ки ҳама чизи дар атрофаш бударо фурӯ мебарад. Шоир ин андешаро дар асари худ «Сайр-ул-ибод» ба мо расонидааст. Ба таври тимсолӣ гӯем, худи «наҳанг» барои атрофиён мояи хатар аст. Ҳарисӣ дар инсон дигар хислатҳои бадро ба вуҷуд оварда, ақлу қалби ӯро хароб мекунад. Ба инсонҳо имкон намедиҳад, ки ба кирдори худ воқеъбинона баҳо диҳанд ва онҳоро аз адлу инсоф маҳрум мекунад [336,с.121]. Одамони ҳарис ба ғуломе табдил меёбанд, ки ба тилло ва сарват тобеъ мешаванд

Хоҷа Насириддини Тӯсӣ ба инкишофи афкори пешгузаштагони худ идома медиҳад. Ӯ маданияти нутқро ба ҷумлаи хислатҳои муҳими инсони боадаб ва хушахлоқ мансуб медонад. Масалан, Тӯсӣ бар ин назар аст, ки агар ҳатто бидонед, ки мусоҳиб дар бораи чи ҳикоят мекунад, аз буридани сухани ӯ худдорӣ намуда, ҳикояти ӯро то охир бишнавед. Агар ба саволи матраҳшуда назар ба ҷавоби ҳариф посухи дақиқтарро донед ҳам, бояд ҳамин тавр рафтор намоед. Аммо шумо метавонед мулоҳизаи худро дар мавриди савол танҳо пас аз хотима ёфтани ҷавоби мусоҳиб баён кунед. Ва ин корро боназокат ва боадабона бояд анҷом дод.

Тӯсӣ бар ин назар аст, ки нишонаи асосии маданияти нутқ ҳақиқатгӯӣ аст. Гуфтугӯ бояд бо ҳадди ақали имову ишора, қиёфасозӣ бо лаҳни ором, бидуни киноя, истеҳзо ва бадгӯӣ сурат гирад. Ҳангоми сӯҳбат бо шахс, шумо бояд ба вижагиҳои шахсияти ӯ диққат диҳед [193,с.61940].

Вале бояд қайд намуд, ки Хоҷа Насириддини Тӯсӣ масъалаҳои маданияти суханро ба миён гузошта, онҳоро аз мавқеи табақаҳои ҳукмрон баррасӣ менамояд. Ӯ ба наҷибзодагони ҷавон тавсияхои худро унвон мекунад. Дар маъхазҳое, ки то ба имрӯз расидаанд, дар мавриди тарбияи мардуми оддӣ андешаю мулоҳизаҳои хосро пайдо намекунем. Дар таълифоти Тӯсӣ чунин мулоҳизаҳое ҳастанд, ки ҳангоми маҷлисҳо набояд ба муқобили андешаҳои ҳақиқӣ ва бар зидди афкори ботил изҳори назар намуд, агар онҳо аз тарафи шахсони воломақом гуфта шуда бошанд.

Илова бар ин, ба қадри имкон аз муошират бо кӯдакон, майзадагон, девонагон, занон ва одамони оддӣ худдорӣ бояд кард.

Ҳамаи далелҳои болозикр нишон медиҳанд, ки мутафаккирони асримиёнагӣ ,аксаран, ифодакунандагони манфиатҳои синфҳои ҳукмрон буданд.

Фаридаддини Аттор ҳам дар эҷодиёти худ ба масъалаҳои ахлоқу одоб таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Мутафаккир дар сухангӯӣ худдорӣ карданро тарғиб кардааст. Пеш аз чизеро гуфтан, бояд дар бораи оқибатҳои он андеша намуд. Агар забон ба ҳарзагӯйӣ одат карда бошад, тарк намудани он одат душвор аст. Сухан бояд латиф ва нафис бошад. Барои он ки аз суханони худ хиҷолат накашед, бояд пеш аз гуфтор андеша кунед. Сухани гуфташударо ба тире, ки аз камон ҷаста аст, монанд кардан мумкин аст. Онро баргардонидан мумкин нест [377, с.116].

Бо ин гуна мулоҳизаҳо, Аттор худро ҳамчун омӯзгори тарбиятгар муаррифӣ мекунад. Ба ақидаи у, нутқ вазифаи мҳхими фаъолияти зеҳнии инсон мебошад. Ба гуфтаи Фаридаддини Аттор, инсон бояд пайваста тавоноии маърифатии худро инкишоф диҳад, то афкори худро дар нутқ ба таври кофӣ ифода карда тавонад. Пеш аз бо овози баланд сухан гуфтан, суханон бояд бо назардошти он, ки дар бораи кадом шахс гуфта мешаванд,ба таври пухта андешида шаванд. Фикри худро Шумо бояд ҳамеша асоснок карда, боварибахш ва хушмуомила сухан гӯед. Ин ҳолат дар сурате муяссар мегардад аст, ки агар тавоноии зеҳнӣ ва маънавӣ дар гуфтор мутамарказ карда шавад.

Инсон бояд доимо дар ҳоли инкишоф бошад, зеро муошират барои ӯ дар тамоми умр зарурат дорад. Ин одамонро пурғановат ва боз ҳам мукаммалтар мегардонад. Аттор муътақид аст, ки шахс танҳо дар сурати риояи принсипҳои инсондӯстӣ, хушмуомилагӣ ва эътимоднокӣ дар гуфтори худ дар байни атрофиён обрӯи воқеӣ пайдо карда метавонад. Шахси муътабар бомантиқ ва муътадил сухан мегӯяд. Пургӯӣ барои ӯ, аломати равшани ҳамоқат аст[121,с.40].

Дар осори Фаридаддини Аттор дар бораи неруи сухан ва меъёрҳои муошırати инсонӣ андешаҳои зиёде пайдо мекунем. Ғояҳои Аттор саршор аз мазмунҳои педагогӣ мебошанд, ки имрӯз ҳам мубрам буда, аҳамияти худро аз даст надодаанд. Мутафаккир гуфтааст, ки агар инсон муътабар бошад ва дар назди

Худованд пок бошад, ин дар сухани ӯ, ки пур аз шарофат аст, зоҳир мегардад ва дар он гуфтор аз кирдор дур намешавад. Каломи инсон оинаи руҳи ӯ аст.

Инсонҳо бо наҷобату эҳтиром нисбат ба ҳамдигар ва ҳарисию ғаразнокии худ фарқ мекунанд. Талош ба сарватандӯзӣ, ба ақидаи Аттор, аксар вақт инсонҳоро ба кирдорҳои  ношоиста водор месозад. Муаллиф дар достони «Мусибатнома» ба мо мисоли равшани зуҳуроти ҳарисиро аз тарафи инсон нишон додааст.

Аттор арзиши суханро бо арзиши ҷони инсон муқоиса мекунад. Ҳангоми баррасии сифатҳои ахлоқӣ ӯ аз мисолҳои  аёну равшан истифода мебарад, ки зарурати муътадилӣ дар хостаҳо ва аҳамияти тарбияро ба таври боварибахш исбот мекунанд.

Асосгузори адабиёти классикии тоҷику форс Абуабдулло Рӯдакӣ мебошад. Мутафаккири бузург устоди каломи бадеъ буда,   қонунҳои диалектикаро хеле хуб медонист. Рӯдакӣ ба робитаи инсон бо олами берунава падидаҳои он ишора кардааст. Дар асархои худ хонанда ё шунавандаро ба хулосахои ибратбахш  водор месохт. Ӯ таъкид  мекард, ки умри инсон  абадӣ нест,бинобар ин, барои он ки пас аз марг инсонро ба некӣ ёд кунанд, ӯ бояд корҳои хайр анҷом диҳад ва ба ин васила барои худ умри ҷовидона ба даст оварад.

Устод Рӯдакӣ таълим медиҳад, ки барои шахсияти инсон дарки таҷрибаи рӯзгор муҳим аст, он барои бартараф кардани душвориҳо мусоидат мекунад. Шоир муътақид аст, ки  инсон дар тарбияи фарзандон бояд ба онҳо меҳрубонӣ, дӯст доштани Ватан ва эҳтироми калонсолон, омӯхтани ҳунарҳоро талқин намояд. Мағрур будан аз наҷобати аслу насаби  худ кори ҳеҷу пуч аст, зеро танҳо  бо истифода аз хидмати падари худ дар байни мардум обрӯ пайдо кардан ғайриимкон аст.

Дар эҷодиёти Рӯдакӣ ба арзишҳои зиндагии инсон, аз қабили поквиҷдонӣ, меҳнатдӯстӣ, рафоқат ва дӯстӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир шудааст. Барои бештару беҳтар фаро гирифтани арзишҳои зиндагӣ, зарур аст, ки инсон зеҳни рушдёфта дошта бошад ва маънои воқеии падидаҳо ва рӯйдодҳои дар ҷаҳон ба вуқуъояндаро дарк намояд.

Хушиҳои зиндагӣ абадӣ нест, бинобар ин набояд нисбат ба онҳо исрофкорӣ кард. Барои он ки умри мо ҳамеша пур аз чунин хуррамиҳо бошад, ба одамон хизмат кардан, кори хайр кардан, росткор ва боадаб будан лозим аст. Рӯдакӣ чунин мешуморад, ки омӯзгори асосии инсон ҳаёт аст. Инсон таҷрибаи рӯзгор ба даст оварда бояд аз он бештар истифода барад. Шоир мегӯяд:

*Бирав зи таҷрибаи рӯзгор баҳра бигир,*

*Ки баҳри дафъи ҳаводис туро ба кор ояд.*

Абдураҳмони Ҷомӣ мафҳуми ахлоқро ошкор намуда, дар гуфтор ба худдорӣ таъкид мекунад, зеро сухани гуфтаро дигар баргардонидан мумкин нест. Мутафаккир ба мо маслиҳат медиҳад, ки пеш аз гуфтан андеша кунем. Агар сухан беандеша гуфта шавад, он метавонад ғаму андӯҳ ва бадбахтии ҳақиқӣ оварад. Ин ақида, ба гуфтаи Ҷомӣ, махсусан, барои афроде муҳим аст, ки дар сари қудрат қарор доранд ва онро ҳеҷ гоҳ фаромӯш накунанд. Сухани беандешае, ки аз тарафи онҳо гуфта мешавад, барои мардум бо оқибатҳои гуногуни манфӣ тавъам мебошад.

Шоири фақеҳ ба он афроде, ки ҳукмронӣ ва сарватандӯзиро ҳадафи зиндагии худ қарор додаанд, баҳои манфӣ медиҳад. Ӯро инсонҳое, ки бо фиребу ғоратгарӣ зиндагӣ мекунанд ва ба хотири ғаразҳои худ ба ҷиноят даст зада метавонанд, андӯҳгин месозад. Ҳирси судҷӯӣ метавонад писарро барои мерос ба куштани падар водор намояд. Аз ин рӯ, Ҷомӣ бар ин назар буд, ки иллатҳои асосии ҷомеа ҳатман бо хоҳишу талоши гирдоварии сарват алоқаманданд. Одам бояд аз ҳар ҷиҳат саховатманд бошад.

Тавре ки дар боло зикр гардида буд, Абӯалӣ ибни Сино аҳамияти тарбияи меҳнатӣ дар ҳаёти инсонро таъкид мекард. Маҳз самараи меҳнати мо имкон медиҳад, ки дар хотири мардум боқӣ монда, аз доираи мавҷудияти заминии худ берун равем.

Мутафаккир мавқеи он шахсонеро, барои ба кор машғул нашудан ва малакаҳои меҳнатии худ такмил надодан ҳар гуна имкониятро ҷустуҷӯ мекунанд, қабул надорад. Ӯ дар асарҳояш менависад, ки зиндагӣ зудгузар аст, набояд ҳар чиро ки метавон имрӯз анҷом дод, ба фардо гузошт [11, с.558].

Носири Хусрав дар васфи деҳқони хокпош ашъори беҳтаринро эҷод кардааст, ки дар байни халқ шуҳрат доранд. Шоир ар ашъори худ нишон дод, ки маҳз меҳнати деҳқон имкон медиҳад, ки одамон дар ҳаёт ризқу рӯзии худро пайдо кунанд. Аз ин рӯ, меҳнати деҳқонӣ дар рӯйи замин яке аз муҳимтарин шуғли инсонҳо мебошад [218,с.213].

Шоир шахсонеро, ки соибҳунаранд, одамони хушбахт мешуморад, зеро бо меҳнат ва касбу ҳунари худ аз байни халқ шухрати сазовор гирифта, бо вичдони пок мехобанд. Ҳунарманд ба қавли шоир, хушбахттар аз касест, ки ӯ соҳиби қудрат аст. Зеро, некуаҳволии инсон танҳо ба натиҷаи кори ӯ вобаста аст.

Ҳаёти хушбахтонаи бисьёр одамон бевосита ба он шахсоне вобаста аст, ки дар замин кори зироат ва деҳқонӣ карда, дар натиҷаи меҳнати худ неъматҳои моддӣ меофаранд. Маҳз обилаи дастони деҳқон аст, ки дунёро беҳтар, хушбахттар ва ҳаётро хуштар мегардонад.

Унсурулмаолии Кайковус дар асарҳои пандомези худ тавозуъ ва хоксориро таълим дода, дар бораи аҳамияти касбу ҳунар барои инсон ибрози назар менамояд. Дар «Қобуснома» мо чунин андешаи хирадмандонаро мехонем, ки инсони бе касбу ҳунар дарахтеро мемонад, ки дар рӯзи гарми офтобӣ соя намеафканад. Чунин дарахт ба атрофиён суде надорад. Агар шахс асилзода ва сарватманд бошад, ба ӯ обрӯ ҳам лозим аст. Шаъну шарафи ҳақиқӣ вақте меояд, ки инсон ақлу хиради худро нишон дода тавонад, на ин ки аз зоти наҷибу олимартаба бошад [110,с.162].

Унсурулмаолии Кайковус бар ин назар аст, ки ашрофзодагон, агарчи дигар хислатҳои нек зоҳир накунанд ҳам, аллакай ба андозаи муайян ба эҳтиром сазоворанд. Дар навбати худ, онҳое, ки наҷибзода нестанд ва дигар фазилатҳоро намоиш дода наметавонанд, дар ҳолати ногувор мебошанд. Бузургӣ на ба аслу насаб, балки ба ақлу дониш аст.

Ҷомеа камтар ба онҳое ниёз дорад, ки танҳо аз рӯйи мавқеи ирсии худ бонаҷобат шумурда мешаванд [319,с.91].

Шуҳрати зоҳирӣ метавонад фиребанда бошад. Он метавонад танҳо ба хидмати волидон асос ёбад. Инсон бояд бо меҳнат ва хиради худ соҳиби шаъну шуҳрат шавад. Танҳо дар ин сурат ӯро адиб, устод ном мебаранд.

Мо дар эҷодиёти бисьёр мутафаккирони Шарқ тарғиби ғояҳои башардӯстиро мебинем. Чунин ақидаҳо ба таҷрибаи таърихӣ асос ёфтаанд ва ин далели он аст, ки танҳо ба шарофати башардӯстӣ пешравии тамаддуни инсоният имконпазир аст.

Ба ғояҳои башардӯстӣ бештар аз ҳама Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, асосгузори адабиёти классикии тоҷику форс баҳои баланд додааст. Имрӯз ғояҳои пешқадами ӯ дар бораи баробарии инсонҳо ва башардӯстӣ хеле маъмул буда, асоси педагогика ва тарбияро ташкил медиҳанд. Дар тамоми эҷодиёти шоир андешаҳо дар бораи аҳамияти меҳру муҳаббат ба наздикон, сулҳдӯстӣ, ростқорӣ барои инсонро метавон пайдо намуд. Ба ақидаи ӯ инсони наҷиб бояд ҳамеша дар ҳаққи муҳтоҷон ёвару ғамхор бошад. Одамият, ба андешаи Рӯдакӣ, иборат аз маҷмуи эҳсосоти наҷиб: адолат, дӯстӣ, накукорӣ ва ғайра аст.

Ин андешаи Рӯдакӣ, дар хусуси он ки башардӯстӣ ва дӯстӣ ба ҳам робитаи мутақобил доранд, махсусан муҳим аст, зеро баробарӣ асоси дӯстӣ мебошад [33,с.152-13].

Шоири бузург Абулқосим Фирдавсӣ дар достони безаволи худ «Шоҳнома» ҳамеша ба мавзуи башардӯстӣ муроҷиат кардааст. Ӯ ғояҳои инсонпарвариро бо ватандӯстӣ, тарбияи меҳнатӣ дар як радиф мегузорад [340,с.643].

Қиматтарин дороии инсон хирад аст. Саъю кӯшиш барои донишомӯзӣ, худтакмилдиҳӣ, ба инсон имкон медиҳад, ки андаке бошад ҳам, ба дараҷаи Худо наздик шавад. Фазилатҳое аз қабили хирадмандӣ, олиҳимматӣ, боадабӣ, ростқорӣ сипари боэътимод аз балоҳои гуногун аст.

Фирдавсӣ дар ин андеша буд, ки ақлу хирад дар ҳаёти инсон нақши истисноӣ дорад. Дар шоҳасари худ «Шоҳнома» пас аз ситоиши Худо ҳамеша ақлу хирадро тавсиф намуда, муаллиф ба воситаи он бисёр дастуроти педагогиро асоснок кардааст.

Шоир ба хонандагони худ мегӯяд, ки инсонҳои накукор бузурганд. Ин одамон зиндагии осоишта ва хушбахтона доранд. Онҳоро халқ иззату эҳтиром мекунанд ва ба таври ҳаққонӣ хирадманд меноманд.

Дар асоси мисолҳое, ки дар боло зикр кардем, маълум мешавад, ки ақидаҳои педагогии Фирдавсӣ бар пояи некӣ, хирад ва ақл қарор дорад. Ақл ва зиштӣ

наметавонанд мувофиқат дошта бошанд. Инсони соҳибхирад ҳамеша аз корҳои бад ва мардуми бадкор дурӣ мечӯяд. Ин аввалин аломати хирадмандист.

Фирдавсӣ дар боби «Васияти Кайхусрав ба Гударз» дар бораи тарбияи ақлу хирад дар инсон аз хирадмандон даъват мекунад, ки онҳоеро, ки аз ғамхорию мадад маҳруманд, ҳаргиз фаромӯш накунанд [301,с.560].

Фазилат, ба қавли шоир, зуҳуроти воқеии ақли инсон, хиради ӯ мебошад.

Низомулмулк низ ҳамеша ақидаҳои башардӯстонаеро талқин мекард, ки бар мабнои маънавиёти инсонҳои барои корҳои нек талошкунанда қарор доранд.

Мутафаккир муътақид буд, ки агар одам аз сифатҳои беҳтарини худ пайваста истифода намояд, ҳатто дар корҳои давлатӣ ҳам ба мушовирон ниёз нахоҳад дошт [188,с.425].

Низомулмулк дар байни фазилатхо олиҳимматиро дар ҷойи аввал мегузорад. Вуҷуди чунин хислат беҳбудии инсонро дар он дунё кафолат медиҳад. Марди асил бояд ҷавонмард бошад, зеро ин хислат асоси садоқат, хайрхоҳӣ, саховатмандӣ барин сифатҳои инсонист. Шахси бахилу хасис ба ин қодир нест. Аз ӯ танҳо ҳасадро метавон интизор шуд.

Мо дар ақидаҳои Умари Хайём дар бораи моҳият ва аҳамияти башардӯстӣ андешаҳои амиқу равшантар пайдо мекунем. Ӯ дар рубоиёти худ муносибатҳои башардӯстонаи байни инсонҳоро тараннум мекунад. Шоир саодати зиндагиро васф мекунад, то ба насли наврас эҳсоси қаноатмандӣ аз эҷодкорӣ ва некбинӣ дар зиндагиро расонад.

Хайём ба ҷавонон росткорӣ, некукориро меомӯзонад ва нишон медиҳад, ки агар инсон қавл дода бошад, онро бо кори мушаххас тасдиқ кардан лозим аст.

Шоир ҷавононро насиҳат кардааст, ки мағрур набошанд ва аз такаббур даст кашанд. Навиштааст:

*Аз мардумаки дида бибояд омӯхт,*

*Дидан ҳама касрову надидан худро* [368,с.243].

Ғояи асосии Хайём, ки ӯ дар эҷодиёти худ ба миён гузоштааст, нақши аҳамияти бузурги озодӣ ва эҷодкорӣ барои инсон аст. Шоири башардӯст орзу дошт,

дар дунёе зиндагӣ кунад, ки дар он арбобу ғулом набошад ва инсонҳо боадаб ва дорои сифатҳои ахлоқӣ, фаросат ва ақли фарогир бошанд.

И. Х. Каримова қайд мекунад, ки маҳбубияти эҷодиёти Хайём дар тули асрҳои зиёд бо ғояҳо ва дастуроти ҷанбаи педагогидоштаи ӯ такя мекард. Ба шарофати ин вижагиҳо ашъори муаллиф аз насл ба насл гузашта, баъзе сатрҳои рубоиҳои шоир ба зарбулмасалу мақол табдил ёфт [113,с.50].

Башардӯсти дигари барҷастаи асрҳои миёна Насириддини Тӯсӣ буд, ки дар эҷодиёти ӯ масъалаҳои шаъну шарафи инсон мавқеи асосиро ишғол кардаанд. Мутафаккир вижагиҳои принсипҳои ахлоқии халқи худро ҳаматарафа медонист ва ба оламиён бисьёр ғояҳои ахлоқии дорои ҷанбаи мутараққидоштаро пешниҳод кард, ки дар шакли назми шоирона ифода ёфтаанд.

Андешаҳои Тӯсӣ оид ба ахлоқ, ҷомеа ва сиёсат дар асари ӯ «Аҳлоки Носирӣ» хуб ифода ёфтааст.

Насириддини Тӯсӣ ба иртиботи зиндагии инсон бо ахлоқ, ҷомеа ва илм ишора кардааст. Вобаста ба ин мафҳумҳо сифатҳои мусбати одамон муайян карда мешаванд. Инсон бо ташаккули сифатҳои ахлоқии худ дар худ фазилатро инкишоф медиҳад ва барои хушбахтӣ талош мекунад. Агар ӯ ба ҳадафҳои худ муваффақ шавад, пас чунин шахс ба камолот наздик мешавад. Аммо Тӯсӣ бар ин назар аст, ки ахлоқ бояд пайваста дар ҳоли инкишоф бошад, зеро он сифати фитрӣ нест. Инсон аз рӯйи табиати худ бетараф аст. Вақте ки ӯ ба дунё меояд, дар ӯ ҳанӯз на сифатҳои хуб ва на хислатҳои бад вуҷуд надорад.

Дар инсон тамоми сифатҳои мусбату манфии ӯ ҳангоми муошират бо одамони дигар баръало зуҳур меёбанд. Ин роҳи аввалини идроки он аст, ки дар ҳақиқат инсон чи гуна аст.

Агар шахс вазифаи муҳими давлатро ишғол кунад, бояд ҳамарӯза дар хотир дошта бошад, ки вазифаи ӯ ғамхорӣ дар бораи мардум , на бо истифода аз мансаби худ зиндагии мураффаҳ доштан аст.

Тӯсӣ ҳамчун башардӯст ҳамеша ба ҳаёти халқи оддӣ мароқ зоҳир мекард. Бо мушоҳидаи азобу азияти одамон ӯ аз атрофиён даъват мекард, ки арзишҳои умумибашариро риоя кунанд, дар бораи мухтоҷону ниёзмандони имрӯз ғамхорӣ

кунанд. Ҳокимон, ки зиндагии беҳуда ба сар мебурданд ва ба мушкилоти инсонҳо аҳамият намедоданд, боиси хашму ғазаб ва нафрати Тӯсӣ мегардиданд.

Насириддини Тӯсӣ, чунон ки маълум аст, дар Академияи Мароға, ки дар он чо олимони ҷавон тарбия меёфтанд, тадрис мекард. Мутафаккир дар масъалаҳои педагогика ҳам донишманди бонуфуз ва муътабар буд. Муаллифи бисьёр ғояҳои тарбияи ҷавонон гардид, ки барои замони худ пешқадам буданд. Баъзе аз онҳо имрӯз ҳам аҳамияти худро аз даст надодаанд.

Фаридуддини Аттор низ ба зумраи башардӯстони дурахшони асрҳои миёна тааллуқ дорад, ки ба масъалаҳои ахлоқӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир мекард. Аттор тарафдори футувват, яъне таълимоте буд, ки ғояҳои рафоқат, дӯстӣ ва баробарҳуқуқиро тарғиб мекунад.

Мутафаккир дар асари худ «Футувватнома» моро бо 72 хислате, ки ба тарафдорони футувват хос аст, ошно месозад. Ин сифатҳо тамоми ҷанбаҳои ҳаёти инсонро бо тамоми гуногунии он фаро мегиранд. Дар феҳрист тавсияҳо дар бораи чи гуна хушбахт шудан, чи гуна рафтор кардан дар ҷомеа ва хонавода мавҷуданд. Муаллиф дар рафтори инсон ҳақиқат ва садоқатро муҳимтарин сифат медонад.

Бо ишора ба аҳамияти тарбиявии сифатҳои болозикр бояд гуфт, ки футувват шахспарастиро намеписандад, зеро ин сифатро манбаи худпарастӣ ва хушомадгӯӣ ба ҳисоб меравад.

Фаридуддини Аттор одоби муоширатро барои инсон муҳим медонад. Ӯ дар сухангӯӣ муътадилиро тавсия медиҳад. Пургӯӣ метавонад ба як одат табдил ёбад, ки аз он халос шудан хеле душвор аст. Пеш аз сухан гуфтан бояд фикру андеша намуд. Сухани инсон бояд шево ва латиф бошад. Дар ин сурат сухани гуфташуда боиси хиҷолати гӯянда намегардад.

Аттор чунин мешуморад, ки сухан бевосита ба тафаккур вобаста буда, олати муҳими он мебошад. Инсон барои он ки ба суханронии сазовор ва дуру дарозу ҷиддӣ баромад кунад, бояд зеҳну заковат ва тафаккурро инкишоф бидиҳад, то ки на танҳо зебою боварибахш сухан гӯяд, балки бо кӣ ва дар куҷо сухан гуфтанашро низ ба инобат гирад.

Баҳсу мунозира бояд бо далелҳои эътимодбахш ҳамроҳ бошад. Ин қобилият аз суханвар неру ва шиддати зиёди ақлонӣ ва маънавиро талаб мекунад. Ба эътиқоди Аттор, сухангӯ дар сурате, ки истифодаи баҳсу мунозираро ёд гирад, боварибахш ва муътабар мешавад.

Мисолҳои овардашуда аз пешрафта будани ғоя ва афкори Аттор шаҳодат медиҳанд, ки ҳанӯз ҳам дар ҷомеаи муосир ба онҳо ниёз эҳсос мегардад. Мутафаккир борҳо ба мавзуи худдорӣ дар ҷараёни гуфтугӯҳо дахл кардааст. Ӯ чунин ақидае дорад, ки агар сирро нигоҳ доштан лозим бошад, пас онро ба ҳеҷ кас, ҳатто ба дӯстон бовар кардан нашояд.

Аттор дар асари худ ба масъалаи такмили ахлоқ, аз ҷумла муътадилӣ, ки ба андешаи ӯ, барҷастатарин дастоварди инсон буда, унсури асосии мафҳуми ахлоқ аст, таваҷҷуҳи зиёд додааст.

Асоси нуқсонҳои инсониро ҳамеша тамаъ ташкил медиҳад. Ҳарисӣ барои судҷӯӣ ҳама гуна одамиятро дар инсонҳо нобуд месозад. Чунинанд мулоҳизаҳои мутафаккир дар бораи сифатҳои ахлоқии инсон.

Агар ҳарисӣ дар инсон мағлуб нашавад, аз он танҳо марг наҷот хоҳад дод [386,с.23].

Ҳамин тавр, мутафаккирони тоҷику форс дар ғанӣ гардонидани фарҳанги ҷаҳонӣ саҳми арзанда гузоштаанд. Аз ҷумлаи онҳо Рӯдакӣ, Ибни Сино, Форобӣ, Тӯсӣ, Румӣ, Саъдӣ, ва бисёр дигарон ҳастанд. Эҷодиёти онҳо баъзан бо зуҳуроти экстремизми динӣ ва зулму истисмори феодалӣ ба душвориҳо омезиш ёфтаанд. Аммо ба онҳо муяссар шуд, ки ғояҳои пешқадами худро ба мардум расонанд.

Халқҳои Осиёи Марказӣ таҷрибаи бузурги тарбияи мардумиро андухтаанд. Бешубҳа, ба мазмуни он ақидаҳои мутафаккирони асрҳои миёна таъсир расонданд, ки на танҳо дар педагогикаи тоҷик, балки дар педагогикаи бисьёр мамлакатҳои дигар ҳам татбиқи худро пайдо кардаанд.

Дар ҳоли ҳозир дар бораи ақидаҳои педагогии олимон, файласуфон, шоирон ва гӯяндгони асрҳои гузаштаи тоҷику форс бисёр рисолаҳои илмӣ, таҳқиқот ва мақолаҳо бахшида шудаанд, ки дар онҳо паҳлуҳои гуногуни таълиму тарбия мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Мо ёдгорихои адабиро омӯхта, шавқу рағбати

бузурги муаллифони онҳоро ба проблемаҳои педагогӣ ошкор намудем. Шубҳае нест, ки халқи тоҷик дар таърихи тамаддуни ҷаҳон саҳми босазои фарҳангии худро гузоштааст.

Бесабаб нест, ки осори Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Ибни Сино, Тӯсӣ, Румӣ, Хайём ва дигар мутафаккирони бузург дар саросари ҷаҳон тарҷума шудаанд. Номи онҳо сазовори ифтихор дар радифи ашхоси барҷастатарини ҷаҳон барои башарият ҷой гирифтаанд.

Дар ҷамъбаст бояд қайд кард, ки ҳангоми омӯзиши проблемаҳои педагогикаи муосири ватанӣ бояд равандҳои ҷаҳонишавӣ дар ҷаҳон ба инобат гирифта шаванд. Ин дигаргуниҳо метавонанд ба принсипҳои ахлоқии халқҳо, шахсияти онҳо, арзишҳои миллӣ таъсири манфӣ расонанд. Аз ин рӯ, арзишҳои миллиро аз ҳар гуна зуҳуроти ифротгароӣ ҳифз намуда, баҳри таҳкими суботи давлат ва тарбияи ҷавонон дар руҳияи ватандӯстӣ талош бояд кард.

## 2.2. Арзишҳои маънавию ахлоқии таълиму тарбия дар тафсири мутафаккирони тоҷик

***Мафҳуми фаъолияти таълимию тарбиявӣ, ки* тафсири мутафаккирони тоҷик *бар тақдири илоҳӣ асос ёфтааст***

Файласуфони муътазилӣ мухолифи қотеъ ба ҳар гуна таърифи антропоморфии Аллоҳ буданд, зеро дар ислом ин ақида мамнуъ аст, яъне ба ҳаргуна шакл тасвир кардани Худо ва паёмбар мамнуъ аст. Аммо баъзе мисолҳои ба маънои аҳкоми зикршуда муқобилро метавон дар Қуръони карим пайдо намуд. Пас, инсон дар рӯзи қиёмат Худоро мебинад, дар ҳоле ки муътазилиён бар ин назаранд, ки Худо як ашёи ғайриҷисмест, онро бо шакл, мавҷудияти макон ва дигар ҷавҳар тавсиф кардан мумкин нест. Худоро на бо баландӣ ва на умқ, ранг ва бӯй андозагирӣ наметавон кард. Барои Ӯ макон муайян карда нашудааст, бо замон ҳам маҳдуд нест. Худо пеш аз мо будааст ва баъд аз мо ҳам хоҳад буд. Барои мо, Ӯ ҳастии абадиро таҷассум менамояд.

Файласуфони тоҷику форс, ки дар давраи аз солҳои 800-ум то 1200-ум умр ба сар бурдаанд, бо омӯзиши таҷрибаи мутафаккирони қадим ба масъалаҳои Оғоз таваҷҷуҳ зоҳир карда буданд.

Ал-Киндӣ дар консепсияи илоҳиётшиносии худ дар Оғоз Худоро дидааст. Файласуф Ӯро Воҳид, Абадӣ, Аввалин номид. Ин Воҳид ба ғайр аз иродаи худ ба ҳеҷ сабаби дигаре вуҷуд надорад. Он доимо мукаммал мегардад ва ҳамтои худро надорад.

Ал-Форобӣ Оғозро Аввалин мавҷуд медонист, ки дар худ вуҷуд дорад ва нахустсабаб аст, ки метавон онро бо камолот, бесабабӣ, набудани шакли моддӣ ва зарурат тавсиф кард. Мавҷуди Аввалро ба ҳеҷ ваҷҳ муайян кардан мумкин нест, мавҷудияти онро бо ҳеҷ чиз пайваст кардан мумкин нест, дар он зиддиятҳо ҳам пайдо намешаванд.

Ҳастии Аввалин ҳама чизҳои дар ҷаҳон мавҷудбуда, аз ҷумла ақлро идора мекунад.

Ибни Сино низ пайрави чунин ақидаҳо буд. Ӯ дар рисолаҳои фалсафии худ навиштааст, ки ба Аввалин қиёс ва мутазод гузоштан мумкин нест. Тавсиф кардани ҷинс ё намуди он имконнопазир хоҳад буд.

Агар таърифи ҳақиқатро дар матнҳои Қуръон, ҳадисҳо таҳлил намоем, ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар ислом дониш муҳимтарин арзишҳои маънавист. Дар ҳадисҳо мо сатрҳоеро пайдо хоҳем кард, ки Муҳаммад (с) дар он чунин фармудааст: «Вазифаи ҳар мусулмон ҷустуҷӯи илм аст» ё «Ҷустуҷӯи илм барои мусулмон вазифаи динист. Бинобар ин, онро бояд иҷро кард, ҳарчанд ки ин роҳ мисли роҳи Чин тулонӣ ва душвор бошад» [305,с.160].

Қобили қайд аст, дар ин мисолҳо равшанӣ андохтан лозим аст, ки нахустсарчашма таҳти мафҳуми «дониш» чи маъно дорад. Ин мавзуъро метавон тавассути баррасии рисолаи «Эҳёи илм»»-и файласуф, ҷонибдори ақидаҳои исломии ақлгароии динӣ Ал-Ғазолӣ ошкор кард. Ӯ дар ин асари худ ба проблемаҳои маърифат машғул шуда, хулосаҳое мебарорад, ки дар адабиёти мусулмонӣ бунёдӣ эътироф шудаанд.

Ғазолӣ ба чаҳор таърифи «ақл» ишора мекунад.

1. Сифате, ки одамро аз ҳайвон фарқ мекунад. Бо ёрии ақл инсон илму донишро дарк мекунад, сохтани занҷирҳои мураккаби мантиқии фикриро меомӯзад. Аз ин рӯ, ба инсон қобилияти дарк кардан, яъне кашфи донишҳои нав хос аст.

2. Ақл маҷмуи донишҳои зарурист, ки аз имконпазир ва имконнопазир иборат аст.

3. Ақл – донише, ки ба инсон ҳамзамон таҷрибаи зиндагии одамони дигаре, ки қаблан дониш гирифтаанд, меояд. Одамоне, ки донишро мубодила карда метавонанд, оқил номида мешаванд.

4. Ақл – қобилияти инсон барои пешбинии оқибати коре, ки худаш мекунад ва ё дигарон мекунанд, инчунин идора кардани кирдорҳое, ки «лаззатбариҳои гузаранда» ном дорад.

Ҳамаи чаҳор таърифро аз нигоҳи дин баррасӣ намуда, ба хулосае меоем, ки ақлро Аллоҳ ба мо ҳадя додааст. Худованди мутаъол ба инсонҳо ақл дода, онҳоро аз ҳайвонҳо фарқ кардааст.

Ба воситаи ақл одамон дарки донишҳоро омӯхтаанд. Бо вуҷуди ин, ҳатто ӯ масъалаҳои метафизикӣ дар бораи Худо ва атрофиёни ӯро ҳал карда наметавонад. Ғазолӣ бар ин назар аст, ки набояд дар бораи меъёрҳо ва дастурҳои дар Қуръони карим вуҷуддошта ҳарф зад. Мусулмон бояд мазмуни онҳоро донад, дар тамоми умри заминии худ ба онҳо пайравӣ кунад.

Файласуф бо ёрии методҳои таҳлил танқиди ҳаёти диниро дар зуҳуроти гуногуни он таҳқиқ кардааст. Дар баробари ин Ал-Ғазолӣ бо истифода аз мантиқи юнонӣ ва дигар методҳои фалсафа барои нишон додани иштибоҳоти самти фалсафии маърифат талош варзидааст.

Мутафаккир ҳақиқатро дарк намуда, бо истфода аз методҳои шубҳа, шаккокӣ, баъзан масъаларо баррасӣ намуда, онро дар дараҷаи олии шаккокия гузоштааст.

Тасаввуф аз мавқеи ғайриақлӣ, ҳамчун самти ирфонӣ таҳқиқ карда мешавад. Аҳли тасаввуф ақлонияти фалсафиро интиқод намуда, чунин мешуморанд, ки аз он барои исботи далелҳои теологӣ истифода кардан мумкин нест.

Аҳли тасаввуф муътақиданд, ки ҳақиқат дар Худост. Инсон метавонад то ҳадди имкон ба Ҳақиқат наздик шавад, аммо ҳеҷ гоҳ онро пурра дарк намекунад. Пеш аз ҳама, инсон бояд Ҳақиқатро дар худ биҷӯяд. Ба ақидаи аҳли тасаввуф, одамон бо кумаки ақл метавонанд донишҳоро танҳо дар доираи маҳдуди маърифат ба даст оранд, зеро дониш маҳсулест, ки аз рӯйи ҳиссиёт гирифта мешавад ва он метавонад тасаввуроти нодуруст бошад.

Қобилияти ақл нисбат ба маърифат дар фаҳмиши аҳли тасаввуф ҷанбаи беҳаракатӣ дорад. Дар ҳоле ки воқеият дар ҳеҷ чиз маҳдудият надорад. Он дар зери таъсири «нафас»-и илоҳӣ пайваста тағйир меёбад. Барои аҳли тасаввуф қалб узви асосии маърифати олами атроф мебошад.

Ба ақидаи Ибни Арабӣ қалбҳои одамон аз азал комилан покиза аст. Он чи, ки бо ёрии ақл маърифат шуда наметавонад, онро метавон тавассути қалб донист.

Дар фалсафаи тасаввуф зеҳн ва тахайюл як ҷуфти ба ҳам алоқаманд мебошанд. Ба туфайли тасаввурот, тимсолҳо таҷрид карда мешаванд ва минбаъд ба таҳлили ақл гузаронида мешаванд. Ҳамин тариқ, иттилоот коркард мешавад ва инсон ҳақиқатро мешиносад.

Ба андешаи Рӯдакӣ, имкони ақлро ба камол расонидан мавҷуд аст. Ақли хуб инкишофёфта неруи бузург аст. Агар инсон танҳо як ҷисм, рух дошта бошад, он гоҳ микдори зиёди донишҳо ба туфайли ақл ба даст оварда мешаванд. Маҷмуи якҷояии онҳо ҳатто дар уқёнус ҷой намешавад. Чунин гуфта буд мутафаккири бузург.

Рӯдакӣ мавзуи ақлро инкишоф дода, далел меовард, ки агар инсон ба таври бояду шояд тарбия наёбад, дониши гирифтаашро истифода бурда наметавонад. Дараҷаи инкишофи инсонро шароити зиндагӣ муайян мекунад. Рӯдакӣ гуфтааст, ки ҳаёт нахустин омӯзгори инсон аст. Аз ин рӯ, агар ҳаёт ҳамаҷониба омӯхта шавад, он сарчашмаи хирад мегардад.

Дар ашъори Рӯдакӣ байте омадааст:

*Замона панде озодвор дод маро,*

*Замонаро чу наку бингарӣ, ҳама панд аст.*

Шоир мавқеи ғайрифаъолро дар зиндагӣ қабул намекунад ва ба инсонҳо ҳам ҳаминро таълим медиҳад. Барои ба даст овардани дониш ва таҷриба барои инсон дарки ашё ва ҳодисаҳои атроф кофӣ нест. Ӯ бояд онҳоро мулоҳиза карда, моҳиятро дарк намояд.

Рӯдакӣ дар бораи зиндагӣ андеша карда, чунин мегӯяд:

*Ин ҷаҳонро нигар ба чашми хирад,*
*Не бад-он чашм, к- андар ӯ нигарӣ.*
*Ҳамчу дарёст к-аз накукорӣ*
*Киштие соз то бад-он гузарӣ....*

Худтакмилдиҳӣ аз худ кардани донишҳои навро талаб мекунад, ки дар навбати худ асоси башардӯстӣ дорад. Инсон тавассути такмилёбӣ дар нафс ва шуури худ беҳтарин хислатҳоро ташаккул медиҳад. Мафҳуми маърифати аҳли тасаввуф бештар дар сатрҳои зерин ифода ёфтааст: «Инсон метавонад аз Худо ҳамон чизеро бигирад, ки моҳияти худаш ба ӯ имкон медиҳад».

Ақл, ба ақидаи намояндагони фалсафа, дар раванди маърифат нақши аввалиндараҷа дорад. Ин таълимоти онҳоро аз дигар ҷараёнҳои фалсафии он замон ба таври куллӣ мутафовит мекунад. Аммо пайравони фалсафа бо дастоварди худ қонеъ намешаванд. Онҳо боварӣ доранд, ки танҳо ақл маҳаки ҳақиқат буда метавонад.

Яке аз маъруфтарин пайравони фалсафа Ибни Сино мебошад. Ӯ дар «Донишнома» мантиқро таҳқиқ намуда, онро бо илм-маҳак қиёс менамояд. Тибқи таълимоти ӯ, донишро агар ақл тасдиқ накунад, ҳақиқӣ ҳисоб кардан мумкин нест. Ибни Сино бо он нукта мувофиқ буд, ки дониш оқилона аст. Дар баробари ин, ӯ далел овард, ки соҳаи ирфонӣ барои ақл дастнорас аст.

Ибни Рушд Ибни Синоро барои андаке дур шудан аз ақлгароӣ (ратсионализм) интиқод кардааст. Ӯ чунин ҳисоб мекард, ки тавассути ақл метавон моҳиятро бо муайян кардани, сабабҳои он дарк кард . Ин далел ақлро аз дигар усулҳои дарки ҷаҳон фарқ мекунонад. Ибни Рушд навишта буд, ки инсон тавассути ақл дониши ҳақиқиро ба даст меорад. Ба эътиқоди файласуф, донише, ки бар далелҳо асос

ёфтааст, метавонад ба баъзе матнҳои китобҳои муқаддас мухолифат кунад. Дар ин ҳолат, афзалият ба хулосаҳои исботшуда дода мешавад. Ибни Рушд гуфтааст, ки агар хулосаҳои собитшуда ба маънои таълимоти динӣ мувофиқат накунанд, ин маънои онро надорад, ки таълимоти динӣ дуруст нест, балки маънои онро бояд тавассути истиора шарҳ дод.

Дар навбати худ, Носири Хусрав  илму донишро баррасӣ намуда, таъкид кардааст, ки илму дониш барои  инсон чун обу ғизо муҳим аст. Мутафаккир дар таълимоти ахлоқии худ насли наврасро ба дарки дониш, такмил додани ақлу хирад даъват мекард.

Носир Хусрав чунин фикр мекард, ки агар  дар назди инсон интихоб миёни тилло ва ақл матраҳ бошад, пас бояд ақлро интихоб кард, зеро тилло ба ӯ имкон намедиҳад, ки сарватро дуруст идора кунад.

Пас аз таҳлили далелҳои боло ба хулосае меоем, ки хушбахтии файласуф дар дониш, тарбия, аклу хирад, таҳсилот  нуҳуфта  аст.

Мутафаккир бар ин назар аст, ки инсон бояд тавассути илм такмил ёбад, зебоии маънавӣ  бошад, дар раванди тарбия ба даст меояд. Инсони оқилу бомаърифатро мардум иззату эхтиром мекунанд. Ҷавононро лозим аст, ки ба афроди муътабар, ки дониши нав дода метавонанд ва аз ҷоҳилон ҳифз кунанд, наздиктар бошанд. Чунин гуфтаҳои  Носири Хурсав машҳур аст: «Агар бо кӯдаки хирадманд дӯстӣ дошта бошӣ, беҳтар аз он, ки пири бехирад дӯсти ту бошад».

Пас аз таҳлили осори Носири Хусрав дар самти ҷустуҷӯи андешаҳои тарбияи насли наврас ба хулосае омадем, ки шоир тарбияи хиради инсониро дар мадди аввал гузоштааст, зеро тафовути асосӣ байни инсонҳо ва ҳайвонот маҳз ҳамин аст.

Дар ҷараёни таҳқиқи проблемаи муайянкардаи  худ мо андешаҳои  Ҳаким Саноиро дар бораи қобилияти маърифатии инсон ва мавқеи ақл дар он таҳлил намудем. Андешаҳои мутафаккир хеле зиддиятнок мебошанд. Саноӣ  Худовандро эътироф намуда, тарафдори ғайриақлгароии аҳли тасаввуф аст. Дар баробари ин, ӯ чунин мешуморад, ки барои маърифати  олами моддӣ бояд хирадро  раҳнамо гирифт.

Олим оид ба илоҳӣ будани пайдоиши инсон шубҳа намекунад. Аммо ӯ ба ин ақидаи аҳли тасаввуф мувофиқ аст, ки инсон тавассути дониш имкони гирифтани маърифати илоҳиро дорад. Саноӣ ба мо мегӯяд, ки чараёни маърифат ба эҳсосот иртибот надорад, зеро ба воситаи онҳо Худоро шинохтан имконнопазир аст.

Саноӣ назарияи донишро инкишоф дода, ба тафовути асосии байни ҳиссиёт ва акл ишора мекунад. Он чи марбут ба ҳиссиёт бошад, бо ҷисми инсон бевосита робита дорад, ки он олати шинохти олами моддӣ мебошад. Дар навбати худ, ақл имкон медиҳад, ки падидаҳои ғайритабиӣ шинохта шаванд. Саноӣ бар ин назар аст, ки ҳатто ақл ҳам имкон намедиҳад, ки инсон ҳақиқатро пурра дарк кунад, зеро худи ақл ҳам офарида шудааст ва моҳияти фарогирро дарк карда наметавонад. Саноӣ вазифаҳои ақлро дар ҳидоят кардан ба шинохти моҳияти илоҳӣ мебинад, вале ин гуна шинохт ҳудуди худро дорад, ки аз он берун баромада наметавонад. Дар баробари ин, Ҳақиқат (Худо) мехоҳад, ки бо истифода аз ақл шинохта шавад.

Саноӣ мутмаин аст, ки на ҳиссиёт, на ақл ва на руҳи инсон қодир ба шинохти комили илоҳӣ нест. Раванди маърифатро, ба андешаи ӯ, худи Офаридгор роҳнамоӣ мекунад. Дар инсон танҳо руҳ ба Худованд тааллуқ дорад. Дар баробари ин, ақлро набояд сифати инфиродӣ ҳисоб кард. Ақл ҳамагонӣ аст, зеро онро Худо ба ҳамаи инсонҳо ато кардааст. Ақли инфиродӣ наметавонад ҳақиқатро дарк намояд, зеро он танҳо бо олами ашёи моддӣ алоқамандӣ дорад.

Ҳақиқатро метавон тавассути саховат шинохт. Маҳз вай ба хиради ҷаҳонӣ сифатҳое додааст, ки тавассути онҳо инсон метавонад ба дониши фавқуттабиӣ наздик шавад.

Дар баробари ин, бояд гуфт, ки Саноӣ дар масъалаи шинохти Худо ба қадри кофӣ зиддиятнок аст. Ӯ бар ин назар аст, ки инсон бо истифода аз ақл, эҳсос ва сифатҳои руҳ қодир нест, ки Худоро шиносад. Дар баробари ин мутафаккир таъкид мекунад, ки инсон пеш аз шинохти Худо бояд худро бишносад. Аз ин бармеояд, ки инсон бо шинохти худ заррае аз моҳияти илоҳиро ба даст меорад, яъне дар раванди шинохти худ инсон Худоро низ мешиносад.

Саноӣ тасдиқ менамояд, ки ба даст овардани маърифат бо раҳбарии ақлро бояд кори шоиста донист. Минбаъд файласуф андешаи худро инкишоф медиҳад.

Ба ақидаи ӯ, инсон аз тамоми мавҷудоти зиндаи рӯйи замин ва об маҳз бо ақл фарқ мекунад. Ақл ба ӯ кӯмак мекунад, ки ҳама корҳоро дуруст анҷом диҳад. Аз ин рӯ, дар оғози ҳама гуна кор инсон бояд ақлро ба роҳбарӣ гирад.

Инсон дар зиндагии худ бо хиради иктисобӣ, дар асоси таҷриба самтгирӣ мекунад. Бинобар ин, таҷрибаи ҳаётӣ барои одамон хеле зарур аст. Агар он вуҷуд надошта бошад, инсон ҳалок мешавад.

Саноӣ менависад, ки «ҳастии бетаҷриба ба нобудӣ баробар аст».

Акнун мавқеи Фаридиддини Аттор, мутафаккири бузурги асрҳои миёнаро, ки дар замони султаи ҷаҳонбинии мазҳабӣ умр ба сар мебурд мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Файласуф ба мавҷудияти Худо ҳамчун холиқи яктои ҷаҳон розӣ буд. Ба ақидаи ӯ, инсон наметавонад дарк кунад, ки Худо дар асл кист, зеро аъзои ҳиссии инсонҳо қодир ба арзёбии моҳияти илоҳӣ нест ва ҳатто ақл дар ин маърифат маҳдуд аст.

Ҷалолиддини Балхӣ шахсеро инсони комил медонад, ки моҳияти Муҳаммад (с)-ро, ки қуллаи ахлоқ аст, дарк карда бошад.

Балхӣ «валӣ»-ро бо «марди камол», яъне «соҳиб» ва «марди комил» муқоиса мекунад. Мутафаккир онҳоро дар як сатҳ мегузорад, зеро ҳарду таҷассуми иродаи Худоянд [95,с.397].

Мутафаккир бар он бовар буд, ки ҳар гуна инсон бо истифода аз талош ва парҳезгории худ метавонад ба руҳи осмонӣ наздик шавад. Яъне ҳар як шахс имкони такмили худро дорад.

Дар ин маврид Балхӣ худтакмилдиҳиро ҳамчун гузаштан аз марҳилаҳо медонад. Инсон дар ҳар як марҳила таваққуф намуда, дониши муайян, покизагии маънавӣ ба даст меорад, ки ин ба ӯ имкон медиҳад, ки ба зинаи навбатии худтакмилдиҳӣ боло барояд. Шумораи чунин истгоҳҳо метавонад беохир бошад. Ҳар як марҳилаи алоҳида инсонҳоро ба зинаи нави ахлоқи мукаммалтар мебардорад.

Марҳилаи олии раванди худтакмилдиҳӣ аз ба даст овардани робитаи инсон бо руҳ шаҳодат медиҳад. Дар баробари ин, Балхӣ бар ин назар аст, ки инсон

метавонад беохир дар ҷустуҷӯи ҳақиқат бошад, зеро худтакмилдиҳӣ раванди беохир аст.

Дар навбати худ, аҳли тасаввуф бар ин бовар буданд, ки инсон аз худи лаҳзаи ба дунё омадан ба такомул оғоз менамояд. Чунин барнома аллакай дар нутфаи инсонҳо гузошта шудааст. Маҳз ба ҳамин сабаб ҳам ба инсон нигоҳ карда, дар бораи тавоноии ҳаётии ӯ сухан рондан мумкин аст. Тибқи назарияи тасаввуф, ҷанини инсон дар батни модар такомул меёбад. Баъди ба дунё омадан, ҳамзамон бо болиғ шудан, руҳи инсон такомул ёфта, бо гузашти синну сол сифатҳои нав пайдо мекунад.

Инсони муъмин ба Худо саҷда мекунад. Агар ин гуна ибодат бо ҷидду ҷаҳди хос бошад, пас мардум мегӯянд, ки муъмин парҳезгор аст. Агар ғайрат бо зуҳд пайваста бошад, пас шахсро зоҳид меноманд. Дар ҳолате, ки ба инсон дарки асрори ҳастӣ муяссар шуда бошад, ӯро ҳаким меноманд, ки ба ӯ илҳом имконпазир аст, он гоҳ ҳакимро авлиё мегӯянд.

Агар Худованд ба авлиё ваҳйе бифиристад, ки бояд ба мардум бирасонад, он гоҳ чунин авлиёро паёмбар мегӯянд. Дар ҳолате, ки Худованд барои китоби худ паёмбареро баргузида бошад, пас он паёмбар расул номида мешавад. Агар расулро Худо ба сифати мӯҳри паёмбарон баргузида бошад, пас ӯ номи набиро мегирад. Бо ин силсилаи ҳодисаҳо мо дараҷаҳои камолоти руҳро нишон додем [229,с.111].

Ҷалолиддини Балхӣ дар таълимоти ахлоқии худ шахсиятро ҳамчун маҳсули комили ғояи асосӣ мутамарказ мекунад. Инсони комил ҳамеша дар иҳотаи одамон аст, вале бо ҳамнавоӣ бо ҷаҳон, таҳсилот, боадабӣ ва рафтори худ дар аз байни мардум фарқ мекунад.

Мутафаккир муътақид буд, ки аз дидгоҳи ислом камолоти фард бидуни камоли диндорӣ имконнопазир аст. Аммо ӯ диндориро бо мазмуни нав пур мекунад, ки ба арзишҳои ҷисмонӣ, маънавӣ, зеҳнӣ асос ёфтааст.

Ба ақидаи мутафаккир, инсон офаранда аст, зеро ҳақиқати тамоми олами моддӣ дар руҳи ў мутамарказ шудааст.

Танҳо инсони комил, ба андешаи Ҷалолиддини Балхӣ, хайрро аз шар ба таври кофӣ фарқ карда, метавонад  онро ба дигарон тавзеҳ намояд, ки ин мафҳумҳо аз чӣ иборатанд, инчунин, фазилати ҳақиқӣ чист.

Файласуф дар рисолаи манзуми худ «Маснавии маънавӣ» дар бораи қобилияти дарк кардани фарқи нек ва бад аз тарафи инсон мулоҳиза меронад. Ӯ инсони комилро ба оина қиёс мекунад, ки бепарво хубро хубу бадро бад инъикос мекунад. Дақиқан, ба ҳамин тариқ, инсони комил фарки неку бадро дарк мекунад. Ҳар ки дар камоли нафс ба зинаи Муҳаммад (с) расидааст, дарёбанда номида мешавад. Дар ҳамин ҳол, некию бадӣ ба ин гуна инсонҳо таъсир намерасонад ва муносибати онҳоро дунё иваз намекунад [369,с.854].

Балхӣ таваҷҷуҳи моро ба он ҷалб мекунад, ки руҳ бояд ҳамеша инкишоф ёбад, набояд дар ҳолати  оромии доимӣ бошад. Инсон бояд дар тамоми умр руҳи худро  мукаммал созад. Ба андешаи ӯ, ин такомул ҷанбаи диалектикӣ дорад.

Номукаммал будани ахлоқи инсонҳо шахсро ба самти бадӣ бурда метавонад. Аз ин рӯ, инсон бояд худро такмил диҳад. Ин вазифаи душвор, вале наҷиб аст. Балхӣ инсонро бо оҳани обутобнаёфта, нозук ва сиёҳ муқоиса мекунад. Аммо оташ ва обутоб оҳанро комилан дигар мекунад. Оҳан дар раванди такомулёбӣ, эҳсоси оҳан будани худро  қатъ мекунад. Вай худро ба ҳамчун оташ тасаввур кардан оғоз мекунад. Ва танҳо раванди батакрори обутобдиҳӣ аз оҳан пӯлоди мустаҳкам месозад.

Агар инсон яке аз намояндагони олами заминӣ баррасӣ гардад, он гоҳ дар робита бо дигар мавҷудоти зинда таҷассумгари камолот аст. Дар баробари ин дар қиёс бо Худо таҷассумгари нуқсонҳост, ки ҳангоми муқоисаи рафтору кирдори мардум бо ҳақиқат зуҳур мекунад.

Балхӣ дар миёни нуқсонҳои асосии инсон ғайрифаъол будан, хоҳиши ғайрикофӣ барои идроки ҷамоли чеҳраи Худовандиро ҷудо кардааст. Файласуф ин иллатҳоро намепазирад ва барои камолоти маънавии худ талош меварзад, ҳарчанд ки ин раванд, ба ақидаи ӯ, бо азобу машаққат тавъам буда, аз пайравии руҳ дар зинаҳои болоравии маънавӣ далолат мекунад.

Ҷалолиддини Балхӣ дар байни фазилатҳои инсон ақлро таъкид мекунад, ки ба шарофати он инсон қобилияти бунёд кардан, хароб кардан ва амалӣ кардани қудратро пайдо кардааст. Ақл инсонро аз олами ҳайвонот фарқ мекунонад.

Агар инсон дар рохи такмили худ ба зинаи «бақо» боло рафта бошад, ӯро комил меноманд. Чунин одамон ҳақ доранд, ки амрҳои Илоҳиро ба мардум расонанд ва маънии онҳоро тавзеҳ намоянд.

Инсони комилро валии муқаддас низ меноманд, ки пайравонаш метавонанд шайх шаванд, доираи таъсири устоди худ, яъне вилоятро муайян мекунад.

Дар баробари ин, Балхӣ муътақид аст, ки валӣ як навъ чароғи дигарон аст, ба мардум роҳи тақворо нишон медиҳад, ҳарчанд худаш чароғ нест.

Валӣ аз худтакмилдиҳӣ озод нест, чун чароғ ва нур аз ҳам ҷудонопазиранд. Шогирдон бояд ба сӯйи рӯшноӣ саъй кунанд. Ҳамин тариқ, валӣ роҳбаладе маҳсуб мешавад, ки аз ҷониби Худо ба сӯйи инсонҳо сафар карда, ба ҷаҳони онҳо равшанӣ меорад.

Андешаҳо ва ғояҳои Ҷалолиддини Балхӣ барои замони худ мутараққӣ буда, дар замони таассуби динӣ аз аҳамияти бузурги равшангарӣ бархӯрдор буданд.

Ҳар он чизе, ки мутафаккир таблиғ кардааст, инсонро ҳамчун камолоти олами моддӣ, дар он ҷо муқтадир аст, боло мебарад. Инсон душвориҳои гуногунро паси сар карда, бо Худо як мешавад ва пас аз бозгашт ба зиндагии оддӣ аз сарпарастии он дар тарбияи фарзандон, кору илм ва эҷодкорӣ баҳра мебарад. Қудрати ҳамаҷонибаи ин гуна инсонҳо дар самимият, ақлу хуш, меҳнатдӯстӣ ва наҷобати онҳо низ зоҳир мешавад.

Андешаҳои педагогии Балхӣ дар ташкили тарбияи маънавию ахлоқии насли наврас ҳоло ҳам аз арзиши бузург бархӯрдоранд.

Дар ин маврид андешаҳои Ҳусайни Воизи Кошифӣ, ки масъалаҳои тарбияи ахлоқию этикиро баррасӣ мекунад, ҷолиб мебошад. Ба ақидаи ин мутафаккир, агар инсон майлу хоҳиши риояи принсипҳои боадабию ахлоқи некро дошта бошад, бояд бохирадӣ, наҷобат, эҳтиёткорӣ, зиракӣ, парҳезгорӣ, хирадмандӣ, шуҷоат, сулҳдӯстӣ, устуворӣ, садоқатмандӣ ва дигар хислатҳои мусбати хулқу атворро зоҳир намояд.

Ҳамаи хислатҳои дар боло зикршудаи руҳи инсонӣ барои Кошифӣ меъёри маҳосини ахлоқ буданд. Ин хислатҳоро бо ҳиссиёт арзёбӣ кардан мумкин нест. Онҳо ба ҳолати руҳии иктисобӣ ишора мекунанд. Чунин хислатҳо берун аз инсон вуҷуд надоранд, зеро онҳо ҷузъи ҳастии ӯ мебошанд. Агар ақл бо эҳсосот ҳамоҳанг бошад, пас инсон дар доираи меъёр ва хушбахтона зиндагӣ мекунад.

Умуман, он принсипҳое, ки мутафаккир махсус қайд кардааст, ба андухтаи руҳи инсон дар давраи ҳаёташ тааллуқ дорад. Натиҷаи ин дастовардҳо рафтори бофазилатест, ки ба инсон имкони такомулёбиро муҳайё меозад.

Кошифӣ як асли дигареро ҷудо кардааст, ки барои мардум аҳамият дорад, ин таваккал ба Худо мебошад. Ин маънои онро дорад, ки инсон ба иродаи Худованди мутаъол комилан такя карда, ихтиёран аз иродаи худ даст мекашад. Дар баробари ин кору бори чунин инсон ҳамеша дар ҳоли ривоҷу равнақ хоҳад буд [134,с.389].

Ба ақидаи Кошифӣ ягона валинеъмати инсон дар ҳаёти заминӣ Худост. Инсон агар самимона ба Худо таваккал кунад, ҳама мушкилотро бомуваффақият паси сар мекунад, ки иродаи нотавонро мустаҳкам мекунад ва ҳадафро ба неруманд нишон медиҳад. Аз ин рӯ, инсоне, ки иродаи худро ба Худованди мутаъол вогузор кардааст, қодир аст, ки ҳар мушкилиро осон намояд.

Ба андешаи файласуф, агар одамон ба шаҳват, фисқу фуҷур даст зананд, дар ҷомеа бетартибӣ ба вуҷуд меояд. Рафтори оқилона шармгиниро танзим мекунад, ки аз мардум на он қадар зиёд, яъне муътадилиро талаб мекунад. Илова бар ин, он имкон медиҳад, ки зебоии на танҳо ҷисм, балки руҳи инсон қадр карда шавад ва инсонҳоро ба анҷоми аъмоли зишт иҷозат надиҳад.

Суханони зерини мутафаккир маълум аст: «хислатҳои фариштагон ва ҳайвонот дар инсон ба ҳам пайвастаанд. Он инсонҳоро водор мекунад, ки аз ҳамаи хислатҳои ҳайвонӣ халос шаванд ва кӯшиш кунанд, ки ба фариштаҳо монанд шаванд». Маънои ин суханон чунин аст. Агар руҳ парҳезгор бошад, он гоҳ бо мулоҳиза ақл инсонро аз аъмоли бад бозмедорад. Тақво ба мардум имкон медиҳад, ки ба сахтиҳои зиндагӣ тоб оваранд ва бо сабр интизори раҳмати Худованд бошанд.

Кошифӣ ба ахлоқи неки инсон, ки руҳи ӯро аз гуфтору кирдори ношоиста эмин медорад, диққати махсус медиҳад. Ба шарофати хислати хуб шахс эҳтироми худ ва дигаронро ёд мегирад, обрӯ ва нуфузи худро нигоҳ медорад.

Таҳти мафҳуми «хулқи нек» Кошифӣ ба эҳтимоли зиёд муътадилиро дар назар дорад. Роҳи расидан ба ин сифат тавассути такмили сифатҳои руҳ аст. Инсон ба хасисӣ, бепарвоӣ, ҳарисӣ, фисқу фуҷур, буздилӣ набояд машғул шавад. Барои он ки ин иллатҳо як ҷузъи шумо нашаванд, шумо бояд худро аз муоширaт бо одамоне, ки чунин иллатҳоро доранд, барҳазар доред. Кирдори шумо бояд ҳамеша ба сӯйи зебоиҳое, ки гирду атрофи моро фаро гирифтааст, ба фазилат, илм, корҳои нек равона карда шаванд.

Дар ин бобат суханони Абдураҳмони Ҷомӣ ҷолиби диққатанд, ки арзиши шахсияти инсон ба ҳеҷ ваҷҳ ба аслу насаб ва сарвати ӯ вобаста нест. Арзиш дар зебоии руҳ, вуҷуди хирад, нерӯи ақл аст.

*Афридун ба ворисонаш чунин андарз додааст: дар замини шафқат ҷуз тухми насиҳат накишт, ба фарзандони худ ин тавқеъ (фармон) навишт, ки сафаҳоти айём сафҳаи эъмор аст, дар он манависед ҷуз он чӣ беҳтарин аъмол ва осор аст.* Ин андешаҳоро Абдураҳмони Ҷомӣ дар асари ҷовидонаи худ «Баҳористон» баён кардааст, ки дар он оғозҳои ахлоқӣ ва эҳсосоти нек ситоиш мегарданд.

***Адолат ва шафқат: ду сифати руҳ, ки ба василаи онҳо ба некӯаҳволии мардум, сулҳдӯстӣ ва қобилияти ҳокимон дар бунёдкорӣ баҳо медиҳанд.***

Саъдии Шерозӣ дар бораи адл чунин мулоҳиза меронад: он (адл) барои мо атои Худост. Агар дар тули умри худ адлро ба роҳбарӣ гирифта бошӣ, ба корҳои бад даст задан ғайриимкон аст.

Унсурулмаолии Кайковус гуфтааст: «Ҳама бояд одил бошанд ва атбоъ ҳам, ки аз баракати адл шукуфон мешаванд. Дар кишвар набояд беадолатӣ бошад. Қасрҳои ҳокимон бояд некуаҳвол ва аз адл пур шавад. Он қасрҳои подшоҳон, ки пур аз беадолатӣ ҳастанд, ҳатман бояд аз байн раванд. Беадолатӣ бояд аз миён рафта, адл пирӯз шавад» [95,с.397].

Дар намунаҳои адабиёти тоҷику форс мисолҳои зиёдеро дар бораи хидмати содиқонаи вазирон ба подшоҳон, кишварҳо ва халқҳои онҳо хоҳем ёфт. Чунин

вазири доно Бузургмеҳр, ходими шоҳ Анӯшервон, ки яке аз фармонфармоёни бузурги Шарқ буд. Ӯ бохирадтарин арбоби давлат буд, ки дар ёди мардум ҳамчун подшоҳи одил боқӣ мондааст.

Чунин мисолҳоро мо дар асарҳои Саъдӣ мебинем. Масалан, ин вазир Ҳасани Майвандӣ дар аҳди салотини Ғазнавӣ аст. Дар айёми шукуфоии сулолаи Салҷуқиён машҳуртарин ва муқаррабтарин фарди дарбор Низомулмулк буд, ки аз рӯйи асари «Сиёсатнома» ба мо маълум аст. Дар он асар омадааст, ки вазир бояд чунон амалҳои одилонае анҷом диҳад, ки тавони ҳифзу нигоҳдории обрӯ ва эътибори подшоҳро дошта бошад. Бисёре аз подшоҳон бо аъмоли неки худ бештар ба шарофати вазирони одил ва худотарсашон машҳур шуданд [293,с.293].

Ғазолӣ дар асари худ «Насиҳат-ул-мулук» дар бораи Низомулмулк навиштааст: «Шукри Худо, ки яке аз арзандатарин вузаро дар давлати Салҷуқиён ҳукмронӣ мекард». «Шумо бояд бидонед, ки ба шарофати як подшоҳи одил ва вазири бохирад идоракунии давлат муваффақона хоҳад буд. Ҳеҷ як давлат бе вазир кор карда наметавонад» [173,с.84].

***Мавқеи вижаи меҳнати ҷисмонӣ ва ақлонӣ дар раванди ташаккули руҳи покиза ва рушди давлат***

Тарбияи меҳнатии кӯдакон дар зиндагии рӯзмарраи халқи тоҷик вазифаи аввалиндараҷа ба ҳисоб мерафт. Ин масъала борҳо дар осори адибон ва мутафаккирони тоҷику форс матраҳ шуда, инчунин дар Қуръони карим ва ҳадисҳои паёмбар(с) низ бо он таваҷҷуҳ шудааст.

Дар дини Ислом чунин ақида возеҳан муқаррар гардидааст, ки инсон аз тамоми махлуқоти рӯйи замин хеле бартарӣ дорад ва ашрафи махлуқот аст: «*Ҳамоно фарзандони Одамро гиромӣ кардем ва дар биёбону дар дарё онҳоро барнишондем; ва ба онҳо аз покизаҳо рӯзӣ додем ва онҳоро бар бисёре аз он чи офаридаем, фазли бисёр додем.* » (*Қуръон 17; 70).*

Паёмбар (с) дар ҳадисҳои худ инсонҳоро ба ҷидду ҷаҳд, росткорӣ ва муносибати софдилона дар роҳи дарёфти ризқ даъват кардааст: «Тоҷири шоиста ҳамроҳ бо содиқон ва шаҳидон дар биҳишт ҷой хоҳад дошт».

Абуабдулло Рӯдакӣ ба қонунхои диалектика амиқан сарфаҳм рафта, робитаи моҳияти инсон ва олами моддиро дарк мекард. Шоир дар тули умри худ ба мо бисёр андешаҳои ибратбахш мерос гузоштааст.

Азбаски умри инсон даргузар аст, ба ӯ дар тули зиндагӣ корҳои парҳезгорона дастур дода мешавад, ки барои дар хотири мардум боқӣ мондани номи некӯ кумак мерасонад. Шодию нишот ҳам дар ҳаёти заминӣ абадӣ нест. Аз ин рӯ, инсон бояд онҳоро дуруст ихтиёрдорӣ кунад, аз рафтори нек баҳра гирад ва лаззат барад, ба мардум хидмат расонад ва нияти пок дошта бошад. Маҳз ҳамин ғоя мазмуни тамоми андарзҳои шоир мебошад.

Рӯдакӣ мавҷудияти чунин арзишҳои умумибашарӣ, аз қабили саъю кӯшиш ба кор, илму дониш, донистани ҳунар, дӯстиро қайд мекунад. Шоири дақиқназар муътақид аст, ки инсон бояд дар худ ҳақиқатро бо истифода аз дониш ва ақл парварад, зеро танҳо бо кумаки онҳо метавон маънии рӯйдодҳои олами ҳастиро дарк кард. Таҷрибаи зиндагӣ барои Рӯдакӣ муаллими асосӣ мебошад. Таҷрибаи ҳаётие, ки одам мегирад, бояд ҳам барои худи одам ва ҳам барои одамони дигар фоидаовар бошад [285,с.176].

Арзишҳои инсонпарварӣ барои шоир муҳим буданд. Онҳоро ба роҳбарӣ гирифта, аҳамияти таълиму тарбияро барои ҷавонон нишон медод.

Кӯдакон, ба ақидаи Абуалӣ ибни Сино, бояд барои дониш талош варзанд ва бо рафтори намунавии худ фарқ кунанд. Агар онҳоро ҳамин тавр тарбия кунанд, сазовори падару модар ба воя мерасанд. Кӯдаконро набояд омӯхт, ки аз сарват ва аслу насаби оличаноб ифтихор дошта бошанд. Дар ин кор манфиате нест. Балки манфиат дар дониш ва хирад аст.

Абуалӣ ибни Сино гаронбаҳотарин сифати инсонро хирад медонист, ки асоси ташаккули дигар хислатхои мусбати инсон мебошад. Ӯ дар ин бора чунин навиштааст:

*Майли ман бар муқтазои мақсади олӣ бувад,*

*Пояи поён нахоҳад ҳеҷ гаҳ хотир маро.*

*Хоҳам ин ки ворасам то қуллаи мақсуди худ,*

*Ё ки дар ин роҳ хобонад аҷал охир маро.*

Абуалӣ ибни Сино ба меҳнат, ба ҳар коре, ки инсон ба он машғул бошад, баҳои баланд медод. Ӯ дар бораи аҳамияти меҳнат дар ҳаёти инсонҳо бештар андеша меронд. Ба андешаи мутафаккир, бо кор, чун дар андухтани дониш, набояд бо ноилшуда қаноат ва таваққуф кард. Вақтро боздоштан мумкин нест, аз ин рӯ вақт инсонро интизор нахоҳад шуд. Имрӯзро барои кор бояд истифода намуд, ҳеҷ корро барои фардо нагузор.

*Имрӯз бикун чу метавонӣ коре,*
*Фардо чӣ кунӣ, чу натвонӣ.*

Дар эҷодиёти мутафаккири бузурги дигар ҳаким Фирдавсӣ далелҳо дар бораи зарурати ба воситаи меҳнат ба даст овардани таҷрибаи хаётӣ васеъ баён шудаанд. Ӯ таъкид мекунад, ки ҷойи касбу ҳунарро марворидҳои тобнок намегиранд, ки барои сохтани ҷавоҳирот лозиманд. Касбу ҳунар ба шумо кӯмак мекунад, ки ба шарофати ақл ганҷ ба даст оред:

Ба ранҷ андар аст, ай хирадманд, ганҷ,
Наёбад касе ганҷ, нобурда ранҷ.

Инсоне, ки касбу ҳунар надорад ва ҳунарро намедонад, барои Фирдавсӣ қобили қабул нест, ҳарчанд аз аслу насаби наҷиб дошта бошад.

Ӯ дар ин бора чунин менависад:

*Бе касбу ҳунар зишт тобад ҷавон,*
*Гарчан ки ӯ писари Ораш бошад.*

*Касе, к-ӯ ҷаҳонро бувад хостор,*
*Варо дониш ояд, на гавҳар ба кор.*

*Ҳунармандро шоду наздик дор,*
*Ҷаҳон бар бадандеш торик дор,*
*Бимонад дуто ҷовидон як гуҳар,*
*Ҳунармандию донишу додгар.*

Фирдавсӣ дар мулоҳизаҳои худ дар бораи меҳнат ба чунин хулоса меояд, ки одам на дар сухан, балки дар фаъолияти амалӣ бояд маҳорати худро дар ин ё он касбу ҳунар, исбот кунад.

Барои устоди кори худ шудан бо одамони хирадманд, ки дар касбу ҳунар, маҳорати баланд омӯзонда метавонанд, муоширaт кардан лозим аст. Бояд аз хирадмандон тамоми нозукиҳои кореро омӯхт, ки ӯ тасмим гирифтааст, ки умри худро ба он бахшида бошад, то аз касбу кор лаззат барад ва дар зиндагӣ ба мақоми баланд ноил шавад.

Сайидо низ дар ашъори худ касбу ҳунарро таблиғ карда, ба аҳамият ва арзи баланди он дар зиндагии инсон баҳо медиҳад. Ӯ таъкид мекунад, ки инсон бояд ҳамеша дар такопӯи зиндагӣ ва чун осиё зи пайи обу дона бошанд.

*Рӯзӣ насиби кас ба нишастан намешавад.*

*Бояд чу осиё зи паси обу дона рафт.*

Сайидо ҳунармандӣ ва эҷодкориро аз ифтихормандтарин хасоили инсон дониста, таъкид мекунад, ки ба ҷуз донишу ҳунар дигар ягон чи мушкилоти инсонро осон карда наметавонад ва ҳеҷ гоҳ марди ҳунарманд муҳтоҷи касе намешавад:

*Рӯ намеорад ба хони ҳеҷ кас соҳибҳунар.*

*Боғбон ризқи худ аз пушти гулистон мехӯрад,*

*Ба зери бори миннат кай ҳунарвар мениҳад гардан*

*Наҷунбад Кӯҳкан гар бар сари ӯ бесутун афтор.*

Шоир баракати ҳунарро дар саъйу талош дида, таъкид кардааст, ки шахси ҳунарманд ризқу рӯзии худро тавассути меҳнату заҳмат ба даст меорад:

*Ҷӯи шир ояд бурун аз кӯҳ баҳри кӯҳкан,*

*Рӯзии худ мекунад соҳибҳунар ҳосил зи санг.*

Дар асари «Қобуснома» Унсурулмаолии Кайковус ба писараш чунин андарз медиҳад: «*Бидон, писарам, мардуми беҳунар суде ҳам намебаранд, чун хори муғелон, ки соя намеафканад. Тана дорад, аммо ба дигарон манфиат намебахшад*"

Инсонҳое, ки маҳорат надоранд, вале аслу насаб доранд, ба андозаи муайян эҳтиром доранд. Аммо бадтар мешавад, ки инсон на обрӯю эътибор ва на маҳорат

дошта бошад. Аз ин рӯ, шумо бояд кӯшиш кунед, ки шаъну шарафи шахсиро ба даст оред, сарфи назар аз он, ки шумо аллакай аслу насаби ашрофона доред. Наҷобати шахсан ба даст овардашуда беҳтар аз он чизест, ки аз падару модар мерос мондааст. Инсон на барои аслу насабаш, балки барои таҳсилот, ақлу хирад ва хислати некаш соҳиби ҳурмату эҳтироми воқеӣ мегардад. Бузургӣ бо наҷобат муайян намегардад, балки маҳаки ақлу дониш аст.

Унсурулмаолии Кайковус андешаи худро дар ин хусус инкишоф медиҳад, ки набояд бо шуҳрати аз падару модар меросмонда, қаноат кард. Ин танҳо зуҳуроти зоҳирии эҳтиром аст. Ин эътирофи мардум аст, ки ба шарофати маҳорат ва заковат арзиши бештар дорад, вақте ба номи худ вожаи «устод», «ҳаким»-ро илова мекунед, ба даст меоред.

Агар инсон танҳо аз аслу насаби наҷиб ифтихор карда тавонад ва дигар чизи наҷиб надошта бошад, дар ҷомеа эътироф намешавад. Аммо, агар худи ту оличаноб бишавӣ, он гоҳ ҳама ба ту ниёз хоҳанд дошт [319,с.91].

Кайковус ба қобилияти нутқ диққати махсус медиҳад. Ӯ чунин мулоҳиза меронад: Инсонро бояд беҳтарини махлуқоти Худо эътироф кард. Хусусиятҳои фарққунандаи он, аз ҳайвонот даҳ ҳиссиёти ӯ мебошанд.

Панҷ ҳиссиёт дар дохили ҳар як шахс нуҳуфта аст. Инҳо хотира, тафаккур, қобилияти фарқ кардан, тахайюлот ва нутқ мебошанд. Панҷ ҳиссиёти дигар равшан аст. Ба инҳо босира, ломиса, сомеа, зоиқа ва шомма дохил мешаванд. Ҳиссиёти инсон аз ҳайвонот фарқ мекунад. Ба туфайли онҳо, ӯ бар олами ҳайвонот ҳукмфармост.

Мутафаккир дар андарзҳои худ таъкид мекунад, ки сухан бояд бомулоҳиза ва дар ҷойи худ гуфта шавад. Ҳатто як суханҳои зебои беҷо гуфташуда, метавонад зишт намояд.

Ба Кайковус чунин суханон тааллуқ доранд: «бе сабаб сухан нагӯед. Сухани бемавқеъ танҳо зарар меорад. Агар сухане барои ифодаи дурӯғ истифода шавад, беҳтараш онро ба забон наоред. Ҳакимон чунин мегӯянд: «сухан метавонад дору бошад ё дарди сар». Агар аз ту напурсанд, хомӯшӣ авлост. Маслиҳат надиҳед, агар

аз шумо напурсанд. Инчунин, дар ҳузури ашхоси бегона ҳам маслиҳат надиҳед. Чунин маслиҳат метавонад як маломат ба назар расад» [327,с.148].

Мутафаккир ба мо таълим медихад: «Агар касе роҳи нодуруст интихоб карда бошад, ӯро набояд ислоҳ намуд. Ин кори бефоида аст. Охир, вақте ки дарахт каҷ месабзад, онро дигар рост карда намешавад. Ягона роҳиислоҳи ин каҷӣ тарошидани он аст».

Кайковус махсусан чунин зарурат ро таъкид мекунад: « Аз ғаму андуҳи каси дигар ҳаргиз шод нашав, он гоҳ аз бадбахтии ту шод нахоҳанд шуд». Барои он ки дар бораи ту сухани нек бигӯянд, дар бораи дигарон ҳам сухани нек бигӯ. Агар дар шӯразор кишт мекунед, ҳар қадар кӯшиш кунед ҳам, ҳеҷ чиз намерӯяд. Ҳамин тавр нисбат ба одамони бад ҳам; ҳар қадар ки ба онҳо некӣ кунед, ҳеҷ чизи неке дар онҳо илова намешавад.

Аммо, агар инсон сазовори некӣ бошад, ба ӯ некиро дареғ надоред. Охир, Паёмбар (с) фармудааст, ки ҳар ки корҳои некро таълим медиҳад, худаш онҳоро эҷод мекунад. Худат некӣ мекун ва дигаронро ҳам ба некӣ кардан даъват намо ва ҳаргиз аз он ки ба касе некӣ кардаӣ, пушаймон нашав, зеро ҳанӯз дар зиндагиат ба ивази аъмоли неку бади худ подош хоҳӣ гирифт. Ба дигарон некӣ кунед, бубинед, ки чӣ гуна худи шумо аз ин корҳо хушнуд мешавед. Агар шахси хайрхоҳ касеро озор диҳад, он гоҳ дар дилаш тангӣ ва гарониро эҳсос мекунад, ки то замони он иштибоҳро ислоҳ кардан аз он халос намешавад.

Инсон наметавонад аз нури фазилатҳояш чашмонашро хира созад. Агар беҳунарӣ ба ту барои дарёфти ризқу рӯзӣ кумак кунад, беҳунар бош. Дар акси ҳол, ҳунар омӯз. Омӯхтан ҳеҷ гоҳ шарм нест. «Ба некию фазилатҳо ва ба зиштию нуқсонҳои инсонҳо бодиққат назар андоз. Бикӯш, то муайян намоӣ, ки аз онҳо чӣ суд асту чӣ зиён. Хулоса намо ва манфиати шахсии худро биҷӯ. Саъй намо, то бифаҳмӣ, ки чӣ чиз шахсро ба зиён наздиктар мекунад ва ҳамеша аз он дуртар бош. Ва бикӯш, ки ба манфиати худ, наздиктар шавӣ. Ҷисм ва рухи худро бо омӯзиш ва фазилатҳо тамрин намо. Агар чизеро намедонӣ ё намефаҳмӣ, биёмӯз.

Кайковус ба афкору андешаҳои Суқрот баҳои баланд медод. Бар асоси онҳо ба хулосае омад: «Аз дониш гаронарзиштар ганҷе нест, аз шарм дида ороиши зеботар нест. Душмани бадтарин, инсони бад аст».

Мардум дар тули умри худ бояд барои дарки ҳақиқат ва хирад талош кунанд. Новобаста аз он ки инсонба чи кор машғул аст, бояд дар шуғли худ манфиат ва манбаи донишҳои навро ҷустуҷӯ намояд. Ҳикматро ҳатто ҳангоми муомила бо одамони нодон ҳам ба даст овардан мумкин аст. Ба онҳо нигоҳ карда, шумо мефаҳмед, ки кадом сифатҳои онҳо барои шумо писандида нест ва худи шумо бояд кадом корҳоро накунед. Дар ин бобат суханони Искандар ҷолиб аст:

«Ман на танҳо аз дӯстон, балки аз душманон ҳам суд бурданро меомӯзам. Агар кори баде карда бошам, дӯстонам хоксорона дар ин бора хомӯшӣ ихтиёр мекунанд, душман бошад, ҳатман ба он ишора мекунад. Бинобар ин, душман ба ман имкон медиҳад, ки бадиҳоро ислоҳ намоям ва ман аз ин нисбат ба кирдори дӯстонам бештар манфиат ба даст меорам» [327,с.148].

Дар ин маврид Унсурулмаолии Кайковус чунин мулохиза кардааст: «Ҳар як инсони омӣ ва ашрофзода вазифадор аст, ки илм ба даст орад ва барои фазилат саъю кӯшиш намояд. Фақат бо роҳи худро ҷиҳати маънавӣ ва ҷисмонӣ такмил додан, кори хайр кардан аз дигарон болотар буда метавонед.

Агар ту дар худ фазилатеро эҳсос намоӣ, ки онро дигарон надоранд, он гоҳ атрофиён ба ту бузургӣ мукофот хоҳанд дод ва худи ту дар назари худ сарбаланд хоҳӣ шуд. Бо дидани иззату эҳтироми дигарон нисбат ба худ, ту хоҳиши боз ҳам бештар инкишофёбӣ ва такмил додани худро пайдо менамоӣ.

Амалҳои нек кардан барои ҳама инсонҳо судманд аст. Барои ин бо коҳилӣ, ки руҳу ҷисмро маъюб мекунад, мубориза бояд намуд. Вақте ки ҷисм ба ақл итоат кардан намехоҳад ва руҳ баҳона мечӯяд, ки кори хайр накунад, инсон ба мусибат мубтало мешавад. Аз ин рӯ, танбал нашавед ва ҷисмро ба кор кардан водор созед. Руҳи худро бо корҳои нек тамрин диҳед. Танҳо касе, ки болои худ кор мекунад, метавонад худро тасхир намояд.

Агар ба инсон муяссар шавад, ки ҷисм ва руҳи худро ба иродааш мутеъ гардонад, ӯ метавонад корҳои хайрро анҷом диҳад, зеро неъмати ин дунё дар

фазилат аст. Унсурулмаолӣ талаб мекунад, ки ба тақво, сабру тахаммул, ҳаё ва росткорӣ диққати махсус дода шавад.

Аммо набояд ба шарму ҳаё, махсусан ба ҳаё дар имон мутаассибона талош кард. Ин рафтор метавонад ба инсон зиёновар бошад. Ба ин набояд рох дод.

Шарму ҳаё самари имони воқеӣ аст. Дар навбати худ, боҳаёӣ метавонад дар шакли фақр самар оварад. Бинобар ин, онро окилона истифода бурдан лозим аст. Ҳолатҳое ҳастанд, ки беҳаёӣ барои мардум аз боҳаёӣ муфидтар хоҳад буд. Ҳатто китобҳои муқаддас нишон медиҳанд, ки шарму ҳаё метавонад ҳам некӣ ва ҳам бадӣ оварад» [327,с.148].

Бо инсони дигар ҳамон гуна рафтор намо, ки мехоҳӣ бо ту чунин рафтор намоянд. Одамон бояд бубинанд, ки шумо на танҳо зоҳиран, балки ботинан ҳам, зебоед. Охир, кирдори ношоиста барои одами зебо намезебад. Агар ҷав мекорӣ, интизор нашав, ки гандум мерӯяд.

Хурсави Деҳлавӣ масъалахои тарбия ва ахлокро басо мухим медонист. Шоир Қуръони карим ва фалсафаи динро амиқан омӯхта, ба хулосае омад, ки яке аз асоситарин арзишҳои инсон ситоиши илму ҳунар аст. Илова бар ин, ӯ бар ин назар аст, ки интиқоди ҷаҳолат ҳам дар ҳаёти ҷомеа бояд ҷой дошта бошад. Шоир навиштааст: «Дар байни фазилатхои асосии инсон саъю кӯшиш ба донишу хунарро махсус қайд кардан лозим аст. Бедонишӣ ва мансабпарастӣ қобили накуҳиш аст».

Шоир ба мо таълим медиҳад, ки мо бояд аз ҳунару дониши худ ифтихор кунем, зеро аҳамияти онҳо дар ҳаёти инсон аз аслу насаб арзишмандтар аст, ки мардумро бо сифатҳои шахсӣ аз ҳамдигар фарқ намекунад. Агар инсони фақир олим бошад, ӯ аз ашрофзодае, ки бедониш аст, гиромитар мебошад.

Абдураҳмони Ҷомӣ дар пандномаи худ ба писараш, ки ба туфайли асараш «Баҳористон» ба мо расидааст, менависад:

*Қонеъ нашавӣ ба ҳар чи ёбӣ,*

*Аз хуб ба хубтар шитобӣ."*

Ин андарзро метавон ба арзиши умумибашарӣ нисбат дод, зеро аҳамияти он барои ҳар як шахси некукор абадӣ ва муҳим аст.

***Ризоият, муҳаббат, ҳамчун асоси тарбияи оилавии фарзандон***

Дар исломшиносӣ ва диншиносии муосир таълимот дар бораи оила, ки тайи сад соли охир фаъолона инкишоф меёбад, ҷойгоҳи махсусро ишғол мекунад.

Барои оилаи хушбахт муносибатҳои нек хос мебошад, ки ин як талаботи ислом буда, ҳам ба зан ва ҳам ба мард дахл дорад.

Ислом дар баробари аҳкоми танзими муносибатҳои оилавӣ дастурҳое дорад, ки мусулмононро ба анҷом додани корҳои нек даъват мекунад. Ин ҳамчунин дар уҳдадории нигоҳ доштани муносибатҳои хуби байни марду зан дар оила ифода ёфтааст.

Асоси чунин муносибатҳо эҳтироми мутақобила ва талаби ба ҳамдигар нохушӣ накардан аст. Дар Қуръони карим гуфта мешавад, ки дар оила бояд зиндагии шоиста дошта бошед, ҳатто агар чизе ба назар нохушоянд мерасида бошад: “*Ва бо занон бо ваҷҳи писандида зиндагонӣ кунед, зеро агар онҳоро нописанд кунед, пас шояд шумо чизеро написандидед, ки Худо дар он хайри бисёрро пайдо кунад”* (*Қуръон 4:19).*

Дар таълимоти исломӣ нишонаи имони ҳақиқӣ ба Худо, нигоҳ доштани муносибатҳои нек дар оила аст. Дар ҳадисҳои Паёмбар (с) дастурҳое мавҷуданд, дар бораи он, ки ҳамон касеро марди шоиста донистан лозим аст, ки бо ҳамсараш муносибати хайрхоҳона дорад. Абуҳурайра (р) ба суханони зерини Паёмбар (с) таваҷҷуҳ кард: *«Имондории ҳақиқӣ дар касонест, ки рафтори некӯ доранд ва беҳтарини онҳо бо завҷаи худ муносибати нек доранд».*

Паёмбар (с) дар ин бобат намунаи рафтор дар хонавода аст. Паёмбар (с) дар ҳаёти оилавии худ талаботи дини исломро қатъиян риоя мекард. Ҳамсари Паёмбар (с) Оиша (р) фармудаанд, ки «беҳтарини мардон касест, ки бо занону фарзандони худ муносибати шоиста дорад».

Дар асоси таҳлили Қуръони карим ва дигар матнҳои муқаддас ба хулосае омадем, ки дар ислом муносибати нек нисбат ба зан яке аз нишонаҳои марди росткор аст. Ин сифат гарави таъмини зиндагии хушбахтонаи оила мебошад.

Дар айни замон, агар рафтори мардони муосирро нисбат ба завҷаашон ба назар гирем, мутаассифона, инҳирофоти ҷиддие аз меъёрҳои дини Ислом

мушоҳида мешавад, ки ба рушди тамоми ҷомеа таъсири манфӣ мерасонад. Мардон гоҳе хушунат ва беэҳтиромиро нисбат ба зан намоиш медиҳанд, ки ин хилофи ислом аст. Боиси таассуф аст, ки одамони бесавод бо истинод ба он ки гӯё мабдаи чунин муносибат дар Ислом нуҳуфта аст, ин гуна рафтори худро тавзеҳ медиҳанд.

Аммо чунин тафсир нишон медиҳад, ки ин одамон аз таълимоти дини Ислом камтар огаҳӣ доранд.

Дар Қуръони карим омадааст, ки Худованд насли башарро гиромӣ медонад. Аз ин рӯ, ҷузъи асосии эътиқоди исломӣ муносибати эҳтиромона ба инсон аст. Барои ноил шудан ба эҳтиром риояи меъёру қоидаҳое, ки дар китобҳои муқаддас зикр шудаанд, зарур мебошад. Меъёрҳои асосии ислом дар ҳар макон ва замон барои иҷро ҳатмӣ мебошанд. Худованд мефармояд: «*Ҳамоно, фарзандони Одамро гиромӣ кардем...» (Қуръон 17:70).*

Аз ин бармеояд, ки инсон бояд ба ҳама одамон бо эҳтиром муносибат кунад. Барои ин Худованд ӯро қадр мекунад ва аз дигар мавҷудоти зинда болотар медонад. Инсонҳо бояд ҳар он чизеро, ки Худо ба онҳо ато кардааст, эҳтиёт кунанд.

Бархе аз мусулмонон чунин мешуморанд, ки дар Қуръони карим оид ба бартарии мард нисбат ба зан сухан гуфта шудааст. Аммо, ин тафсир комилан дуруст нест: «*Мардон – ба сабаби он ки Худо баъзе одамиёнро бар баъзе бартарӣ додааст; ва ба сабаби он ки аз амволашон харҷ кардаанд, бар занон корсози тасаллутёфта шудаанд.» (Қуръон 4:34).*

Худованд ҳарчанд мавҷудияти бартарии мардонро пешбинӣ менамояд, аммо ҳамзамон нишон медиҳад, ки чунин бартариҳо бар уҳдаи ӯ масъулияти иловагиро дар оила вогузор мекунад. Мард бояд оилаи худро эҳтиёт намояд, кӯдакон, занон ва куҳансолонро муҳофизат кунад, ки ин нақши зану мардро дар оила пешакӣ муайян мекунад.

Барои он ки оила вайрон нашавад ва хушбахт бошад, бояд ин нақшҳоро, ки дар Қуръони карим навишта шудааст, иҷро кард.

Аммо зарур аст, ба назар гирифт маънои оятеро, ки Худованд дар он ишора ба бартарии мард мекунад ва чунин бартарӣ танҳо барои таъмини ободии хонавода амалӣ мешавад.

Зимнан, дар ин оят суханонеро пайдо намекунем, ки Худованди мутаъол ба воситаи онҳо дар бораи бартарии мушаххаси мард гуфта бошад. Ин маънои онро дорад, ки Худованд ба баъзе сифатҳои мардона бартарӣ бар сифатҳои занонаро иҷозат додааст. Дар баробари ин, баъзе сифатҳои занона нисбат ба мардона бартарӣ доранд.

Оилаи мусулмон зоҳиран ба куллӣ падарсолорона ба назар мерасад. Дар ин ҳол, дар он чун дар оилаҳои оддии ғайримазҳабӣ ҳамеша ҳаракат ва тағйирот ба вуқуъ меояд. Аммо, одамон аксар вақт инро мушоҳида намекунанд.

Имон ба Аллоҳ тақозо мекунад, ки амрҳои Худованд ба қадри тавоноӣ ва имконот иҷро карда шавад. Принсипҳои оилавии диндорон барои онҳо меъёр буда, дар муошират бо бехудоён механизмҳои танзимкунанда мегарданд. Ақидаҳои динӣ ба диндорон кӯмак мекунад, ки ба фақри маънавиёт, таназзули ахлоқ ва обрӯю эътиборот муқовимат намоянд.

Моҳиятан, ислом ба як садд ва олати муассири маънавӣ табдил ёфтааст, ки ба ҳамзамонони мо имкон медиҳад, ки меъёрҳои ахлоқию этикиро ҳифз намуда, арзишҳои анъанавии миллиро бо принсипҳои тарзи ҳаёти ғарбӣ муқобил гузоранд.

Агар дар оилаҳо ҳамдигарфаҳмӣ, эътимод ва дастгирӣ набошад, ин ба тамоми ҷомеа таъсири манфӣ расонда, чунин тамоюл ба рушди босуботу устувори давлат хала ворид месозад. Аз ин рӯ, имрӯз моро лозим аст, ки арзишҳои ҳаётиро мавриди бозбинӣ қарор дода, муносибати ҷавононро ба онҳо тағйир диҳем. Наҷоти инсоният аз таназзули маънавӣ танҳо тавассути оила, эҳёи арзишҳои ҳаёти оилавӣ, ки дар тамоми динҳои ҷаҳонӣ, ислом, яҳудӣ, насронӣ ба ҳам хеле наздиканд, имконпазир аст.

## 2.3. Ғояҳои мутафаккирони тоҷик дар бораи ташаккули шахсият дар раванди таълиму тарбия

***Муносибати эҳтиёткорона ба табиат ҳамчун самти муҳим дар эҷодиёти мутафаккирони асримиёнагии тоҷику форс***

Андешаҳои экологии мутафаккирони асримиёнагӣ аз даврони Сомониён то ба замони мо расидаанд, ки минбаъд ба бахше  аз шуури миллии халқи тоҷик табдил ёфтаанд. Чунин ақидаҳо дар асарҳои адабӣ ифода ёфтаанд, ки моҳияти онҳо муносибати боэҳтиром нисбат ба  инсон, табиат ва тамоми олами атроф буд.

Дар байни муаллифони асримиёнагӣ классикони каломи бадеъ ва илми зинда Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Абуалӣ ибни Сино  ва дигаронро метавон номбар кард. Онҳо дар асарҳои худ масъалаҳои арзишмандии забону фарҳанг, анъана ва расму оинҳои миллиро ба миён гузоштаанд.

Бисьёр ниёгони мо, файласуфон, адибон ва олимони имрӯзаи мо табиати диёри худро васф кардаанд. Онҳо дар асарҳои худ зебоӣ ва дилкашии онро тараннум намудаанд. Шоирон табиатро васф карда, шавқу завқи худро дар рубоиҳо ва ё достонҳои  муфассал  баён мекарданд. Аксари онҳо баҳорро зеботарин  фасли сол медонистанд, ки табиат аз хоб бедор шуда, ба одамон рангҳои тару тоза, садои гӯшнавози  хониши парандагон, гармии офтоб ва насими форам ҳадя мекунад.

Дар ин бобат осори Рӯдакӣ махсусан ҷолиб аст. Ӯ табиатро васф намуда, онро бо инсон иртибот дода, ба воситаи истиора, ташбех ва дигар санъатҳои бадеӣ далелҳои равшанро ошкор мекунад, ки  имкон медиҳад, андешаи муаллиф ба хонанда ва шунаванда тавассути отифаҳои равшан расонида шавад.

Аз он меросе, ки Рӯдакӣ ба мо гузоштааст, мебинем, ки ӯ инсон, рафтору кирдори ӯро хеле бомаҳорат тасвир кардааст, панду андарз додааст  ва дар баробари ин падидаҳои табиатро моҳирона тасвир кардааст.

Робитаи табиат ва санъатро мо дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ дар  достони «Подшоҳии Кайковус» мебинем.

Тавсифи табиат дар осори адабӣ ва осори илмии мутафаккирони асрҳои миёна мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Ислом аз бисёр ҷиҳат ба рушди  мавзуи

мазкур таъсири мусбат расонидааст. Масалан, тасвири табиат, ки Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ овардааст, бо назари ӯ ба ҷаҳон, бо дарки маънои дин дар ҳаёти инсон робитаи наздик дорад.

Дар асарҳои илмии Абуалӣ ибни Сино фарҳанги экологӣ ҷойгоҳи асосиро ишғол мекунад. Инсон, ба ақидаи ӯ, аз рӯзи таваллуд бо падидаҳои табиие, ки тамоми умри ӯро ҳамроҳӣ мекунанд, дучор мешавад. Одамон, ба қавли мутафаккир, маҳсули табиат мебошанд. Аз ин рӯ, барои инсон муҳим аст, ки онро нигоҳубин кунад ва покизагии аввалияи табиатро нигоҳ дорад»[15,с.380].

Ҳатто пас аз ҳамлаи лашкари туркону муғулҳо низ ормони зарурати эҳтиёткорона нисбат ба табиат ҳамчун як шарти ҳатмии наҷоти миллат дар ғояи миллии тоҷикон аҳамияти худро аз даст надода буд. Ин назария ҳатто дар он замонҳое, ки давлати Сомониён аз байн рафта буд, ба мавҷудият ва инкишофи худ идома медод.

Дар асрҳои миёна проблемаи нигоҳ доштани мувозинати фарҳангҳо замоне ба таври шадид зоҳир гардид, ки фарҳанги тоҷику форс дар муқобили фарҳанги туркию муғул қарор гирифт. Вобаста ба ин, дар ғояи миллии тоҷикон як қатор тағйирот ба амал омад. Аз ҷумла, он бо унсурҳои фармонбардорӣ, сабру тоқат, таҳаммулпазирӣ, итоат ба забардаст мукаммал гардид.

Дар ин айёми душвор бисьёр мутафаккирони бузург барои ҳифзи ҳаёт ва озодии худ маҷбур шуданд, ки ба мамлакатҳои бегона ҷалои ватан кунанд. Аз ҷумлаи онҳое, ки берун аз зодгоҳашон эҷодкориро идома доданд Абуалӣ ибни Сино, Абурайҳони Берунӣ. Носири Хусрав, Саъдии Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва даҳҳо файласуфону адибон ва донишмандони маъруфи асрҳои миёна буданд.

Сарфи назар аз вуҷуди душвориҳои зиёд ва ҳатто таҳдиди хатар ба ҳаёти худ онҳо аз ғояи миллии худ даст накашида, дар асарҳои худ дар бораи арзишҳои асосии халқи худ, таҷрибаи шахсии зиндагии худ ибрози ақида намуда, дониши худро ба наслҳои ҷавон мерос гузоштаанд.

Дар эҷодиёти Носир Хурсав дар бораи ақлу хиради инсон бисёр андешаҳои ҷолиброметавон пайдо намуд. Шоир боварии қатъӣ дошт, ки инсон ба он неъматҳое, ки Худованд ба ӯ ато кардааст, сазовор аст.

Тибқи таълимоти ин мутафаккир дар рӯйи замин инсон мусофирест, ки ба манзилаш меравад. Аз ин рӯ, дар масир набояд барои худ хонаи нав созад. Бояд ба хонае, ки Худованди мутаъол барояш омода кардааст, бирасад.

Дар ҷараёнҳои гуногуни динӣ, ҳаёти шахс тақдир ё ҳадафи ӯро муайян мекунад. Масалан, Абурайҳони Берунӣ дар бораи кӯтоҳ будани ҳаёти заминӣ андешаи худро ба таври зайл ифода мекунад: «Дарозии умри инсон аз бисёр ҷиҳат ба маҳалли зисти ӯ вобаста аст. Бошандаи Фарғона мисли сокини кишвари дигар умр намебинад. Дар муқоиса бо онҳое, ки дар кишварҳои дигар зиндагӣ мекунанд, умри ӯ дарозтар аст» [6,с.263].

Абурайҳони Берунӣ ҳамчун донандаи бузурги табиат  машҳур буд. Ӯ тавонист асрори табиатро дарк намуда, бисёр қонунҳоро кашф  кунад. Мутафаккир дар мулоҳизаҳои худ ақидаҳои пешқадами  замони худро  баён кардааст, ки дар айни замон фаъолона омӯхта мешаванд ва инкишоф меёбанд.

Масалан, Берунӣ дар ин маврид мулоҳиза меронад: «Дар ҳудуди атрофи кӯҳҳои Мозандарон бештар борон меборад, ки  он дар зери таъсири омилҳои табиӣ, аз қабили кӯҳҳо, пастиҳо ва бахр ба вучуд меоянд». Чунин ҳодиса рӯй медод ва ҳоло ҳам рӯй медиҳад.  Бисьёр олимон онро омӯхта, механизм ва вижагиҳои ташаккул ва инкишофи онро тавсиф кардаанд.

Бояд гуфт, ки Берунӣ ҳамчун олими воқеӣ на танҳо муъҷизаҳои табиат ва омилҳои ҷолиби таърихро тасвир мекунад,ӯ ҳамчунин ҳалли онҳоро меҷӯяд, моҳият ва аҳамияти илмии онҳоро ба мо шарҳ медиҳад.

Яке аз машҳуртарин донишманди асримиёнагии тоҷику форс  Умари Хайём мебошад. Ӯ дар осори худ борҳо ба мавзуи тарбияи меҳру муҳаббат ва эҳтиром нисбат ба табиат дар инсон дахл мекунад. Олим ба тарбияи экологии инсонҳо диққати махсус медиҳад.

Умари Хайём дар яке аз рубоиҳои дилнишини худ зебоии табиатро бо биҳишт ва оби чашмаи табииро бо ҳавзи биҳиштии Кавсар, ки дар он майи ноб ҷорист, муқоиса мекунад» [313,с.226].

Хайём дар ҳар як асари худ, ки ба зебоиҳои табиат бахшида шудааст, таълим медихад, ки ба он ҳамчун муқаддасгоҳе муносибат карда шавад ва новобаста аз ба ҳар шароит бояд ҳифз шавад.

Саъдии Шерозӣ ҳам ба табиат эътибори калон дода, онро ба хонае қиёс мекард, ки дар он доимо покизагию тартибот риоя гардад. Шоири ҷаҳондида дар мулоҳизаҳои худ ба мо панд медиҳад, ки Коинот гаҳвораи башарият аст ва инсон бояд сарфи назар аз мушкилоте, ки дар ин роҳ дучор мешавад, барои ҳифзи табиат талош кунад. Саъдӣ навиштааст: «Эй мардум, ин ҷаҳон ҷойи коҳилӣ нест. Нисбат ба он нодону бехабар набошед»» [146,с.128].

Дигар мутафаккир ва шоири бузурги ғазалсарои асрҳои миёна Ҳофизи Шерозӣ буд. Дар эҷодиёти ӯ масъалаҳои боэҳтиёт муносибат намудан ба он чизе, ки табиат ба мо медиҳад, борҳо баррасӣ гардидааст

Абдураҳмони Мушфиқӣ, ки шояд дар ҳаёти фарҳангӣ ва адабии халқи тоҷик дар охири асри XVI намояндаи маъруфтарин бошад, ба проблемаҳои муносибати инсон ва табиат таваҷҷуҳ дошааст.

Далелҳои дар боло зикршуда моро водор мекунанд, таъйид намоем, ки масъалаҳои муносибати инсон ва табиат, проблемаҳои тарбияи экологӣ барои мутафаккирон, олимон ва адибони асрҳои миёнаи тоҷику форс мубрам будаанд.

Аксарияти классикони адабиёти давраи таърихие, ки мо дар ҳаёти Тоҷикистон баррасӣ мекунем, ба ин ё он шакл дар баррасии арзишҳои табиат, аҳамияти он барои ҳаёти инсон нуктаҳое иброз доштаанд. Дар эҷодиёти онҳо ба тарбияи экологии ҷавонон диққати махсус дода мешуд. Ҳамин тавр, мавзуи ҳифзи сарватҳои табиӣ, ғамхорӣ дар бораи зодбуми худ ва давлат яке аз самтҳои асосии эҷодиёти намояндагони адабиёту илми тоҷику форс будааст.

***Муносибати эҳтиёткорона ва оқилона нисбат ба арзишҳои эҷодкардаи наслҳои гузашта, ҳамчун гарави ободии Ватан ва некӯаҳволии тамоми мардум***

Таваҷҷӯҳи равшанфикрони Шарқ аз асри VIII ва дар давраҳои минбаъдаи таърих ба масъалаи тарбияи меҳнатии ҷавонон, рушди ҳунар ва касбу кори онҳо нигаронида шуда буд.

Осори таърихии дар ихтиёри мо қарордошта, аз зиндагии халқҳои ориёӣ шаҳодат медиҳанд, ки дар асрҳои миёна масъалаи сохтмони манзил, дастрасии манзил ва ташкили зиндагии рӯзмарра барои мардум бештар аз аҳамият бархӯрдор будааст. Мо аз сарчашмаҳои хаттие, ки то рӯзҳои мо расидаанд, воқиф мегардем, ки масоили мазкур дар он замон чӣ гуна ҳал карда мешуданд. Масалан, чунин масъалаҳо дар "Қонуни браҳмании Ману", Авесто ва Қуръони карим, мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар гузаштаи дур дар Шарқ аз мавқеи фалсафӣ омӯхтани проблемаҳои ташкили ҳаёти инсон, ҷанбаи ҳаррӯзаи ҳаёти ӯ одат шуда буд. Бинобар ин, ин масъалаҳо яке аз бахшҳои илми манзилро ифода мекарданд. Проблемаи манзилро илми рӯзгордорӣ баррасӣ мекард, ки мутафаккирони бузурги тоҷику форси Осиё ва Шарқ ба он теъдоди зиёди таҳқиқоти худро бахшидаанд.

Мавҷудияти ин проблемаро олимон, файласуфон ва шоирон ба мисли Абӯалӣ ибни Сино, Абунасри Форобӣ, Закариёи Розӣ ва бисёр дигарон муайян кардаанд. Вале шоистагии онҳо на дар он буд, ки онон моҳияти масъаларо кушоданд, балки дар он буд, ки мутафаккирон барои ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли он саъю кӯшиш мекарданд. Таҳлили осори ин муаллифон ба мо иттилоъ медиҳад, ки рушди иқтисодиёт ва такмили методҳои дар он замон мавҷудбудаи хоҷагидорӣ боиси таҳқиқот гардид, ки мақсад аз он омӯхтани самаранокӣ ва нуқсонҳои низоми рӯзгордории асримиёнагӣ буд.

Тавре ки Закариёи Розӣ дар асарҳои худ шаҳодат медиҳад, инсонҳои аз ҷиҳати маънавӣ дуруст кӯшиш мекарданд, ки фаъолияти меҳнатии худро ба инкишофи нафс, на ба қонеъ гардондани хоҳиш ва эҳтиёҷоти худ, балки онҳоро ба беҳбудии ҳаёти тамоми ҷомеа равона кунанд. Фақат ҳамин равиш, ба ақидаи онҳо, бахши самарабахши инкишофи башарият гардид.

Закариёи Розӣ ба воситаи асарҳои худ ба мо мерасонад, ки истисмори халқ аксаран бо усулҳои фарққунанда аз усулҳои иқтисодӣ сурат мегирифт. Аксар вақт ин азхудкунии замин ва моликият буд. Ҳолатҳое буданд, ки сарвати дигарон бо ягон баҳонаи ҷиддӣ ба таври маҷбурӣ бидуни муомилоти тиҷоратӣ соҳибӣ карда мешуд.

Ин гуна истисмор дар он айём дар ҳама ҷо маъмул буд. Чунон ки Розӣ ба мо нишон медиҳад, ин гуна истисморгарони халқ бояд хамчун душманони ашаддии ҷомеа арзёбӣ шаванд. Мутафаккир қайд мекунад, ки ҳар гуна истисморгар бо фаъолияти худ ба ҷомеа фоидае намеовард, зеро ҷидду ҷаҳди ӯ ҷиҳати андухтани сарват барои худ ва хешовандонаш нигаронида шуда буд» [8,с.290].

Ҳамин тавр, Розӣ моро ба он нукта мутаваҷҷеҳ месозад, ки одами сарваташро бо меҳнати худ ҷамъ накарда, ҳеҷ гоҳ obод нахоҳад шуд. Он чизе, ки ӯ маҷбуран ва бо зӯроварӣ ҷамъоварӣ кардааст, рӯзе аз ҷониби одамони дигар истифода мешавад.

Розӣ ақидаи худро минбаъд инкишоф дода, чунин мешуморад, ки одами поквичдон агар дар назди худ вазифа гузошта бошад, ки аз меҳнати дигарон фоида ба даст оварад, пас ин гуна амал бояд мутакобила ба манфиати тарафайн бошад. Ӯ дар мулоҳизаҳои худ ба хулосае меояд, ки агар амвол аз ҳад зиёд ҷамъ шуда бошад, пас он бояд ҳамчун захираи замонҳои қаҳтӣ истифода шавад.

Абурайҳони Берунӣ яке аз мутафаккирони оламшумули тоҷику форс дар садаҳои IX-X мебошад. Имрӯз мо ӯро хамчун олим, муҳаққиқи табиат, сохти Замин, пайдоиши хок, равандҳои ҳаракати қитъаҳо, ташаккули укёнус мешиносем. То кунун асарҳои илмии ӯ оид ба маъданшиносӣ, ки дар китоби «Осор-ул-боқия» оварда шудаанд, аз тарафи донишҷӯёни донишкадаҳои олӣ омӯхта мешаванд. Онҳо инчунин мавриди таваҷҷуҳи мутахассисон қарор доранд.

Ба ақидаи Берунӣ, сабаби асосии муттаҳид шудани инсонҳо хоҳиши умумии ҳифозати худ ва самараи меҳнати онҳо буд. Дар алоҳидагӣ одамон қобилияти пурра ба душманон ва офатҳои табиӣ мукобилат карданро надоранд. Аз ин рӯ, онҳо барои ҳалли проблемаҳои калонмиқёс ба анҷуманҳо ва анҷуманҳо ба давлат муттаҳид мешуданд. Дар ин бора олим дар китоби «Дар бораи давлат...» чунин меоварад: «Инсон эҳтиёҷоти хеле зиёд дорад. Фақат дар иттиҳод бо инсонҳои дигар имкони қонеъ кардани онҳоро пайдо мекунад» [6,с.263].

Ба ҳамин тарик, Берунӣ ба чунин хулоса меояд, ки ба ҷамъият муттаҳид шудани одамон ва дар масъалаҳои истеҳсолӣ муттаҳид шудани онҳо ба қонеъ гардондани ниёзҳои бехатарӣ ва бо маҳсулоти фаъолияти меҳнатӣ таъмин

намудани худ асос ёфтааст. Яъне, маҳз ҳамин ҳамкорӣ одамонро водор месозад, ки якҷоя умр ба сар баранд. Мутафаккир инро «тамосҳои табиӣ» меномад. Ғояи мазкур дар байни олимони ҷомеашинос тарафдорони зиёд дорад.

Берунӣ ба решаҳои ҷашни Наврӯз таваҷҷуҳ дошт. Ӯ таърихро таҳлил намуда, менависад, ки дар замонҳои қадим ҳисоби вақту замон бо воқеаҳои муайяни таърихӣ иртибот дошт. Ӯ дар бораи ҷашни Наврӯз ба таври зайл ҳикоят мекунад: «Подшоҳ аз ҳакимон пурсид, ки Наврӯз дар замони салтанати ман таҷлил мешуд ё пайдоиши он ба замонҳои қадимтар марбут аст? Ба ӯ гуфтанд: Наврӯз ба мардуми мо аз Эрон омадааст, дар оғози ид расм буд, ки аз мардум ба нафъи давлат хироҷ мегирифтанд. Онҳо ин қоидаро муқаррар карданд, ки дигар кишварҳои араб ҳам ба он пайравӣ карданд".

Ин порча аз осори Берунӣ саволи зеринро ба миён меорад: ҷамъоварии андозҳо ба фоидаи давлат чӣ тавр ташкил карда мешуд? Мутафаккир мулоҳиза меронад, ки чунин расм метавонад ба сари мардуми оддӣ мушкилоти зиёде оварад, бинобар ин, онро пешакӣ андеша ва ҳисоб кардан лозим аст. Барои он ки хироҷ одилона бошад, на фақат фасли сол, мавсим, балки шароити обу ҳаво ва дигар омилҳои муҳимро низ ба назар гирифтан лозим аст.

Дар ҳамин давраи таърихӣ боз як мутафаккири бузурги Абуалӣ ибни Сино зиндагӣ кардааст. Файласуф таъкид мекард, ки ба шарофати Худованди мутаъол инсон дорои сифатҳои хосе аст, ки бо истифода аз онҳо аз тамоми мавҷудоти зиндаи Коинот болотар меистад.

Ибни Сино дар байни сифатҳои асосии фарққунандаи инсон эҷодкориро мебинад. Ба туфайли натиҷаҳои меҳнати худ одамон ба имкониятҳои бепоён соҳиб мешаванд. Инсон бо истифода аз меҳнат на танҳо зисту зиндагонии осоиштаи худро таъмин мекунад, балки амнияту оромии худро низ таъмин менамояд. Ибни Сино мегӯяд, ки инсон бо кӯшиши худ зиндагии худро беҳтар, хушбахттар мекунад. Барои ин ӯ қобилиятҳои ақлониро, ки бевосита ба маънавиёт ва ахлоқ алоқаманданд, истифода мебарад. Ин маҷмуи сифатҳои гуногун ҳаётро ҷолибтар мегардонад» [13,с.430].

Мутафаккир аз баррасии масъалаҳои иқтисодиёт ва тарбия дар канор намемонад. Ӯ онҳоро дар робитаи зич бо ҳамдигар баррасӣ менамояд. Ба эътиқоди файласуф, яке аз проблемаҳои муҳими тарбияи инсон маҳорати идора кардани ҳавасҳост, зеро як қисми онҳо зарурӣ, ҳатмӣ ва қисми дигар зиёдатӣ ва пур аз андешаҳои паст аст.

Масалан, агар инсон шаҳвати худро маҳор карда натавонад, пас аз он амалҳои ношоиста пайдо мешаванд, ки дар ҷомеа бесарусомонӣ ва номутаносибиро ба вуҷуд меоранд. Дар натиҷаи ин дар худи инсон ва умуман ҷомеа мушкилот пеш меояд. Ҳама хоҳишҳоро, ба ақидаи Ибни Сино, бояд бо ақл назорат кардан зарур аст.

Ба андешаи олим, одамон метавонанд бо ду рох некуаҳволии худро баланд бардоранд: 1. Барои ба даст овардани даромади доимӣ амвол ва заминро истифода гардад. 2. Барои ба даст овардани даромад ҳунар ё касберо бояд интихоб намуд.

Агар инсон ин ё он шуғлро интихоб кунад, имкони тиҷорат ё сохтани чизеро пайдо мекунад. Дар ин маврид Ибни Сино чунин мешуморад, ки истеҳсолот боэътимодтарин манбаи даромад аст. Инро бо он тавзеҳ медиҳад, ки истеҳсолот доимӣ ва ба омилҳои манфии беруна тобовар аст. Чунин эътимод ба тиҷорат хос нест ва он ба хавфу хатарҳои гуногун дучор мешавад. Натиҷаи тиҷорат ба мавҷудияти мол ва фурӯши  он ба талабот вобаста аст. Ин ду омил на ҳамеша якҷоя мешаванд, тавре ки тоҷир ҳамеша  манфиат ба даст оварад. Мумкин аст, ки тоҷир амволашро аз даст диҳад ва аз ҳар чизе, ки ба даст овардааст, маҳрум гардад. Дар истеҳсолот ин гуна хавфҳо вуҷуд надоранд. Истеҳсолкунанда талаботро меомӯзад ва имкон дорад фаъолияти худро бидуни истифодаи амвол ва сармояи иловагӣ тағйир диҳад.

Намояндаи барҷастаи фиқҳи схоластикии ислом Абуҳомид Ғазолӣ буд, ки дар марзи асрҳои X-XI  зиндагӣ мекард. Гумон меравад, ки ӯ аввалин шахсе буд, ки истилоҳи "иқтисод"-ро истифода кардааст. Олим тавонистааст, ки фаъолияти иқтисодии одамонро таҳлил карда, ба он аз нуқтаи назари дин баҳо диҳад. Дар асоси ин, Ғазолӣ асосгузори назарияи иқтисодӣ маҳсуб мегардад.

Мутафаккир дар асоси қонунҳои шариат, тартиботи динӣ хулосаҳои худро мебарорад. Дар зимни мулоҳиза Ғазолӣ ба хулосае меояд, ки қонунҳои тиҷорат лозиманд, на барои он ки инсон ба воситаи онҳо манфиатҳои шахсӣ ба даст оварад. Қонунҳо ба манфиати тамоми ҷомеа заруранд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки қонунҳои тиҷорат ба таври қатъӣ риоя ва эҳтиёт карда шаванд.

Дар байни пешгузаштагони олим ин гуна фикру мулоҳизаҳо ба назар намерасанд. Ғазолӣ донишманди фарохандеша аст, ки на танҳо ҳамчун файласуф, балки ҳамчун пажуҳишгари иқтисодиёт, таърих ва бисёр илмҳои дигар шуҳрат пайдо карда, ба қуллахои баланд ноил гардидааст.

Вижагии меросе, ки Ғазолӣ ба мо гузоштааст, дар он аст, ки ӯ дар асарҳои худ проблемаро муфассал таҳлил намуда, роҳҳои ҳалли онро ҳамаҷониба ироа менамояд.

Тибқи назарияи мутафаккир, барои он ки маҳсулот серталаб бошад ва бомуваффақият фурӯхта шавад, шарти зерин ҳатмӣ аст: маҳсулот бояд сифати баланд дошта, ба таври ҳалол харидорӣ шуда бошад. Танҳо дар ҳамин сурат ба он талабот пайдо мешавад ва харидор қаноатманд мегардад.

Ҳамин тариқ, моле, ки ба харидор пешниҳод мешавад, бояд боиҷоза бошад, яъне мувофиқи технологияи истеҳсолот ва амри мусулмонон ва шариат бошад. Илова бар ин, маҳсулоте, ки ба харидор пешниҳод карда мешавад, бояд бо баъзе бартариҳо тавсиф шуда, барои харидор муфид бошад ва барои ӯ манфиати муайяне дошта бошад.

Албатта, мол моликияти фурӯшанда аст. Набояд он чи ки ба ту тааллуқ надорад ва бо роҳи ҳалол ба даст наомадааст, ба фурӯш расонӣ. Ғазолӣ дар инкишофи ақидаи худ кайд мекунад, ки маҳсулоте, ки фурӯшанда ба харидор пешниҳод кардааст, бояд дар ҳақиқат вуҷуд дошта бошад, то шахсе, ки ба харидани он манфиатдор аст, бевосита дар маҳалли муомила ба мол аз ҳар ҷиҳат баҳо диҳад. Илова бар ин, фурӯшанда набояд молро аз ҳад зиёд таъриф кунад ва агар дар он нуқсе пайдо шавад, бояд харидорро дар ин хусус огоҳ намояд. Молҳое, ки нуқсон доранд, барои фурӯхтан роҳ дода намешаванд.

Мулоҳизаи зерини Ғазолӣ ҷолиб аст: «Хирадмандеро пурсиданд, ки кӣ муҳтарамтар аст, зоҳиди тақводор ё тоҷири росткоре, ки мол қарз медиҳад? Хирадманд ба ин ҷавоб дод, ки тоҷири боинсоф эҳтироми бештар дорад, зеро ӯ ба харидоре бовар мекунад, ки ҳамин алъон пули молро пардохт карда наметавонад. Тоҷир дар ин ҳолат ҳамчун ғозӣ дар ғазавот баромад мекунад, ки дар он шайтон бо ҳар роҳ кӯшиш мекунад, ки фурӯшандаро аз роҳи рост мунҳариф созад ва ӯро ба суд бурдан аз мушкилоти шахси дигар таҳрик намояд. Аммо тоҷири боинсоф ба имони худ хиёнат намекунад». Аз ин рӯ, дар ислом тиҷорат дар сурати ҳалол анҷом додани он тибқи қонунҳои шариат кори савоб ҳисобида мешавад..

Ғазолӣ бо истинод ба иродаи Паёмбар (с) изҳор менамояд: «Агар тоҷир молеро 40 рӯз нигоҳ дошта бошад, то ки қиматаш боло равад, баъдан онро фурӯхта, як қисми пулашро барои садақа бифиристад, онро садақа номидан мумкин нест» [11,с.558].

Ҳаким мегӯяд, ки тоҷири дурандеш харидорро фиреб намедиҳад ва моли касро аз худ намекунад. Руҳи чунин тоҷир дар ташвиши мардум аст. Тоҷир тавассути меҳнати худ ба одамон кӯмак мекунад, ки рӯзҳои душворро паси сар кунанд. Илова бар ин, тоҷири солеҳ ба эҳтиёҷмандон ғамхорӣ мекунад ва агар бинад, ки қимати мол барои онҳо хеле гарон аст, онро арзон мекунад.

Дар осори фалсафии Кайковуси Унсурулмаолӣ мулоҳизаҳо дар бораи идораи давлатро пайдо мекунем. Олим менависад, ки инсон ба давлат ниёз дорад, ки дар навбати аввал барои нигоҳ доштани тартиботи дохилӣ, амнияти мардум ва ҳифзи манфиатҳои онҳо ба ҳоким ниёз дорад.

Олим масъалаи ҳунарро омӯхта, ба хулосае меояд, ки он барои инсон зарур аст. Вай ин андешаро бо чунин суханон баён мекунад: «Бидон, писарам, агар инсон касб надошта бошад ва ба ҳунар қобилият надошта бошад, чун бот (буттаи хордор) бефоида аст. Ин растанӣ тана дорад, вале аз он сояе нест. Аз ин рӯ, бот ҳеҷ нафъе надорад» [327,с.148].

Кайковус оқилонатарини роҳи пеш бурдани хоҷагӣ ҳамон роҳро мешуморад, ки дар он тамоми хароҷот ва даромадҳо бодиққат хисоб карда шуда, таносуби онҳо баробар карда шавад. Агар хароҷот аз даромадҳо зиёд бошад, хоҷагиро рӯзҳои

душвор дар пеш аст. Хоҷагӣ ҳамон вақт рушду равнақ меёбад, ки хароҷот аз даромад камтар бошад ва манфиат аз он аён бошад.

Олим ҳушдор медиҳад: набояд ба сарватандӯзӣ шуғл варзида, онро ҳадафи зиндагӣ қарор дод. Бояд бо ҳамон чизи дошта, қаноат кард. Зимнан, бо исрофкорӣ набояд зиндагӣ кард, зеро исрофкорӣ боиси фақру бадбахтӣ мегардад ва хасорати калонро ба бор меоварад. Файласуф ин андешаро бо чунин суханон тасдиқ мекунад: «Агар ба чароғ равғани зиёд рехта шавад, оташро хомӯш мекунад. Истифодаи муътадили равған барои нигоҳ доштани оташ асос мешавад. Дар зиндагӣ ҳам ҳамин тавр аст, исрофкорӣ муҳлати онро кӯтоҳ мекунад».

Насириддини Тӯсӣ, ки солҳои 1201-1272 умр ба сар бурда буд, дар бахши «Хароҷоти манзил»-и китоби «Одоби Носирӣ», ки то имрӯз боқӣ мондааст, менависад, ки башарият зиндагии комилаёр нахоҳад дошт, агар ба истеҳсол ва нигоҳдории маҳсулот машғул нашавад. Барои идомаи ҳаёти инсон маводи ғизоӣ зарур аст. Дар баробари истеъмоли онҳо, чунин мавод ба муҳофизат ниёз доранд. Барои ин биноҳое лозиманд, ки маҳсулотро аз дуздию ғорат ва дигар омилҳои манфӣ муҳофизат мекунанд.

Мутафаккир масоили иҷтимоӣ ва иқтисодиро таҳлил намуда, ба хулосае меояд, ки муҳимтарин шарти ҳастии инсонҳо дар давлат муттаҳид шудани онҳост. Тибқи назарияи мутафаккир, давлат дар он сурат пайдо мешавад, ки одамон ихтиёран муттаҳид шуда, масъалаҳои на танҳо ба манфиати худ дахлдошта, балки ба нафъи инсонҳои дигарро низ ҳаллу фасл намоянд.

Тӯсӣ мегӯяд, ки «ҳеч кас танҳо ғолиб шуда наметавонад. Ин ногузир одамонро ба муттаҳидӣ, ҳамкорӣ ва рафоқат водор месозад» [60,с.410].

Муҳаққиқони осори илмии Насириддини Тӯсӣ бар ин назаранд, ки олим бо хоҳиши Ҳулогухон асари «Дар бораи қонунҳо ва қоидаҳои подшоҳони қадим...»-ро таълиф кардааст. Дар ин асар дар бораи андозбандии хароҷот мулоҳизаҳо баён шудааст.

Тӯсӣ ба дастгирии талаботи Ҳулогухон андозбандиро унсури танзими фаъолияти хоҷагии деҳқонон ва дигар субъектҳои дар замин коркунанда қарор

медиҳад. Дар баробари ин, андозбандӣ ба дигар намудҳои фаъолият, аз ҷумла ба кори косибон тақрибан вабастагӣ надорад.

Тӯсӣ бар ин назар аст, ки замин сарчашмаи асосии даромад аст ва кӯдакони хурдсол, олимон, пажуҳишгарон, маъюбон, пиронсолон ва фақирон бояд комилан аз андоз озод карда шаванд. Мутафаккир ба он таваҷҷуҳи махсус медиҳад, ки маблағи андоз бояд ба ҳосилхезии замин ё маблағи даромади соҳиби он вобаста бошад. Чунон ки Тӯсӣ пешниҳод кардааст, барои деҳқононе, ки заминҳои ҳосилхез мекоранд, маблағи андоз ба андозаи 10 фоизи даромади умумӣ муайян карда мешавад.

Дар он қитъаҳо, ки ҳосилнокии замин паст аст ва аз ҳамин сабаб ҳосили камтар руёнда мешавад, андози деҳқонон набояд аз 5 фоиз ё 1/20 ҳиссаи ҳосили замин зиёд бошад.

Андозҳое, ки бо ин роҳ ҳисоб карда мешуданд, аз ҷониби Тӯсӣ одилона дониста мешуд. Аммо, ба ақидаи ӯ, андоз бузургии доимӣ нест. Андозаи он метавонад бо тағйир ёфтани хусусиятҳои қитъаи замин, шароити обу ҳаво ва миқдори ҳосил тағйир ёбад. Танҳо дар ин сурат ҳисоби андоз одилона мешавад.

Тӯсӣ ба хулосае меояд, ки агар тоҷир 10 ҳазор динор муомила карда бошад, 240 динор бояд ба даромади давлат дохил шавад. Ҳамин тариқ, андоз аз ин маблағ 1/24 ҳиссаи даромади умумиро ташкил медиҳад.

Барои чорводороне, ки камтар аз 100 сар чорво доранд, ба андешаи Тӯсӣ, андоз ҳисоб карда намешавад. Чунин чорводорон набояд ба давлат андоз супоранд.

Ҳаким дуруст мешуморад, ки подшоҳи одил хазинаи давлатро бо сарвати худ якҷоя намекунад. Буҷетҳои оилавӣ ва давлатӣ бояд алоҳида пурра ва хароҷот карда шаванд. Агар ин шарт иҷро нагардад, васвасаи ба манфиати оила истифода бурдани пули давлат пайдо мешавад.

Тӯсӣ дар мулоҳизаҳои худ равшан мекунад, ки манбаъҳои асосии пур кардани буҷети давлат андозҳо, молу мулки бе соҳибу беворисон, инчунин ғаниматхои ҳарбӣ мебошанд.

Дар ҳамин ҳол, олим таъкид мекунад, ки ҳеҷ кас ҳақ надорад, ки ба моли ятимон, даромади шаҳрвандон, хайроту садақа дар роҳи Худо ва сарвати инсонҳои

бедарак гумшуда даст дароз кунад. Барои он ҳеҷ кас ба васвасаи ба мақсадҳои шахсии худ истифода бурдани маблағҳои давлайй роҳ надиҳад, бояд буҷети бидуни касрӣ ташкил карда, даромаду харочот баробар тақсим карда шавад. Ин ҳолат ба рушди устувори давлат ва некӯаҳволии шаҳрвандони он мусоидат мекунад.

Файласуф дар китоби худ «Ахлоқи Носирӣ» маслиҳатҳои пурарзиш медиҳад: «Барои нигоҳ доштани некӯаҳволии шаҳрвандони кишвар саъю кӯшиши зиёд лозим аст. Набояд инсонро аз ҳиссае, ки барои кори худ бояд ба даст оварад маҳрум намуд. Даромаде, ки ҳамаи аъзои ҷомеа ба даст меоваранд, буҷети давлатиро ташкил медиҳад, ки онро бояд эҳтиёт намуд. Агар шахсе барои ба даст овардани неъматҳои зиндагӣ аз меҳнати каси дигар истифода кунад, Тӯсӣ чунин шахсро маккор ва қаллоб меҳисобад, ки ҳадафаш дар зиндагӣ танҳо фиребкорию мансабхоҳӣ аст. Чунин мешавад, ки ин гуна одамон сарватманд мешаванд, вале сарвати онҳо сабаби бадбахтии дигарон мегардад [277,с.372].

Насириддини Тӯсӣ мушкили аслии инсонро истеҳсоли неъматҳо медонад. Аз ин рӯ, барои амалӣ гардондани чунин мақсад соҳиби касбу ҳунарҳои хуб будан лозим аст, ки ба туфайли онҳо истеҳсоли неъматҳои моддӣ барои қонеъ гардондани талаботи инсонҳо ба қадри кофӣ ташкил карда мешавад.

Дар идомаи мавзуи оғозгардида ба андешаҳои Саъдии Шерозӣ, шоир ва мутафаккири дигари оламшумули тоҷику форс таваҷҷуҳ менамоем. Ӯ бар ин назар аст, ки муҳимтарин василаи зиндагии инсон бояд меҳнат ва меҳнатдӯстӣ бошад.

Таҷрибаи хирадмандони бузург аз он сабаб пурқиммат аст, ки мо дар он барои худ бисьёр панду андарзҳои муфид пайдо хоҳем кард ва онҳо ба мо имконият медиҳанд, раванди нархгузорӣ бо ба назар гирифтани меҳнати инсон ва хароҷоти моддӣ барои истеҳсоли маҳсулот одилона анҷом дода шавад. Илова бар ин, андешаҳои олимони асримиёнагӣ ҷолибанд, ки нархҳои ниҳоии молҳо ва арзиши ҳадди ақали онҳоро низ баррасӣ карданд.

Хамин тавр, Саъдӣ оид ба масъалаҳои нархгузорӣ ба таври зайл мулоҳиза меронад. Ҳокиме аз камбағалон ҳезумро хеле арзон мехарид. Ҳангоми фурӯши ҳезум худи ӯ нархи гарон талаб карда, дар баробари ин микдори онро ҳам то метавонист кам мекард. Марди зоҳид, ки аз ин хабар ёфт, ин сарватмандро ба мори

хашмгин шабеҳ донист. Рӯзе анборе, ки ҳоким ҳезум нигоҳ медошт, оташ гирифта сӯхт. Дар ҷустуҷӯи оташзананда соҳиби анбор аз мардум пурсон шуд ва марди зоҳид ба ӯ гуфт, ки оташ аз хашми одамон ба вуҷуд омадааст.

Мазмуни ҳикояти Саъдӣ дар он аст, ки онҳое, ки аз ҳисоби меҳнати дигарон сарват ҷамъ мекунанд, худ ба зӯроварӣ гирифтор мешаванд. Мутафаккир чунин менависад: «худи ғоратгарон ғорат мешаванд...».

Дар ривоятҳои хеле қадим чунин нуктаро пайдо мекунем: сарват ва фақр барои инсон аз рӯйи сарнавишт пешакӣ муқаррар шудааст. Онҳо дар байни инсонҳо тақсим карда мешаванд. Ҳамин тавр сарватманд фақир намешавад ва гадо ба сарватманд табдил намеёбад. Ҳатто агар сарват якбора ба дасти камбағал афтад ҳам, бо ӯ дер намепояд.

Ба андешаи мо, ин ривоят дуруст тафсир нашудааст. Аз дидгоҳи муҳаққиқони муосир ин мавқеи ҷаҳонбинӣ чунин шарҳу тавзеҳ дода мешавад. Моликият ва сарват заковат, қобилият, меҳнатдӯстӣ, маҳорати таҳаммул ва таваккали инсонро муайян мекунад.

Дар мавриди таҳлили хулосабарории Саъдии Шерозӣ мебинем, ки мутафаккир бар ин бовар аст, ки сарватманд будан шарр нест. Ин яке аз фазилатҳои инсонист. Моликияти одамони сарватманд ва маҳорати онҳо на танҳо воситаи зиндагии сазовори онхо, балки василаест, ки ба воситаи он шукуфоии тамоми давлат, аз ҷумла шаҳрвандони алоҳидаи он таъмин карда мешавад.

Ҳусайн Воизи Кошифӣ як далели аҳамияти раднопазири интихоби касбу ҳунареро медонад, ки инсон дар тамоми тули умр аз самараи он баҳра хоҳад бурд. Маҳз аз ин рӯ, ба интихоби касбу ҳунар бояд ҷиддӣ муносибат кард. Муҳим будани ин далел дар он аст, ки касбу ҳунар барои ҷомеа манфиатбахш мебошанд. Кошифӣ менависад, ки ҳангоми интихоби касб панди зеринро дар хотир бояд дошт: «Агар инсон барои худ нафъ гирад, вале ба дигарон манфиат набахшад, ӯ кор намекунад. Вақте ки одам ягон касбу ҳунарро азхуд накунад, кор накунад, мушкилии ӯ ба бори души одамони дигар табдил мегардад. Аз ин рӯ, чунин шахс бори души дигарон ва сабаби мушкилоти иловагӣ барои онҳост. Ин дар китобҳои муқаддас маҳкум шудааст...» [364,с.188].

Минбаъд, Кошифӣ дар бораи ҳунар ва касбу кор мулоҳиза ронда, таъкид мекунад, ки адолат ва аз рӯйи виҷдон амал кардан барои тоҷирон хеле муҳим аст. Дар мавриди номус ва виҷдон бошад, файласуф мардумро ба росткорию наҷобат ҳидоят мекунад. Наметавон аз харидор маблағи калон талаб намуд, агар ӯ нархи воқеии молро надонад. Агар ин кор ба вуқуъ ояд, пас набояд дигар бо чунин тоҷир сару кор гирифт.

Дар он ҳолатҳое, ки тоҷири саховатманд бо тарозу кор мекунад ва бузургиҳои андозагирии молҳоро истифода мебарад, ӯ наметавонад аз арзиши аслии мол бештар маблағ талаб кунад ва набояд аз андозаи он камтар мол диҳад.

Бар асоси гуфтаҳои боло ба хулосае меоем, ки муҳаққиқони тоҷику форс дар ақидаҳои педагогии худ ба масъалаҳои омӯзиши ҳунарҳо ва касбу кори насли наврас аҳамияти хоса медиҳанд. Инсони соҳиби касбу ҳунар, ки мавҷудияти худро таъмин карда метавонад, аз андешаҳо дар бораи фардои худ фориғ хоҳад буд. Агар ба мард гӯянд, ки касби ӯ на худаш ва на оилаашро таъмин карда наметавонад, пас ин маломати сахт аст.

Кошифӣ аз ҷумлаи як қатор пешаҳо ҳамон шуғлҳоро махсус қайд намуд, ки ба воситаи онҳо кӯдакону ҷавонон меҳнат кардан ва касбу ҳунарро меомӯзанд. Яъне мутафаккир ба тарбиятгар, мураббӣ ва омӯзгор афзалият додааст. Аз замонҳои қадим ин касбҳоро ҳамаи халқҳо эҳтиром мекарданд ва барои онҳо аз аҳамияти калон бархӯрдор буданд.

Олимон тайи даҳҳо асрҳо дар осори адабӣ ва мулоҳизаҳои фалсафии худ дар бораи тарбияи омӯзгорон, ҳунармандон, азхудкунии дониш, малакаҳои ҳунарӣ, касбу кор, ташаккули масъулиятшиносӣ, интизомнокӣ, меҳнатдӯстӣ, ҳифзу нигоҳдории амволи ҷомеа сухан мегуфтанд.

Анъанаҳои педагогӣ, ки то рӯзҳои мо расидаанд, асоси назария ва мафҳумҳои педагогии муосир гардиданд.

Эҷодиёти манзум ва адабии мутафаккирони қадим ва анъанаҳои халқи тоҷик таҳкурсии фарҳанги миллии айёми моро гузоштанд. Ҳакимони тоҷику форс тавассути андешаҳои педагогӣ насли наврасро ба меҳнатдӯстӣ, тавозуъ, талош барои дониш ва парҳез аз амалҳои ношоиста андарз додаанд. Онҳо ғояҳои тарбияро

тараннум намуда, қайд намуданд, ки таҷрибаи ҳаёт дар ин раванд нақши муҳим дорад ва нишон медиҳад, ки инсон бояд нисбат ба дигарон меҳрубон, бодиққат, поквиҷдон ва боинсоф бошад. Ва муҳимтар аз ҳама, ӯ бояд меҳнатдӯст бошад ва бо ҳунар ё касби худ ризқу рӯзиашро пайдо намояд, яъне меҳнатқарин бошад.

*Дар осори мутафаккирони тоҷику форс дар замонҳои қадим даъват ба сулҳ, таҳаммулгароӣ ва даст кашидан аз ҷангҳо ҷойгоҳи вижа дорад.*

Ба фарҳанги халқи тоҷик дар ҳама давру замон ҷанбаи башардӯстӣ хос буд, ки дорои неруи аввалиндараҷаи сулҳоварӣ буда, татбиқи он дар раванди тарбияи педагогӣ зарур аст. Таҳаммулпазирӣ вақте лозим аст, ки сулҳу оромӣ дар кишвар пойдор бошад ва дар корҳои байнидавлатӣ тавофуқ ба даст оварда шавад»[113,с.50].

Муассисаҳои таълимӣ бояд маркази фарҳанги сиёсӣ ва ҷаҳонфаҳмӣ бошанд, ки дар он ҷо дар насли наврас сифатҳои ҳамдигарфаҳмӣ ва таҳаммулпазирӣ ташаккул меёбанд. Аммо чунин ҳолат барои бисьёр мактабҳо проблемаҳои муайянеро ба миён овардааст. Фарҳанги якдигарфаҳмӣ тадричан ташаккул меёбад. Ба кӯдакону наврасон дар ҳолатҳои гуногун роҳи ҳалли созишомезро омӯзонидан лозим аст ва барои ин дар мактаб методҳои кори тарбиявиро такмил додан лозим аст, ки он ба ташаккули таҳаммулпазирӣ дар байни донишомӯзон, ошкорсозии моҳият ва мазмуни он нигаронида шудааст. Педагогикаи ҳамкорӣ низ ҳамин ҳадафро бояд ба миён гузорад, ки тавассути он дар ҷавонон таҳаммулпазирӣ тарбия карда мешавад. Вазифаи муносибати таҳаммулпазирӣ омода кардани шахс барои ҳалли вазъиятҳои мушкил мебошад. Шахси таҳаммулпазир аз низоъҳо намеҳаросад. Ӯ омода аст, ки дар онҳо иштирок кунад ва тасмим гирад, стратегияи дурусти рафторро интихоб кунад. Одами таҳаммулпазир барои коре, ки кардааст ё нақшаи анҷом додани онро дорад, масъулиятро ба ухда мегирад. Ӯ ҳозир аст, ки мустақилона кор кунад, роҳҳои ҳалли низоъҳо ва мушкилотро мантиқан танзим намояд.

Бар асоси гуфтаҳои боло мо чунин мешуморем, ки дар муассисаи таълимӣ чунин шароит фароҳам оварда шавад, то ҷавонон нисбат ба дигар ақидаҳо, рафтор ва вижагиҳои хислатҳо таҳаммулпазирӣ зоҳир намоянд. Чунин шароит барои амалӣ

гардондани принсипҳое заруранд, ки самараи ҳалли низоъҳо, проблемаҳо ва имкони аз ҳаёти ҳаррӯза истисно намудани онҳоро зиёд мекунанд.

Имрӯз дар илми педагогика раванди ташаккули таҳаммулпазирӣ тавассути кори тарбиявӣ, ки самти башардӯстона дорад, фаъолона омӯхта мешавад.

Масалан, таҳаммулпазирӣ дар муҳтавои фанни таърих ҳамеша ҷой доштааст, ки дар он ҳамчун афзоре зоҳир мешавад, ки ҳолатҳои интиқомгириро истисно мекунад: «ба ҷуз бад набошад мукофоти бад.». Дар тарбияи маънавии инсон интиқом посух ба бадӣ аст. Ҳамин тариқ, саъй мешавад, ки ба бадӣ бо бадӣ таъсир расонида шавад. Бо вуҷуди ин, маҳз ҳамин шакли зӯроварӣ шарри воқеии аслӣ аст. Воқеан, дар замонҳои қадим интиқом дар муносибатҳои байни одамон вуҷуд дошт. Аммо маҳз таҷрибаи он солҳо ба ҷомеа имкон дод, ки ба таърифи як талаботи муҳими ахлоқӣ бирасанд: «Бо каси дигар коре накун, ки намехоҳӣ он корро бо ту кунанд». Ин масал ба истилоҳ «қоидаи тиллоӣ» аст» [367,с.92].

Қобили зикр аст, ки «қоидаи тиллоӣ» на танҳо қоидаи таҳиякардаи мардуми тоҷик аст. Ин арзиши умумибашарии тамоми фарҳангҳост. Он ба қасос ҳуқуқи мавҷудият намедиҳад ва рукни ахлоқии муоширати байни инсонҳо мебошад. Инсон барои муҳофизати худ ва одамони дигар бояд методҳо ва принсипҳоеро истифода намояд, ки дар муносибатҳои байнишахсӣ монеа эҷод накунанд, балки барои бартараф кардани низоъ, ёфтани роҳи ҳамкориҳои мутақобила мусоидат кунанд.

Барои ҳалли ин масъала инсон бояд ба вазъияти мунокишавӣ мувофиқан вокуниш намуда, кӯшиш кунад, ки худро дар ҷойи рақиб гузорад ва ба проблема на танҳо аз нуқтаи назари манфиати худ, балки бо назардошти манфиатҳои шахси дигар баҳо диҳад. Дар Қуръони карим ин суханонро пайдо мекунем: *«Ва бандагони Худои Раҳмон ононанд, ки бар замин ба оҳистагӣ мераванд; ва чун нодонон бо онҳо сухан гӯянд, онҳо мегӯянд: «Салом (бар шумо бод)!» (Қуръон 25:63).*

Таърихи рушди низоми таҳсилотро таҳлил намуда, мо робитаи наздики байни таҳаммулпазирӣ ва ғояҳои башардӯстиро ошкор мекунем. Имрӯз дар ҷомеаи Тоҷикистон тарбияи насли наврас ба мушкилоти ҷиддие рӯ ба рӯ аст. Сабаб дар буҳрони иқтисодӣ нуҳуфта аст, ки дар солҳои 90-уми асри гузашта ба вуқуъ

пайваст ва оқибатҳои он беқурбшавии арзишҳои миллӣ, коҳиши таъсири мавқеи давлат ба ҷавонон мебошад» [72,с.480],[404,с.49].

Ҳамин тариқ, барои ҳалли мушкилоти ташаккули таҳаммулпазирӣ дар ҷомеаи тоҷик, айни замон дар илмҳои мухталиф, аз ҷумла педагогика, фалсафа, ҷомеашиносӣ ва ғайра пиромуни масъалаи мазкур мубоҳисаи фаъол идома дорад.

Вазифаи муттаҳидсозии ҷомеа, рафъи сабабҳои низоъҳои байни миллатҳо, ҳифзи арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ бояд тавассути таҳсилот ҳал карда шавад.

Зарур аст, ки ба ҳар як узви ҷомеа аҳамияти ҳифзи ҳуқуқҳои шахс, баробарӣ, озодӣ, истиснои ҳар гуна зуҳуроти нобаробарии иҷтимоӣ расонида шавад. Аз ин рӯ, ислоҳот дар муҳтавои таҳсилот самти афзалиятноки низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Татбиқи чунин ислоҳот шарти ташаккули арзишҳои иҷтимоӣ дар байни насли наврас мебошад. Агар чунин ҷомеа аз инсонҳои озоди дорои ҷаҳонбинии васеъ ташкил шавад, душмании миёни аъзои ҷомеа аз байн меравад.

Ҷамъбасти кор дар ин самт бояд тарбия намудани идроки бошууронаи ҷавонон дар бораи аҳамияти таҳаммулпазирӣ барои ҷаҳон бошад, ки бахши муҳими соҳаи умумии маънавии инсон ба шумор меравад. Таҳаммулпазирӣ, ки дар шахс тарбия мешавад, ёвари боэътимоди ҷомеаи одамон мегардад. Маҳз ҳамин аст, ки меъёри воқеие ҳисобида мешавад, ки сатҳи рафтори оқилона ва тарзи тафаккурро андозагирӣ мекунад.

Таҳсилоти муосир бояд бешубҳа ба фароҳам овардани шароит барои худомӯзии шахс мусоидат намояд. Ин раванд ба мубодилаи самараноки иттилоот асос ёфтааст, ки истифодаи он сифати кори таълиму тарбияро беҳтар мекунад.

Ҳоли ҳозир дар низоми таҳсилот амсилаи таҳсилоти муттасил бомуваффақият истифода мешавад, ки ба туфайли он бо роҳи такмил додани малакаҳо ва маҳорати касбӣ на танҳо мутахассисони ҷавон, балки одамонеро, ки аллакай ин касбро азхуд кардаанд, тайёр кардан мумкин аст.

Таҳаммулпазирӣ бар арзишҳои маънавӣ ва башардӯстона асос ёфтааст. Эҷоди муҳити таҳаммулпазирӣ барои тарбияи шахсияти таҳаммулпазир ва ташаккули самти башардӯстонаи таҳсилот зарур аст.

Шахси таҳаммулпазир қодир аст, ки муҳити зистро таҳқиқ кунад ва онро тағйир диҳад, зеро ин гуна шахс озод ва мустақил аст.

Бо вуҷуди ин, мо набояд мушкилоти эҳтимолӣ дар ташкили муҳити таҳаммулпазирӣ дар муассисаи таҳсилотиро фаромӯш намоем.

Дар баъзе мавридҳо мумкин аст муҳити таҳаммулпазирӣ нодуруст қабул карда шавад, зеро он шахсияти таҳаммулпазирро ташаккул медиҳад, ки бояд ҳамчун иштирокчии муошират тааллуқ дода шавад. Дар баъзе мавридҳо, чунин иштирокчии муошират метавонад арзишҳои фарҳангии худро аз арзишҳои одамони дигар муҳимтар диниста, ба таблиғи онҳо оғоз намояд» [247,с.263].

Дар чаҳорчӯбаи як муассисаи таълимӣ метавонанд ашхоси таҳаммулпазир ва таҳаммулнопазир дар муоширатҳои гуногун қарор дошта бошанд. Сатҳи чунин тамосҳо бо вижагиҳои муҳити иҷтимоӣ муайян карда мешавад. Арзёбии ин сатҳ аз дараҷаи ташаккули таҳаммулпазирӣ дар шахси мушаххас вобаста аст.

Набудани таҳаммулпазирӣ, бешубҳа, сабаби муноқиша мегардад. Агар он дар муассисаи таълимӣ инкишоф ёбад, ба тамоми раванди таълим таъсири манфӣ мерасонад.

Аммо бартарии таҳаммулпазирӣ қобили баҳс нест. Одамони таҳаммулпазир иштирокчиёни бевоситаи робитаҳои фарҳангӣ мебошанд. Онҳо дар муассисаҳо ва ташкилотҳои иҷтимоию фарҳангӣ кор карда, бо ҳамин ба пешгирӣ кардани низоъҳо мусоидат мекунанд.

Вақте ки одамон дар асоси таҳаммулпазирӣ ҳамкорӣ мекунанд, худро озод ва мустақил эҳсос мекунанд. Чунин ақида, махсусан, барои фароҳам овардани фазои самимият ва ҳамкории мутақобила дар муассисаҳои таълимӣ муҳим аст, ки дар он донишҷӯён метавонанд  бидуни ҳарос аз ҳар гуна зуҳуроти таҷовуз ва душманӣ афкор ва андешаҳои худро баён кунанд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳор доштанд, ки мардуми ҷумҳурӣ дар руҳияи сулҳдӯстӣ тарбия ёфтаанд. Бинобар ин, онҳо ҳеҷ гоҳ ба истифодаи зӯроварӣ дар ҳама гуна шаклҳои он розӣ нахоҳад шуд. Сулҳдӯстӣ дар хуни халқи тоҷик аст. Он бар таълимоти Ҷалолиддини Румӣ ва дигар мутафаккирони бузурги гузашта

асос ёфтааст. Бо шарофати ватандӯстони асили кишвар Тоҷикистон аз ҳалли низоъҳо бо методҳои истифодаи зӯрӣ даст кашид ва имрӯз дар сарзамини бостонӣ сулҳ пойдор гардид, ки онро бояд бо тамоми нерӯи худ эҳтиёт кунем ва нигоҳ дорем.

Шубҳае нест, ки агар халқе ҳеҷ гоҳ ба озодӣ, сарзамин ва моликияти халқҳои дигар суиқасд накарда бошад, «дар бағали худ санг нагирифта бошад», чунин халқ сазовори ободию зиндагӣ доштан дар давлати мустақил аст.

***Эътиқодоти ахлоқӣ ва ватандӯстии барои тарбияи кӯдакон зарурӣ дар осори адибони асрҳои*** **X-XV**

Ҳанӯз дар осори Суқроту Афлотун, Арасту ва дигар мутафаккирони гузашта дар бораи аҳамияти эътиқодоти ахлоқӣ ва ватандӯстӣ дар тарбияи фарзандон мулоҳизаҳоро пайдо мекунем.

Дар назм ғояҳои ватандӯстӣ ва ахлоқӣ бо тасвироти рангоранги пурдурахш, ки ба отифаи инсон таъсир мерасонанд, кушода мешавад. Афлотун дар осори худ бештар ба ахлоқ таваҷҷуҳ мекард. Арасту кӯшиш мекард, ки ба мо зебоии сатрҳои шоиронаро расонад. Илова бар ин, бояд гуфт, ки дар асотири он замонҳо, дар осори хаттӣ, аз қабили китоби «Авесто» ва дигар сарчашмаҳое, ки аз замони Сосониён ба мо расидаанд, батакрор масъалаҳои ватандӯстӣ ва ахлоқӣ матраҳ шудаанд.

Халқи тоҷик дар раванди бунёди миллати ягона роҳи дуру дарозеро тай намуд, ки дар масири он арзишҳои маънавию ахлоқӣ ташаккул ёфта, таҳкурсии давлати соҳибистиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон гардиданд. Арзишҳои маънавии халқи тоҷик бахше аз арзишҳои умумибашарӣ буда, асоси зиндагии халқу миллатҳои дигарро ташкил медиҳанд. Аз ин рӯ, мардуми Тоҷикистон барои фарҳанги ҷаҳонӣ аҳамияти хоса доранд.

Барои устувор ва муассир будани низоми тарбияи ватандӯстӣ ягонагии тамоми ҷузъҳои таркибии он, аз ҷумла таърихи пурғановати кишвар, халқи тоҷик дар роҳи расидан ба ҳадафҳои худ аз ҳеҷ мушкиливу монеа тарсу ҳарос надоштааст.

Яке аз муҳимтарин арзишҳои маънавии халқи тоҷик мероси ниёгон аст, ки гузаштагонамон ба мо мерос гузоштаанд. Пеш аз ҳама, ин ифтихори миллӣ аст. Дар

баробари ин бояд дарк кард, ки танҳо ифтихор аз Ватан басанда нест, ин ифтихор бояд ба насли наврас вогузор гардад ва онҳо чун ватандӯсти асилу воқеӣ тарбия шаванд.

Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ аз ҷумлаи он мутафаккирони бузурги замони гузашта буд, ки дар эҷодиёти худ моҳият ва аҳамияти тарбияи ватандӯстӣ ва эътиқодоти ахлоқиро ошкор кардааст. Чунон ки шоир таъкид кардааст, тарбияи мақсадноки ҷавон бояд ҳаматарафа бошад. Фақат дар ин сурат инсон ба шахсият мубаддал мешавад. Рӯдакӣ таҳти мафҳуми тарбияи ҳамаҷониба рушди маънавию ахлоқӣ, ҷисмонию равониро дар назар дошт. Агар инсон мутаносиб инкишоф ёбад, ин асоси ҳаёти хушбахтонаи ӯ мегардад.

Таҳлили эҷодиёти Рудакӣ ба мо имкон медиҳад, ки ӯро ба дараҷаи инсонпарварони бузург бардорем. Шоир муътақид аст, ки одамони оқил дӯстӣ ва сулҳро қадр мекунанд, дар ҳоле ки мардуми бехирад барои ҳалли низоъҳо бо хушунат талош мекунанд. Дар навбати худ фикру зикри хирадмандон ба ғамхорӣ дар бораи беҳбудии халқ нигаронида шудааст. Онҳо мулоҳиза мекунанд, чи кор кунанд, ки башарият танҳо ба некӣ ва накукорӣ саъю кӯшиш намояд. Рӯдакӣ менависад:

*Бо дода қаноат куну бо дод бизӣ,*
*Дар банди такаллуф машав, озод бизӣ ....*

Андарзҳои Рӯдакӣ, андешаҳои ӯ дар бораи таълиму тарбияи ҷавонон ба илми педагогика, аз ҷумла ба низоми таҳсилоти муосир таъсири калон расониданд.

Адабиёти ҷаҳон бо эҷодиёти дигар шоири бузурги тоҷику форс Абулқосим Фирдавсӣ хуб ошноӣ дорад. Ҳамосаи «Шоҳнома»-и ӯ воқеан шоҳасари афкори педагогӣ оид ба панду насиҳат ба шумор меравад.

Фирдавсӣ ба воситаи тимсолҳои каҳрамонони асари худ зебоии руҳонӣ, олами ботинии инсонро ба мо кашф намуда, проблемаҳои ахлоқию тарбиявиро таҳқиқ менамояд.

Муаллиф дар шакли шоирона мавқеи занро дар ин давраи таърихӣ тасвир намуда, ӯро ҳамчун модари тарбияткунандаи фарзандон - ҳомиёни ояндаи кишвараш муаррифӣ кардааст.

Достони «Шоҳнома» танҳо асари таърихию қаҳрамонӣ нест. Дар он ғояҳои муҳими тарбиявӣ гирдоварӣ шудаанд, ки метавонанд дар илми педагогикаи муосир ба таври муассир истифода шаванд.

Фирдавсӣ ҷангро маҳкум мекунад. Ӯ онро воситаи мақбули ҳалли низоъҳо намедонад. Шоир сулҳро васф мекунад ва бародаркуширо бо кадом ҳадафе, ки набошад, намепазирад. Ин андеша тавассути тимсолҳои қаҳрамонони «Шоҳнома» пурра кушода мешавад, ки дар байни онҳо Рустами достон, ки симои маркази ҳамоса мебошад, махсусан, баръало намоён аст.

Арзиши асосие, ки муҳтавои "Шоҳнома"-ро муайян мекунад, ватандӯстӣ мебошад. Муаллифи достон таъкид мекунад, ки лашкари пароканда имкони нишон додани мардонагии ҳақиқиро надорад. Танҳо ба душман туъмаи осон мешаванд:

*Пароканда лашкар наояд ба кор*

*Дусад марди ҷангӣ беҳ аз сад ҳазор.*

Рустам ҳамчун симои асосии асар ба монанди намунаи рафтори ватандӯстӣ тасвир шудааст. Ин мавзуъ дар тамоми достон чун «хатти сурх» мегузарад.

Достонро мутолиа намуда, аз сатрҳои аввал огоҳ мешавем, ки Рустам ҳимоятгари ормонии Ватан буда, худро ҳамчун қаҳрамони халқ нишон медиҳад. Ӯ паҳлавонест, ки дар заминаи анъана ва урфу одатҳои халқӣ тарбия ёфтааст. Маҳз Рустам дар назди мо ҳамчун таҷассуми орзуи халқ дар бораи ҳимоятгари ормоние қарор мегирад, ки қодир аст, ки ба бадӣ ба таври муассир муқовимат намояд.

Рустам дар достон вазифаи асосии худро, ки бояд озодӣ ва бахту саодати халқи худро ҳифозат кунад, иҷро менамояд. Аз ин рӯ, шоир ӯро ҳамчун шахси боадаб, далер, қаҳрамон, омода ба ҳар гуна фидокорӣ тавсиф мекунанд. Азбаски Рустам худ намояндаи мардум аст, ба ҷуз хидмат ба халқу ватан андешаи дигаре надорад.

Дар достони «Шоҳнома» тимсоли қаҳрамони дигар Сиёвуш ҳам ҷолиб аст, ки онро муаллиф ҳамчун инсони дорои неруи бузурги ҷисмонӣ ва муҳтавои пурғановати маънавӣ тавсиф кардааст.

Дар андешаҳои Фирдавсӣ хислатҳои мусбати инсонӣ, аз қабили далерӣ, накӯкорӣ, башардӯстӣ ҷойгоҳи махсусро ишғол мекунанд. Мутафаккир онҳоро аз

лаҳзаи ташаккули онҳо омӯхта, дар тарбияи насли наврас истифода бурдани онҳоро зарур донист. Фирдавсӣ бар ин назар аст, ки инсон дар ҷомеа зиндагӣ мекунад. Аз ин рӯ, ӯ бояд ба мисли Рустам ва Сиёвуш қаҳрамонони “Шоҳнома” бошад.

Асари мутафаккири дигари тоҷику форс Абдураҳмони Ҷомӣ «Баҳористон» ба масъалаҳои ахлоқ бахшида шудааст. Аз ҷиҳати сохтор ба «Гулистон» -и Саъдӣ хеле шабоҳат дорад. Ҷомӣ анъанаҳои Саъдиро идома дода, амиқтар кардааст. Ӯ иддао мекунад, ки ҳамаи инсонҳо аз лаҳзаи таваллуд бенуқсон ва покизаанд. Инсон дар давоми умри худ хислатҳои нек ва бадро тарбия карда метавонад. Самтгирии онҳо ба ҳавасмандӣ ва субот вобаста аст. Агар инсон ягон хислати хосеро барои зиндагиаш зарур донад, ӯ роҳи тарбия намудани онро дар худ пайдо мекунад.

Ҷомӣ чунин андешаро бо мо баён мекунад. Инсон пеш аз он ки камбудиҳои дигаронро нишон диҳад, бояд кӯшиш кунад, ки иллатҳои худро дарк кунад ва дар ин маврид худмунтақид бошад.

Мутафаккир шахсонеро, ки нисбат ба камбудиҳои ночизи дигарон таҳаммулнопазиранд. вале нуқсонҳои худро пинҳон карданӣ мешаванд, ё бо макр нишон медиҳанд, маҳкум мекунад. Ба шоир одамоне писандидаанд, ки на танҳо камбудиҳои худро мебинад, балки бо онҳо мубориза бурда метавонанд. Чунин одамон нисбат ба кирдорҳои на чандон калони инсонӣ мулоимат нишон медиҳанд.

Ҷомӣ аз ҷумлаи нуқсонҳои ҷиддӣ таҳқири шаъну шарафи инсониро зикр мекунад: «*Ҳамон инсон зишту бадкирдор аст, ки бесабаб мардумро меранҷонад».*

Шоир бо эҷодиёти худ моро ба чунин андеша водор месозад, ки ба инсон тамоми чизи зарурӣ дода шудааст, ки софдилона меҳнат карда, ба одамон ва ҷомеа нафъ расонад. Набояд, ки инсон тавоноии худро барои зулм ба дигарон истифода намояд ва ё заифонро таҳқир кунад.

Шоир менависад: *«Аз ҳасад бурдан ба сарвати дигарон беҳтар аст, он чиро ки дар манзил дорӣ истифода карда, бо обу нони хушк умр ба сар барӣ. Барои он ки ба нозу неъмати дигарон ҳавас накунӣ, лозим аст, ки бо мулоиматӣ аз гирифтани садақаи разилон даст бикашӣ».*

*Аз далқу асо сидқу сафое нарасад,*
*В-аз сабҳа ба ҷуз бӯйи риёе нарасад.*

*Гӯянд, куҷо расад, бигӯ, силсилаат,*

*К-аз силсила ҳеҷ кас ба ҷое нарасад!* »[370,с.43].

Ҷомӣ шахси саховатпешаро ситоиш карда, ашхоси тамаъкор, бадкирдор ва ҳасудро бераҳмона танқид мекунад. Онҳое, ки сарватро бештар қадр мекунанд, сазовори муомилаи нек нестанд.

Мутафаккир ба мо андарз дода, ишора мекунад, ки агар сарватманд ва сер бошӣ, саховатмандӣ осон аст. Аммо ин саховатмандии намоишӣ аст. Шахсе воқеан саховатпеша ба шумор меравад, ки барои одамон на танҳо ғизо ва манзилро дареғ намедорад, балки барои онҳо беҳбудии худ ва ҳатто ҷонашро ҳам фидо мекунад.

*“Бо доштани тилло ва нуқра метавон ҳамчун шахси саховатманд ном баровард. Аммо ин саховатмандӣ самимона нест. Саховатманд касест, ки чун огаҳ шавад, ки ба хотири дӯст бояд ҷон фидо кард, дар ин роҳ ҳаёташро дареғ надорад”.*

Ба қавли шоир, барои он ки инсон воқеан хушбахт бошад, барои ӯ нону саломатӣ, садоқати дӯст ва сулҳу оромӣ лозим аст.

Ҷомӣ бо истифода аз пандҳои шоирона ва дидактикӣ ба писараш ва тавассути ӯ ба мо аҳамияти накӯкорӣ, инсондӯстӣ, наҷобат, беғаразӣ ва дигар хислатҳои мусбатро барои инсон мефаҳмонад.

Мутафаккир дар тарбияи ахлоқии насли наврас ба масъалаҳои азхудкунии донишҳо ва касбу ҳунар афзалият медиҳад. Инсон ба воситаи дониш дидани мақсади ҳаёти худро меомӯзад, душвориҳоеро, ки дар роҳи зиндагӣ ба миён меоянд, бартараф менамояд. Илм, ба гуфтаи Ҷомӣ, ҳамаи дарҳоро ба рӯйи инсон мекушояд.

Абдураҳмони Ҷомӣ дар бораи бахту саодати халқи худ орзу карда, дар назди худ мақсади равшану наҷиб гузошта буд, ки одамонро аз иллатҳои гуногун раҳо карда, дар онҳо фазилатҳоро тарбия намояд.

Хулоса, тамоми мутафаккирони бузурги форсу тоҷик дар бораи категорияҳои ахлоқиву маънавии шахс китобу рисола ва шеъру достонҳои зиёде эҷод кардаву саъю талош намудаанд, ки дар ҳама ҳолатҳо фазилатро дар муқобили разолат гузоранд ва инсонҳоро ба роҳи рост ва дуруст ҳидоят намоянд. Истифодаи

пайгиронаи ин арзишҳои ҳуввиятсоз бе ягон шаку шубҳа ба ташаккули ахлоқу маънавиёт, ҳисси ватандӯстиву худшиносӣ, меҳнатқаринӣ ва таҳаммулпазирии насли наврасу ҷавонони кишвар мусоидат хоҳанд кард.

**Хулосаи боби 2**

Таҳқиқоти мо, ки дар боби дуюми ин рисолаи илмӣ баён шудааст, имкон медихад ба хулосае омад, ки низоми миллии тарбия дар асрҳои миёна ба бахши низоми умумии тарбия ва таҳсилот мубаддал гардида, имрӯз ҳам дар амал татбиқ гардида метавонад.

Мутафаккирони асрҳои миёна шаклҳои нави кори таълиму тарбияро дарёфт намуда, асоснок карда тавонистанд, ки онҳо аз принсипҳои педагогикаи дунёи қадим тафовути назаррас доштанд. Низоми нави тарбия ба ғояҳои башардӯстона ва сулҳдӯстӣ асос ёфтааст.

Умуман, натиҷаҳои таҳқиқоти дар боби дуюм гузаронидашуда ба мо имкон доданд, ки хулосаҳои зеринро ба даст орем.

1. Дар доираи таҳқиқот мо мероси эҷодии мутафаккирони тоҷику форс, ақидаҳои инсондӯстии онҳоро мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор додем, ки асоси тарбияи ахлоқии ҷавонони даврони асримиёнагӣ гардидаанд. Ҳар як намояндаи афкори фалсафии он замон андешаҳои худро тавассути осори адабӣ баён кардааст. Мутобиқ намудани ин ғояҳо ва дастурҳо ба проблемаҳои педагогикаи муосир имкон медиҳад, ки раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимии муосир ба таври мусбат тағйир ёфта, сифати таълим беҳтар карда шавад.

2. Муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ намунаҳои эҷодиёти мутафаккирони асримиёнагиро овардааст, ки омӯзиши онҳо аз ҷиҳати кушодани моҳият ва мазмуни таърихи рушди фарҳангу маориф дар замонҳои қадим ва имрӯз ҷолиб хоҳад буд. Таҳлили роҳи ҳаёти мутафаккирони асрҳои миёна, ташаккул ва инкишофи акидаҳои онҳо оид ба педагогика ва тарбия имкон медиҳад, ки тамоюлҳои ҳаёти маънавии халқҳои тоҷику форс дарк карда шавад, ки дар тамоми масири таърихи Тоҷикистон ба ташаккули афкори педагогӣ таъсири назаррас расонидааст.

3. Истифодаи унсурҳои асосии афкори педагогии мутафаккирони асримиёнагӣ ба такмили низоми муосири таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тамоми сатҳҳои он мусоидат мекунад. Мо ин далелро бо он шарҳ медиҳем, ки

аҳкоми пешниҳодшуда тавассути догмаҳои ахлоқие, ки имрӯз ҳам мубраманд, амалӣ карда мешаванд. Таҷрибаи мураббиёни асримиёнагӣ имкон медиҳад, ки дар насли наврас раванди ташаккули нангу номус, эҳтиром, сулҳдӯстӣ, таҳаммулпазирӣ, ёрии байниҳамдигарӣ ва дигар сифатҳои неки ахлоқӣ такмил дода шавад.

4. Дар осори мутафаккирони бузурги он давраи таърих, ки мо мавриди омӯзиш қарор додаем, тавсияҳои махсусро оид ба таълиму тарбияи ҷавонон пайдо мекунем, ки метавонанд заминаи илмии такмили низоми педагогии миллии томактабӣ, мактабӣ, миёнаи касбӣ ва таҳсилоти олӣ гарданд.

5. Омӯзиши мероси мутафаккирони асримиёнагӣ ва ақидаи онҳо дар бораи тарбия имкон медиҳад, ки раванди илмию маърифатӣ дар муҳити донишҷӯён ва маҳфилҳои илмӣ фаъол гардад. Маълумоте, ки мо тавассути омӯзиши таҷрибаи файласуфони қадим ба даст оварда метавонем, дар бораи марҳилаҳои инкишофи афкори педагогӣ иттилоъ дода, нишон медиҳад, ки ақидаҳои педагогии давраи таҳқиқнамудаи мо ба таълиму тарбияи муосир чи гуна таъсир расонидааст.

6. Меросе, ки мутафаккирони асримиёнагӣ ба мо гузоштаанд, барои ташкили кори амалии тарбиявӣ, ки ба ташаккули шахсияти аз ҷиҳати маънавӣ солими насли ҷавон нигаронида шудааст, ахамияти калон дорад. Таҷрибаи ниёгон ҳангоми тайёр кардани омӯзгорон дар тамоми зинаҳои таҳсилот бояд хоста бошад, зеро он дар инсон меҳру муҳаббат ба Ватан, забони модарӣ ва арзишҳои маънавию ахлоқии миллиро бедор мекунад. Барои халки тоҷик ҳамин сифатҳо аз аҳамияти калон бархӯрдоранд. Тоҷикистон даҳсолаҳои ахир бо душвориҳои ҷиддие рӯбарӯ шуда, давраи муқовиматҳои шаҳрвандӣ ва ошӯбҳои ба он алоқамандро сипарӣ намудааст, ки ба шуури тоҷикон, бахусус ҷавонон, таъсири манфӣ расонданд.

Маънии асосии андешаҳои мутафаккирони асримиёнагӣ дар арзиши ҳаёти инсон, росткорӣ ва адл аст. Таълимоти этикии ҳакимони бостонӣ ба он нигаронида шудааст, ки дар ҷавонон сифатҳоеро тарбия кунанд, ки бояд ҷузъи зеҳнияти тамоми мардуми Тоҷикистон гарданд.

Ба таври алоҳида қайд мекунем, ки арзишҳои ғояҳои педагогӣ ва тарбиявии мутафаккирони асримиёнагӣ танҳо дар ҳудуди Тоҷикистони муосир маҳдуд нестанд. Аксарияти онҳо ба арзишҳои умумибашарӣ табдил ёфтаанд, ки ба барқарории ҳамдигарфаҳмии байни халқҳо ва қатъи низоъҳо ва ҷангҳо мусоидат

мекунанд. Таҷрибаи ғамангези даҳсолаҳои ахир зарурати такмил додани кори тарбиявии ҷавононро барои аз васвасаи фарҳанги оммавӣ дур кардани онҳо, ки манбаи асосии шахсиятгароӣ ва муносибати истеъмолӣ ба ҳаёт мебошад, нишон медиҳад.

7. Хатарҳои асосӣ барои тамаддуни муосир, ғайр аз ҷангҳо, фалокатҳои экологии миқёси ҷаҳонӣ мебошанд. Минтақаҳои нави офатҳои табиӣ ба манбаи бемориҳои оммавӣ, гуруснагӣ, афзоиши ҷинояткорӣ ва терроризм табдил меёбанд.

Тамоюлҳои манфии ҷомеаи муосир бояд қатъ карда шуда, фаъолияти мардум ба маҷрои созандагӣ равона карда шавад. Ин ҷидду ҷаҳди зиёдеро талаб мекунад. Мероси ниёгони мо дар ҳаллу фасли мушкилоте, ки бояд онҳо дарк, таҳлил ва ба воқеияти муосир мутобиқ карда шаванд, кӯмак мекунад.

Ба ҳам наздик шудани халқҳо танҳо дар асоси арзишҳои умумибашарӣ ба амал омада метавонад, ки ба мустаҳкам шудани дӯстӣ ва ҳусни ҳамҷаворции байни халқҳо мусоидат мекунанд. Таҷрибаи маънавие, ки ниёгони мо ҷамъ кардаанд, бояд асоси ғоявии таҳаввули шуури ҷамъиятӣ гарданд.

# БОБИ 3. АРЗИШҲОИ АХЛОҚИЮ МАЪНАВИИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯ ДАР ОСОРИ НИЁГОНИ ХАЛҚИ ТОҶИК

## 3.1. Асосҳои тарбия ва ҷаҳонбинии дунявӣ ҳамчун зербинои таълиму тарбияи муосир

Тамаддуни араб дар асрҳои VIII - XII дар аксари давлатҳои Шарқ босуръат интишор ёфта, аз он ҷумла дар Осиёи Миёна рушд кард. Дар таърихи мардуми тоҷику форс асри нуҳуми милодиро асри тиллоӣ меноманд, зеро дар ин давраи таърихӣ маҷмуаи ҳадисҳо мураттаб шудааст, ки маҷмуи қонунҳо ва дастуроти шаръӣ буда, дар асоси ҳаёт, амалҳо ва суханони Паёмбари ислом Муҳаммад (с) мураттаб шудаанд. Маҷмуаҳои сершумори ҳадисҳо ба қалами донишмандони илоҳиётшинос ва фақеҳони барҷастаи тоҷику форс тааллуқ доранд.

Барҷастатарин муаллифони ин асарҳои адабию динӣ, ки аз ҷиҳати аҳамият ва эътибори худ баъд аз Қуръон дар мақоми дуюм қарор доранд, Абуҳанифа Нуъмон ибни Собит (Имоми Аъзам), Муҳаммад ибни Исмоил ал-Бухорӣ, Муслим ибни Ҳаҷҷоҷ, Абу Довуд, Абу Исо ат-Тирмизӣ, Ибни Моҷа ва дигарон мебошанд.

Нақши барҷастаи олимони тоҷику форс дар рушди илмҳои илоҳиётро бисёре аз мутафаккирони  асрҳои миёна ва ҳам муосир эътироф кардаанд. Ҳамин тариқ, ба гуфтаи муаррихи барҷастаи араб Ибни Халдун, аксари уламои мусулмоне, ки дониши фавқулода нишон медоданд, хориҷиён буданд ва мисолҳои мушобеҳ  хеле камтар дучор мешаванд. Дар миёни онҳо шахсоне ҳастанд, ки ҳадисҳоро аз ёд медонистанд. Аксари ин донишмандон аз ҷумлаи форсу тоҷикон буданд. Воқеан, фаъолияти илмӣ ва тафсири Қуръони карим як навъ ихтисоси тоҷикон гардида буд» [178,с.140].

Ақидаҳои ӯро пажӯҳишгари тоҷик А.Турсунов тасдиқ мекунад, ки дар даврони ислом маҳз саҳми фарҳангии қабилаҳои форсу тоҷик имкон дод, ки дар ҳудуди Хилофати араб зербинои донишҳои илмӣ бунёд карда шавад. Дарвоқеъ, аксарияти мутлақи ситорашиносон ва риёзидононе, ки дар оғози асрҳои VIII - IX  дар Бағдод

дар Байтулҳикмат ҷамъ омада буданд, зодагони Бохтар, Хуросон ва Фарғона буданд.

Бояд қайд намуд, ки мутафаккирони илмӣ ва динии даврае, ки мавриди баррасии мо мебошад, ҳангоми омӯзиш ва тафсири донишҳои дорои ҷанбаҳои динӣ ё дунявӣ, пеш аз ҳама, ба манфиатҳои инсон ва ҷомеа такя мекарданд. Ба баёни дигар, хусусияти хоси олимону мутафаккирон ва фарҳангиёни Шарқи асрҳои миёна эътиқод ба инсон, башардӯстӣ ва муҳаббат ба атрофиён буд.

Мутафаккироне, ки дар ёди авлоди шукргузор тайи асрҳо боқӣ мондаанд, инҳо Баҳоуддини Нақшбанд, Наҷмуддини Кубро, Абулқосим Маҳмуд ибни Умар ибни Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Умар аз- Замахшарӣ, Абуҳомид Муҳаммад ибни Муҳаммад Ғазолии Тӯсӣ, Абумансур Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Маҳмуди Мотуридӣ, Ибни Ҷарир ат-Табарӣ, Имом ал-Бухорӣ, Аҳмад ибни Ҳафси Бухорӣ, Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Алӣ ат-Тирмизӣ, Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни ал-Ҳасан аш-Шайбонӣ, Абуҳанифа Нӯъмон ибни Собит, Абӯабдуллоҳ Салмон ал-Форсӣ ва бисьёр дигар арбоби барҷастаи илм, фарҳанг ва дин буданд, ки фарҳанги миллӣ ва як давраи томи фарҳангиро ташаккул намуда, асосҳои илмӣ, ахлоқӣ ва фалсафиро, ки пояҳои ахлоқии Шарқи асрҳои миёнаро ташкил медоданд, огоҳона ва ё нохоста баён намуда, дар таърихи илми дин мақоми муътабарро ишгол намудаанд.

Феҳристи мутафаккирон ва ходимони динии халқи тоҷикро беохир идома додан мумкин аст, ки ҳадисҳоро амиқан омӯхта, ба наслҳои баъдӣ намунаҳои онҳоро бо шарҳу тафсиру оличаноб мерос монда, дар барқарорсозӣ ва рушди фарҳанги ислом саҳми арзанда гузоштаанд, ки ин мавзуъ таҳқиқоти алоҳидаи бунёдиро талаб мекунад» [188,с.347].

Ба таври ҷамъбаст метавон гуфт, ки як зумра олимону маорифпарварони барҷастаи дар боло номбарнамудаи мо, фарҳанги исломӣ ва забони арабиро ба таври мукаммал омӯхтаанд, то ҳадисҳои Паёмбар (с) барои ҳамагон мафҳум ва дастрас гарданд, ки ин ниҳоят муҳим аст, зеро муҳтавои онҳо маҷмуи дастуру қоидаҳое мебошанд, ки дар одамон ватандӯстӣ ва меҳнатдустӣ, тавозуъ ва меҳру муҳаббат ба наздиконро тарбия мекунанд.

Худи мутафаккирони мазкур ба васиятҳои ҳазрати Муҳаммад (с) содиқона пайравӣ намуда, мероси башардӯстонаи ӯро инкишоф дода, дар фарҳанги миллӣ хирад ва инсондӯстии дини ислом, таҳаммулпазирӣ, муносибати инсондӯстона нисбат ба атрофиён, саъю талоши сулҳ бо халқҳои ҳамсоя, эҳтироми дину мазҳаб ва вижагиҳои миллии онҳо саҳми бориз гузоштанд» [20,с.36].

Онҳо бо фидокории фарҳангӣ ва илмии худ дар тафсири Қуръони карим ҳикмати онро ба мардуми оддӣ наздиктар карданд. Асарҳои ин мутафаккирони барҷаста дар замони мо ҳам барои наслҳои имрӯза ва ҳам барои наслҳои оянда арзиши худро нигоҳ дошта, дар инкишофи маънавию ахлоқии халқи мо на танҳо мубрамии худро гум накардаанд, балки аҳамияти худро афзудаанд.

Дар давоми чандин аср мероси эҷодии арбоби барҷастаи фарҳанг, илм ва дини халқҳои Шарқ бо мақсади дар инсонҳо тарбия намудани ормонҳои амиқи маънавию ахлоқӣ, маънавиёти воло, майли бахту саодатиояндаи халқи бузурги худ нигаронида шуда буд [189,с.216].

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки ба масъалаҳои тарбияи маънавию ахлоқии халқи тоҷик ва махсусан насли наврас таваҷҷуҳи зиёд зоҳир мекунанд, дар баромадҳои сершумори худ борҳо ба нақши мутафаккирони барҷастаи Шарқ дар бунёди муколамаи созандаи байни тамаддун ва дин ишора кардаанд.

Тавре ки таърихи чандинасра шаҳодат медиҳад, халқи тоҷик баъди ҳамлаи арабҳо на як бору ду бор ба дасти истилогарони хориҷӣ тасхир шуда буд, сарфи назар аз ҳукмронии сиёсати атеизми ҷанговари ҳизби коммунистӣ ба дину фарҳанги худ содиқ монд содиқ монда, на танхо онро нигоҳ дошта тавонист, балки онро афзун гардонд.

Бисёр донишмандон равандҳои дигаргунсозӣ дар Тоҷикистонро тайи солҳои 90-уми асри гузашта ба таъсири омили исломӣ вобаста медонанд. Таҳти ин мафҳум муҳаққиқон таҳкими нақши ҷаҳонбинии исломиро дар равандҳои сиёсиву иҷтимоии давлатҳои Осиёи Марказӣ, ҳаёти дохилӣ ва сиёсати хориҷии онҳоро дар сатҳи минтақавӣ ва ҷаҳонӣ дар назар доранд. Ба гуфтаи С.А. Раҷабов, таҳти ин мафҳум олимони таҳқиқкунандаи мамлакатҳои Шарқ маҷмуи аҳком ва арзишҳои

исломиро дарк мекунанд, ки қонунҳои исломӣ, ахлоқ, расму оин ва анъанаҳои мардуми мусулмонро дар бар гирифта, бо муносибатҳои иҷтимоию фарҳангӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва таърихӣ иртиботи наздик доранд» [249,с.86].

Азбаски аксарияти кулли мардуми Тоҷикистон дини исломро пайравӣ мекунанд, омили мазкур дар ҳаёти кишвар нақши муҳим дорад ва онро ба ҳеҷ ваҷҳ нодида гирифтан мумкин нест.

Дар ҳамин ҳол, ба андешаи донишманди олмонӣ А.Зайферт, таваҷҷуҳи ҷомеаи Тоҷикистон ба мазҳабҳои муътадили ислом зарурати ҷустуҷӯи самтҳои ҷадидро барои ҳамкориҳо мубрам месозад. Таҳлили вазъи иҷтимоиву сиёсӣ ва мазҳабии кишвар нишон медиҳад, ки феълан ислом дар Тоҷикистон омили ташаннуҷ ва афзоиши низоъ дар кишвар нест» [90,с.6-7].

Бояд қайд намуд, ки дар замони коммунистӣ бо вуҷуди шаклҳои шадиди атеизми давлати шуравӣ, дар Тоҷикистон аз байн бурдани эҳсосоти динӣ муяссар нагардид.

Роҳбарияти Тоҷикистон бо мақсади эҳёи ҳаёти мазҳабии мардум, бо назардошти таҳаммулпазирӣ ва эҳтироми истисноӣ нисбат ба тамоми ҷараёнҳо ва эътиқодҳои динӣ, бо дарназардошти меъёрҳои махсуси динӣ ҷиҳати танзими фаъолияти сохторҳои динӣ бо назардошти аҳамияти равияи ҳанафии ислом барои ҳаёти маънавӣ ва анъанаҳои миллии мардуми тоҷик тадбирҳои муассири ташкилию қонунӣ меандешад.

Азбаски мазҳаби ҳанафии ислом дар Тоҷикистон чун дар бисёре аз кишварҳои дигари исломӣ бонуфузтарин аст, мо ҳақ надорем, ки дар бораи ҷудоии дин аз давлат аз ҷиҳати фарҳангӣ ва ахлоқӣ қазоват намоем. Унсури марказии ғояи миллӣ ягонагии маънавии халқи тоҷик аст, ки ба мероси ғании чандинасраи халқҳои Тоҷикистон асос ёфтааст.

Ба андешаи олими тоҷик И.Усмонов, таҳкурсии чунин ҳамгироии ҷомеаи тоҷик, ҷанбаҳои динию миллии он муштаракоти забон, психологияи миллӣ, анъана ва арзишҳои мардумист. Дар маҷмуъ, ин арзишҳо имкон медиҳанд, ки ҷомеа дар асоси ҳамдигарфаҳмии ҳамаи гурӯҳҳо ва қишрҳои он ташаккул ёбад,  ин ба мо имкон медиҳад, оромии ҷомеа, мавҷуд набудани тамоюлҳо ба бунёдисозии ҳаёти

иҷтимоӣ ва динӣ, ҳамоҳангии байни ҷомеа ва ҷаҳонбинии исломӣ кафолат дода шавад [323,с.208].

Имрӯз зарурати истифодаи мутавозин аз ҷанбаҳои бештар созандаи дини ислом, сулҳпарварӣ ва тавоноии босуботсозандаи он дар тарбияи сифатҳои маънавӣ ва ахлоқии насли наврас, махсусан мубрам гардидааст.

Албатта, бархӯрди мутавозин ва салоҳиятноки муайянкунии нақш ва ҷойгоҳи ислом дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва фарҳанги миллӣ, хирад дар истифодаи имкониятҳои густардаи иҷтимоӣ ва маънавии он дар бунёди ҷомеаи навини тоҷик метавонад масири муваффақи истиқлолияти сиёсии миллатро таъмин намояд. Тоҷикистон, кафили ваҳдати халқи худ, пойдории сохтори давлатӣ, амнияту оромии тамоми мардуми сокини он аст.

Ин моҳияти асосии амсилаи ваҳдати миллӣ, ҳамоҳангии соҳаҳои дунявӣ ва динӣ дар кишвари моро ташкил медиҳад, ки мавҷуд набудани зиддиятҳои ҷиддии байни онҳоро ҳам аз ҷиҳати динӣ ва ҳам аз ҷиҳати ҳуқуқӣ таъмин менамояд.

Муҳаққиқони бахши фанҳои иҷтимоию гуманитарӣ дар бораи робитаи фарҳангҳои дунявӣ ва мазҳабӣ баҳсҳои ҷолиб доранд.

Барои дуруст дарк кардани муносибати давлат ва дин зарур аст ошкор гардад, ки дин ва фарҳанги миллӣ ба ҳамдигар чи гуна иртибот доранд. Аввалан, ин ду мафҳумро ба ҳеҷ ваҷҳ набояд дар муқобили ҳамдигар қарор дод. Онҳое, ки фарҳанги миллии тоҷиконро танҳо ба ҷанбаи мазҳабӣ, дар ҳолати мо ба ислом маҳдуд мекунанд, иштибоҳ мекунанд. Аммо ҳамин ҳам бархӯрди нодуруст аст, ки исломро ба як ҷанбаи мустақил аз фарҳанги миллӣ таҷзия намоем. Ҷузъҳои таркибии ҳам динӣ ва ҳам миллӣ, ки унсурҳои таркибии ҷудонопазири фарҳанги миллии тоҷиконро ташкил медиҳанд, ҳамдигарро ғанӣ мегардонанд.

Ҳангоми баррасии фарҳанги халқи тоҷик дар қаринаи васеътарин давраи рушди пешазисломии он, ки бо анъанаҳои ғании таърихӣ ва дидгоҳҳои динӣ хос буд, набояд фаромӯш кард [298,с.120].

Албатта, тоҷикон дар замонҳои қадим, ҳанӯз пеш аз солшумории мо давлатдории худ, таҷрибаи пурғановати рушди иҷтимоӣ ва анъанаҳои қадимии худро доштанд. Халқи тоҷик бо вуҷуди ҳуҷумҳои сершумори дигар халқҳо,

даврахои дуру дароз дар зери ҳукмронии хориҷиён эҳё гардид ва ба решаҳои маънавию миллии худ баргашт ва давлатдории худро гаштаю баргашта барқарор намуд.

Дар шароити муосир таҳкурсии истиқлолияти давлати тоҷикон ғамхорӣ дар бораи ҳифз ва рушди анъанаҳои чандинасра, ҷанбаҳои созандаи шаклҳои анъанавии давлатдорӣ мебошад. Илова бар ин, чунон ки таърихи давраи пешазисломии халқи тоҷик гувоҳӣ медиҳад, низомҳои арзишҳои миллии он давра на танҳо дар барқарорсозии фарҳанги тоҷикон нақши муҳим доштанд, балки ба рушди фарҳанги тоҷикон  ба арзишҳои исломӣ бо назардошти вижагиҳои миллии маҳаллӣ низ таъсири назаррас расонидаанд.

Ҳамаи гуфтаҳои боло зарурати маърифати боз ҳам амиқтари ин арзишҳоро барои ба сатҳи нав баровардани худшиносии миллӣ ва ҳувияти фарҳангӣ собит месозад.

Агар ин ду мафҳум ба ҳам муқобил гузошта шаванд, дуруст дарк кардани тамоми ҷанбаҳои муносибати байни худшиносии миллӣ ва динӣ ғайриимкон аст. Танҳо баррасии ҷанбаҳои мазкур ба таври куллӣ дар иртиботи наздик ва таъсири байниҳамдигарии онҳо имкон медиҳад, ки манзараи томи воқеии  фарҳанги тоҷик бо тамоми ғановаташ нишон дода шавад.

Давлат ба мардуми худ озодии эътиқодоти динӣ, имкони пайравӣ ба эътиқоди динии онҳоро фароҳам меорад, то ки тамоми нозукиҳо ва ҳикмати ислом ё дигар динҳоро омӯзад, ки он барои рушди ҷомеа, бунёди бомуваффақияти Тоҷикистони нав заминаи мустаҳкамро муҳайё сохта, неруи созандаи мардум, эътиқоди ононро ба ояндаи дурахшони бар пояи ғояҳои инсонпарварӣ, арзишҳои маънавию ахлоқии ислом, ки ҷузъи ҷудонашавандаи фарҳанги муосири тоҷикон мебошад, таҳким мебахшад.

Дар баробари ин, ба гуфтаи  файласуфи диншинос  С.Аҳмадов, ташаккули сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлати Тоҷикистон новобаста ба  таъсири омилҳои динӣ сурат мегирад. Ҳамакнун мардум ба туфайли сиёсати давлатии хирадмандонаи роҳбарияти Тоҷикистон, ки ба таъмини озодиҳои динии шаҳрвандони худ нигаронида шудааст, дар чунин тақсими вазифаҳо мушкилоте

намебинанд ва дар қонеъ кардани ниёзҳои динии худ озоданд. Чунин равишро руҳониён низ дастгирӣ мекунанд, ки ба назари мо, дуруст мешуморанд, ки ба сиёсат бояд сиёсатмадорон машғул шаванд[46,с.90].

Аммо ба ҳар ҳол, озодиҳои динии ба аҳолии Тоҷикистон вогузоргардида ва муносибати эҳтиромона нисбат ба дин ба ҳувияти миллӣ, бунёди давлати соҳибистиқлол ва равобити осоиштаи фарҳангҳои дунявӣ ва динӣ чӣ гуна таъсир мерасонад?

Мо маҷбурем иқрор шавем, ки пажӯҳишҳо дар заминаи рушди ниҳодҳои динӣ ва таъсири онҳо ба ҳаёти ҷамъиятии давлат, ки муштаракан Ҳукумати Тоҷикистон ва сохторҳои САҲА анҷом медиҳанд, боиси нигарониҳои зиёде мегардад. Мавриду далелҳое ҳастанд, ки афзоиши худшиносии динӣ зуҳуроти номатлубро ба вуҷуд меорад, ки садди роҳи эҳёи ҳувияти миллӣ ва фарҳангӣ мегардад. Ҳолатҳои алоҳидае ҷой доранд, ки хусусиятҳои бечунучаро мусбати дини ислом аз ҷониби ашхоси бевиҷдон ба манфиатҳои сиёсии гурӯҳӣ ва шахсӣ истифода шуда, дар ҷомеа таассуб, хурофот, таҳаммулнопазирии динӣ ва бадгумонӣ  ба вуҷуд оварда, таҳдиди табдил шудан ба равандҳои хатарноки  ифротгароиро ба вуҷуд меоранд ва мақомоти давлатиро маҷбур мекунанд, ки ба чунин омилҳои ниҳоят хавфнок қотеона муқовимат кунанд [147,с.14-15].

Чунин афрод ва гурӯҳҳое, ки онҳо раҳбарӣ мекунанд, фаҳмидан намехоҳанд, ки арзёбии вижагиҳои байни муносибатҳои  фарҳангҳои дунявӣ ва динӣ инҳисори шахсии ҳеҷ фарде нест. Эҳёи эҳсосоти динӣ ва арзишҳои исломи ҳақиқиро аз эҳёи фарҳанги миллӣ, ки  дар маҷмуъ, аз лиҳози  моҳият нисбат ба марзҳои сирфан мазҳабӣ хеле васеътар аст, ҷудо кардан ғайриимкон аст.

Вайрон кардани ин мувозинати ноустувор, беэътиноӣ ба қонуниятҳои таърихӣ, дарк накардани таносуби эҳсосоти динӣ ва ҳувияти фарҳангии миллӣ, бидуни муболиға, ба оқибатҳои даҳшатовар хоҳад бурд.

Албатта, равандҳое, ки бо эҳёи арзишҳои миллӣ, фарҳангӣ ва мазҳабӣ дар шароити Тоҷикистони муосир ба вуқуъ меоянд, ҳамеша бо муқовимат ва мушкилоти ҷиддӣ рӯбарӯ мешаванд.

Яке аз сабабҳои сершумори чунин вазъият таназзули назаррас ва таҳрифи ақидаҳои ислом дар давлатҳое мебошад, ки замоне дар ҳайати давлати абарқудрати коммунистии шуравӣ буданд. Пайравони ин дини бузург тули даҳсолаҳо аз марказҳои бузургтарини ҷаҳони ислом ҷудо шуда, дар ин муддат дар як бунбасти маънавӣ қарор доштанд, ки масалан, танҳо калонсолон ҷуръат карда метавонистанд ба масоҷиди фаъоли хеле камшумор барои адои намоз бираванд ва ба шаҳрвандоне, ки аъзои ҲКИШ буданд, эътиқодоти динӣ ва рафтан ба масоҷид қатъиян мамнуъ буд. Ҷавонон дар зери таъсири таблиғоти атеистӣ аз таҳсилоти динӣ тамоман дур монданд [237,с.336-356].

Дар ин иртибот муҳаққиқи маъруфи тоҷик К.Олимов дуруст қайд кардааст, ки яке аз камбудиҳои ҷиддии идораи коммунистӣ амалан нодида гирифтани ниёзҳои маънавии халқҳои таҳҷоӣ ва ҳамчун интихоби маънавӣ ва асоси мафкураи умумидавлатии миллӣ ғайриалтернативӣ эълон кардани атеизм мебошад. Дар баробари ин, дин дар шуури оммаи халқ ва фарҳанги мардумӣ решаҳои амиқ дошта, таърихи чандинасра ва анъанаҳои худро дорад. Бетафовутии зоҳирӣ ниёзи амиқ ба асоси маънавӣ ва ахлоқиро, ки таҳкурсии ислом аст, пинҳон мекард.

Ба андешаи муҳаққиқи маъруфи исломшиноси Русия А.В. Малашенко, ҳамзамон бо тарки «гетто»-и хоси иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, ислом дар замони пасошӯравӣ ба марҳилаи фаъолияти густардаи миссионерӣ гузашт. Андозаҳои умқ ва миқёси ҳадафҳои интихобнамудаи он ҷолиби диққатанд. Ислом саъй мекунад, ки ҷаҳонбинӣ ва фарҳанги худро дар фазои тамаддуни муосир густариш диҳанд. Барои ин, ба вай зарур аст, ки механизмҳои мутобиқшавӣ пайдо кунад, то ки ба шароити зудтағйирёбандаи иқтисодӣ ва иҷтимоию сиёсӣ ҳарчи бештар мутобиқ шавад ва дар ин ҳол таҳкурсии арзишҳои худ, ҳастаи маънавии худро ҳифз намояд [68,с.22-31].

Ҷанбаи зиддиятноки вазъияти кунунӣ ба миқёси гуногуни фарҳангҳо, таъсири онҳо ба афкор ва ҳаёти одамон вобаста аст. Қисми зиёди диндорон дар ибтидо тарбияи дунявӣ гирифтаанд ва танҳо дар синни бошуурӣ аксари онҳо ба андешаи дин ва ҷустуҷӯи имони ҳақиқӣ оғоз менамоянд.

Бояд гуфт, ки нуфузи афзояндаи ислом дар Тоҷикистони пасошӯравӣ на танҳо бо фурӯпошии низоми шӯравӣ ҳамроҳ бо атеизми «илмӣ»-и он, балки бо фаъолшавии чашмгири созмонҳои исломии хориҷӣ, ки ба таблиғу таъсиррасонии ҷиддӣ ба ҷомеа, хусусан ба ҷавонон оғоз намуданд, шарҳ дода мешавад [281,с.25].

Тақвияти омили исломӣ дар байни кудакон ва ҷавонон тамоюли таҳсилро дар дигар давлатҳои исломӣ афзоиш додааст. Мутаассифона, бархе аз ҷавонон зери таъсири намояндагони ҷараёнҳои тундгаро дар ислом афтодаанд, ки боиси нигаронии ҷиддӣ мебошад.

Саволе ба миён меояд: кадом чиз аст, ки ҷавононро ба фаъолияти гурӯҳҳои ифротгаро ҷалб мекунад?

Ба андешаи мо, дар баробари омилҳои фарҳангӣ, мазҳабӣ ва идеологӣ омилҳои ҷанбаи гендерӣ ва таърихидошта нақши муҳим доранд.

Дар робита ба Тоҷикистон метавон гуфт, ки ифротгаро шудани ҷавонон то андозае ба ҷанбаи мазҳабӣ рабт дорад, аммо инро сababи асосӣ хондан рӯякӣ ва бемасъулиятӣ хоҳад буд.

Тавре Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо дар баромадҳояшон таъкид кардаанд, терроризм ва ифротгароӣ миллату мазҳаб надоранд, онҳо ба ягон мазҳаб тааллуқ надоранд, исломи воқеӣ ба ин зуҳуроти нафратовар ба ҳеҷ ваҷҳ рабте надорад. Мусулмонони ҳақиқӣ бояд тамоми кӯшишро ба харҷ диҳанд, ки ғояҳои ислом ба мақсадҳои ҷиноӣ истифода бурда нашаванд[269].

Ифротгароён ва ҷинояткорон барои ҷиноятҳои худ тибқи қонун ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд ва ҳеҷ гуна ишора ба эҳсосоти динӣ онҳоро сафед карда наметавонад. Дар моҳияти аслии ислом зуҳуроти фисқу фасод вуҷуд надорад. Хатарҳои асосие, ки дар пешорӯйи ҷомеаи муосир қарор доранд, амалҳои ҷиноӣ, терроризм ва ифротгароӣ мебошанд, ки зери парчами ислом фаро гирифта шудаанд.

Бояд илова кард, ки имрӯз исломисозии тундгаро дар Тоҷикистон тамоми гурӯҳҳои синнусолӣ ва қишрҳои иҷтимоии ҷомеаро фаро гирифтааст. Ин равандҳо дар шаҳрҳои калон ва марказҳои вилоятҳои ҷумҳурӣ, пеш аз ҳама, дар байни

намояндагони наслҳои ҷавон ва занони синну соли миёна тамоюли пурзӯр шуданро нишон медиҳанд. Масалан, дар минтақаҳои бузурги аҳолинишин занону духтарон бештар ба ҳиҷобпӯшӣ икдом кардаанд. Ин гуна падидаҳо дар деҳот низ зиёд шудааст. Чунин зуҳурот ба зеҳният таъсири назаррас расонида, дар ҷомеа хусусиятҳои навро ташаккул медиҳанд.

Инкишофи босуръати шароити иҷтимоию иқтисодии ҷомеаи муосир ба ҷанбаҳои маънавӣ, сиёсӣ ва иктисодӣ таъсир нагузошта наметавонист, ки омӯзиш ва фаҳмиши амиқи назариявиро талаб мекунад. Тавре ки таҷриба нишон медиҳад, давраи гузарише, ки ҷомеа аз сар мегузаронад, бо мушкилоти ҷиддии рафъи ҷаҳонбинии анъанавӣ, ки танҳо ба арзишҳои миллӣ асос ёфтааст ва дар тули таърихи чандинасраи халқ, бо қолабҳо ва анъанаҳои худ ташаккул ёфтааст, хос мебошад.

Дар ин шароит илм, аз ҷумла равияҳои фалсафӣ ба ҳалли масъалаи муҳимтарин — таҳлил ва омӯзиши амиқи равандҳои дар ҷомеа баамалоянда, барои дарьёфт намудани роҳҳои нави гузариш ба муносибатҳои сифатан гуногун дар соҳаи фарҳанг, қаринаҳои динӣ ва иҷтимоӣ-сиёсӣ вазифадор мебошад. Дар ҷараёни ҳалли ин масъала муҳаққиқон ба масъалаҳои зеҳният, ки таҳкурсии фарҳанги гурӯҳӣ ва фардӣ мебошад, таваҷҷуҳи хоса медиҳанд.

Барои ин ба саволи асосӣ, яъне зеҳният чист, посух додан зарур аст?

Дар қаринаи таҳқиқоти худ мо, пеш аз ҳама, ба зеҳнияти миллӣ таваҷҷуҳ дорем, ки масалан, Ҷ. Миллер таҳти мафҳуми он тавоноии миллати алоҳидаро барои пурра ҳал кардани сарнавишти худ, амалисозии онро аз номи худаш бо дарки масъулияти худ идрок менамояд [174,с.113].

Бо такя ба ин таъриф мо ба хулосае омадем, ки зеҳнияти ин ё он миллат ё халқият на тавсифномаи фардӣ, балки вижагии дастаҷамъии хислати миллӣ мебошад. Ин нукта ба зеҳнияти тоҷикӣ ҳам комилан татбиқшаванда аст.

Ба андешаи муҳаққиқи тоҷик Ҳ.У. Урунова, хусусиятҳои зерини хосеро, ки зеҳнияти тоҷиконро тавсиф мекунанд, бояд қайд кард [320,с.46]:

- гароиш ба суннатпарастӣ;
- ҳисси коллективизм;

- тамоюл ба башардӯстӣ;

- кӯшиши ба инобат гирифтани андешаи атрофиён;

- эҳтироми анъана ва арзишҳои оилавӣ;

- дар байни ҷавонон тарбия намудани эҳсоси шаъну шарафи шахсӣ ва миллӣ ва ғайра.

Ҳамчун хусусияти миллӣ коллективизм дар халқи тоҷик мусбаттарин нақшро ифо менамояд. Ин хислати халқӣ имкон медиҳад, ки хешовандонро муттаҳид сохта, одамони дигарро барои ҳалли масъалаҳои умумӣ муттаҳид намуд. Дар байни халқи тоҷик ҳисси ёрии ҳамдигарӣ ва ҳамкории наздики байни дӯстон, хешу табор ва ҳамкасбон устувор аст.

Анъанагароӣ эҳтиром ба расму оинҳои қадимии мардуми худро дар назар дорад. Дар робита ба зеҳнияти мардуми тоҷик ин як омили ниҳоят ҷиддӣ аст ва шахсе, ки хилофи ин дастурот амал мекунад, мавриди накуҳиши ҷиддии атрофиён қарор мегирад. Гузашта аз ин, ҳолатҳое ҳам кам нестанд, ки дар сурати ихтилофи назар миёни анъанаву мафҳумҳои чандинасра ва қонуни расмии муосир маҳз анъанаҳои миллӣ афзалият пайдо мекунанд [237,с.340-341].

Бисёр одамон кирдорҳои худро бо он маънидод мекунанд, ки намехоҳанд аз тарафи атрофиён маҳкум шаванд, зеро аҳамияти афкори умум дар ҷомеаи Тоҷикистон ниҳоят баланд аст.

Таҳаммулпазирӣ боз яке дигар аз вижагии зеҳнияти халқи тоҷик аст. Дар ташаккули ин сифат дини ислом аҳамияти бузург дорад, ки принсипҳо ва ормонҳои маънавию ахлоқии он насли наврасро дар руҳияи эҳтиром нисбат ба атрофиён, таҳаммулпазирӣ ва эҳтироми бузургсолон тарбия мекунанд. Ин хислати мардуми тоҷик дар лаҳзаҳои ҳассоси таърихи миллат аз санҷиши ҷиддӣ гузашт.

Яке аз чунин гардишҳои қатъӣ, марҳилаҳои мураккаби таърихи кишвари мо низоъи солҳои 90-уми асри гузашта буд, ки маҳз ба шарофати сулҳдӯстӣ, башардӯстӣ ва таҳаммулпазирии тоҷикон ва дигар халқҳои сокини кишвари мо бартараф гардид. Ин хислати мардуми мо, ки на як бору ду бор ба тамоми ҷаҳон намоиш дода шудааст, омили ҷиддии таъмини сулҳу субот ва амнияти ҷомеаи мо мебошад.

Дигаргуниҳои бунёдие, ки дар ҷомеаи тоҷик ба вуқуъ пайваст, тағйироти ҳамкориҳо дар байни фарҳангҳои дунявӣ ва исломӣ боиси тақвият ёфтани боз як хусусияти дигари хоси халқи тоҷик – эҳсоси динӣ гардид, ки пас аз пошхӯрии ҷаҳонбинии коммунистӣ холигоҳи идеологиро ишғол намуд ва дар ҷомеаи тоҷик бартарӣ пайдо намуд [260,с.113].

Эҳёи масҷидҳои қадима ва бунёди масоҷиди нав, ҷорӣ намудани асосҳои ислом дар соҳаи таҳсилот, эҳёи шуури тамоюли исломӣ, таъсири ислом дар сиёсат ва бисёр омилҳои дигар ба эҳёи эҳсосоти динӣ дар байни халқҳои кишвари мо, ташаккулёбии ҷаҳонбинии динии онҳо таъсири судманд расониданд, ки таҳкими арзишҳои анъанавии маънавиро тавассути ҷустуҷӯи ҳақиқат дар дин дар назар дорад. Тақвияти ҳамкории созмонҳои динӣ дар сатҳи байнидавлатӣ низ аз аҳамияти бузург бархӯрдор мебошад.

Барои баррасии муфассали ин ҷанбаи зеҳнияти миллӣ, ба андешаи мо, истилоҳотро доистан лозим аст. Таҳти мафҳуми диндорӣ чиро дар назар дорем? Вижагиҳои хоси эҳсоси динии мардум кадомҳоянд?

Муайян кардани мафҳуми диндорӣ ба таври яксон ба душворӣ мувоҷеҳ аст, аммо як қатор муҳаққиқон онро ба маънои васеъ ҳамчун пайравӣ ба низоми арзишҳои динӣ ва дар маҷмуъ, ҷалб шудан ба ҷаҳони ахлоқию маънавии динӣ медонанд.

Мутахассисони омӯзиши дин Н.Н. Яблоков, Д.М. Угринович, В.И. Гараҷа зери мафҳуми диндорӣ тавсифномаи иҷтимоии фарди алоҳида ё гурӯҳи одамонро мефаҳманд, ки ҷаҳонбинии динӣ, рафтор ва навъи шуури диниро дар бар мегирад. Як зумра муҳаққиқони дигари дин (Л.Н. Митрохин [186,с.389-449]. М.П. Мчедлов, П.С. Гуревич, Е. Г. Балагушкин ва ғайра) бар ин назаранд, ки диндорӣ бояд аз мавқеи дигаргунсозии ҷомеа ва ташаккули самтҳои нави динӣ шарҳу тафсир дода шавад [317,с.352], [67,с.9].

Дар мавриди мазҳаби мардуми тоҷик бояд қайд намуд, ки аксарияти тоҷикон ба мазҳаби ҳанафии дини ислом эътиқод доранд. Аз рӯйи имкон саъй мекунанд, ки ба зиёрати Макка бираванд, намоз мегузоранд ва дар моҳи Рамазон рӯза мегиранд, ки ин аз нақши боризи ислом дар ҳаёти ҳамватанонамон шаҳодат медиҳад.

Дар ҷамъбаст метавон қайд намуд, ки бидуни баррасии муфассали тамоми ҷанбаҳои зеҳнияти миллии алоқамандбуда бо ҷузъҳои таркибии анъанаи тамаддуни ғарбӣ бо диндории амиқи Шарқ, ки дар тафаккури мардумони он ҷузъҳои таркибии фарҳангҳои дунявӣ ва мазҳабӣ зич алоқаманд аст, ҳамаи вижагиҳои фарҳанги маънавии тоҷиконро пурра дарк кардан, дурнамои асосии рушди минбаъдаи онро фаҳмидан ғайриимкон аст.

Ба ҳамагон маълум аст, ки дараҷаи диндории шаҳрвандон дар давлат ба принсипҳои дунявият мухолифат намекунад, ба шарте, ки озодии эътиқод масъалаи интихоби шахсии шаҳрванд бошад. Амсилаи дунявии идораи давлатӣ дар Тоҷикистон дар давраи барқарории истиқлолият устуворӣ ва муассир будани худро собит кард.

Зимнан, бояд гуфт, ки афзоиши руҳия ва эҳсосоти мазҳабӣ дар миёни шаҳрвандони ҷумҳурӣ аломатҳои таъсиргузории мафкуравӣ дошт ва ин падидаҳо аз ҷониби мақомот бо душвориҳои зиёд таҳти назорат гирифта мешуданд, ки то андозае нигаронии мақомоти ҳокимияти кишварро ба бор овардааст.

Дар миёни тамоюлҳои нигаронкунанда рушди босуръати Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон, сохторҳои маҳаллии он ва изҳори омодагӣ ба мубориза барои қудрат дар ҷумҳурӣ, даъватҳои рӯзафзуни исломиёни тундгаро барои таъсиси як давлати исломӣ дар қаламрави Тоҷикистони муосир, кӯшиши анҷоми табаддулоти низомӣ бо ширкати ҷавонони зери таъсири тундгароёни исломӣ қароргирифта ва ширкатдошта дар амалиёти низомӣ дар кишварҳои дигар – ин ҳама далелҳо мояи нигаронии ҷиддии ҷомеаи Тоҷикистон шудааст, ки дар кишвар анъанаҳои давлати дунявӣ бартарӣ доранд.

Бисьёр файласуфхо, олимон, арбоби чамъиятӣ ва сиёсии ҷумҳурӣ дар бораи чунин проблемаҳои ҳаётан муҳим, монанди пешомадҳои рушди фарҳанги тоҷик дар қаринаи тамоюлҳои дар боло зикршуда ба таври ҷиддӣ андешаронӣ мекарданд.

Фарҳангшиноси маъруф А. Ҷумъаев дар ин робита қайд мекунад, ки фарҳанги кишварҳои Осиёи Марказӣ дар гузашта ҳадди ақал ду гардиши бунёдии тамаддунӣ ва фарҳангиро сипарӣ кардааст, ки аввалини онҳо бо густариши дини ислом дар ин қаламравҳо алоқаманд буда, гардиши дуюм бошад, бартарии идеологияи

коммунистӣ бо атеизми чанговаронаи он будааст. Ба назар чунин мерасад, ки ҳоло халқҳои Осиёи Миёна дар остонаи марҳалаи сеюми рушди фарҳангию тамаддуни худ қарор доранд [82,с.161-183].

Дар ҳамин ҳол, ба ақидаи донишманди тоҷик З.М. Усмонова, фарҳанги тоҷикон дар шароити муосир дорои сифатҳои бунёдии онтологӣ мебошад ва хусусиятҳои асосии онро, ки дар асоси ҷаҳонбинии инсон, дидгоҳи ӯ ба воқеият ва падидаҳои дар ҷомеа ба вуқуъоянда қарор доранд, муайян мекунанд [324].

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло роҳбарияти Тоҷикистон барои муқовимат ба тамоюлҳои дар боло зикршуда, ки ба вижагиҳои зеҳнияти миллии мардуми тоҷик мухолифанд, тадбирҳои муассир меандешад. Маҷмуи чорабиниҳо таҳия гардид, ки дар доираи барномаи «Стратегияи миллии мубориза бо терроризм ва экстремизм» амалӣ карда мешаванд.

Солҳои ахир дар ҷумҳурӣ санадҳои қонунгузорие таҳия ва қабул карда шуданд, ки танзими вазъи динӣ дар кишварро имконпазир месозанд. Ҳадафи ин қонунҳо таҳкими унсури дунявӣ дар сохти давлатии Тоҷикистон ва рушди иҷтимоии он мебошад. Масалан, дар чаҳорчӯбаи талошҳои Ҳукумати Тоҷикистон, ки дар боло зикр кардем, ноболиғон ва занон аз ҳуқуқи рафтан ба масҷид маҳрум шуданд ва имомхатибон дар рӯзҳои ҷумъа аз намояндагони сохторҳои давлатии марбут ба умури дин мавъиза мегиранд. Барои маҳдуд ва маҳор кардани ғурурҳои сиёсии роҳбарони алоҳидаи динӣ чораҳо андешида шудаанд ва гайра.

Дар суханрониҳои батакрори Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон таъкид мегардад, ки ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон ба хотири ҳифзи сулҳу оромии кишвар бояд ҳушёрӣ, хирадмандии сиёсӣ ва дурандешӣ зоҳир намояд, дар ин ҳол бояд қайд намуд, ки тоҷикон бояд он ғанитарин дастовардҳои фарҳангӣ, динӣ ва тамаддунии худро дар давраи пеш аз исломии рушди худ дар хотир дошта бошанд ва ҳоло ҳақ надоранд, гузаштаи пурифтихор, таъриху фарҳанги пурғановати худро зери таъсири мутаассибони бемасъулияти динӣ аз байн баранд.

Бисёре аз таърихшиносон таваҷҷуҳи моро ба он нукта ҷалб мекунанд, ки лаҳзаи таърихӣ фаро расидааст ва халқи тоҷик бояд ҳадафи фарҳангӣ ва рисолати бунёдкоронаи башардӯстонаи худро ба ҷаҳониён, аз ҷумла ба ҷаҳони ислом нишон

диҳад. Ҷомеаи мо бояд ба роҳи худ дар ҷустуҷӯи созгорӣ ва ҳамкории судманди фарҳангҳои дунявӣ ва исломӣ идома диҳад[89,с.16].

Ин мушкилот на танҳо як масъалаи миқёси давлатӣ аст, балки бояд дар ҳалли он ходимони дин ва намояндагони ҷомеаи дунявӣ ҷалб карда шаванд. Ҳамаи шаҳрвандони ҷумҳурии мо бояд масъулияти бузурги худро барои ҳифзи сулҳу шукуфоии ҷомеа дарк намоянд, ки ин танҳо тавассути ҳамоҳангсозии муносибатҳо ва муколамаи судманди доираҳои дунявӣ ва динии ҷомеаи тоҷик имконпазир аст. Танҳо бо ҳамин роҳ мо метавонем таъриху анъанаҳои пурғанавати фарҳангии давраи тоисломӣ ва неруи тавонои маънавию ахлоқии исломро ҳифз карда, дар хизмати халқи худ қарор диҳем.

Дар ин бобат ба андешаи донишманди маъруфи исломшинос Ғ.Д. Мирзоев, дар бобати он ки аз замони густариши дини ислом дар миёни халқҳои Осиёи Марказӣ, ҷаҳонбинӣ ва арзишҳои нави дини бузург асоси бунёди маънавию фарҳангии тоҷикон ва дигар халқҳои ин минтақаро ташкил дод, розӣ нашудан мушкил аст [178,с.140].

Дар фарҳанги мардуми мо ҷузъҳои таркибии ақлӣ ва дунявии он ба қадри кофӣ қавӣ боқӣ мондаанд, вале онҳо то ин ё он дараҷа ба таъсири ислом, беҳтарин зуҳурот ва принсипҳои маънавию ахлоқии он бегона нестанд, ки бори дигар ҳамоҳангӣ ва маҳсулнокӣ ва  таъсири мутақобилаи мавҷудаи миёни ҷузъҳои дунявӣ ва диниро дар зеҳният ва фарҳанги халқҳои Тоҷикистон тасдиқ менамоянд

Рушди ҳамкории минбаъдаи ин ҷузъҳои бунёдии фарҳангӣ ва иҷтимоӣ бештар ба омилҳои мушаххаси зерин вобаста аст:

- талаботи мутақобил ба ҷузъҳои исломӣ ва дунявии фарҳанги миллӣ;
- дараҷаи мувофиқати маънавии фарҳангҳои дунявӣ ва динӣ, яъне дарки мутақобилаи моҳияти фарҳанги дигар, пазируфтани ин воқеият ва эҳтиром гузоштан ба ҳамаи паҳлуҳои ҳаёти ҷамъиятии ҷомеаи тоҷик;
- дараҷаи коркарди назариявии масъала аз нигоҳи соҳаи таҳсилот, таъсири воситаҳои ахбори омма ва умуман дар доираи ҳаёти ҳаррӯзаи шаҳрвандони оддӣ;
- омодагии намояндагони ҳар ду шохаи фарҳанги миллӣ ба чунин муносибат ва ҳамдигарфаҳмӣ.

Олими немис А.К. Зайферт дар ин робита қайд кардааст, ки дастури мазкур дар муносибатҳои мушаххаси иҷтимоӣ ва идеологӣ, ки дар ҷузъҳои таркибии дунявӣ ва динии ҷомеаи муосир бартарӣ доранд, зоҳир мегардад. Аз нигоҳи рушди иртибот, ҳамкориҳои созанда ва ғанисозии мутақобилаи фарҳангҳои дунявӣ ва исломӣ ниҳоят муҳим ба назар мерасад, ки дар чаҳорчӯбаи онҳо мавқеъҳои бартаридоштаро муносибат ва руҳия нисбат ба накукорӣ, эътимод ва манфиатҳои мутақобила ишғол намоянд [89,с.16].

Арзишҳо муҳимтарин ҷузъи таркибии муҳтавои ҳар гуна фарҳанг мебошанд. Фарҳанг - ин пеш аз ҳама, қаламрави арзишҳоест, ки дар як тартиби муайяни силсилавӣ ҷойгир шудаанд. Арзишҳо ташаккули иҷтимоии объектҳои ҷаҳони беруна бо паҳлӯҳои манфӣ ва мусбати онҳо барои фард ва умуман ҷомеа мебошанд. Аз нуқтаи назари берунӣ арзишҳо тавсифоти  падида ё ашёро ифода мекунанд, аммо ин тавсифот хислати табиии он нест ё аз рӯйи сохтори дохилии он ба объект тааллуқ дорад, балки бо ҳастии иҷтимоии фард муайян карда мешавад, ки бояд ҳамчун ҳомили муносибатҳои мушаххаси ҷамъиятӣ ҳисоб карда шавад.

Дастоварди муҳими фарҳангии мардуми Тоҷикистон пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ баргаштан ба ҷашнҳои суннатии миллӣ, эҳё ва рушди онҳо, барқарор намудани нақши бузурги онҳо дар ҳаёти мардуми тоҷик ва муносибати онҳо ба он ҳамчун арзиши муҳими миллӣ мебошад [298,с.120]..

Ҳамин тариқ, аз қадимулайём мардуми кишоварзи эронитабор, аз ҷумла тоҷикон ҳамасола фасли тирамоҳ- иди Меҳргон, баҳорон – иди Наврӯз, зимистон – иди Сада ва тобистон – иди Тиргонро таҷлил менамоянд.

Таърихи Наврӯз тақрибан ба  6 ҳазор соли пеш мерасад. Дар ин рӯз аҷдоди мо Соли навро таҷлил мекарданд ва он бузургтарин ҷашни мардуми мо маҳсуб мешуд, ки бо вуҷуди таърихи бостонии худ  имрӯз дар миқёси бузург таҷлил мешавад. Наврӯз фарорасии фасли баҳор буд ва аҷдоди мо замони бедории табиатро пас аз зимистони қаҳратун бо шодиву сурур истиқбол мегирифтанд.

Бисёре аз муҳаққиқон ин ҷашнро ба номи Зардушт, паёмбари бузурги аҷдоди мардуми мо вобаста медонанд ва иртиботи наздики онро дар парастиши Офтоб низ мебинанд.

Пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ҷашни Наврӯз дар кишвар расмӣ гардид ва мақоми давлатӣ гирифт ва дар натиҷа дар тақвими расмии Тоҷикистон чаҳор рӯзи истироҳат барои таҷлили Наврӯз таъйин шуд. Гузашта аз ин, бо талошҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ин ҷашн байналмилалӣ гардид [270].

Дар рӯзҳои ҷашни Наврӯз намояндагони ҳамаи халқҳои Тоҷикистон, одамони ҳамаи синну сол, ҳама гуна ақидаҳои мазҳабӣ ва миллатҳои сокини Тоҷикистон иди баҳорро таҷлил мекунанд, ки моҳияти амиқи фарҳанги миллӣ ва зеҳнияти миллиро ифода намуда, дорои ҷанбаи возеҳан барҷастаи байнифарҳангӣ ва байналмилалӣ мебошад. Воқеан, Наврӯз ба ҳеҷ ҷанбаи сиёсӣ ва мазҳабӣ иртибот надорад, он васфи табиату инсон, ғояҳои амиқи башардӯстӣ, сулҳу оромӣ ва шукуфоӣ буда, ҳама гуна зуҳуроти нажодпарастӣ ва миллатгароиро комилан рад мекунад.

Наврӯз ба рӯзи баробаршавии шабу рӯзи баҳорӣ рост меояд, ки деҳқонон ба кор оғоз намуда, барои ҳосили оянда, ободиву бунёдкорӣ замина мегузоранд.

Иди дигаре, ки бевосита ба тағйироти мавсимӣ иртибот дорад ва муддати тулонӣ дар фаромӯшӣ буд, Сада аст. Ин ҷашн реша аз даврони Ҳахоманишиён дорад ва ба рақами 100 иртибот дорад. Ин рақам аз панҷоҳ рӯз иборат аст, яъне панҷоҳ рӯз ва ҳамин миқдор шаб аст ва расо панҷоҳ рӯз қабл аз Наврӯз ҷашн гирифта мешуд.

Ин фасли сармо буд ва мардум барои таҷлил аз ин рӯз оташро парастиш мекарданд, ки он ба инсонҳо имкон дод, ки бо сардию торикӣ мубориза баранд. Ин рӯз ба ҷамъоварии ҳезум ва хошок бахшида шуда буд, ки ба мавзеъҳои баланд бурда мешуд ва дар он ҷо аз ҳезуму хошок як навъ козаҳо месохтанд ва баъдан оташ мезаданд ва бо ҳамин шарру бадиро дар шакли сармои сахти зимистон аз байн мебурданд. Дар ин давра деҳқонон тайёриро ба мавсими пурҷӯшу хурӯши корҳои баҳории кишоварзӣ оғоз мекарданд.

Аҷдоди мо иди Садаро дар даврони пеш аз ҳамлаи арабҳо ҷашн мегирифтанд. Бо вуҷуди ин, ҳанӯз дар нимаи дуюми асри VII ҷашнҳои анъанавӣ, ки ориёиёни бостон таҷлил мекарданд, ё ба таври ҷиддӣ тағйир дода шуданд ё тамоман манъ

карда шуданд. Ҳоло онҳо мисли дигар расму оинҳои миллии бостонии мардуми тоҷик аз фаромӯшӣ эҳё мегарданд.

Дар тақвими ҷашнҳои расмии Тоҷикистон иди Сада аз соли 2017 ба қайд гирифта шуда, аз он замон то кунун дар манотиқи мухталифи Тоҷикистон маъруфияти бештар пайдо карда, расму оинҳои бостонии мардуми моро эҳё мекунад. Ин ид бо омода кардани таомҳои гуногун, баргузории намоишгоҳҳое таҷлил мешавад, ки дар онҳо ҳунармандони мардумӣ маҳсули ҳунарҳои худ, либосҳои рангоранги миллӣ ва тамоми нишонаҳои рамзи тавлиди оташ, муборизаи рӯшноӣ ва гармӣ бо торикӣ ва сардиҳоро ба намоиш мегузоранд.

Ҷашни дигари миллии мардуми мо, ки рамзи яке аз фаслҳои сол аст, Меҳргон ном дорад. Решаҳои таърихии он низ ба даврони зардуштӣ рафта мерасад ва дар замонҳое миёни форсизабонон маъруфияти фавқулода дошт. Меҳргон иди тирамоҳи тиллоист, ки деҳқонон ҳосили меҳнати худро ҷамъоварӣ мекунанд ва бо ҳамин рамзи ба охир расидани мавсими корҳои кишоварзӣ мебошад. Дар ин рӯз дӯстиву ишқ, садоқат ба каломи худ – ҳамаи он арзишҳоеро, ки сарпарасташон худои Меҳр (Митра) буд, тараннум мекарданд [9,с.432].

Соли 2011 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, зимни суханронии худ дар Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ширишшоҳ Шоҳтемур ба ин муносибат қайд карда буданд, ки Меҳргон мисли Наврӯз таҷассумгари тамоми хислатҳои мусбати тафаккури миллии халқҳои форсизабон аст, ки тимсоли меҳнатдӯстии халқи мо, саъю кӯшиши вай барои фаровонӣ ва некуаҳволӣ мебошанд.

Сарфи назар аз рӯзҳои душвори халқҳои мо, замоне ки истилогарон ҷиҳати аз байн бурдани хотираи халқ ва решакан кардани анъанаҳои чандинасраи миллӣ кӯшиш мекарданд, ин ҷашнҳои пуршараф, ки аз замонҳои қадим реша доранд, аз нав зинда мешаванд ва онҳо ҳомили ғанитарин ганҷинаи фарҳангӣ ва ахлоқию маънавии халқи мо ба шумор мераванд.

Солҳои истиқлолияти давлатӣ ба як давраи якбора афзудани таваҷҷуҳ ба анъана ва расму оинҳои миллӣ, идҳо ва ҳунарҳои мардумӣ табдил ёфт.

Кӯшишҳои бузурги Ҳукумати Тоҷикистон боиси он гардид, ки ҷашнҳои Наврӯз ва Шашмақом аз ҷониби ЮНЕСКО ҳамчун мероси ғайримоддӣ эътироф гардиданд. Дар оянда навбати ҷашнҳои Сада ва Меҳргон аст [271].

Эътироф шудани мероси фарҳангию таърихии тоҷикон аз ҷониби ЮНЕСКО ва дар маҷмуъ ҷомеаи ҷаҳонӣ гувоҳӣ медиҳад, ки халқи тоҷик як миллати дорои фарҳангии хеле пешрафта буда, дар рушди тамаддуни башар саҳми арзанда дорад.

Омили мазкур имкон медиҳад, ки ҳувияти миллии тоҷикон, ки яке аз ҷанбаҳои он ҳифз ва эҳёи анъана ва расму оинҳои чандинасраи миллӣ, ҷашнҳои мардумӣ, ҳунарҳои мардумӣ мебошад, таъмин карда шавад, ки дар натиҷаи он мо имкони хубе дорем. миллати ягонаю якпорча бунёд кунем.

Низоми арзишҳои маънавӣ ҷанбаи дигари таркибии фарҳанги миллӣ мебошад, ки на танҳо арзишҳои миллиро пурра мекунад, балки ҷузъи муодили ин фарҳанг мебошад. Ин мафҳум доираи васеи мавқеъҳо ва қоидаҳои ҷаҳонбиниро дарбар мегирад. Масалан, дар ин ҷо метавон дар бораи арзёбиҳо ва муносибатҳо, мамнуъиятҳо ва меъёрҳо, ормонҳои иҷтимоӣ, намунаҳои рафтори меъёрӣ, мафҳумҳои бадӣ ва некӣ, адолат ва зебоӣ, маънии ҳаёт ва мақсади фард ва ғайра суханронӣ намуд.

Аз нуқтаи назари фалсафӣ ҷузъҳои таркибии ҷудонашавандаи арзишҳои маънавӣ дарки он аст, ки дар пешорӯйи ҷомеаи муосир кадом ҳадафҳо қарор доранд: муносибат ба таҳаммулпазирӣ, шафқат ва хушбахтӣ, таҳаммулпазирӣ ва қобилияти расидан ба созиш ва ҳамдигарфаҳмӣ бо атрофиён ба хотири ҳифзи сулҳ ва таъмини арзишҳои умумибашарӣ, ҳуқуқу озодиҳои шахс. Муҳаббат ба инсонҳо, сарфи назар аз миллату эътиқодот, арзиши асосии маънавӣ ба ҳисоб меравад.

Дар ин ҷо бояд қайд кард, ки ҳамаи гуфтаҳои боло комилан ба арзишҳои бунёдии ислом ҳам дахл доранд. Арзишҳои динӣ ба эътиқодмандӣ дар мавҷудияти арзишҳои олӣ, маънои ҳаёти инсон асос ёфтаанд. Низоми арзишҳои динӣ аз ҷониби шахс дар сатҳи шахсӣ тавассути амали шинохти Худо ба таври амиқ дарк карда мешавад ва он маҳсули офаридаи инсон нест.

Агар дар инсон аз оғози зиндагӣ эҳтиром нисбат ба эътиқоди ниёгон, ки ба анъанаҳои мардумӣ ва принсипҳои маънавию ахлоқӣ асос ёфтааст, ташаккул ёбад,

чунин шахс бешубҳа ватандӯсти сарзамини худ, шахси дорои принсипҳои баланди ахлоқӣ, ки худро чузъе аз халқи бузурги худ медонад, тарбия мешавад.

Давлат бо мақсади муоширати дуруст бо шаҳрвандони пайрави дини ислом ва дастгирии ниёзҳои динии онҳо ба татбиқи барномаи нашри адабиёти таълимӣ ва илмию динӣ дар ин мавзуъ иқдом намуд. Раванди мазкур аз интишори нашрияҳои хурд оғоз ёфт, ки масъалаҳои асосии ҳаёти динии ҷумҳуриро инъикос намуданд. Дар натиҷаи татбиқи лоиҳаи мазкур китобҳои бахшида ба фарҳанги исломии дорои ҷанбаҳои динӣ, ахлоқӣ ва илмӣ ба табъ расиданд.

Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон аз фонди захиравии худ барои нашри осори динӣ ва илмӣ дар мавзуи мавриди назар маблағ ҷудо карданд. Ба ин маблағҳо боз аз ҳисоби маблағҳои фондҳои гуногун ва буҷети давлатӣ илова карда шуданд. Ҳамин тариқ, хонандагони Тоҷикистон, ки ба мавзуи дин, ҷанбаҳои ахлоқӣ, илмӣ ва фарҳангию таърихии он таваҷҷуҳи зиёд доранд, тавонистанд бо осори Муҳаммад Иқбол, Абуҷаъфар ибни ҶаририТабарӣ, Абуалӣ Муҳаммад ибни Балъамӣ, Муҳаммад ибни Ҳовандшоҳи Балхӣ, Фаридуддини Аттори Нишопурӣ, Ҷалолуддини Румӣ, Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ, Имом Ғазолӣ, Имом Бухорӣ, Имоми Аъзам ва бисёре аз муаллифони асарҳои барҷастаи тоҷику форс ошно шаванд.

Мусулмонони кишвари мо тавонистанд осори бадеию таърихии классикони барҷастаи адабиёти тоҷику форсро, ки то имрӯз солҳои тулонӣ фаромӯш шуда буданд, мутолиа кунанд. Китобҳои «Қисас-ул-анбиё», «Тафсири Табарӣ», «Таърихи Табарӣ», «Равзат-ус-сафо», «Маснавии маънавӣ», «Тазкират-ул-авлиё», «Эҳёи улум ад-дин», «Кимиёи саодат», «Муснад», «Саҳеҳ» ва ғайра аз ҷумлаи онҳоянд [94,с.3,5,20].

Илова бар ин, пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатии кишвари мо ба бисёре аз адибон, муаррихону файласуфон муяссар гардид, ки дар таҳқиқи мероси адабӣ ва илмии файласуфони эронӣ ва тоҷик самтҳои тозае кашф намоянд. Ҳукумати Тоҷикистон чунин иқдомҳоро ҳамаҷониба мавриди дастгирӣ қарор медиҳад. Таҳқиқоти Н.Н. Содиқова, М. Маҳмадҷонова, Х. Зиёев, М. Музаффарӣ,

М.Ҳазратқулов, З. Диноршоева, Зиёзода Идибек, А. Шамолов, А. Муҳаммадхоҷаев, К. Олимов ва дигарон мунташир шудаанд.

Бо дастури Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон китоби Қуръони карим, ки барои тамоми мусулмонон муқаддас аст ва маънии онро М.Умаров ба тоҷикӣ тарҷума кардааст, аз ҳисоби маблағи буҷети давлатӣ бо тиражи дусад ҳазор нусха бо сифати баланд чоп шуда, ба мардум ба таври ройгон тавзеъ гардид.

Имкони ошноӣ бо ин осор ба шаҳрвандони Тоҷикистон имкон дод, ки ба моҳияти аслии ислом, принсипҳои ахлоқии он бештар ошно шаванд ва аз мавқеъи дуруст муносибат кардан ба арзишҳои диниро омӯзанд.

Ин, дар навбати худ, дар ташкили муколамаи созандаи байни фарҳангҳои дунявӣ ва динӣ ба ҳифзи сулҳу ваҳдати ҷомеаи кишвар мусоидат намуда, дар пешгирии паҳншавии ифротгароии динию сиёсӣ дар кишвар нақши мусбат бозид.

Дастрасии васеътарин доираҳои хонандагони тоҷик ба ин сарчашмаҳои муҳими илмӣ ва адабӣ бо муҳтавои амиқи илмӣ, таърихӣ ва фалсафии худ нақши муҳими дорои ҷанбаҳои сиёсию маърифатӣ ва фарҳангии умумиро махсусан, дар шароити кунунӣ, ки бо раванди амиқи таҳаввулот тавъам аст, ифо намуда, бо дигаргуниҳои бунёдӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятии халқи тоҷик тавсиф мегардад [149,с.616].

Чунин фаъолияти густурдаи маърифатӣ дар масъалаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ва динӣ барои эҳёи расму оинҳои исломӣ, аз ҷумла идҳои Қурбон ва Рамазон, ки дар замони атеизми коммунистӣ мардум тақрибан пинҳонӣ, танҳо дар доираи маҳдуди оилавӣ ҷашн мегирифтанд, заминаи хуб фароҳам овард.

Рамазон яке аз идҳои асосии мусулмонон маҳсуб мешавад, ки он айёми ҷамъбаст мебошад, ки дар давоми як моҳ муъминон вақти худро бо намозгузорӣ, қироати Қуръони карим ва гирифтани рӯза аз субҳи содиқ то намози шом мегузаронанд. Дар ин моҳи муборак гуноҳи ҳама наздикон бахшида мешавад, руҳу ҷисми инсон покиза мешавад. Мусулмонон дар моҳи Рамазон саъй мекунанд, ки ҳарчи бештар корҳои нек ва парҳезгорӣ анҷом диҳанд. Ҳамаи ин принсипҳои ахлоқӣ дар заминаи тарбия ва умуман фарҳанги исломӣ қарор дошта, мардумро ба

некӯкорӣ, шафқат ва расонидани кӯмаки маънавӣ ва моддӣ ба хешу ақраборо таълим медиҳанд.

Пас аз 70 рӯзи Рамазон, иди Қурбон таҷлил мешавад, ки он низ дар миёни пайравони ислом яке аз гиромитарини идҳо маҳсуб мешавад. Ин ид айёми авҷи зиёрати Макка маҳсуб мешавад. Дар Тоҷикистон ин ду ҷашни бузургтарини ислом ба шарофати ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ ба расмият шинохта шуданд [93,с.3].

Натиҷаи дигари озодии динӣ аз тарафи мардуми тоҷик ба даст овардани имкони адои ҳаҷ ба Маккаи мукаррама буд. Ҳазорон нафар шаҳрвандони Тоҷикистон имкони зиёрати марказҳои муқаддаси исломро пайдо карданд.

Озодии эътиқоди дар эҳёи идҳои асосии исломӣ баёнгардида ба қадри имкон ба он мусоидат намуд, ки арзишҳои динӣ ва миллӣ дар ҷомеаи тоҷик мутавозин шавад.

Ҳамаи рӯйдодҳои дар боло зикршуда омили муассири бунёди давлати воқеан миллӣ гардиданд, ки дар он ҳуқуқу манфиатҳои тамоми қишрҳои ҷомеа, озодии виҷдон риоя  шуда, дар роҳи сулҳу ваҳдати миллӣ натиҷаҳои назаррас ба даст оварда шудаанд ва онҳоро метавон ҳамчун воситаи тарбия ва ташаккули арзишҳои милливу умумибашарии насли наврасу ҷавон ба таври васеъ истифода бурд.

## 3.2. Қобилият ба меҳнат ҳамчун асоси рушди маънавии инсон ва шаҳрванди муосир

Меҳнат шарти асосии зиндагии инсон аст, зеро вай ҳанӯз дар марҳилаҳои аввали инкишофи худ ҳамчун намуди биологӣ ҷиҳати ба даст овардани ғизо барои худ кӯшиши муайяни мақсаднокро ёд гирифтааст. Дар он айём фарди чолоктару моҳир, зираку меҳнатдӯст бештар ғизо мехӯрд ва ва метавонист авлоди худро хӯронад. Дертар, вақте ки одамон ба ҷамоаҳо муттаҳид шуданд, меҳнат дар назари хешу табор ченаки баҳогузории шахс гардид, зеро меҳнат як хислати мусбат ба ҳисоб мерафт, он танҳо ба беҳтар шудани шароити зиндагӣ барои оилае, ки коргарони хуб дошт, мусоидат мекард. Минбаъд худи меҳнат ҳамчун моли махсус

пазируфта шуд, ки ба шарофати «фурӯш»-и он инсон неъматҳои ҳаётӣ ба даст оварда метавонист.

Дар давраҳои баъдӣ меҳнат ченаки на танҳо комёбиҳои иқтисодӣ, балки иҷтимоӣ ва маънавӣ мегардад, ба талаботе мубаддал мегардад, ки ба туфайли он инсон метавонад, қобилият ва дониши андӯхтаашро истифода бурда, истеъдоди худро пурратар ошкор созад. ба дараҷаи баландтарини эътироф дар ҷамъияти касбӣ ва ҷомеа ноил гардад [30,с.448].

Бар асоси ин, комилан табиист, ки амалан дар ҳама матнҳои маънавӣ, осори мардумӣ ва адабӣ ба меҳнат баҳои мусбат дода шуда, дар кӯдакон аз хурдсолӣ меҳру эҳтиром нисбат ба меҳнат ва нафрат нисбат ба танбалону муфтхӯрон тарбия карда мешавад. Дар ҳама ҷомеаҳо идроки он, ки бо меҳнати худ ризқу рӯзӣ пайдо кардан ва ба даст овардани мақоми муайян дар ҷомеа «аз рӯйи шоистагӣ» асосӣ аст. Гузашта аз ин, аз замонҳои қадим кори «ақлонӣ»- омӯзиши илму ҳунарҳо, эҷоди асарҳои санъат ё, масалан, табобатро низ ҳамватанон эҳтиром мекунанд.

Агар ба матнҳои муқаддасе, ки мардуми тоҷик арҷ мегузоранд, ба ривоятҳо дар бораи гуфтору кирдори паёмбар Муҳаммад (с) (ҳадисҳо) рӯ оварда шавад, дар ин бора далелҳои зиёде пайдо мешаванд.

Дар Қуръони карим ишораҳои мустақиме оварда шудааст, ки инсон бояд ҳама чизеро, ки барои пешбурди зиндагӣ зарур аст, аз ҷумла ғизоро ба воситаи меҳнат, бо истифода аз ҳадяҳои Паёмбари ислом (с), ки гӯё ба мардум имкони истифодаи неъматҳои заминро фароҳам овардааст ва «метавонанд эҳтиёҷоти худро қонеъ гардонанд, дар он дарахт шинонанд, ҳосил бигиранд, хонаҳо созанд ва роҳҳое созанд, ки ба кишварҳои дур ва шаҳрҳои бегона мебарад» (Қуръон, 67; 15, тафсири Абӯабдуллоҳ Абдураҳмон ибни Носири Саъдӣ).

Баҳои ахлоқӣ ба меҳнат  дар ривоятҳо низ омадааст: Паёмбарони Худо (с) бар ин боваранд, ки матлубтарин ва лазизтарин он ғизоест, ки инсон барои он   худаш кор кунад ва баъзе аз онҳо (паёмбар Довуд (ъ)) ҳатто ғизои худро  мустақилона ба даст меоварданд.

Сураи “Исро”, ки яке аз бахшҳои Қуръон аст, дар бораи муносибати вижа нисбат ба инсон, дар хусуси он, ки фарзандони Одам дар қиёс ба «дигар махлуқот» дар силсилазинаи баландтар қарор доранд, сухан меравадонад (Қуръон, 17; 70).

Аммо ин гуна мақоми имтиёзнок инсонро аз меҳнати софдилона ва поквиҷдонона озод намекунад ва танҳо чунин шахси меҳнатдӯсту арзанда подош хоҳад гирифт, яъне чунин инсон дар мақом баробар «бо паёмбарону ростгӯён ва шаҳидон аст», навишта шудааст дар ҳадисҳо.

Зиёда аз ин, дар он ҷо баъзе «имтиёзҳо» ва подошҳои заҳматкашонро низ сабт кардаанд: агар касе тамоми рӯз софдилона кор карда бошад, то охири он рӯз ва агар шаб бошад, то охири шаб гуноҳҳояш авф мешавад.

Ва боз дар бораи гиромидошти  кори бандаи муъмин: саъю кӯшиш барои имрори маош, агарчи меҳнати бисёр вазнин бошад ҳам, аз ҷамъоварии хайрия (андозҳо) ва гадоӣ бошарафтар диниста мешуд.

Сардафтари адабиёти тоҷик Абӯабдулло Рӯдакӣ андешаҳои фалсафии худро ба шунавандагону хонандагон расонида, онҳоро дар пироҳани шоирона тазйин додааст. Ӯ таъкид мекард, ки дастоварди асосии инсон, ба маъное ҳатто натиҷаи ҳаёташ, талоши соҳиби номи нек шудан аст, ки он барои ӯ гузарнома ба абадият мегардад [33,с.152-163].

Инсони ормонӣ ва комил наметавонад кор накунад (аз ҷумла дар болои худ), ӯ бояд пайваста кор кунад, то ки дониш ё таҷрибаи нав ба даст оварад, ки ҳаёти ӯ ва атрофиёнро бомулоҳиза ва осонтар созад.

*Бирав зи таҷрибаи рӯзгор баҳра бигир,*
*Ки баҳри дафъи ҳаводис туро ба кор ояд.*

Дар бораи манфиати таҷрибаи рӯзгор, на танҳо барои инсоне, ки ин таҷриба андухтааст, балки барои ҳамқабилаҳояш низ бомуваффакият татбиқ карда мешавад, мисраъҳои дигари шоир низ ҳастанд.

*То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,*
*Кас набуд аз роҳи дониш бениёз.*
*Мардумони бихрад андар ҳар замон,*
*Роҳи донишро ба ҳар гуна забон*

*Гирд карданду гиромӣ доштанд,*

*То ба санг андар ҳаме бингоштанд:*

*Дониш андар дил чароғи равшан аст*

*В-аз ҳама бад бар тани ту ҷавшан аст.*

Наврасон ва ҷавононе, ки ба тозагӣ вориди зиндагӣ мегарданд, ба роҳнамоии калонсолон ниёз доранд ва ин пеш аз ҳама, ба онҳое дахл дорад, ки дар оилаи мураффаҳ ба воя мерасанд ва аз замони таваллуд метавонанд аз хидмати хидматгорон истифода баранд. Чунин ҷавонон шояд иштибоҳан бовар кунанд, ки ба онҳо лозим нест, ки кор кунанд, зеро дигарон ба ҷойи онҳо кор мекунанд. Аммо, бидуни кор, бе ташаннуҷи қобилияти равонии худ, малакаҳои муфид ва таҷрибаи зарурии рӯзгор ба даст намеояд: ҳар як инсон барои он ки нотавон ва бефоида набошад, бояд дар масири маърифати (ва огоҳии) ҳаёт дар маҳруки худ ҳаракат намояд:

*Эӣ дарего, ки хирадмандро,*

*Бошаду фарзанд хирадманд не.*

*В-арчӣ адаб дораду дониш падар,*

*Ҳосили мерос ба фарзанд не.*

Бонуфузтарин файласуфи Шарқ, пайрави Арасту Абуалӣ ибни Сино, ки марди олимаърифат ва дар бисёр илмҳо муваффақ буда, хирадро аз сифатҳои дигар болотар гузоштааст. Ба ақидаи мутафаккир, умр ба инсон дода мешавад, ки рушд намояд, бо мақсади аз худ кардани дониш меҳнат кунад, то рушд намояд ва барои ин кор аз ҳар дақиқа босамар истифода кунад [88,с.304]:

*З-он пеш, ки аз ҷаҳон фурӯ монӣ фард,*

*Он беҳ, ки набоядат пушаймонӣ х(в)ард.*

*Имрӯз бикун чу метавонӣ коре,*

*Фардо чӣ кунӣ, ки ҳеҷ натвонӣ кард.*

Ҳаким Абулқосим Фирдавсии Тусӣ, шоири классики тоҷику форс, ба далели ишқ ба дониш, лақаби «ҳаким» (бохирад, олим)- ро гирифтааст. Ӯ дар бораи мутахассисони соҳаи худ, дар бораи касоне, ки барои гирифтани дониш вакт сарф карда, ба маҳорати баланд ноил гардидаанд, ки онро аз сарватхои бевоситаи

моддию зару зевар болотар мегузоранд, бо эҳтиром сухан ронда, фармудааст [340,с.643]:

*Ҳунар беҳтар аз гавҳари номдор,*
*Ҳунармандро гавҳар ояд ба кор.*
*Туро бо ҳунар гавҳар асту хирад,*
*Равонат ҳаме аз ту ромиш барад.*

Шоир дар пайравии бузургтарин мутафаккирон ва паёмбарон таъкид мекунад, ки меҳнатдӯстӣ бояд бо сифатҳои баланди ахлоқӣ - поквиҷдонӣ, худдорӣ, боназокатӣ, иззати нафс пайваста бошад. Аммо ба эътиқоди Фирдавсӣ, фарзандони танбали сарватмандон ва лофзанҳо ҳеҷ гоҳ дар ҷомеа ба эҳтиром намерасанд.

Дар достони “Шоҳнома”-и безаволи ӯ инчунин эътирофи арзиши бечунучарои таҷрибаи касбӣ, малака ва маҳорат, ки аз насл ба насл мегузаранд, ошкор мегардад. Шоир муътақид аст, ки инсон бояд аз устодон донишу ҳунар омӯхта, маҳорати худро такмил диҳад ва ин барои инсони донишманд, боистеъдод, меҳнатдӯст метавонад хушнудии олӣ гардад.

*Тавоно бувад ҳар кӣ доно бувад,*
*Зи дониш дили пир барно бувад.*
*Биёмӯзу бишнав зи ҳар донише,*
*Биёбӣ зи ҳар донише ромише.*
*Касе, к-ӯ ба дониш тавонгар бувад,*
*Зи гуфтор кирдор беҳтар бувад.*

Паёмбар (с) дар ҳадисҳо хабар медиҳад, ки танҳо кор дар замин инсонро наҷот медиҳад, маҳз ҳангоми машғул шудан ба кишоварзӣ ва зироаткорӣ аз самараи он аҳли хонаводаи ӯ, чорво ва мурғони хонагӣ ғизо мехӯранд , ки «дар китоби аъмоли ӯ подош навишта мешавад».

Андешаҳои мутафаккир, файласуф ва шоири барҷастаи тоҷик Носир Хусрави Қубодиёнӣ дар бораи нақши меҳнат дар ташаккули сифатҳои беҳтарини инсонӣ, ташаккули шахсияти ахлоқӣ то ҳол маълум ва гиромӣ дошта мешаванд. Фикру мулоҳизаҳои ӯ дар бораи меҳнат – асоси некуаҳволӣ, истиқлолият ва бахту саодат ҳоло ҳам хеле замонавӣ ба назар мерасанд[217,с.46]:

*Беҳин коре, ки андар зиндагонист,*

*Накӯхоҳӣ, ба кас роҳатрасонист.*

*Чу марҳам хастаро роҳатрасон бош,*

*Ба сахтӣ чораи бечорагон бош.*

Ҳар гуна меҳнат, ба ақидаи шоири файласуф, ҳам василаи рӯзгузаронӣ ва некӯаҳволӣ ва ҳам заминаи эҳтиром ва эҳтироми ҳамватан, эътимод ба худ ва ба рӯзи фардо аст:

*Беҳ аз сонеъ ба гетӣ муқбиле нест,*

*Зи касби даст беҳтар ҳосиле нест.*

Носири Хусрав аз байни онҳое, ки на танхо ҳамдехагон, балки тамоми мавҷудоти зиндаи хонагӣ ва гирду атрофи онро бо хӯрок таъмин мекунанд, – деҳқононро махсусан ҷудо кард, ки корашон дар он замон ва дар он шароит хеле душвор, вале маҳ ба ӯ вобаста буд, ки одамон чи гуна зиндагӣ мекунанд, аз ин рӯ онҳоро рӯзирасон шумурдан мумкин аст [215,с.205].

Дар осори шоири файласуф баҳои ахлоқӣ ба фаъолияти инсон набуда наметавонад. Мутафаккир табиати одамиро амиқан дарк намуда, огоҳ мекунад:

*Нишон додӣ, ки гул аз хор хезад,*

*Бикун коре, ки кор аз кор хезад.*

*Бидон раҳрову он гаҳ роҳбарӣ кун,*

*Надида роҳ тарки доварӣ кун.*

Вай ба хислатҳои баланди ахлоқии инсони меҳнаткаш боварӣ дорад, ки шабҳо ором хоб карда метавонад, зеро ӯро пушаймонӣ азоб намедиҳад, балки баръакс – моҳият ва аҳамияти шуғли худро, ки ба як маънӣ, аз рӯйи он хуб аст, дарк мекунад, будани тамоми давлат ва ҳокимони он вобаста аст. *Охир, худи подшоҳон ба кори ӯ эҳтиёҷ доранд,* менависад шоир, яъне агар халқи меҳнаткаш серию пурӣ ва некуаҳволии ҳамватанони худро таъмин накунад, ба ҳокими олии мамлакат лозим меояд, ки «гадоӣ» кунад [217,с.46]. -

Унсурулмаолии Кайковус дар синни шасту сесолагӣ ба навиштани асари ахлоқӣ ва тарбиявии худ «Қобуснома» барои писараш ба сифати панду андарз оғоз намуда, саъй намуд, ки қарзи падарии худро адо кунад. Аммо имрӯз мо ин асарро

бо он сабаб медонем, ки китоб мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифт, ҳазорон нафар писарон онро мутолиа карданд, ба туфайли муҳтавои китоби мазкур дар бораи неку бад, ҳақиқат ва дурӯғ тасаввурот пайдо карданд ва инчунин бисёр маслиҳатҳои муфиди дигар, аз ҷумла роҷеъ ба ҷанбаҳои моддӣ ва ҳатто муносибатҳои оилавӣ иттилоот ба даст омад.

Падар дар бораи арзиши бечунучарои эҳтироми дигарон сухан ронда, тавзеҳ медиҳад, ки онро метавон ё бо меҳнати худ ва ё «аз рӯйи аслу насаб» ба даст овард ва ба хулосае меояд, ки ҳатто ҳамзамон бо фарзанди як авлоди бонаҷобат будан, боз аҳамияти шахсӣ пайдо кардан дар назари ҳамватанон ҳамеша муфид аст, зеро он аз эҳтироми фитрӣ хеле баландтар аст: «Бузургӣ ба ақлу дониш аст, на ба қавму аслу насаб».

Он унвонҳое, ки инсон дар натиҷаи меҳнати худ, омӯхтани илм ва азхудкунии ҳунар (боҳунар, бомаҳорат, доно ва ғ.) ба даст меорад, дар ҷомеа нисбат ба он унвонҳое, ки волидайн ё хешовандон додаанд, масалан , домод ё бародарзода мақоми хеле болотар доранд.

Атрофиён ба касе эҳтиёҷ пайдо мекунанд, ки касби табиб ё мусиқидон, кулол ё бофандаро аз худ кунад, зеро онҳо бо донишу истеъдоди махсус ба дигарон некӣ карда метавонанд [319,с.91].

Инсони наҷибзода, ки мухотаби паём ба фарзанди нависандаи бузург мебошад, аввал бояд ба чӣ таваҷҷуҳ намояд, то муфид ва арзанда бошад? Падар ба ӯ пешниҳод менамояд, ки ба қобилиятҳои атокардаи Худованди Мутаъол ба махлуқи худ таваҷҷуҳ кунад, то ӯро аз олами ҳайвонот битавон фарқ намуд ва ба он амр кунад. Пеш аз ҳама, ин неъмати сухан аст, ки онро азхуд кардан ва ба манфиати худ истифода бурдан лозим аст.

Идроки маънои аслии суханро бояд омӯхта, фикри худро то ҳадди имкон дақиқ баён намуд; тамоми вижагиҳои муоширатро бо гурӯҳҳои гуногуни одамон бояд омӯхт ва вожагонеро интихоб намуд, ки ба ин ё он вазъият мувофиқ бошанд, то ки ҳар як мулоҳиза дар замон ва макони даркорӣ баён карда шавад – он гоҳ атрофиён онро қадр мекунанд ва ба хотир месупоранд.

Агар мутмаин набошӣ, ки чизе барои гуфтан дорӣ, ҳоҷати даҳон кушодан нест. Зеро, бо талоши даркору нодаркор дар ҳар маврид, баҷо ё беҷо сухан гуфтан, метавон ҳамчун як ҳарзагӯ ном баровард. Чунин ҳолатро Унсурулмаолӣ бо истинод ба хирадмандоне ки ин мақолро бо машруботи алкулӣ муқоиса мекунанд, хеле тамсиломез тасвир кардааст: ин гуна машрубот ҳам сабаби дарди сар ва ҳам давои он шуда метавонанд.

Илова бар ин, бояд донист, ки ба кӣ, кай ва чӣ бояд гуфт (ё нагуфт): бояд хомӯш буд, то он даме, ки бо савол ба шумо муроҷиат накунанд, нерӯи худро барои бовар кунондани касе, ки итминон додани ӯ бефоида аст, беҳуда сарф накунед ва муҳимтар аз ҳама, ба ҳар касе набошад, дар ҳузури дигарон маслиҳат надиҳед, зеро «маслиҳат дар ҳузури бегонагон маломат аст»[327,с.148].

Барои ислоҳи коре, ки шудааст, набояд беҳуда саъй намуд: шахсе, ки бо «роҳи каҷ» меравад, аллакай интихоби ахлоқии худро кардааст, ӯро бовар кунонидан ва аз нав тарбия кардан мумкин нест. Чунин одамро ба танаи дарахти дар зери таъсири қувваҳои беруна хамшуда монанд кардан мумкин аст, ки шакли онро бе истифодаи афзори дуредгарӣ тағйир додан мумкин нест.

Вақте ки мебинед, ки касе ғамгин аст, шумо набояд шодӣ кунед, ҳатто агар чунин шуморед, ки ин шахс сазовор ҷазо гирифтааст. Аммо ҳамроҳи дигарон шодӣ кардан ҳамеша муфид аст. Дар ниҳоят, вокуниши шумо ба худи шумо бармегардад: атрофиён ба ғаму андӯҳи шумо ҳамдардӣ мекунанд ва ҳамроҳи шумо аз шодии шумо хушнуд мешаванд.

Шумо бояд махсусан ба корҳое, ки дигарон мекунанд, бо эҳтиром муносибат кунед, хусусан агар ин одамон барои шумо кӯшиш кунанд, агар онҳо коре кунанд, ки барои шумо муфид бошад, масалан, насли калонсоли оилаи шумо. Калонсолон муҳофизони ҳиради халк ва урфу одатхои хонадони шумо буда, сазовори эҳтиром ва парастиш мебошанд. Муаллифи андарзнома ин гуфтаҳои худро бо фармудаи Паёмбар (с) тасдиқ мекунад: «Пир дар қабилаи худ - мисли паёмбар дар ҷамъи умматонаш аст»[319,с.91].

Падари ғамхор ба фарзанди худ панду андарз дода, танҳо бо дастур додан маҳдуд намешавад. Ӯ саъй мекунад, ки андешаҳои худро шарҳ дода, ҷавонро

маҷбур созад, ки дар бораи чизҳои муҳим мустақилона фикр кунад, дар ҳар ҷое, ки имкон бошад, барои андеша маълумоти муфид ҷустуҷӯ кунад, на танҳо илм омӯзад, балки барои омӯхтани ҳикмати рӯзгор кӯшиш кунад - ин машғулияти аз ҳама саривақтӣ аст,  барои ҷавоне, ки ба зиндагӣ ворид мешавад. Гӯш фаро додан ба суханони афроди дар ҷомеа сазовори эҳтиромбуда, бодиққат нигоҳ кардан ба аъмоли онҳо, андеша рондан дар бораи он ки чаро онҳо маҳз ин тавр мекунанд ё мегӯянд, на ба таври дигар - ин ҳама табиист ва муфид аст, зеро ин бешубҳа ба шумо кӯмак мекунад, ки дар оянда ба иштибоҳҳои ғамангез роҳ надиҳед .

Унсурулмаолӣ Кайковус  мутафаккири воқеъбин буда, пайваста такрор мекунад, ки  ҳамеша дар ҷустуҷӯи донишу машғулияти барои зиндагии шоиста мусоидаткунанда бояд буд, на ин, ки ба фикри пайдо кардани як пора нони ҳаррӯза ва гадоӣ бошӣ.  Аз ин рӯ, ӯ маслиҳат медиҳад, ки ҳатман ба кирдори атрофиён аз ҷиҳати судмандии воқеӣ, на зоҳирии онҳо баҳо дода шавад, бояд донист, ки дар ин ё он амал чӣ гуна ва аз ҳисоби чӣ фоида ба даст  овардан мумкин аст ва бояд дар хотир дошт, ки  маҳз кадом иштибоҳот ба зарар оварда мерасонад.

Шумо бояд зиндагии худро оқилона роҳандозӣ намоед, на танҳо дар бораи рушди ақли худ, балки инчунин дар бораи ҳифзи саломатии худ, ки ба муваффақияти шумо мусоидат мекунад, ғамхорӣ намоед. Он донишҳое, ки аллакай аз худ карда шудаанд, бояд дар амал санҷида шавад, то идрок гардад, ки он дар кадом соҳа ба қадри кифоя аст ва дар кадом соҳа чизи навро дар оянда омӯхтан лозим аст [313,с.226].

Дар пайравии Суқрот, ки тибқи фалсафаи ӯ бояд ҳар як инсон  барои такмили худ бо роҳбарии дониш талош кунад, Кайковус дар саҳифаҳои андарзномаи худ на як бору ду бор такрор кардааст, ки ганҷи асосӣ ва пояи аслии эҳтиром барои иззати нафси инсон фарогирии дониш аст. Ва бо ин сарват на худситоӣ ва на ифтихор бояд кард – мардум хирадмандро дарҳол мешиносанд ва ӯро мавриди эҳтиром қарор медиҳанд [327,с.148].

Мураббӣ, махсусан, писарашро аз муошират бо аблаҳону ҷоҳилон барҳазар дошта, тавсия медиҳад, ки ҳарчӣ зудтар онҳоро дар миёни атрофиёнаш шиносад ва на танҳо аз онҳо канорагирӣ кунад, балки ба коре, ки онҳо мекунанд, ҳаргиз

машғул нашавад. Агар худи ту банохост (аз сабаби камтаҷрибагӣ ё нодонӣ) ягон амали ношоиста содир карда бошӣ, бояд ҳатман бифаҳмӣ, ки чаро ин тавр шуд ва дигар ҳеҷ гоҳ он гуна рафтор накунӣ. Дар ин гуна ҳолатҳо ҳатто бадхоҳон ҳам фоидаовар мешаванд, ки бешак дар бораи рафтори шумо ба ҳама хабар медиҳанд ва бо ҳамин шумо иштибоҳи худро дарк карда метавонед. Ба як маънӣ ин ҳам як роҳи ба даст овардани хирад аст, ки ба андешаи Кайковус ҳанӯз Искандари Мақдунӣ тасвият карда будааст.

Роҳи худшиносӣ, дар бораи одамон дониши нав ва амиқтар пайдо кардан, ҷойи худро дар зиндагӣ пайдо кардан амалан беохир аст. Инсон баробари болиғ ва доно шудан худро дар ҷомеаи ҳамин гуна инсонҳои хирадманд ва аз лиҳози маънавӣ рушдёфта мебинад. Нахуст чунин ба назар мерасад, ки ӯ ба онҳо тамоюл пайдо мекунад ва мекӯшад, ки ба онҳо баробар шавад. Баъдан, шояд ба туфайли баъзе қобилиятҳои худ дар ин ҷомеа эҳтиром ва мақоми муайян пайдо кунад. Аммо барои як одами оқил ин на як баҳонаи “ба муроди худ расидан”, балки ангезаи боз ҳам рушд кардан ва афзун намудани фазилатҳои ӯ мебошад.

Мураббӣ гаштаю баргашта дар бораи коҳилӣ сухан мегӯяд. На як бору ду бор дар роҳи худшиносӣ чунин ба назар мерасад, ки шумо аллакай дониши кофӣ доред, шумо аллакай ҳама чизро ба даст овардаед ва шумо метавонед ба бекорӣ ва фароғат машғул шавед. Иғвогари асосӣ ба ин маъно ҷисми инсон аст. Месазад, ки идора кардани онро омӯзед, онро ба мисли мағзи сар машқу тамрин диҳед, вагарна вақте ки он аз зери назорати ақл берун мешавад, садди роҳи минбаъд аз худ кардани донишу малакаҳои муфид мегардад. Бояд дар хотир дошт, ки ба итоаткорӣ маҷбур кардани ҷисми худ роҳи маҳорати роҳнамоии дигарон аст. Ин маҳорат дар зиндагӣ на як бору ду бор лозим шуда, дар роҳи корҳои нек хизмат карда метавонад.

Мо дар саҳифаҳои асар гаштаю баргашта ба даъват ба ҳамфикрӣ дучор мешавем, ки ин дар натичаи ба даст овардани малакаи идора кардани на танхо акл, балки ҷисм низ муяссар мегардад. Он ҳамчунин бар аҳамияти фазилат, ки сулҳ, меҳрубонӣ, худдорӣ, парҳезгорӣ, диндорӣ ва тақводорӣ аст, таъкид мекунад. Аммо дар мавриди шармгинӣ, ки маъмулан яке аз хислатҳои мусбати инсон маҳсуб мешавад, ҳаким ба он маъно гуфтааст, ки ин хислат баъзан метавонад зарар

расонад: агар шумо дар тиҷорат ба он пайравӣ намоед, аз ҳад зиёд шармгин бошед, шумо метавонед хато кунед ва ба худ зарар расонед.

Гузашта аз ин, шармгинии аз ҳад зиёди ба таври номуносиб ва беҷо нишон додашуда метавонад сабаби фақру бенавоӣ гардад. Бояд дар ҳар як ҳолати мушаххас бо такя ба дониш, таҷрибаи зиндагӣ ва ақли солим қарори дуруст қабул карда тавонед, зеро «Заминаи некӣ шарм аст ва заминаи бадӣ низ шарм аст» [327,с.148].

Муносибати атрофиён барои ҳар як инсон аҳамияти калон дорад, аммо набояд андеша намоед, ки шумо худатон ба ақидаи одамон дар бораи шумо таъсир расонида наметавонед: чун қоида, инсон ба шумо ҳамон гуна муносибат мекунад, ки шумо бо ӯ муносибат мекунед, тибқи қоидаи акси «оина». Гузашта аз ин, бо муносибати хайрхоҳона ва эҳтиром ба дигарон, шумо худатон дар назди онҳо ҳамчун як шахси олиҷаноб зоҳир хоҳед шуд. Агар намуди зоҳирии шумо аз мукаммалӣ дур бошад ҳам, агар ба атрофиён меҳру дилсӯзӣ зоҳир кунед, дар назари онҳо ҳатто дар намуди зоҳирӣ ҳам ҷолиб хоҳед шуд. Як иқтибосе маълум аст, ки ҳаким бо он ин ҳақиқатро нишон медиҳад: *«Агар ҷав кошта бошӣ, гандум даравида наметавонӣ...».*

Мураббӣ дар сархати навбатии асар боз як маслиҳати муҳиме медиҳад, ки ба муносибат бо он шахсоне дахл дорад, ки дӯст ҳисобида мешаванд: шумо бояд бо онҳо машварат кунед ва аз онҳо хоҳиш кунед, ки андешаи худро аз дур аз гӯши дигарон дар танҳоӣ баён кунанд – он гоҳ онҳо бевосита ва самимона сухан ронда метавонад.

Ва дар айни замон, набояд ба доми хушомадгӯӣ афтод: худро нодида гирифтан нисбат ба аз ҳад зиёд баҳо додан ба худ беҳтар аст. Инсони воқеан бомаърифат ҳеҷ гоҳ дар бораи худ намегӯяд, ки аллакай ҳама чизро медонад ва омӯхтааст, баръакс – ҳар қадар бештар омӯхта бошӣ, ҳамон қадар возеҳтар мебинӣ, ки ҳанӯз бисёр чизҳоро бояд омӯхт.

Инсон ҳар қадар бомаърифат бошад, дар тули умри худ ҳамон қадар хирад омӯхта тавонистааст, ба ҳамватанонаш ҳамон қадар башардӯстона ва хайрхоҳ

мегардад, ҳамон қадар бештар зиндагии осудаву созандагию бунёдкор қадр мекунад.

Дар ин бора хаёт ва эҷодиёти шоир ва мутафаккир, классики адабиёти тоҷику форс Саъдии Шерозӣ гувоҳӣ медихад. Байти зерини машҳури ӯ дар пештоқи бинои қароргоҳи СММ кандакорӣ карда шудааст:

*Бани одам аъзои якдигаранд,*
*Ки дар офариниш зи як пайкаранд.*
*Чу узве ба дар оварад рӯзгор,*
*Дигар узвҳоро намонад қарор.*

Саъдӣ ҳаётро нагз медонист: дар ҷангҳои салибӣ иштирок карда, асир афтода буд, солҳои дароз дар сафар буд, аз ин рӯ, ӯ мухолифи фаъоли адоват ва ҷангу харобкорӣ ва тарафдори зиндагии орому меҳнатии поквиҷдонона буд. Дар ашъораш ҳамагонро ба меҳнату растагорӣ даъват кардааст, ки танҳо бо тиҷорат ва додугирифт метавон некӯаҳволии хешро таъмин намуд ва ба ҳеҷ ваҷҳ на ба куштор ва ғоратгарӣ, зеро дар Қуръони карим Худованди мутаъол мефармояд :*«Эй муъминон, амволатонро дар миёни худ ба ноҳақ махӯред, магар вақте ки он доду ситади тиҷорат бо ризои якдигар аз шумо бошад! Ва хештанро макушед. Ба дурустӣ ки Худо ба шумо Меҳрубон аст.»* (*Қуръон, 4:29*).

Саъдӣ бо ишора ба ҳадисҳои Паёмбар (с), ки дар он ҳикмате эълон шудааст, ки беҳтарин ғизо барои инсон ҳамон аст, ки дар натиҷаи меҳнати ӯ ба даст меояд. Саъдӣ дар бисёре аз осори худ мисолҳое овардааст, ки ин гуфтаҳоро тасдиқ мекунад, дар ҳоле ки ӯ ҳатто хидмат ба подшоҳро кори шоиста намедонист, аз нуқтаи назари ӯ ҳар ки хидматгузор аст, фақат аз хуҷаини худ хӯрокворӣ мепурсад [146,с.128].

Ин нишон медиҳад, ки аз нуқтаи назари Саъдӣ, меҳнати ҳалол ва ифтихор, наҷобат ва шаъну шараф ҷудонашавандаанд. Беҳтар аст, ки барои музд бо дастони худ кор кунед (ҳатто агар кори кори душвор бошад ҳам), бо нигоҳ доштани истиқлол ва озодии худ, нисбат ба он, ки он дастҳоро барои зорию илтимос ба қудратмандон дароз карда, истиқлол ва ҳуқуқи ихтиёрдории тақдири худро қурбон намоӣ (ҳикояи «Гулистон»).

Ҳар гуна ҳунар қодир аст, ки шахси соҳибҳунарро, ғизо диҳад ва агар шахс дар фаъолияти худ муваффақ шавад, ин метавонад манбаи некӯаҳволӣ ва эътимод ба нафс бошад. Доштани ҳунар аз қудратмандӣ хеле муфидтар аст: қудрат метавонад аз байн равад ва ҳамроҳи он  эҳтиром ва ҳатто ризқу рӯзӣ ҳам аз миён меравад. Ҳунар бошад, ҳамеша ба шахс кӯмак мекунад, ки аз ҳама гуна вазъият ба мақоми ифтихорӣ дар миёни ҳамватанон барояд [299,с.691].

Шоири барҷастаи тоҷику форс Амир Хусрави Деҳлавӣ, ки дар Ҳиндустон зиндагӣ ва эҷод намудааст дар ашъори худ ҷанбаҳои ахлоқию маънавии фаъолияти меҳнатии инсонро офарида, тасдиқи андешаҳои  худро дар китобҳои муқаддас пайдо кардааст. Ӯ инсони заҳматкашро, ки малакаи амалии ҳунарҳоро азхуд намуда, инчунин ба  омӯзиш ва дастрасӣ ба донишҳои илмӣ шавқу рағбат  дорад, бегуфтугӯ сазовори ҳама гуна ситоиш ва таҳсинот медонист. Дар навбати аввал, инсон маҳз бо малака, касбият ва таҳсилоти худ ифтихор дошта, намунаи ибрати дигарон бошад. Одамони коҳил, бекора ва инчунин онҳое, ки қодиранд танҳо дар бораи қобилиятҳои худ ҳикоят кунанд, аммо наметавонанд кору бори худро сару сомон диҳанд, бояд маҳкум карда шаванд.

Бори дигар мо дар эҷодиёти ин  мутафаккири бузург ба андешае мувоҷеҳ мешавем, ки нахуст бояд аз маҳорат ва малакаҳои бадастовардаи худ, инчунин савияи таҳсилоти худ ифтихор намуд. Мақоме, ки  аз рӯзи таваллуд ба шахс хос аст, барои худпарастӣ асоси кофӣ нест, зеро падарони худро аз ҳад зиёд лофу ситоиш кардан метавонад ба номи неки онҳо дар назари атрофиён зарар расонад. Амир Хусрав дар достони "Матлаъ-ул-анвор" навиштааст, ки агар касе  ба маъруфият ва номи неки худ мустақилона расида бошад, ин ба авлоди ӯ некномӣ илова мекунад,

Хусусияти дигари муҳим ва аломати олими ҳақиқӣ будани инсон росткорӣ ва ростқавлӣ аст. Чунин инсон ҳеҷ гоҳ саъй намекунад, ки  бо ҳикояҳои иғроқомез дар бораи донишҳое, ки ӯ надорад, дигаронро  гумроҳ намояд. Ба ин корҳо  одамони нодон, вале маккор шавқи машғул шудан доранд. Чунин одамро фош сохтан  кори душвор нест, зеро ӯ ба ифодаи шоир бесамар аст:

*Сӯзан бидуни ресмон надӯзад,*

*Гарчи сад бор дарди халанда меорад.*

Амир Хусрав ҳатто дар достони “Лайлӣ ва Маҷнун” ба такрор зарурати ба даст овардани малакаро дар касбу ҳунар таъкид намуда, арзиши кори муфиди ҷамъиятиро тасдиқ менамояд, мавқеи дигари ҳаётии мард аз нуқтаи назари шоир, зарарнок ва ҳатто нанговар аст.

*Мардро ҳунар ҳамеша мебояд,*

*То ки мавриди таҳқир набошад.*

Мутафаккир, инчунин таъкид мекунад, ки барои инсон на танҳо таҳқири худ, балки таҳқири дигарон ҳам шоиста нест. Ҳар ки кори дигаронро ба роҳҳои гуногун истифода мебарад ва маҷбуран аз онҳо чизеро ки тавлид кардаанд, ба даст меоварад, дар назари аҳли ҷомеа дар сифлагӣ аз дараҷаи гадои боҳунар ҳам пасттар қарор дорад, ин нуктаҳоро шоир да достони “Оинаи Искандар” баён мекунад.

Шоири фақеҳ Нуриддин Абдурраҳмони Ҷомӣ илоҳиётшинос, файласуф, мураббӣ ва устоди Алишери Навоӣ дар саҳифаҳои асарҳои худ, ки дар синни камолот таълиф намуда буд ба мавзуи тарбияи насли наврас рӯ оварда, андешаю афкори худро дар шакли панду андарз ба писари худ баён менамояд.

Пеш аз ҳама, ӯ дар бораи манфиатҳои омӯзиш, талоши ба даст овардани донишу малакаҳо менависад ва бомаърифатӣ ба мулоҳизаи ӯ бо некукорӣ муносибати эҳтиромона ба дӯстон ва рафиқони худ, инчунин ҳамдардӣ барои шахсоне, ки дар вазъияти душвори зиндагӣ қарор доранд, тавъам аст.

Дар руҳи шахси хушахлоқ ҷойе барои такаббуру хушомадгӯӣ нест, ӯ ба бекорӣ тамоюл надорад, чоплусиро қабул намекунад, то дараҷаи дурӯғу фиребгарӣ худро паст намезанад.

Ба андешаи шоири файласуф, эҳтироми насли калонсоли хонавода ва ифтихор кардан аз авлоди худ кори олиҷаноб аст, аммо набояд фикр кард, ки насли ҳатто оилаи машҳур ва соҳибэҳтиром метавонанд танҳо бо ёдоварии беохири хидматҳои аъзои калонсоли оила сазовори эҳтироми атрофиён мешуда бошад. Вай бояд вақтро бо ҳадди аксари манфиат истифода барад, ҳарчи зудтар ба омӯзиш иқдом намояд, то ки “шохи бесамар” дар дарахти хонавода нашавад.

Чунин ба назар мерасад, ки барои мураббӣ андеша дар бораи худтакмилдиҳии инсон набояд бо дастрасии як ҳадаф қатъ гардад, балки зарур аст, ки ҳадафи дигари беҳтар аз аввалиро бояд дид ва ба самти он бояд саъю кӯшиш намуд. Набояд аз барори кор мағрур шуд, зеро барои анҷоми корҳои нек ва рафтори наҷибона ҳамеша имкон маҷуд аст.

Асарҳои Ҷомӣ, аз ҷумла "Баҳористон"-и ӯ, ки ба қавли худи муаллиф барои писари даҳсолааш таълиф намудааст, хеле шуҳрат ёфт. Панду андарзҳои муҳтавои он барои бисёр ҷавонони кишварҳои гуногун ҳамчун дастурамал хизмат карда, онҳоро ба омӯхтани илму дониш ва малакаҳои касбу ҳунар, ба рафтори хушахлоқона ва фаъолияти ҷамъиятии манфиатовар водор намуданд, мутмаинем, ки ба онҳо барои пайдо кардани ҷойгоҳи худ дар зиндагӣ мусоидат кардааст, зеро омадааст, ки "*Инсон танҳо ҳамон чизро, ба даст овард, ки барои он кӯшиш мекард* [307,с.263].

*Илме, ки ногузири ту бошад, бад-он гирой,*
*В-онро, к-аз он гузир бувад, ҷустуҷӯ макун.*
*В-он дам, ки ҳосили ту шавад илми ногузир.*
*Ғайр аз амал ба муҷиби он орзу макун!*

Мутахассисоние, ки бо ҷавонон кор мекунанд, ба он нукта тавачҷуҳ мекунанд, ки дар даҳсолаҳои охир арзиши фаъолияти меҳнатӣ ба назари кормандони оянда коҳиш ёфта, аз рӯйи арзёбиҳои гуногун, ба ҷойҳои 3 - 4-ум дар феҳристи радабандии ченакҳои муҳимтарини зиндагӣ фаромадааст. Ҳамин гуна баъзе тағйироти ҳавасмандӣ низ ба мушоҳида мерасад: шумораи ҷавононе, ки одатан кори ҷолиброафзалтар медонанд, ба тасаввуроти онҳо дар бораи худамалисозӣ ба коре, ки бештар музд медиҳанд, мувофиқат мекунад. Аммо, онҳое, ки омодаанд корро танҳо барои андозаи подош интихоб намоянд, хеле зиёдтар мебошанд.

Камтарин шумораи ҷавононе, ки касбро интихоб мекунанд, дар бораи судмандии иҷтимоии фаъолияти меҳнатииояндаи худ оид ба зарурати манфиатоварии худ барои мардум андеша менамоянд. Ҳатто дар байни онҳое, ки дар соҳаи тиб ва нигоҳдории тандурустӣ нияти кор кардан доранд, чунин ангеза

дар айни замон афзалиятнок нест. Маҳз аз ҳамин сабаб бисёр омӯзгорон боварӣ доранд, ки вақти  он расидааст, ки ҷиҳати ислоҳи муносибати ҷавонон ба меҳнат ғамхорӣ намуда, асосан ба арзишҳое аз қабили аҳамияти иҷтимоии имкони лозим будан барои дигар одамон таваҷҷуҳ бояд намуд.

Ба омӯзиши равандҳои ҷойдошта дар муҳити ҷавонон вобаста ба масъалаҳои интихоб намудани касб ва ҳамин тавр, ба арзёбии паҳлӯҳои гуногуни фаъолияти меҳнатӣ бисёр муҳаққиқон аз қабили Л. Н. Нугуманова, И.В. Малихина, Т.В. Ризина ва дигарон машғул шудаанд. Ба ин маъно, диссертатсияи А.М.Будинин таҳти унвони  "Ташаккули самтгириҳои арзишҳои меҳнатии донишомӯзони синфҳои 7-9 дар раванди таълими фанҳои давраи гуманитарӣ” ҷолиб аст, ки дар он муаллиф андешаеро тасвият мекунад, ки донишомӯзони муосир гоҳе худамалисозиро бидуни фаъолияти меҳнатӣ тасаввур мекунанд. Муаллиф як силсила пешниҳодҳоро оид ба ташкили     кори касбинтихобкунии донишомӯзон матраҳ менамояд, инчунин маънои талабот  ба таҳқиқоти минбаъдаи механизмҳои ташаккулёбии самтгириҳои арзишӣ ва дар маҷмуъ муносибат ба интихоби касб, аз ҷумла, ҳамчун ба рафтори иҷтимоиро дорад [63,с.19].

Вижагии чунин таҳқиқот диққати махсус додан ба сохтани методикаи идоракунии педагогии фароҳамоварии шароит барои бо донишомӯзон баррасӣ кардани  масълаҳои ташаккули самтгириҳои арзишӣ дар дарсҳои даври гуманитарӣ мебошад.

Тавре ки қаблан қайд карда шуд, муносибат ба меҳнат  дар раванди инкишофи таърихии ҷомеаи башарӣ аз як давр ба даври дигар тағйир меёфт. Аммо, дар ҷараёни ҳамкориҳои мухталиф дар ҷомеа ҷойгоҳи марказии меҳнат, аҳамияти он барои рушди иқтисодиёт, дар ниҳояти кор, барои ташаккули сармояи маънавии инсоният қобили инкор нест.

Аксарияти олимон ба он нукта муътақид мебошанд, ки муносибати ҷавонон нисбат  ба меҳнат ҳамзамон бо дарки он далел, ки онҳо бояд интихоби минбаъдаи инкишофи “калонсолии” худро бо зарурати ин ё он фаъолияти касбӣ ва кору меҳнат муайян намоянд. Чун қоида, ин раванд дар синфҳои болоии муассисаи таҳсилоти умумӣ, ҳамзамон бо ташаккули ақидаҳои умумӣ  оид ба воқеияти муҳит

ва мавқеи худ дар он, танзими силсиламаротиби арзишҳо ва ҷустуҷӯи ормони ахлоқӣ ба вуқуъ меояд (таҳқиқот дар бораи психологияи кӯдакон мансуб ба доктори илмҳои психологӣ Л.И.Божович, мутахассиси психологияи синнусолӣ, доктори илмҳои психологӣ И.В.Дубровина ва инчунин муаллифи марҳилаҳои психологию иҷтимоӣ Э.Эриксон, ки дар феҳристи психологҳои бештар истинодшавандаи асри XX дар радаи дувоздаҳум қарор дорад) [59,с.365-420].

Ҳам мақомоти давлатии танзимкунандаи низоми таҳсилот дар кишвари мо ва ҳам омӯзгорон, чи назариётчиён ва чи амалкунандагон дар даҳсолаҳои ахир дар бораи зарурати на танҳо таҳсилоти мактабӣ, ҳамчун равиши омӯзиши ҳаҷми муайяни донишҳо, ҳамчунин дар бораи тарбия намудани шахсият масъалагузорӣ мекунанд, ки дар ҳамин ҳол ин вазифаи стратегӣ дар баъзе ҳолатҳо авлавият пайдо мекунад. Чунин парадигма, ки аз ҷониби ҳамагон эътироф шудааст, ба огоҳии он нукта оварда мерасонад: ҷомеа ба шахсияти худамалисозанда ниёз дорад, ки қобилияти муқаррар кардани ҳадафҳо ва ноил шудан ба онҳо аз ҳисоби манбаи психологӣ, қобилият ба фаъолият кардан, дар натиҷаи он, арзишҳои сифатан нави моддию маънавӣ ва ғайра эҷод карда мешаванд [171,с.85-88].

Доктори илмҳои педагогӣ С.П. Акутина қайд кардааст, ки таҳсилоти ватанӣ доимо дар ҳоли рушд мебошад, назарияҳо ва консепсияҳои навро пешниҳод мекунад. Ва ин як раванди комилан табиӣ вобаста ба тағйироти доимӣ дар ҳаёти ҷомеа мебошад, ки як бахши онро донишомӯзони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ташкил медиҳанд. На ҳамеша дар оила ё дар муҳити наврасон одамоне ҳастанд, ки метавонанд ченакҳои дурусти арзишҳои ахлоқиро ба вуҷуд оваранд. Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳамчун ниҳод бояд ҳадди ақал арзиши меҳнатро ва дар раванди таҳсилот ҷанбаҳои гуногуни зиндагиро нишон диҳад, ки дар онҳо меҳнат мафҳуми бунёдӣ мебошад, ҳамчунин ҳамон далел асоснок карда шавад, маҳз фаъолияти меҳнатӣ робитаи коргарро аз ҷониби ҷомеа ва давлат ташаккул медиҳад. Ин вазифаро илмҳои иҷтимоию иқтисодӣ аз қабили сотсиология, иқтисодиёт, сиёсатшиносӣ, этика, таърих, забоншиносӣ ва бешубҳа, ҳамаи фанҳои ба омӯзиши мероси фарҳангии ҷаҳон ва таърихи башарият

машғулбуда иҷро мекунанд, ки тамоми маҷмуи муносибатҳои байниҳамдигарии инсонро бо ҷомеа меомӯзанд ва тавсиф менамоянд [21,с.61-68].

Дар таърих ва фарҳанги ҷаҳон, омӯзгорон бисёр намунаҳоеро пайдо мекунанд, ки чи гуна меҳнати инсон пешрафти башариятро муайян намуд ва марҳилаҳои он бо рушди технологияҳо ва ивазшавии форматсияҳои иҷтимоию иқтисодӣ алоқаманди дошт. Ба таври умумӣ, ҳар як коргаре, ки барои беҳсозии шароити зиндагии худ ва хонаводааш кӯшидааст, ба манфиати тамоми башарият кор кардааст. Албатта, миқёси шахсияти ин коргар, арзишҳои маънавӣ ва самтгириҳои маънавии азхудкардаи ӯ аз аҳамият бархӯрдор буданд, аз ин рӯ одамони гуногун ба ҷараёни раванди таърих таъсири гуногун расонданд. Аммо, ба ҳар сурат, асоси ҳама чиз ҳамоно меҳнат боқӣ монд, ки бори дигар манфиати иҷтимоӣ ва арзиши маънавии онро тасдиқ мекунад [58,с.257-259].

Дар синфҳои болоӣ раванди аз тарафи донишомӯзон азхуд намудани ин ё он арзишҳо комилан зарур аст, зеро ин марҳилаи аввали раванди минбаъдаи самтгирӣ мебошад. Консепсияи таҳсилоти гуманитарии ба арзишҳо нигаронидашудаи Л.П.Разбегаева, ки дар он тезис дар бораи ифодашавии робитаҳои арзишӣ тавассути амалишавии онҳо зуҳуроти зерини муносибат ба меҳнат ҳамчун арзиши маърифатиро дар назар дорад [253,с.48]:

- функсияи иттилоотӣ, вақте ки маълумот дар бораи арзиши маънавӣ будани меҳнат, дар шуури донишомӯз устувор аст;

- функсияи отифавию вокунишӣ, ки мунасибат ба иттилоот оид ба арзиши меҳнатро ташаккул медиҳад ва он боиси аз тарафи донишомӯз бошуурона азхудкунии арзиши ахлоқию маънавии меҳнат дар сатҳи инфиродӣ, шахсиятӣ мегардад;

- функсияи амалию озмоишӣ пешбиникунандаи он нукта, ки донишомӯзи синфи болоӣ маҳруки иҷтимоишавӣ ва худамалисозии худашро бо назардошти идроки арзиши ахлоқии меҳнат танзим менамояд.

Функсияҳои номбаршударо метавон ҳамчун инъикоси танзими ангораи муносибат ба меҳнат, ҳамчун арзиши ахлоқӣ қабул намуд, ки дар он ҷузъҳои зерин намояндагӣ мекунанд: маърифати баҳодиҳӣ, отифию семантикӣ ва

лоиҳавию фаъолиятӣ. Мукаммалсозии онҳо ба имконоти соҳаҳои дониши омӯхташаванда, хусусияти хоси давраи синнусолии донишомӯз, инчунин вижагиҳои арзиши ахлоқӣ вобаста мебошад.

Ҷузъи маърифатию баҳодиҳӣ дар бораи иттилоот оид ба «меҳнат», дарк ва фаҳмиши он аз ҷониби шахс мебошад.

Огоҳӣ дар бораи меҳнат, ҳамчун арзиши ахлоқӣ дар марҳилаҳои зерин сурат мегирад:

- дар марҳилаи таассурот. Роҳ ба сӯйи идрок аз муоинаи ибтидоӣ ва омӯзиш мегузарад. Ба баёни дигар, донишомӯз бояд пеш аз ҳама иттилоотро аз ашхоси дигар, то дараҷае тавассути тимсолҳои онҳо, ё ки аз тариқи асарҳои бадеии пешниҳоднамудаи омӯзгор ба даст оварад;

- дар марҳилаи ташаккули мафҳумҳо. Дар ин ҷо, меҳнат аллакай дар заминаи дохил кардани он ҳамчун зербино ба равандҳо ва муносибатҳои гуногун мавриди баррасӣ қарор дода мешавад. Тасаввур оид ба нақш ва ҷойгоҳи меҳнат, дар бораи маҷмааи ҷанбаҳои фаъолияти ҳаётӣ, ки аҳамияти он мумкин аст аз тарафи наврас идрок гардад, ташаккул меёбад. Дар ин марҳила, тафаккури таҳлилӣ вориди амал мешавад;

- дар марҳилаи сохтани хулосабарориҳо ва мулоҳизаи тамоми мушкилот, ки дар ҳамин марҳилаи рушди шахсият, дар робита бо таърифи меҳнат ҳамчун арзиши ахлоқӣ дастрас аст. Донишомӯз метавонад аллакай мураккабии ин падида, робитаи онро бо дигар унсурҳо арзёбӣ кунад.

Дар маҷмуи иттилоот оид ба падидаи мавриди баррасӣ, ки донишомӯз дар раванди ташаккули донишҳо дар бораи он дар раванди омӯзиши маҷмуи илмҳои иҷтимоию гуманитарӣ ташаккул меёбад, албатта бояд инҳо шомил гардад:

- дарки моҳияти чунин зуҳурот ба монанди арзишҳои ахлоқӣ;

- тасаввурот дар бораи он, ки кадом ҷузъҳои таркибӣ ба ин арзиши ахлоқӣ хосанд;

- идроки рисолати ахлоқӣ ва маънавии меҳнат дар тақдири ҳар як шаҳрванд ва тамоми ҷомеа.

Муассиси мактаби илмии "Аксиологияи таҳсилот" А.В.Кирякова ақида дошт, ки ҳар як фард бояд ҳатман андешаи худро дорад. Мо мулоҳизаҳоеро тасвият кардем, ки барои муайян кардани арзишмандии меҳнат истифода шуда метавонанд [131,с.209]:

- меҳнат зербиноест, ки болои он муносибатҳои мутақобила дар ҷомеаи инсонҳо ташаккул меёбанд;

- коргар - ин офаридгорест, ки дар қонунҳо, қоидаҳо ва урфу одатҳои ахлоқӣ муттако буда, бо меҳнати худ онҳоро идома мебахшад;

**Ғояи меҳнат ҳамчун асоси ахлоқи шахсият ва меъёрҳои этикии ҷомеа**

Шумораи маъдуди одамон дар ин маврид баҳс мекунанд, ки меҳнат амали офарандагӣ мебошад ва ба туфайли он рушди насли башар умуман ва шахсияти худи коргар, хусусан, сурат мегирад.

Меҳнат бояд аз тарафи ҷомеа арзёбӣ ва эътироф карда шавад ва ин маънои онро дорад, ки фаъолияти меҳнатӣ дар доираи меъёр бояд дар чаҳорчӯбаи дар ҷомеа қабулшудаи тасаввурот дар бораи некӣ ва бадӣ. дар бораи ахлоқӣ ва ғайрихлоқӣ будан, дар бораи анъанавӣ ва ғайри қобили қабул будан амалӣ гардад. Ҳатто худкифотарин, бомаърифаттарин ва баландахлоқтарин инсон ба арзёбии хушбинонаи атрофиёни худ ниёз дорад, то ки минбаъд ба эҷодкорӣ машғул шуда, рушд намояд. Ҳама гуна самти фаъолият, ҳар гуна шуғл корбурди неру, яъне меҳнатро талаб мекунад. Коргар ба хотири он ки ба назари инсони мушаххас ҷолибтар бошад, ӯ тайёр аст, ки бо тамоми неру кор карда, қисми назарраси умри худро ба ҳамин раванд сафарбар намояд. Меҳнатдӯстии инсон ба маротиб афзоиш меёбад, агар натиҷаҳои меҳнати ӯ аз ҷониби ҷомеа мусбат қабул ва талаб карда шаванд. Аз ин рӯ, ҷавонмард дар раванди интихоби шуғл бароиояндаи худ бояд аҳамияти иҷтимоии кори дарназарбударо арзёбӣ кунад.

Инсон, чун қоида, аллакай дар синни ҷавонӣ дарк мекунад, ки ба ӯ лозим меояд ба коре машғул шуда, худ ва оилаи худро таъмин кунад. Ва бисёр ҳолатҳое ба мушоҳида мерасанд, ки ҷавони дар оилаи муқаррарӣ тарбиятёфта вазифаҳои худро амалан дар ҳама гуна ҷойҳои кории ба таҳсилот ва рушди ҷисмонии ӯ

мувофиқбуда ба таври возеҳ иҷро мекунад. Аммо, ин гуна меҳнат бештар ба кори маҷбурӣ шабоҳат дорад, ки аз рӯйи одат ё маҷбурӣ иҷро мешаванд.

Комилан ба таври дигар аст, вақте ки хоҳиши худамалисозӣ дар ин ё он касбу ҳунар ё соҳаи фаъолияти инсонӣ (дар бораи чунин вазъи зиндагӣ бисёр донишомӯзони синфҳои болоӣ орзу мекунанд) бо имкони ба даст овардани таҳсилоти мувофиқ ва минбаъд машғул шудан ба кори дилхоҳ (ё онро худаш эҷод мекунад, вақте ки сухан дар бораи соҳибкорӣ меравад) мувофиқат мекунад. Дар чунин ҳолат, меҳнат на уҳдадорӣ, балки талабот мешавад ва корманд бошад, эҷодкоре мегардад, ки рисолати худро нисбати ҷомеа, ки нақши худро дар рушди он идрок мекунад, амалӣ месозад.

Чунин меҳнат ба худсобиткунии шахс, инкишофи беҳтарин сифатҳои ахлоқӣ, инчунин худэҳтиром ва ифтихор мусоидат мекунад. Бори дигар таъкид менамоем, ки муносибати ҷомеа ба коргар бешубҳа муҳим аст ва дар зимн чунин эътирофи ӯ дар тамоми кишвар ҳатмӣ нест. Ҳатто ҳамдеҳагони миннатпазир қодиранд, ки инсонро ба корнамоиҳои минбаъдаи меҳнатӣ илҳом бахшанд. Ҳамаи ин падидаҳо аз тарафи психологҳо, ки хусусиятҳо ва қонуниятҳои умумиро ошкор карданд, таҳқиқ карда мешаванд.

Ҳамин тавр, меҳнатдӯстиро ба хислатҳои ахлоқӣ мансуб медонанд, яъне ба хислатҳои асосии шахс, ки муайянкунандаи тарзи рафтор ва бинобар ин тарзи ҳаёт тааллуқ дорад. Е.А. Климов, мутахассиси пешбари Русия оид ба психологияи касбшиносӣ, меҳнатдӯстиро аз ҷумлаи сифатҳои муҳими касбӣ медонад, ки дар раванди азхудкунии ҳама гуна намуди фаъолият ҳатмӣ мебошанд. Меҳнатдӯстӣ ҳам аз дидгоҳи ахлоқию маънавӣ ва ҳам аз нуқтаи назари худмарказӣ фазилат ба ҳисоб меравад. Гузашта аз ин, дар ҳолати дуюм, ин, бештар ба вазъияте дахл дорад, ки дар он фард ангезаи бо ҷидду ҷаҳд меҳнат карданро дорад [132,с.221].

Ҷолиб он аст, ки аз нуқтаи назари дин, меҳнатдӯстӣ, бахши ҳатмии ҳаёти муъмин аст ва он дар муқобили коҳилӣ қарор дорад, зеро коҳилӣ манбаи ҳамаи норасоиҳост. Илова бар он, ин меҳнат аст, ки ба нафъи ҷомеа мебошад.

Олимон чунин мешуморанд, ки барои тарбия кардани ин сифат, таваҷҷуҳи донишомӯзонро бояд ба маъно ва аҳамияти натиҷаҳои кори анҷомдодашуда равона

кард. Ин  имкон медиҳад, ки он ҳавасманд карда шавад, дар хоҳиши муфид будан собит карда шавад, сифатҳои эҷодӣ инкишоф ёбанд, хоҳиши иҷрои кор то охир бо намуд ва натиҷаи беҳтар талқин гардад. Агар ҷавон  арзёбии  мувофиқ бо чашмдошти кори шиддатноки худро ба даст наорад, оқибати кор андуҳовар хоҳад буд, ки он набудани шавқу рағбати минбаъда ба корҳои муфиди ҷамъиятӣ, рад кардани машғулият ба фаъолиятҳои қаблан ҷолиббуда, бепарвоӣ ва “ ба ҷилди худ рафтан” мебошад.

Дар консепсияи Э. Эриксон, синни аз шаш то дувоздаҳсолагӣ барои ташаккули меҳнатдӯстӣ, фарогирии сифати мазкур ҳамчун арзишҳо, шахсияти кӯдак муҳим нишон дода шудааст [59,с.365-420].

Баҳодиҳии сазовор ва муносиб  ба кори иҷронамудаи  наврас ба ӯ эътимод ба неруи худ, ба манфиатбахш будан  ва дархост доштани худро мебахшад. Ҳамин тавр аст, ки эътирофи ҷамъиятии натиҷаҳои меҳнати инсон  худбаҳодиҳии ӯро боло мебарад, дар назараш аҳамияти худро афзун мекунад  бовар кардан ба қобилиятҳои худро  водор месозад.

Ҳамзамон психологҳо равандҳои амиқтари ботиниро мушоҳида мекунанд, ки аз тағйироти худи фард дар раванди фаъолияти меҳнатӣ гувоҳӣ медиҳад. Илова бар он, ки ӯ дар эътимод ба имконоти худ мутмаинтар мегардад, ба як навъ ҷамоат  бо онҳое ворид мешавад, ки фидокорона  меҳнати бисёр мекунанд ва эҳсоси мушорикат дар ҷомеаи устодони касбу ҳунар манзалати ӯро дар назари худаш боз ҳам баланд бардошта, ӯро ба фаъолияти минбаъда ҳавасманд менамояд.

А.С. Макаренко хеле дақиқ қайд намуд, ки ҳар ки қодир ба  кор кардан нест, дар назари  атрофиён эҳсоси дилсӯзиро ба сабаби нотавонии худ ва зарурати интизории ҳамешагии  хайру эҳсон аз дигаронро ба вуҷуд меоварад[160,с.552].

Тамоми тағйироти дар боло зикршудаи худбаҳодиҳӣ ба соҳибшавии як чизи муҳим, аз ҷумла барои ҳар кас ва инсони  акнун ташаккулёбанда - эҳсоси иззати нафс мебошад.

О.Г.Носкова, ки  асосгузори мақоми психологияи фаъолияти меҳнатӣ ҳамчун соҳаи дониши илмӣ мебошад, баъзе тавсифоти махсуси ин эҳсосро нисбати арзишмандии меҳнат муайян кардааст. Аввалан, он ба фард эътимод ба худ, боварӣ

ба қобилияти худро дар ҷиҳати муқовимат ба ҳама гуна ситезаҷӯиҳоро медиҳад, дар пешрӯйи ӯ уфуқи васеи ҳадафҳои ҳаётиро боз менамояд. Ғайр аз он, ӯ ба он бовар мекунад, ки барои расидан ба ин ҳадафҳо аз ҳисоби захираҳои худ неру ва ақлро ба даст меорад ва бидуни истифодаи равиши носазовор, доғдор накардани номи неки худ, ба ҳадди аксари қонеъсозии дархостҳо муваффақ гардида, таъйиноти худро иҷро мекунад ва орзуҳои худро ба амал мебарорад [132,с.221].

Ушинский дар асарҳои худ борҳо қайд карда буд, ки меҳнат ҳамзамон бо вазифаи қонеъсозии ниёзҳои ҳаётии инсон барои ҳамагон имкон медиҳад, ки эҳсоси муҳим ва барои инсони муваффақ асосии иззати нафсро соҳиб шаванд [225,с.335].

Ҳамин тавр, мо мебинем, ки нақши меҳнат дар ташаккули шахсияти ахлоқӣ то чи андоза муҳим аст. Шаҳрванди меҳнатдӯст, ки қаноатмандӣ аз кор ба манфиати ҷомеаро ба даст меоварад, узви комилаёри ҷомеа, соҳиби эҳсоси иззати нафс мебошад.

Мо мебинем, ки некӯаҳволии ҷамъиятӣ на танҳо аз ҳисоби натиҷаҳои моддии фаъолияти шаҳрвандон, балки аз ҳисоби он, ки аҳли меҳнат шахсиятҳои ахлоқию маънавӣ буда, дар раванди меҳнати иҷтимоию судманд рушд мекунанд ва такмил меёбанд.

**Ғояи инсон ҳамчун сарчашма ва давомдиҳандаи анъанаҳои ахлоқию маънавии ҳамкорӣ дар раванди фаъолияти меҳнатӣ**

Ғояи мазкур тавассути омӯзиш ва огоҳӣ ёфтан аз чунин мафҳумҳо аз қабили "коргар", "анъанаҳои коргарӣ", “меҳнатдӯстӣ - сифати бунёдии ахлоқию этикӣ”ва ғайра тавзеҳ мегардад.

Ҳама гуна фаъолияти инсон - ин равиши танҳо ба ӯ хосбудаи таъсири мутақобила бо олами атроф аст. Ҷудо намудани чор шакли асосии фаъолият маъмул аст: бозӣ, меҳнат, омӯзиш ва муошират. Дар ҷараёни меҳнат, инсон маҳсулоте фароҳам меорад, ки барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти инфиродӣ ва иҷтимоӣ, неъматҳои моддӣ ва арзишҳои маънавӣ зарур аст. Аҳамияти истисноии ин шакли фаъолият дар он аст, ки он на танҳо дар заминаи рушди тамаддун қарор

дорад, балки асоси ташаккули шахсияти ахлоқӣ мебошад. Маҳз бар мабнои ҳамин шакли асосӣ тамоми низоми муносибатҳои иҷтимоӣ ташаккул меёбад.

Ҳар як давраи нав дар рушди башарият муносибатҳои навро ба вуҷуд меоварад (аз ҷумла муносибатҳои меҳнатиро низ), аммо ин ҳаракати пешраванда бидуни такя ба таҷрибаи наслҳои пешгузашта, бе пайгирии анъанаҳо ғайриимкон аст [254,с.130].

Сарфи назар аз содагии истилоҳ, таърифи яксон ва маъмули мафҳуми «анъана» вуҷуд надорад. Аммо, далели он, ки анъана номуайян аст ва он иборат аз низоми меъёрҳо ва қоидаҳои ба таври стихиявӣ бо мурури замон ташаккулёфта мебошад, ки қисми зиёди ҷомеа ба он пайравӣ мекунанд, барои ҳеҷ кас қобили баҳс нест. Анъанаҳо нақши танзимгари муайяни муносибатҳоро дар ҷомеа амалӣ мекунанд.

Анъанаҳои меҳнатӣ як ҳолати махсуси анъанаҳое мебошанд, ки дар ҷараёни фаъолияти муштараки одамон ташаккул ёфтаанд (Л.П.Разбегаева). Ҳолати боз ҳам махсустар масалан, анъанаҳои истеҳсолӣ ё анъанаҳои коллективи муайяни меҳнатӣ мебошанд.

Баъзе анъанаҳо дар гузашта ҳамроҳ бо ҳамон тарзи истеҳсолиашон боқӣ мондаанд, ки дар чаҳорчӯбаи он пайдо шуданд, анъанаҳои дигар бошанд, қобилияти тағйирёбӣ ва мутобиқшавӣ ба шароити навро доранд. Дар байни онҳо меъёрҳои ахлоқии ба меҳнат хосбуда, ки муносибатҳои асосиро дар раванди меҳнат муайян мекунанд, мавҷуданд.

Меҳнатдӯстӣ хосияти бунёдии ахлоқию этикии шахс мебошад, ки дар маҷмуъ тавсифоти онро муайян мекунад: аз рӯйи анъана инсони меҳнатдӯст росткор, эҷодкор, масъулиятнок ба ҳисоб меравад.

Эҳтироми инсони меҳнатӣ, ки дар замонҳои қадимии таърихӣ ташаккул ёфтааст, баръакси муносибати манфӣ ба коҳилон ва муфтхӯрон (бо кадом унвон, ки дар фарҳангҳои гуногун номида нашаванд) ҳамон гуна анъанаи қадимӣ мебошад.

Ҳамроҳӣ ва такмили мутақобилаи ғояҳои номбаршуда дар бораи меҳнат ҳамчун нахустсабаби ахлоқ ва маънавият дар ҷомеаи башарӣ ва дар бораи инсони

меҳнатдӯст, ҳамчун бунёдкор, сарчашмаи ғояҳои пешқадам ва ҳамзамон ҳомили анъанаҳои меҳнатӣ худ заминаи таърифи меҳнат ҳамчун арзиши ахлоқӣ мебошад[314,с.98-106].

Бо вуҷуди ин, мо наметавонем ин тезисҳоро иҷро кунем, барои арзёбии иттилооти пешниҳодшуда дар робита бо муносибатҳои шахсии ӯ, доираи манфиатҳо ва тасаввурот дар бораи роҳи оянда, аз ҷумла аҳамияти иҷтимоии онро арзёбӣ кардан зарур аст. Ҳамин тавр, функсияи иттилоотӣ амалӣ карда мешавад.

Марҳилаи навбатӣ бояд арзёбии отифавии арзиши ахлоқии меҳнат бошад, ки дар доираи он донишомӯз на танҳо иттилоотро азхуд мекунад, балки робитаи отифавиро ба меҳнат ҳамчун ба арзиш ташаккул медиҳад. Дар асоси вижагии ин раванди психологии тавсифшуда аз тарафи муҳаққиқон В.Вилюнас, Г.Бреслав, С.Рубинштейн дар натиҷаи мутаассиршавӣ ҷавон ҳеҷ гуна таконро барои амал ба даст намеорад, аммо аҳамияти навъи муайяни рафторро барои ҷомеа идрок намуда, онро азхуд мекунад, тарзи рафтори имконпазири худро муайян мекунад [284,с.328].

## 3.3. Тарбияи арзишҳои оилавӣ – ҳамчун асоси рушди устувори ҷомеаи муосир

Фарҳанги миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо анъанаҳои халқӣ, расму оинҳо ва урфу одатҳои худ дар умқи таърих реша дорад. Афкори этикӣ дар раванди рушди таҳаввулотӣ, ба монанди исфанҷ, ҳама равандҳои гуногуни ҷомеаи Тоҷикистонро, ки дар тули чандин садсолаҳо рух дода буд, ба худ ҷазб намудааст. Тағйирот инчунин ба ниҳоди оила, ки барои мардуми Тоҷикистон хеле муҳим аст, низ нуфуз кардааст.

Амри қонунист, ки оила нахустҳуҷайраи ҷомеа мебошад. Оила иборат аз ҷомеаи инсонҳоест, ки дорои робитаҳои вижаи марбути миёни волидон ва фарзандон мебошанд. Ташкилаи мазкур дар гузашта ва имрӯз вазифаҳои хеле муҳими иҷтимоиро иҷро мекунад ва такягоҳе дар ҳаёти ҳамаи одамон мебошад, зеро муносибатҳои оилавӣ тақрибан ба ҳама функсияҳои ҳаёти иҷтимоӣ ва ба ҳаётгузаронии иҷтимоӣ таъсир мерасонанд.

Ҳамин тариқ, оила унсурҳои фарҳанги мардум, арзишҳои миллӣ, анъанаҳо, меъёрҳо ва қоидаҳои рафторро фарогир мебошад. Ин сифати муҳим мавзуи таҳқиқоти бисёр мутафаккирон, арбоби илм ва фақеҳон дар ҳама давраҳои таърихӣ буд.

Пайдоиши оиларо ба давраи пешазтаърихӣ мансуб медонанд. Танҳо дар оила, инсон дар он замонҳо тавонист, ки дар шароити мураккаби табиӣ ва иҷтимоӣ, таҷрибаи барои зиндамонӣ, таъмини амнияти ҳаёти худ ва ҳаёти аъзои авлоди худ зарурбударо ба даст оварад.

Олимон чунин меҳисобанд, ки ба туфайли оила, ҷомеа бо як сохтори дорои тарзи муайяни ҳаётӣ ва муносибатҳои иҷтимоӣ ташаккул ёфт. Оила дар замонҳои қадим як воҳиди ташкилотии иҷтимоӣ буд ва вазифаи эҳтиёҷоти гуногуни инсонро дар шароити мушаххаси ҳаёт анҷом медод. Бо тағйироти чунин ҳолатҳо, ҳамзамон бо рушди ҷомеа, оила низ тағйир меёфт [24,с.3].

Аксарияти муҳаққиқон бо он андеша розӣ ҳастанд, ки шакли оилаи муосир дар муқоиса бо оилаҳое, ки дар давраҳои гуногуни таърихии то замони мо вуҷуд доштанд, пешрафтатар аст. Бо вуҷуди ин, мо имрӯз мушоҳида мекунем, ки мухтаво, шакл ва моҳияти муносибатҳои оилавӣ зери таъсири омилҳои ба ҷаҳонишавии равандҳои ҷаҳонӣ хосбуда ба таври куллӣ тағйир меёбанд.

Нахустин асарҳое, ки дар онҳо масъалаҳои ахлоқи инсонӣ ва фарҳанги ҷомеа баррасӣ шудаанд, ба замонҳои қадим мансуб мебошанд. Масалан, ба ҷумлаи чунин асарҳо бояд яке аз муҳимтарин ёдгории фалсафию динии мардуми эронзамин “Авесто” ва шоҳасарҳои таърихии эҷодиёти шифоҳии мардум аз қабили "Гӯрғулӣ" ва “Алпомиш” -ро мансуб донист.

Донишҳои дунявӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ дар ҳудуди асрҳои VIII-IX маъмул гардиданд. Нахустин бор барои тамоми ҷомеаи илмии он замон, ба таснифи илмҳо саъю кӯшиш сурат гирифта буд. Абурайҳони Берунӣ, Ал-Хоразмӣ, Ал - Киндӣ, Абунасри Форобӣ, Абуалӣ ибни Сино мулоҳизаҳои худро дар ин масъала иброз доштанд. Донишҳои дунявӣ барои халқҳо дар ин давраи таърихӣ нишонаи маърифатнокӣ гардиданд.

Дар асрҳои миёна Абунасри Форобӣ, ки бо андешаҳои пешқадами иҷтимоӣ ва фалсафии худ дар Машриқзамин маъруфият дошт, маълуму машҳур буд. Мутафаккир чунин ҳисоб мекард, ки барои инсон дар тамоми муддати зиндагӣ инкишоф додани тафаккур, руҳ ва хирад бояд муҳим бошад. Аз лаҳзаи таваллуд, ба инсонҳо мағзи сар, дил, қобилияти идроки ҳиссии ҷаҳон дода шудааст ва чунин хислатҳо аз қабили ахлоқ, зеҳният дар тамоми умр бояд ташаккул ва инкишоф дода шаванд. Абунасри Фаробӣ ба тарбияи ахлоқӣ ва маънавӣ, ки ба ташаккули чунин сифатҳои шахсӣ аз қабили ростиписандӣ, ҷасурӣ, накукорӣ, саховатмандӣ дар инсон мусоидат мекунад, аҳамияти махсус медод. Мутафаккир пешбинӣ мекард, ки ҳамаи хислатҳои неки хулқу атвори шахс таҳти таъсири тарбия, саъю талош ва худтарбия ташаккул меёбад. Дар ҳамин ҳол, ахлоқ ва зеҳнияти инсонро метавон тавассути амалҳои бошуурона ва довталабонаи фарди ба худтакмилдиҳӣ талошдошта метавон тарбия намуд. Роҳи дуюм, ба андешаи Фаробӣ иҷбор ҷиҳати тарбияи сифатҳои хуб мебошад. Аммо ин ду роҳ як мақсад доранд, ки он ташаккули шахсияти мукаммал аст [318,с.17-20].

Мутафаккир ақидаи хешро инкишоф дода, ба шунавандагон ва хонандагонаш нишон медод, ки таълиму тарбия равандҳои муҳиме мебошанд, ки дар оила амалӣ карда мешаванд. Абунасри Фаробӣ рисолаи худро таҳти унвони "Дар бораи ноил шудан ба саодат" ба проблемаҳои зикршуда бахшидааст. Дар он мо чунин сатрҳоро мехонем: "Тавассути тарбия мардумон ба ҳунарҳо ва фазилатҳое ошно мешаванд, ки ба дониш асос ёфтаанд."

Мутафаккир таҳти мафҳуми саодат аз тарафи шахс ноил шудан ба такомули донишҳо, тавассути илм расидан ба зеҳнияти меъёрҳои олии ахлоқӣ, ки баъд аз сари инсон ва ивазшавии наслҳо ҳам ба инсонҳо хизмат мекунанд.

Форобӣ дар рисолаи дигари худ бо номи “Роҳнамоӣ ба саодат” мулоҳиза мекард, ки хушбахтӣ, ҳадафест, ки ҳар як инсон мехоҳад дар ҳаёташ ба он бирасад. Аммо ӯ хушбахт намешавад, агар ӯ амалиеро содир кунад, ки аз ҷониби атрофиён манфӣ ё ғайриахлоқӣ арзёбӣ карда шаванд. Ба инсон барои хушбахт шудан имконе лозим аст, ки аъзои худро ба таври комилаёр ҷиҳати иҷрои амалҳои гуногуни рӯзмарра истифода намояд. Мавҷуд будани чунин сифатҳои руҳӣ ба монанди

пазмоншавӣ, шавқу завқ, меҳрубонӣ, лаззатбарӣ, хашм, бомулоҳизагӣ имкон медиҳад, дар бораи ин ё он амалҳо, рӯйдодҳо ва кирдорҳо ба таври мувофиқ қазоват гардад.

Андешаҳои фалсафии Форобӣ инчунин ба мафҳуми дӯстӣ низ мансубанд. Мутафаккир таҳти мафҳуми дӯстӣ сифати ахлоқиеро дар назар дошт, ки ҳангоми муоширaт ё фаъолияти муштараки одамоне, ки аз онҳо қаноатмандӣ ҳосил мешавад, ташаккул меёбад. Зиёдаравӣ дар чунин муошират ё фаъолиятро мутафаккир ҳамчун тамаллуққорӣ дарк карда, норасоии онро ҳамчун  мағрурӣ баррасӣ менамуд.  Аммо агар инсоне бо шахси дигар  коре кунад, ки боиси ранҷиши ӯ гардад, Форобӣ чунин рафторро ғайридӯстона меномад.

Олими пешқадами асрҳои миёнаи Машриқзамин Абурайҳони Берунӣ имрӯз ҳамчун муҳаққиқи аллома маълум аст [56,с.17].

Берунӣ дар асарҳои худ «Маъданшиносӣ», «Мол-илҲинд»  мушкилоти оиларо ва издивоҷро таҳқиқ кардааст. Ӯ бовар дошт, ки барои инсон  хислатҳои асосӣ шараф, некӣ, виҷдон, эътибор ва  адл аст. Барои мард, сифати муҳиме чун олиҳимматӣ зарур аст, ки таҳти мафҳуми он олим риояи қоидаҳои қабулшудаи ҷомеа мансуб ба муносибатҳои оилавиро дарк мекард. Пирони оила бояд бо ҷавонон машғул шуда, ба онҳо таҷриба ва донишҳояшонро омӯзонанд. Ин амал ба инсон хушбахтӣ меорад.

Муҳаққиқони мероси Берунӣ таваҷҷуҳи моро ба он равона месозанд, ки мутафаккир маърифатро саодати олии шахс ҳисоб карда, хоҳони он буд, ки дар ҳаёти оилавӣ ҳамеша сулҳу салоҳ, дӯстӣ вуҷуд дошта бошад, ки хушбахтии ҳар як инсон  ва шарти асосии пешрафти ҷомеа  дар он аст. Ба андешаи  файласуф, худи инсон  аст, ки тарзи ҳаёти худро  тавассути тарбия ва маърифати маънавӣ муайян мекунад. Тавре ки мебинем, барои ақидаҳои Берунӣ принсипҳои башардӯстона хос мебошанд.

Абуалӣ ибни Сино дар рушди илмҳои табиӣ ва афкори фалсафии Машриқзамин саҳми бузурге гузошт. Ӯ ба монанди дигар мутафаккирони бузург ба мушкилоти оила таваҷҷуҳ зоҳир мекард. Ибни Сино дар назар дошт, ки раванди тарбияи оилавӣ бояд ҷанбаи ҳамаҷониба дошта бошад, унсурҳои он тарбияи

ҷисмонӣ ва ахлоқӣ мебошанд. Ба андешаи ӯ, муносибатҳои оилавӣ бояд дар асоси муҳаббат сохта шаванд, аммо бо шарте ки ҳолати интихоб дар миён бошад. Файласуф рисолаи “Ишқ”-ро ба таҳқиқоти масъалаҳои дӯстӣ дар муносибатҳои оилавӣ бахшидааст. Вижагии ин рисола дар он аст, ки ба баррасии масъалаҳои оила Ибни Сино аз мавқеи муҳаббати махлуқоти сокини коинот ва ҷисмҳои олами моддӣ наздик мешавад [12,с.13-44].

Тавассути муҳаббат, инсон мекӯшад, ки ба зебоӣ ноил шавад, ки он ба андешаи Ибни Сино ба такомул баробар аст.

Олим тафсири қолиби муҳаббатро медиҳад: талош ба рушди абадӣ, худтакмилдиҳӣ, ки он ҳадди ниҳоии рушди имконпазири ҷисмҳои олами моддӣ, аз ҷумла инсон аст.

Абуалӣ ибни Сино бисёр соҳаҳои дониш, аз ҷумла математика, тиб, заминшиносӣ, фалсафа, ситорашиносӣ ва дигар илмҳоро бо ғояҳои худ ғановат бахшид. Мутафаккир, ки аз рӯйи сиришти андешаҳои худ башардӯст мебошад, ба муносибатҳои оилавӣ, ки асоси он ҳамкории мард ва зан, бо мақсади идомаи авлод, тарбияи фарзандон, таҳсилот ва инкишофи онҳо аст, таваҷҷуҳи зиёд равона мекунад. Ба андешаи олим ба кӯдаки дар оила таваллудшуда қабл аз ҳама номи зебо гузоштан зарур аст. Ҳамзамон, ба оила барои фароҳам овардани ҳамаи васоити барои зиндагӣ зарурбуда мусоидат намудан лозим аст. Дар навбати худ, оила бояд муносибатҳои дӯстонаро бо хешовандони муштарак ва ҳамсоягон барқарор намояд. Аммо бояд таваҷҷуҳ намуд, дар худи оила байни аъзои он, муносибатҳои муҳаббатомез ва ҳусни тафоҳум вуҷуд дошта бошад.

Абуалӣ ибни Сино дар рисолаи «Ишқ» бо мо андешаеро пешниҳод мекунад, ки пеш аз ба таҳқиқи омилҳои ба ташаккулёбии оила таъсиррасон иқдом гардад, зарур аст, ки нуктаи кӣ будани инсон ва чигунагии нақши он дар ҷомеа мавриди омӯзиш қарор гирад. Файласуф менависад: «Худо ба инсонҳо неъматҳои гуногун ато намуд. Ӯст, ки одамонро болотар аз дигар махлуқоти зиндаи коинот офарид. Бо истифода аз ин имтиёз, инсон ба махлуқи зебо ва комил бо сохтори муътадилтарин мубаддал гардид».

Дар миёни олитарин неъматҳои барои инсон офаридаи Худо, хирад аст, ки ба туфайли он инсон имкони оро додани мавҷудияти худ ва бештар муносибсозии олами моддиро дорад. Ӯ маҳсулотеро тавлид мекунад, ки эҳтиёҷоти моддӣ, биологӣ ва иҷтимоии ҷомеаро қонеъ месозанд.

Ибни Сино навиштааст, ки ақли солим метавонад неку бадро фарқ намояд ва бо истифодаи ин неруи фарқкунанда барои мулоҳиза намудани кирдорҳои худ дар мавриди зарурӣ онҳоро ислоҳ мекунад. Ғайр аз он, Худо ба инсон қобилияти онро ато намуд, ки ӯ бидонад, ки чи инсонро аз Офаридагори холиқи коинот фарқ мекунад.

Минбаъд мутафаккир дар самти дигар мулоҳиза меронад: «Танҳо Офаридгор метавонист ба инсон шаъну эътиборeро, ки ҳоло дорад, ато намояд. Одамон на танҳо бо доштани неъматҳои моддӣ, балки ба ақлу фаросати худ фарқ мекунанд. Бо назардошти рушди ақл ва зеҳнияти худ инсонҳо бояд касбу ҳунар омӯзанд, то ки худ ва оилаашонро бо ҳама гуна чизҳои зарурӣ таъмин намоянд ва ба фаъолиятҳои иҷтимоӣ шуғл варзанд. Агар ин кор ба амал наояд, пас инсон ҳама чизеро, ки Худои Мутаол ба ӯ ато кардааст, аз даст медиҳад» [212,с.199-204].

Дар идомаи андешаи худ Ибни Сино он нуктаро қайд кард, ки ҳатто агар одамон ба гуфтаҳои боло пайравӣ кунанд ҳам, аз байни онҳо касе мебарояд, ки ҳукмрон мешавад, бинобар ин ба устувории муносибатҳои ҷамъиятӣ наметавон умед баст. Ва агар ҳоким заифу фақир бошаду қотеъ набошад, он гоҳ бад-ин сабаб дар ҷомеа ошубҳо бархоста, бисёр бадбахтиҳо ба вуқуъ меоянд.

Устувории ҷомеа, сифати зиндагии инсони алоҳида, ба андешаи Ибни Сино бевосита ба тарзи ҳаёт ва донишҳое, ки инсонҳо доранд, ба қобилияти иқтисодии оила вобаста аст. Ҳамаи ин нишондиҳандаҳо метавонанд ба таври назаррас фарқ кунанд.

Мутафаккир изҳори итминон мекунад, ки омили асосии ба ташаккули оила таъсиррасон, ниёз ба ғизо мебошад, зеро аз бисёр лиҳоз мавҷудияти он ҳаёти шахсро муайян мекунад.

Муҳим он аст, ки инсон ҳама рӯйдодҳо ва ҳолатҳоро дурандешона арзёбӣ намояд ва барои ҳалли проблемаҳо равишҳои мувофиқро истифода намояд.

Одамон бояд ҳамеша барои ҳадафе кӯшиш кунанд, чизеро ба даст оваранд, ҷамъоварӣ намоянд ва бадастовардаи худро ба кор баранд. Барои ин, шахс бояд ба кори судманд машғул шавад ва барои худ шароити мусоид барои ҳаёт фароҳам оварданд.

Мард бояд дар ҷомеа ва дар оилаи худ мақоми баланд дошта бошад. Аз ин рӯ, ӯ бояд қодир ба қабули қарорҳои муҳим бошад. Дар оила, мард бояд назорат кунад, ки ҳамаи аъзои он ба корҳои неку судманд машғул бошанд ва роҳи дурустро дар ҳаёт интихоб кунанд.

Ибни Сино навишта буд: «барои он ки мард сарвари оила шавад ва дар ҷомеа мавриди эҳтиром қарор гирад, ӯ бояд оқил бошад, зеро хирад инсонро аз аъмоли бад барҳазар медорад. Аз ин рӯ, одамон бояд рафтори худро ба ақл тобеъ намоянд, чунки ақл рафтори хубро аз бад фарқ мекунад»[130,с.179-184].

Ба ақидаи мутафаккир завҷаи хуб барои мард бонуи зебо, доно, меҳрубон ва ташаббускор хоҳад буд. Ғайр аз он, ӯ боварӣ дошт, ки зан дар оила бояд ҳамақидаи мард, тарбиятгари фарзандони ӯ, нигоҳдори молу мулк ва конуни хонаводагӣ бошадд.

Файласуф фазилатҳои муҳимтарини занро қайд мекунад: бохиралӣ, фармонбардорӣ, шармгинӣ, ифтихормандӣ, диндорӣ, зебоӣ, ҳушёрӣ, хоксорӣ, дӯстдорӣ, меҳрубонӣ, қотеъият, боақлӣ, некукорӣ, камгапӣ, хулқи ором, таъсиррасонӣ, сарфаҷӯӣ. Ғайр аз ин, зан ғайбатчӣ набошад. Ӯ бояд мутакко ва оромибахши шавҳар бошад.

Барои мард муҳим аст, ки дар оила обрӯ дошта бошад, то ки зан ба сарварии ӯ розӣ шавад. Мард барои худ ва оила ба кори муфид машғул шавад, ҳам шаъну шарафи худ ва ҳам шаъну шарафи оилаи аъзои оилаашро қадр намояд. Ибни Сино ин фикрро инкишоф дода иброз намудааст, ки зан бояд аз мард, сарвари оила ҳарос дошта бошад, ӯро эҳтиром кунад, зеро ӯ манбаи асосии даромади оила мебошад. Қобили қабул нест, вақте ки зан дар оила фармонравоӣ мекунад, ба шавҳар итоат намекунад, фармоиши ӯро иҷро намекунад. Ин рафтор оилаеро ба бетартибӣ меорад ва онро ба ҳалокат мерасонад.

Вазифаи дигари мард дини худро муҳофизат кардан ва вафо кардан ба қавлу ваъдаи худ аст. Минбаъд Ибни Сино мулоҳиза менамояд, ки мард бояд занро самимона дӯст дорад, занро эҳтиром намояд, ки чунин муносибат сабаби эҳтироми ҳамдигар мегардад.

Баъди ҷамъбасти андешаҳои Ибни Сино, мо ба хулоса омадем, ки обрӯи мард дар оила аз муҳаббати зан ба ӯ вобаста аст, ки он робитаҳои оиларо мустаҳкам мекунад ва барои баҳонае барои рашку ҳасадхӯрӣ боқӣ намонда ангеза барои иҷрои вазифаҳои муҳими оилавӣ ва ҷамъиятӣ мегардад. Дар навбати худ, мард бояд занро бо коре, ки барои оила манфиатовар бошад, машғул созад, вагарна зиндагии муфтхӯрона занро мағрур, беэҳтиром, пурнозу нуз мегардонад, ва зан танҳо ба худ машғул мешавад [278,с.308-314].

Ба андешаи Ибни Сино вазифаҳои сарвари оила дар робита ба фарзандони худ аз инҳо иборат аст: ба тифли навзод додани номи хуб; барои кӯдак пайдо кардани дояи ғамхору бодиққат; ба тарбияи кӯдак аз давраи тифлии ӯ машғул шуда, дар ӯ инкишоф додани саъю кӯшиш барои азхудкунии донишҳо ва ақлу хирад; бо кӯдак бо эҳтиром муносибат кардан, вале дар мавридҳои зарурӣ ҷиддият зоҳир намудан; барои пешгирии кирдорҳои номатлуб на танҳо аз сухан, балки аз таъсиррасонии ҷисмонӣ низ истифода кардан.

Волидон бояд ҳама корҳои имконпазирро иҷро кунанд, то ки фарзандонашон дониши зарурӣ бигиранд. Аз ин рӯ, вазифаи онҳо барои ӯ пайдо кардани омӯзгор хоҳад буд, ки мураббии донишманд, бохирад, дорои малакаҳои суханварӣ ва ҳунарҳои гуногун бошад.

Мутафаккир мутмаин буд, ки беҳтар аст, кӯдак дар мактаб таълим гирад, ки дар он ҷо ба ғайр аз Қуръон боз дастури забон ва дигар фанҳо омӯхта мешавад. Ҳамзамон, кӯдакон барои инкишофи худ бояд дар доираи муайян мустақилӣ ба даст оранд.

Хидматгори хона бояд бодиққат интихоб карда шавад. Ба хидматгор ки дастури мушаххасро иҷро мекунад, аксаран ҳамчун узви оила муносибат бояд кард. Аз ин рӯ, бояд бо эҳтиром бо ӯ муроҷиат намуд.

Ғояҳои ибрознамудаи Ибни Сино дар бораи оила ба рушди ин ниҳоди иҷтимоӣ таъсири ҷиддӣ расонида, асоси консепсияи муносибатҳои оилавиро, ки равшанфикрони  Тоҷикистон дар ҳудуди асрҳои XIX - XX  пешниҳод кардаанд, ташкил менамояд.

Шубҳае нест, ки ба  оилаи мусулмон хурофоти тайи садсолаҳо ташаккулёфта таъсири назаррас  мерасонанд. Масалан, ислом бисёрзаниро  иҷозат додааст ва зан бояд бадани худро бо либос пинҳон кунад, яъне сатри авратро риоя намояд. Ҳамаи ин боиси  тааҷҷуби ғайримусалмонон мегардад, онҳо  тафовути возеҳи байни вазъияти зан дар кишварҳои иломӣ ва меъёрҳои ҳаёти муосирро  ошкоро мебинанд. Аммо, агар мо бодиққат ин масъаларо аз наздик баррасӣ намоем, ошкор мешавад, ки дар оилаи мусулмон, ҳамсарон тамоми уҳдадориҳоро баробар тақсим мекунанд [165,с.315-320].

Бо мақсади нигоҳдории мустаҳкамии муносибатҳои оилавӣ, дар ислом маҷмуи қонунҳое  истифода мешаванд, ки қоидаҳо ва меъёрҳои рафтори мард ва занро танзим мекунад.

Вақте ки мард  ба никоҳ ворид мешавад уҳдадор аст, ки маҳрияро пардохт намояд. Аҳамияти маҳрия дар китобҳои динӣ ба таври муфассал тавсиф шудааст, аммо аксаран он нодуруст шарҳу тафсир мешавад. Аз ин рӯ, ба андешаи мо ин мафҳум бояд муфассалтар баррасӣ карда шавад.

Ҳатто дар шароити муосир, аҳамияти пардохти маҳрия хеле калон аст. Дар ҳоли ҳозир, талаботи ислом оид ба пардохти маҳрия ба зан дар қонунгузории дунявӣ ворид нашудааст. Аз ҳамин сабаб, чунин мушкилоти иҷтимоӣ бармеоянд [208,с.81-87]:

1. Асоси муносибатҳои оилавӣ ноустувор мегардад. Мардон ба осонӣ аз занҳо ҷудо мешаванд, дар ин ҳол масъулиятро барои чунин амал эҳсос намекунанд. Маҳрия дар ин робита, ҳамчун як сабабе мегардад, ки пеш аз ҷудошавӣ аз завҷа мард боз як лаҳза дар бораи дурустии чунин қарори ҳаётӣ андеша мекунад, зеро дар ҳолати талоқ додан ӯ маҷбур хоҳад шуд ки маблағи аз маҳрия боқимондаро ба зан пардохт намояд. Ҳамин тавр, маҳрия дар ин ҳолат ба муҳофизатгари оила аз талоқи беасос табдил мeёбад.

2. Ҳангоми талоқ зан аксар вақт бидуни одитарин воситаҳои зиндагӣ, бидуни манзил ва доройӣ мемонад. Ногаҳон ба чунин ҳолат мувоҷеҳ гардида, зан метавонад ба вазъияти душвор афтад. Барои қонеъгардонии эҳтиёҷоти моддии худ зан метавонанд ба роҳе равад, ки ба шаъну шарафи зани мусулмон иснодовар бошад. Ҳатто агар чунин нашавад ҳам, вазъи равонии зан ба таври ҷиддӣ зарар дида, ӯ метавонад ба худкушӣ иқдом намояд.

Дар асоси далелҳои дар боло овардашуда мо ба хулосае омадем, ки маҳрия барои зан кӯмаки бузурге хоҳад буд, он амали оқилонаест, ки барои рафъи душвориҳои имконпазир дар якҷоягӣ бо тадбирҳои қонунии дунявӣ ба зан мусоидат мекунад.

Бо итминон ба хулосаҳои баровардашуда бояд қайд кард, ки ислом ҳангоми дастур додан дар бораи зарурати марҳия ҳамчунин ба он ишора мекунад, ки андозаи он бояд муносиб ва на барзиёд бошад. Аз суханони ҳамсари Расули акрам (с) Оиша маълум аст, ки он «заноне, ки махсусан хоксор бошанд, ба хона хушбахтӣ меоранд». Паёмбари ислом (с) ба ин меъёри шариати мусалмонӣ махсусан ҷиддӣ муносибат мекард, зеро дарк мекард, ки бояд барои ҳар як муъмин намуна шавад. Паёмбар (с) духтараш Фотимаро ба шавҳар дод, маҳри ӯро то 300 дирҳам коҳиш дод. Он замон ин маблағ хамагӣ арзиши 30 сар гусфанд буд. Ӯ ин корро барои осон кардани раванди ташкили оилаи нав кард.

«Нафақа» меъёри дигари ислом аст, ки мардро муваззаф мекунад, ки зану кӯдаконро бо васоили рӯзгузаронӣ (нафақа) таъмин намояд. Аммо тафсири нафақа ва нафақаи калонсолӣ аз якдигар то андозае фарк доранд.

Нафақа бо маблағи пулӣ ифода карда намешавад. Онро нафақаи пиронсолӣ ва ё дигар ёрдампулӣ барои бекорон хисоб набояд кард. Ин таъминоти ҳуқуқии моддӣ ва пулии зани шавҳардор, фарзандони бо никоҳ таваллудшуда, яъне нафақа таъмини эҳтиёҷоти тамоми аъзои оила, пеш аз ҳама, бо ғизо, сарпаноҳ, либос, муҳофизат, имкони таҳсил кардан ва инкишоф ёфтан ва ғайра[2032,с.99-105].

Мушкилоти марбут ба таъмини зан бо нафақа дар китобҳои динӣ ба мисли Қуръони карим ва ҳадисҳо баён шудааст.

Дар Қуръони карим дар мавриди зану фарзандон андарзи зеринро пайдо мекунем: «*Дар он ҷойе, ки шумо сукунат доред, ба қадри тавонатон занони талоқдодаро сокин кунед! Ва онҳоро озор марасонед, то бар онҳо танг гиред! Ва агар ҳомила бошанд, пас барояшон нафақа диҳед, то он бори худро биниҳанд! Ва агар ба фармони шумо шир диҳанд, пас ба онҳо муздашонро бидиҳед! Ва ба некӯӣ бо якдигар мушоварат кунед! Ва агар бо якдигар корро душвор кунед, пас, ба фармудаи ӯ (яъне, падар) зани дигар шир хоҳад дод (Қуръон 65:6).*

Шартҳои дар боло зикршуда муътабаранд, ҳатто агар мард ба зан талоқ диҳад. Яъне мард вазифадор аст, ки пас аз талоқ бо пардохти кӯмакпулӣ занро нигоҳубин кунад. Ҳамаи ин барои он карда мешавад, ки сардори оила уҳдадориҳои худро бо камоли масъулият эҳсос намояд.

Паёмбар (с) дар ҳадисҳои худ дар бораи масъулияти хоси мард дар қиболи зан, ҳамсар ва модар сухан меронад. Ба мард дастур медиҳад: «...он чи худ мехӯрӣ, бо зан тақсим бикун ва аз он чӣ либос медӯзӣ, ба ӯ бидеҳ. Бо занони худро дағалона, ношоиста муомила накунед, онҳоро назанед, ба онҳо суханони зишт нагӯед ва зиндагии ношоиста накунед».

Пас аз омӯхтани матни ҳадис ба хулосае меоем, ки дар ислом шароити таъмини зан бо маҳрия ба таври возеҳ баён шудааст, дар ҳоле ки меъёрҳои динӣ муносибати одилонаро дар ҳалли мушкилоти нафақа талаб мекунанд. Мард набояд ба ҳеҷ ваҷҳ аз иҷрои уҳдадориҳои худ саркашӣ намояд, занро аз маҳрия маҳрум созад ва аз таъмини эҳтиёҷоти моддии ӯ даст кашад[29,с.80-86].

Вижагии дини ислом дар он аст, ки барои мард таъмини хонавода танҳо уҳдадорӣ нест. Ин як амали наҷибона ва савоб аст, ки ба киродорҳои мунсифона мансуб мебошад.

Худованд ба марде, ки барои аъзои оилааш нафақа медиҳад, аҷру неъмати хешро ато мекунад. Тасдиқи ин нуктаро дар баъзе ҳадисҳо мебинем, ки дар онҳо мард ҳамон вақт хайру садақа ва кори савоб мекунад, ки нафақаи аҳли хонаводаашро бо меҳнати ҳалол ва сари муҳлат фароҳам оварда бошад.

Суханони Паёмбар (с)-ро Абумасъуди Ансорӣ ба мо мерасонад: «Марди мусулмон ба амру дастуроти Худо гӯш медиҳад ва бо ризоияти ӯ фароизи диниро

иҷро мекунад. Уҳдадории мард инчунин нигоҳдории зану фарзандон ва барои онҳо харҷ кардани маблағро дар бар мегирад. Худованд дар чунин ғамхорӣ нисбат ба оила зуҳури хайру марҳамати мардро мебинад».

Дастуроти мазкур ба як ҷузъи муҳими дини ислом табдил ёфта, ба нигоҳубини хонавода ва ҳифзи ҳуқуқи аъзои он нигаронида шудааст. Дар ислом харҷи нигоҳдории оила аз лиҳози аҳамият аз ҳама хароҷоти дигар болотар аст. Дар аҳодиси Паёмбар (с) ин андешаҳо ба таври зайл ифода шудааст: «Метавонед ба мискинон садақа диҳед, барои наҷоти ҷони як инсони дигар маблағ сарф кунед, ба хонаводаатон кӯмакпулӣ ва нафақа диҳед. Барои касе, ки динорро дар ин роҳ сарф кунад, ин подоши олӣ аст. Аммо пеш аз ҳама шумо бояд барои таъмини оилаатон маблағ сарф кунед» [233,с.157-164].

Паёмбар (с) ба мардони мусулмон хотиррасон мекунад, ки дастгирии оила вазифаи аввалиндараҷаест, ки ҳатто аз хароҷот дар ҷиҳод болотар аст.

Аз Савбон ривояте дар бораи фармудаи Паёмбар (с) медонем: «Он диноре, ки мард барои оилааш масраф кардааст, арзишмандтарин ва босавобтарини харҷ аст».

Ҳамин тариқ, ислом ба бунёди оилаи мукаммал аҳамияти ҷиддӣ медиҳад. Аммо дар ҷомеаи муосир дарки дастуроти таълимоти динӣ суст ба назар мерасад. Бисёр одамон бовар доранд, ки оилаҳои мусулмон ақибмондаанд. Дар онҳо мард ҳамчун мустабид муаррифӣ мешавад, ки низоми фармонфармоиро дар оила роҳандозӣ кардааст. Вай метавонад бисёр завҷа дошта бошад ва ба ҳар кадоми онҳо ба таври дилхоҳаш муносибат намояд.

Инчунин, дар афкори умум ҳанӯз метавон чунин ақидаеро, қайд намуд, ки гӯё зан дар оилаи мусулмон нақши хидматгори хона ва тарбиятгари фарзандонро адо мекунад. Чунин ақида барои ислом умуман меъёр нест. Баръакс, мард агар чунин рафтор кунад, ӯ динро таҳқир мекунад ва дар ҷомеа маҳкум мешавад.

Бо мисолҳои комилан бебунёд дар бораи дин ва оилаи мусулмон доварӣ набояд кард. Агар инсон ба ислом ин тавр баҳо диҳад, пас маълум мешавад, ки ӯ дар бораи ислом маълумот надорад. Ӯ метавонад дар хулосаҳои худ ба иштибоҳ роҳ диҳад. Барои идроки меъёрҳои динӣ бояд онҳоро бодиққат омӯхт, набояд мулоҳизоти худро ба хулосаҳои рӯякӣ асоснок намуд.

Равандҳои ҷаҳони муосир, аз қабили мураккабшавии рӯзафзуни муносибатҳои истеҳсолӣ, ҷаҳонишавии иқтисодиёт, шаҳрнишинӣ ва ғайра муносибатҳои ҷамъиятиро ба таври назаррас тағйир доданд. Аҳолии бисьёр мамлакатҳои ҷаҳон бештар ҳаракаткунанда гардид. Озодии шахс ва махсусан озодии занон як падидаи маъмулӣ гаштааст.

Муҳаққиқи равоншинос И.С. Кон ин тамоюлҳои ҷаҳониро ҳамчун афзоиши арзиши фардият баррасӣ намудааст. Агар чунин падидаҳо аз нигоҳи равоншиносӣ мавриди баррасӣ қарор дода шаванд, пас афзоиши мухторияти шахсияти инсон ва худшиносии ӯро қайд кардан зарур аст. Аммо барои муносибатҳои оилавӣ ин на ҳамеша падидаи мусбат аст, ки танҳо ҳамчун «хуб» ё «бад» арзёбӣ мешавад. Замони муосир имкони ҳаллу фасли баъзе масъалаҳоро фароҳам оварда бошад ҳам, вале проблемаҳои дигар ҷойи онҳоро гирифтанд [141,с.560].

Дар ислом оила ва муносибатҳои оилавӣ як низоми ҳаматарафа андешидашуда ва як механизми танзиимгардида аст. Тамоми талаботе, ки дар китобҳои динӣ омадааст, бешубҳа асоси илоҳӣ доранд, ки дурустии онро таҷрибаи чандинасра собит кардааст. Аз ин рӯ, онҳо ба сабаби мубрамии худ ҳатто дар шароити муосир аз аҳамият бархӯрдоранд. Он аз далелҳои зеринро дар назар дорад:

- сарчашмаи қоидаву меъёрҳои оилавӣ Қуръони карим, ҳадисҳои Паёмбар(с) аст. Муҳаммад (с) ба оила, издивоҷ ва муносибатҳои оилавӣ аҳамияти махсус додааст. Бо вуҷуди мавҷудияти бисёрзанӣ бисёр кӯшиш мекард, ки оилаи мусулмон мустаҳкаму одилона бошад. Дар он замон мард наметавонист бештар аз 4 завҷа дошта бошад, ки бояд онҳоро нигоҳдорӣ кунад ва табъиз дар байни онҳо вуҷуд надошта бошад;

- дастуроти шаръии танзими муносибатҳои оилавӣ ва ақди никоҳ камбудие надоранд. Аз ҳама мусулмонон талаб карда мешавад, ки онҳоро новобаста аз он ки дар замони мушаххас дар куҷо ҳастанд, иҷро кунанд. Агар касе онҳоро нодида гирад ё беэътиноӣ кунад, ин гуноҳест, ки ҳатман аз ҷониби Худо ҷазо дода мешавад. Далели қисман иҷро шудани аҳкоми динӣ низ гуноҳ аст.

Оилаи мусулмон як падидаи беназир аст. Он ба хотири Худованди Мутаъол бунёд мешавад, ки ба меҳрубонии ӯ роҳнамоӣ гардида ва ба иродаи ӯ итоат

мекунад. Никоҳ ворид шудан ба муносибатҳои байни марду занро дар бар мегирад. Дар Қуръони карим чунин суханон оварда шудааст: “*Эй мардум! Дар назди Худо шумо бояд барои худ ва наздиконатон масъул бошед. Шумо ҳама аз як шахсе пайдо шудаед, ки Худо аввал аз ӯ занеро офаридааст, ки зани марди аввал шуд ва баъд онҳо дигар одамонро ба дунё оварданд. Аз ин рӯ, шумо бояд аз рӯйи фармудаҳои Худованди Мутаъол ҳидоят кунед ва бо мардумон тавре рафтор кунед, ки Худованд ба шумо фармудааст. Агар ин амрҳо вайрон карда шаванд, гуноҳи бузург хоҳад буд”*.

Муҳаммад (с) ба мо нишон додааст, ки дар байни ҳамаи инсонҳо шабоҳатҳои зиёд вуҷуд доранд, аз ҷумла монандиҳои мард ва зан. Паёмбар (с) дар ин бора чунин гуфтааст: «Ба марду зан нигаред. Инҳо фарзандони дугониканд." Худо одамонро бесабаб ба ду ҷинс ҷудо накардааст. Аз ин рӯ, ба ҳам майлу рағбат доштани ҳар ду ҷинс амри тасодуф нест. Ин вобастагӣ ба инсонҳо имкон медиҳад, ки насли худро идома диҳанд ва инкишофи худро қатъ накунанд[105,с.20-26].

Ишқро ҳам Худо офаридааст. Дар ин бора дар Қуръони карим гуфта шудааст. Ишқ ҷуфти зану шавҳарро ба вуҷуд оварда, барои идома ёфтани насли инсон шароит фароҳам меорад. Аз ҷумла, дар Қуръони карим чунин андешаро пайдо мекунем: *«Худованд занро барои мард, ҳамсаре офарид, ки дар муҳити худ ӯро пайдо мекунед. Ӯ тасаллибахш ва муҳаббати шумо хоҳад буд. Аз ин рӯ, ин нишонаи илоҳӣ аст, ки бояд риоя шавад»*.

Дини ислом аз замонҳои қадим ба мардум илқо намудааст, ки танҳо никоҳ ва оила сарчашмаи муҳаббат ва ҳамдигарфаҳмӣ мебошанд. Меъёрҳои динӣ робитаи бодиққати мардонро нисбат ба завҷаҳои худ ташвиқ мекарданд. Дар ин бора дар Қуръони карим омадааст: *«Шумо бояд бо занҳои худ дар тавофуқ зиндагӣ кунед. Агар ин қоидаро риоя накунед, манбаи ишқ ва лаззатеро, ки Худо ба шумо додааст, аз даст медиҳед»*. Паёмбар (с) таъкид кардааст, ки оила барои инсон аҳамияти бузург дорад: «Беҳтарини шумо касест, ки дар муносибатҳои оилавӣ намуна бошад, ҳамон тавре ки ман ҳастам» [28,с.467].

Тайи сад соли охир бисёре аз муҳаққиқони дунявӣ ва динӣ борҳо ба мавзуи оилаи мусулмон рӯ оварда, таълимот оид ба оила муносибатҳои оилавиро

инкишоф додаанд. Имрӯз ин самт барои исломшиносӣ ва диншиносӣ мубрам мебошад. Шубҳае нест, ки ҳар он чи дар боло навишта шуд, имрӯз барои мусулмонони Тоҷикистон аз аҳамияти назаррас бархӯрдор аст [403,с.277-284].

Тибқи меъёрҳои исломӣ барои зану марди бо никоҳ издивоҷкарда асоси оилаи хушбахт муносибатҳои некуст, ки онро бояд тамоми аъзои оила дастгирӣ намоянд. Дар баробари ин дини ислом мардумро ба корҳои хайр дар ҳолатҳои гуногун даъват мекунад. Аммо, ин таълимот нишон медиҳад, ки асоси тамоми росткорӣ ҳамеша муносибатҳои неки байни ҳамсарон аст, ки дар эҳтироми байниҳамдигарӣ ва самимият зоҳир мешавад. Мард ва зан набояд сухани зиштро ба забон оваранд ва коре кунанд, ки боиси ранҷиши якдигар гардад. Қуръони карим дар ин бора мегӯяд: «*Бо зану шавҳари худ ба таври шоиста зиндагӣ кунед. Агар дар онҳо кадом чизи номақбул бошад, ба он бо мулоимат муносибат намоед, зеро чизе, ки дар он Худо ин қадар хайри беадад гузоштааст, наметавонад нохушоянд бошад».*

Беҳуда нест, ки яке аз нишонаҳои имони мусалмонон ба Худо ин равобити хуби хонаводагӣ аст. Паёмбар (с) дар ҳадисҳои худ ба мо нишон медиҳад, ки марди ҳақиқӣ ҳамон аст, ки бо завҷааш рафтори нек мекунад. Абуҳурайра ин суханони Паёмбарро (с) ба мо расондааст: «Имон дар касоне, ки бо рафтори некашон машҳуртаранд, қавитар ва комилтар аст ва беҳтарини шумо касест, ки бо ҳамсарони худ равобити нек дорад».

Муҳаммад (с) бо зиндагиии худ он далелро исбот кардааст, ки бо риояи меъёрҳои дини ислом метавон дар назари мардум ба таври қобили мулоҳиза боло рафта, барои онҳо намунаи ибрат шуд. Дар ин бобат татбиқи принсипҳои ахлоқи исломӣ нисбат ба зану фарзандон нақши бузург дорад. Ҳазрати Оиша, ҳамсари Паёмбар (с) фармудаанд: «Беҳтарини беҳтаринҳо касоне ҳастанд, ки ҳамеша ба зану фарзандони худ нек рафтор мекунанд ва бо онҳо беҳтар аз дигарон муносибат мекунанд».

Ҳангоми омӯхтани навиштаҳои муқаддас ва гуфтаҳои фақеҳони бузург ба мо равшан мегардад, ки рафтори савоб ҳатман бо муносибати некбинона нисбат ба одамони дигар, пеш аз ҳама ба занон, пиронсолон ва кӯдакон алоқаманд аст. Ин на

танҳо панду андарз, балки талаботи ҳатмӣ барои мард ва шарти муҳими муносибатҳои оилавӣ мебошад [325,с.34-46].

Бо баррасии рафтори кунунии мардон, муносибати онҳо ба занон ва ҳаёти оилавӣ, бо таассуф қайд мекунем, ки на ҳама мардон қоидаҳои рафтори мусулмонро риоя мекунанд. Мардон баъзан нисбат ба занон дағалона рафтор мекунанд ва онҳоро таҳқир мекунанд. Аз нигоҳи ислом ин кори гуноҳ аст. Бархе аз афроди каммаърифат дағалии худро нисбат ба занон бо он шарҳ медиҳанд, ки гӯё чунин бартарии онҳо дар Қуръони карим сабт шуда бошад. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ин гуна афрод исломро намедонанд ва ин таълимотро донистан ҳам намехоҳанд.

Худованди Бузург изҳор менамояд ки насли башар муҳтарам аст. Аз ин рӯ, муносибати эҳтиромона нисбат ба дигарон як меъёри муҳими дин ва арзиши асосии ислом аст. Ҳар як мусулмон бояд чунин меъёру қоидаҳоро риоя кунад ва саъй намояд, ки дастуроти Паёмбарро (с) риоя кунад. Дар баробари ин, меъёрҳои зикршуда бояд дар ҳар ҷое, ки мусулмон бошад, пурра риоя карда шавад. Охир худи Худованд гуфтааст: «Мо фарзандони Одамро эҳтиром мекунем».

Эҳтиром кардани инсони дигар хоси табиати инсонист. Барои ҳамин ҳам Худованд фармудааст, ки инсонро аз дигар мавчудоти зинда бартар донанд. Аз ин рӯ, ҳамаи мо бояд одамонро ҳифз кунем ва шаъну шарафи онҳоро эҳтиром кунем.

Дар бораи бартарии мард дар оила бар зан дар китоби муқаддаси Қуръони карим омадааст: «Мард бар зан на танҳо бартарӣ дорад, балки парастор ва ҳомии ӯст. Худованд ин имтиёзро барои он додааст, ки мардон молу мулки худро барои занон харҷ мекунанд».

Аз ин суханон равшан мешавад, ки Худованд медонад, ки мард барои сарвари оила шудан имконоти бештар дорад. Аммо имкониятхое, ки аз тарафи Худои Таъоло дода шудаанд, масъулияти баландро низ талаб мекунанд. Мард бояд амният ва осудагии оиларо таъмин намояд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки масъулиятҳои оилавӣ дар оила табиатан тақсим мешаванд. Агар ин шарт риоя нашавад, оила вайрон мешавад.

Оила як ниҳоди махсуси иҷтимоӣ аст. Аз ин рӯ, ба он ҷомеа таъсир мерасонад, зери таъсири омилҳои берунӣ ва дохилӣ тағйир меёбад. Агар дар ҷомеа дигаргунӣ ба амал ояд, муносибатҳои оилавӣ хам тағйир меёбанд. Барои дарки тамоюлоти рушди оилаи муосир, арзёбии иқтидор ва самтҳои такмили он зарур аст, ки дигаргуниҳое, ки дар ҷомеа дар гузашта ва оғози асри мазкур ба амал омадаанд, бодиққат омӯхта шаванд. Дар баробари ин мо наметавонем аз он далеле, ки оила таҳаввул меёбад, сарфи назар кунем. Дар ин маврид тағйирот мувофиқи қонунҳои дохилии инкишофи муносибатҳои оилавӣ ба амал меояд [141,с.560].

Дар ниҳоди оила дигаргуниҳои бунёдӣ дар нимаи дуюми асри XX ба амал омаданд. Бисёре аз олимон ба он андеша ба мувофиқа расиданд, ки чунин тағйирот аз зуҳуроти буҳронӣ иборатанд. Анъанаи якумрӣ оила барпо кардан аз байн рафт. Шумораи талоқҳо ва ҷудошавии ҳамсарон афзоиш ёфт. Мардум аз қолабҳои анъанавии тарбияи кӯдакон даст кашидаанд. Шумораи оилаҳои нопурра афзуд ва шумораи кӯдакони ғайриникоҳ таваллудшуда ва исқоти ҷанин зиёд шуд [30,с.448].

Саволе ба миён меояд, ки оё ин буҳрон тамоми муносибатҳои оилавиро фаро мегирад ё танҳо шаклҳои муайяни онҳоро?

Барои посух додан ба ин савол мо бояд тамоюлҳои асосии рушди оилаи мусулмониро дар марҳилаи ҳозира баррасӣ кунем.

Дар замони ҳозира дини ислом дастгирии оиларо идома дода, онро яке аз унсурҳои асосии ҷомеа, сарчашмаи идомаи насли башар эълон кардааст. Оила иттиҳоди никоҳии зану мард аст. Ба дини ислом хос аст, ки никоҳро амали парастиши Худованди Мутаъол, як фазилати хоса медонад. Агар никоҳ вайрон шавад, ин гуна рафтор аз ҷониби ҷомеа пазируфта намешавад. Барои дохил шудан ба ақди никоҳ розигии ду тарафи болиғ, мард ва зан лозим аст. Дар ин ҳолат, ду шоҳид бояд довталабона будани издивоҷро тасдиқ намоянд. Ақди никоҳ набояд пинҳонӣ сурат гирад. Ин расмиёт ошкоро бо эълони он дар маҳаллае, ки ҳамсарони ояндa зиндагӣ мекунанд, ҷараён мегирад [300,с.281-289].

Тибқи анъана сарвари оила мард аст. Худованд ба мард неъматҳо ато кард ва ӯро мураббии завҷааш ва раҳбари тамоми корҳои хона гардонид. Мард бояд пайгирӣ кунад, ки ҳама чиз дар оила дуруст ташкил карда шавад. Ислом ба зан

дастур додааст, ки ӯ бояд ба шавҳараш итоат кунад ва ба дастуроти ӯ амал кунад, ҳамон гуна, ки фарзандон ба дастури волидайн итоат мекунанд.

Қоидаҳои ислом унсурҳои алоҳидаи инзивои занро дар шакли тарзи махсуси пӯшонидани хона ва пӯшиши маросимӣ пешбинӣ мекунанд. Ин барои ҳадди аксар истисно намудани муносибатҳои бадахлоқона дар оила ва пешгирии фасодкории ҷинсӣ зарур аст.

Дар байни тамоми халқҳои Осиёи Марказӣ расми додани қалин маъмул буда, хароҷоти омодагӣ ба ҷашни арӯсӣ бар души ҳар ду хонавода буд [224,с.13-16].

Дар ислом маҷмӯи қонунҳое, ки мусулмон бояд риоя кунад, шариат номида мешавад ва муқаррароти он ҳаёти инсонро аз таваллуд то дами марг танзим мекунад. Дар шариат лаҳзаҳоеро пайдо кардан мумкин аст, ки ҳамчун муносибати нобаробар нисбат ба зан шарҳу тафсир мешавад. Масалан, ҳангоми тақсими мерос саҳми мард ба саҳми ду зан баробар аст. Дар додгоҳ бояд сухани ду нафар зан дар баробари сухани як нафар мард оварда шавад.

Дар Шарқ одат шудааст, ки мақоми занро аз рӯйи сатҳи некӯаҳволии оила, ҳамсар ва волидонаш арзёбӣ кунанд. Вазифаи асосии оилаи зани шавҳардор пешбурди корҳои рӯзгор, кӯмак ба пиронсолони оила ва тарбияи фарзандон мебошад. Чун анъана, оилаҳои мусулмон серфарзанд мебошанд.

Исломи муосир мекӯшад, ки нуфузи худро ба занон паҳн кунад. Барои дар доираи шариат нигоҳ доштани онҳо иштироки занонро дар ҳаёти ҷамъиятӣ то андозае таҷдиди назар намуда, ба онҳо дар таҳсил, тиҷорат ва дигар соҳаҳои фаъолият ҳуқуқҳои бештар медиҳад.

Имрӯз механизмҳои этникии танзими оила бо дин робитаи зич доранд. Аксар вақт чунин робита марзҳои возеҳ надорад. Барои баъзе халқҳо, ҷиҳатҳои хонаводагию маишии зиндагӣ на танҳо риояи дастуроти дини ислом, балки риояи урфу одатҳои маҳаллиро низ тақозо мекунад, ки дар байни мардум аз замонҳои қадим, давраҳои падарсолорӣ мерос мондааст.

Ислом талоқро иҷозат додааст. Аммо ин амал гуноҳ дониста мешавад, зеро Қуръони карим мустақиман нишон медиҳад, ки издивоҷ амали савоб аст.

Мард дар зиндагӣ хушбахт мешавад, ки агар ҳамсараш муъмину солеҳа, хоксор ва ғамхор бошад. Дар ин маврид мард оромии худро пайдо мекунад ва дар мавриди нобарорӣ метавонад аз кумаки ҳамсараш истифода кунад.

Дар ислом зан метавонад шавҳари худро интихоб кунад. Аз ин тараф барояш ҳеҷ монеае нахоҳад буд. Дин иҷозат намедиҳад, ки зан маҷбуран ба шавҳар дода шавад. Бо вуҷуди ин, зан бояд ба андешаҳои волидон ва аъзои калонсоли оила гӯш фаро диҳад.

Мардуми тоҷик ҳангоми интихоби арӯс ё домод пеш аз ҳама ба хислат ва тарзи зиндагии онҳо баҳо медиҳанд. Калонсолон дар оила барои интихоби бошуурона ба бунёди оилаи солим ва мустаҳкам мусоидат мекунад, ки метавонад барои дигарон намуна гардад.

Ҳангоми тарбияи фарзанд ҳарду ҳамсар бояд ба фарзандон эҳтиром гузоштан ба падару модар, пиронсолон, донистани анъанаҳо, расму оин, меъёрҳои рафторро омӯзонанд.

Фарзандон бояд падару модари худро эҳтиром кунанд: «Худованд ба шумо мегӯяд, ки танҳо Ӯро бипарастед ва падару модари худро эҳтиром кунед. Вақте ки волидон пир мешаванд, набояд ба онҳо суханони бад бигӯед ё ба сари онҳо дод занед. Ба пиронсолон бо эҳтиром ва тавозуъ муносибат кунед, зеро онҳо шуморо тарбия кардаанд ва ғизо додаанд» [283,с.81-89].

Дар ислом ба модар эҳтироми хоса дода мешавад. Паёмбар (с) фармудаанд: «Биҳишт дар зери пойи модарон аст».

Аз гуфтаҳои боло маълум мешавад, ки оилаи мусулмон танҳо дар асоси ризоияти байни зану мард ташкил мешавад. Аз бисёр ҷиҳат мустаҳкамии робитаҳои оилавӣ ба муҳаббати байни ҳамсарон ва имон ба Худо вобаста аст.

Шубҳае нест, ки сарвати асосии ҳар як оила фарзандон мебошанд, ки бояд онҳоро боинсоф ва бомаърифат тарбия кунанд. Танҳо дар ин сурат метавон дар пиронсолӣ ба кумаки онҳо такя кард. Барои ин гуна тарбия кардани фарзандон, кумак кардан лозим аст, ки онҳо шахсият шаванд ва бо хислатҳои нек муҷаҳҳаз шаванд.

Дар оилае, ки ба эътиқоду имони қавӣ дорад ва аҳкоми давлату ҷомеаро риоя мекунад, волидайн хуб дарк мекунанд, ки чи гуна масъулиятеро дар тарбияи фарзанд ба уҳда доранд ва ба масъалаи тарбияи фарзанд бо тамоми ҷиддият муносибат кардан то чи андоза муҳим аст. Кӯдакон ба воя расида, кирдорҳои нек ва бад мекунанд. Аз ин рӯ, барои он ки волидонро нороҳат накунанд, ба тарбияи фарзандон аз лаҳзаи таваллуд иқдом кардан лозим аст [209,с.175-179].

Кӯдак дар раванди ба воя расидан, аз таваҷҷуҳи ҳар чи бештари ҳарду волидон эҳтиёҷманд аст. Дар тарбияи кӯдакон муҳим аст, ки вақт аз даст наравад, замонеро ки дар онҳо хислатҳои муайян, арзишҳо ва муносибатҳои ҳаётро ташаккул додан лозим аст.

Дар ҷаҳони муосир падидаҳои манфӣ хеле зиёд аст. Инсон доимо ба ҳамлаҳои иттилоотӣ дар бораи амалҳои зӯроварӣ, садамаҳо ва бадбахтиҳо дучор мешавад. Муҳим он аст, ки кӯдак аз ин ҳама муҳофизат карда шавад. Ин вазифаро бо тарбияи ахлоқи нек ва имон ба Худои ягона иҷро намудан зарур аст. Дин кӯмак мекунад, ки дар фарзандон боинсофию ҳалолкорӣ ҳифз гардида, онҳо аз одатҳои зараровар ва рафтори ношоиста барҳазар дошта шаванд. Аз ин рӯ, муҳаббат ба Ватан, парваридани меҳру муҳаббат ба падару модар ва арзишҳои оилавӣ метавонад фарзандонро ба роҳи дуруст ҳидоят кунад, онҳоро ҳамчун инсонҳои арзанда ва обрӯманди ҷомеа ба воя расонад.

Сохтор ва мазмуни оилаи муосирро мавриди таҳқиқ қарор дода, мо чунин мешуморем, ки онро бо ҷудо кардани ду гурӯҳ ихтисос додан лозим аст. Якум, инҳо оилаҳои анъанавӣ мебошанд. Гурӯҳи дуюм аз оилахои замонавӣ иборат аст. Агар ин ду гурӯҳро муқоиса кунем, тафовути онҳо назаррас аст.

Оилаҳои анъанавӣ, ки замина бар арзишҳои миллӣ доранд, бо ахлоқи ҳамида тавсиф шуда, дар асоси ризоияти зану мард ба вуҷуд меояд. Аксар вақт чунин оилаҳо серфарзанд буда, онҳо ҳамроҳ бо волидони ҳамсар зиндагӣ мекунанд. Кӯдакони калонсол низ бо волидонашон дар оила мемонанд, то дар пирӣ ба онҳо кумак кунанд.

Бояд он далелро қайд кард, ки дар оилаҳои анъанавӣ зиддиятҳои муайян мавҷуданд. Масалан, дар муносибатҳои оилавӣ эътибори мард инкорнопазир аст.

Илова бар ин, мо қайд мекунем, ки хурдсолони оила бояд ҳамеша ба калонсолон итоат кунанд. Чунин шаклҳои муносибатҳо бояд падарсолорӣ тасниф карда шаванд [306,с.238-244].

Тибқи арзишҳои миллии мо гиромитарин инсон шахси солхӯрда аст. Масалан, агар одами калонсол ба хона ворид шавад аз ҷо хестан маъмул аст. Ҳамчунин бояд ба пиронсолон диққати махсус зоҳир карда шуда, дар ҳузури онҳо набояд тамоку кашид.

Ба оилаҳои муосири Тоҷикистон озодии интихоб хос аст, ки рафтори ҷавононро муайян мекунад. Ҷавонон ба ақидаи калонсолон эҳтиром мегузоранд, аммо ҳамеша тасмими ниҳоӣ бо худи онҳост, яъне сухани охиринро худашон мегӯянд.

Ҳангоми баррасии оилаҳои анъанавӣ метавон мушоҳида кард, ки арзишҳои зиндагии аъзои он бо арзишҳои миллӣ иртибот доранд ва маънои зиндагӣ дар риояи меъёрҳо ва дастуроти арзишҳои миллӣ ва анъанаҳои чандинасраи мардум аст. Ба чунин оилаҳо мавҷуд набудани низоъҳои асосдошта дар тафовутҳои арзишӣ хос мебошанд. Аз ин рӯ, дар оилаи анъанавӣ ҷудошавии оилаҳо хеле кам аст.

Дар байни арзишҳои оилавӣ дар байни мардуми тоҷик эҳтироми бузургсолон ва тарбияи фарзанд дар мақоми аввал қарор доранд. Агар оила ин принсипҳоро ба роҳбарӣ гирад, ба дигарон ибрат нишон медиҳад. Дар ҳаёти ҳаррӯзаи чунин ҳамсарон хонавода ҳамеша босафо, бароҳат ва ором аст.

Дар ҷомеаи муосир имрӯз бо ҳам омехташавии назарраси шаклҳои гуногуни муносибатҳо, дин, сиёсат, фалсафа ва иқтисодиёт вуҷуд дорад.

Дар ҷаҳони муосир меъёрҳои як фарҳангро барои фарҳангҳои дигар аҳком ҳисобидан мумкин нест. Бо вуҷуди ин, бояд донист, ки сатҳи таҳаммулпазирии халқҳои гуногун нисбат ба дин, амсилаҳои робитаҳо, оила ва дигар ақидаҳо метавонанд ба таври назаррас тафовут дошта бошад

Дар ҷаҳони муосир оилаи мусулмон аломатҳои баробарҳуқуқӣ пайдо мекунад. Дар сурати зарурати қабули қарор фикру ақидаи ҳамаи аъзои оила ба назар гирифта мешавад. Ин оилаи муосирро аз оилаи анъанавӣ мутафовит месозад, ки дар он

танҳо калонсолон ҳуқуқи тасмимгирӣ доранд. Ҷавонони Тоҷикистон арзишҳои дигаре доранд,  танҳо бо ислом маҳдуд намешаванд. Афзалиятҳои онҳо дар соҳаи таҳсилот, фарҳанг, масъалаҳои иқтисодӣ, истироҳат ва ғайра фарқ мекунанд. Ҷавononе, ки пайрави дини ислом  ҳастанд, бештар ба интихоби лаззатҳои ҷисмонӣ майл доранд, ки хоси насли калонсол нест. Мақулаҳои аз ҳама ҷолиби диққат барои чавонон ишқу муҳаббат, хушбахтии шахсӣ ва некуаҳволии моддӣ мебошанд [257,с.182-187].

Агар масъалаи оила ба таври умум баррасӣ гардад, дар муносибатҳои оилавии муосир тамоюли дур шудан аз ормоне, ки тавассути дину  анъанаҳои халқи тоҷик ба вуҷуд оварда шудааст, баръало мушоҳида мешавад. Ба андозаи бештар, оилаи муосирро метавон анъанавӣ номид, ки танҳо ба аломатҳои берунӣ, на ба муҳтавои дохилӣ такя мекунад.

Муҳимтар аз ҳама, яке аз вазифаҳои асосии оилаи муосир бояд интиқоли таҷрибаи наслҳои калонсол ба ҷавонон  зарур дониста шавад. Интиқоли таҷриба ва арзишҳои миллӣ тавассути татбиқи меъёрҳои арзишӣ сурат мегирад. Вале вақт ба мо нишон дод, ки дар шароити кунунӣ ин вазифа дар амал торафт камтар татбиқ карда мешавад.

**Хулосаи боби 3**

1. Дар ҷамъбасти гуфтаҳои боло бояд иброз доштт, ки Тоҷикистони муосир давраи афзояндаи нуфузи арзишҳои миллиро сипарӣ мекунад, ки яке аз унсурҳои сиёсати давлатӣ оид ба эҳёи мероси маънавию фарҳангии халқҳои Тоҷикистон мебошад, зеро таҳкими омили арзишҳои миллӣ яке аз ҷанбаҳои муҳими ваҳдати мардуми тоҷик ва рушди устувори кишвар эътироф шудааст. Дар Тоҷикистон аҳолӣ дунявият ва аз арзишҳои миллӣ бархӯрдор буда, давлат барои рушди фарҳанги миллӣ, аз ҷумла ҳуввият ва арзишҳои миллӣ кӯшиш  менамояд. Ба риояи таҳаммулпазирӣ, ки хоси намояндагони мазҳаби ҳанафӣ аст, таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда, фазои ризоияти байни миллатҳо ва рушди фарҳангҳои миллии ҳамаи халқҳои сокини Тоҷикистон ба таври қатъӣ нигоҳ дошта мешавад.

Ба барномаҳои таҳсилотии муассисаҳои таълимии низоми таҳсилоти давлатӣ ворид карда шудани фанни таълимии «Диншиносӣ», ки дорои самти барҷастаи иттилоотию маърифатӣ мебошад, яке аз намунаҳои сиёсати хирадмандонаи Ҳукумати Тоҷикистон дар масъалаҳои фарҳангу дин аст.

Ҷавонон ҳангоми омӯзиши ин фан бо асосҳои бузургтарин динҳои ҷаҳон, аз ҷумла ислом, сиришт  ва моҳияти эътиқодоти динӣ ошно мешаванд. Ҷанбаҳои мусбати эътиқод, бешубҳа, қайд гардида, ба сулҳпарварӣ, таҳаммулпазирӣ ва зарурати роҳандозии муколамаи дӯстона ва осоиштаи фарҳангҳои динӣ ва дунявӣ таъкид шудааст. Тамоми фаъолияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати ҷумҳурӣ ба бунёди давлати босубот, демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ нигаронида шудааст.

2. Таҳқиқи  хулосабарориҳои олимони дар боло зикршуда моро ба натиҷае меоранд, ки дар ҷараёни таълим  таъкид кардани ташаккули назари мусбат, ақидаи мусбат нисбат ба арзиши ахлоқии меҳнат аз аҳамияти аввалиндараҷа бархӯрдор аст. Дар ин масир бояд марҳилаҳои зеринро тай намуд:

- огоҳии ибтидоӣ, равишҳои умумӣ нисбат ба дарки маълумот оид ба ҷанбаҳои ахлоқӣ ва этикии фаъолияти меҳнатӣ. Он арзёбии устувор ё муносибати мушаххасро дар назар надорад;

- таҷрибаи шахсӣ ҳамчун вокуниш ба иттилоот  дар бораи арзиши ахлоқии меҳнат, ки бо самти ҳаётии худ алоқаманд аст, пешбинии имкони робитаи рушди минбаъда бо он;

- муносибати аз лиҳози инфиродӣ  аҳамиятнок ва шахсӣ нисбат ба мафҳуми арзиши маънавии меҳнат ташаккулёфта.

Ба омӯзгорон маълум аст, ки иттилооти ба соҳаи отифавӣ таъсиррасонандаи иртиботдошта бо дарки субъективии ҷаҳони атроф ва унсурҳои он  аҳамияти инфиродӣ пайдо мекунад. Ба сабаби синну сол ва таҷрибаи нокифояи ҳаётӣ, барои ҷавон метавонад вақти зиёд лозим шавад, то арзиши ахлоқии меҳнатро дар сатҳи отифавӣ дарк намояд. Ба донишомӯзон фароҳамоварии имконот, бешубҳа, судманд аст, то ки маводи омӯхташавандаро бо вазъияти ҳаётии худ алоқаманд созанд.

Натиҷаи ин марҳила бояд кори минбаъдаи донишомӯз дар пешгӯии рушди худ дар самти азхудкунии фаъолонаи арзишҳои ахлоқӣ, аз ҷумла онҳое бошад, ки бевосита бо меҳнат алоқамандӣ доранд. Донишомӯзи синфхои болоӣ бошуурона худро ҳамчун шахси аз ҷиҳати ахлоқӣ комилхуқуқе нишон медиҳад, ки арзиши асосии меҳнатро барои ҷомеа ва инсон эътироф ва тарғиб мекунад.

Дар таҳқиқоти мазкур ҷиҳатҳои гуногуни арзиши ахлоқии меҳнат муайян, ҷамъбаст ва таҳлил карда шудаанд. Ҳамаи онҳо, бешубҳа, дар алоҳидагӣ аҳамияти калон доранд, вале танҳо дар ҳамгироии зич онҳо заминаи муносибати асосиро ба методикаи тарбияи донишҷӯёну хонандагони муассисаҳои таълимӣ дар бораи робитаи онҳо ба меҳнат ҳамчун арзиши ахлоқӣ дар доираи таълими фанҳои ҷамъиятию гуманитарӣ ташкил медиҳанд.

3. Мо дар боло масъалаи муносибати оилаи муосирро ба ниҳодҳои мушаххаси иҷтимоӣ мавриди баррасӣ қарор додем. Оила дар ҷомеа мавқеи муайянеро ишғол мекунад ва бо ёрии он инсон имконият пайдо мекунад эҳтиёҷоти худро ба риояи арзиш, суннат ва анъанаҳои миллӣ, ки бо меъёрҳои он то ин ё он дараҷа қаблан шинос буд, дарк намояд.

Оилаи муосир дорои сохтори махсус буда, вазифаҳои муайянро иҷро мекунад. Чунин оилаҳо дар ҳаёти ҳаррӯза ва ҷомеа арзишҳо, самтҳо ва меъёрҳои рафтори мушаххас доранд.

Дараҷаи арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ аз ҷониби оила ба бисёр омилҳо вобаста аст. Онро танҳо аз рӯйи муносибати зану мард ба арзишҳои миллӣ ва риояи расму оин ва анъанаҳои миллӣ қазоват кардан мумкин нест. Посдории арзишҳои миллӣ, инчунин бояд аз рӯйи ташкили оила, муносибат ба пиронсолон, кӯдакон, тарзи муошират ва дигар далелхо муайян карда шавад.

Иҷтимоисозии инсон аз оила оғоз мегардад. Дар оила ҷавонон қоидаҳои муайяни муошират ва ҳамкориро меомӯзанд.

Оилаҳои анъанавии муосир танҳо зоҳиран падарсолорона ба назар мерасанд. Дар онҳо ҳамон равандҳое ба амал меоянд, ки дар оилаҳои ғайрианъанавӣ мегузаранд. Аммо худи аъзои ин гуна оилаҳо чунин дигаргуниҳоро пурра дарк карда наметавонанд.

Фурӯпошии ҷомеа аз мушкилоти ҳалнашуда дар оила оғоз мешавад. Аз ин рӯ, равандҳое, ки дар оила рух медиҳанд, метавонанд ба ҳолати тамоми давлат таъсир расонанд. Дар мисоли оила метавон оид ба дараҷаи ахлоқ ва фарҳанги маънавии кишвар хулоса баровард. Оё вақти он нарасидааст, ки дар бораи бознигарӣ намудани арзишҳои ташкилкунандаи асоси ҳаёти инсон ҷиддан андеша кунем? Зеро наҷоти башарият аз бемаърифатӣ танҳо бо эҳёи арзишҳои миллӣ, хосатан арзишҳои оилавӣ, имконпазир аст.

# БОБИ 4. НАҚШИ АНДЕШАҲОИ ПЕДАГОГИИ НИЁГОН ДАР ТАШАККУЛИ АРЗИШҲОИ МИЛЛИЮ ИНСОНИИ НАСЛИ НАВРАСУ ҶАВОН

## 4.1. Ҳамгироии арзишҳои афкори педагогии ниёгон дар ташаккули ахлоқи насли наврасу ҷавонон

Педагогикаи этникӣ ҷузъи муҳими педагогикаи умумӣ буда, ба ташаккул ва рушди сифатҳои ахлоқии насли наврас таъсири калон мерасонад. Ин сифати педагогикаи этникӣ бо он шарҳ дода мешавад, ки асоси онро хиради халқ, таҷрибаи дар тули садсолаҳо андухташудаи таълиму тарбияи фарзандон, яъне орзую ормонҳоеро ташкил медиҳад, ки барои мардум бештар аҳаммият дорад. Ғояҳои педагогикаи этникӣ дар шуури мардум ҳамовозии мусбат пайдо мекунанд. Аз ин рӯ, инсонҳо саъй мекунанд, ки аз имкониятҳои он на танҳо ба мақсади таълиму тарбия истифода намоянд, балки тарзи ҳаёти худро аз  дидгоҳи педагогикаи этникӣ танзим карда, ба рафтору кирдор ва ахлоқи худ баҳо диҳанд.

Педагогикаи этникӣ боз як вижагии муҳим дорад. Зеро он таҷрибаи мутафаккирони қадим, олимони асримиёнагӣ, муҳаққиқони муосирро азхуд намуда, онро дубора кор карда, бо назардошти ормон ва орзуҳои мардум ҷамъбаст кардааст. Мутахассисони аз ғояҳои он истифодабаранда имконият пайдо мекунанд, ки ба раванди тарбияи ҷавонон, дар асоси педагогикаи этникӣ назарияҳои педагогӣ ва амсилаҳои тарбияро бо назардошти дигаргуниҳои имрӯза дар ҷомеа коркард намоянд [27,с.130-144].

Вижагиҳои педагогикаи этникиро мавриди баррасӣ қарор дода, бояд қайд кард, ки он дар раванди инкишофи худ бештар ба педагогикаи халқӣ такя карда ҳадаф, вазифа ва мазмуни яксон дорад. Аммо наметавон гуфт, ки педагогикаи этникӣ ва халқӣ ҳар ду  як чиз аст.

Дар педагогикаи этникӣ унсури тарбиявӣ фаъолона инкишоф ёфта, ба ташаккули эҳсоси худшиносии инсон таъсир мерасонад. Академик М.Шакурӣ дар асарҳои худ чунин ақидаро баён мекунад, ки дар тамоми равандҳои шахсию

иҷтимоӣ “ба назар гирифтани сатҳи худшиносии миллӣ ва омилҳои маънавию равонӣ” зарур аст [191,с.20].

Насли наврас бояд ба таърихи миллати худ таваҷҷуҳ дошта бошад, вижагиҳои онро дар рушди таърихӣ, хусусиятҳои хоси тафаккур, анъана, маросимҳо, расму оинҳо, хислатҳои миллӣ омӯзад.

Вижагиҳои миллат ва меъёрҳои пешниҳодкардаи педагогикаи этникиро ба асос гирифта, самтҳои рушди ҷавонони муосирро муайян кардан зарур аст.

Ҳар як миллат дар муҳити муайяне ташаккул ва инкишоф меёбад, ки руҳияи халқ, таҳаввули таърихии онро ифода мекунад. Имрӯз беш аз пеш масъалаҳои эҳёи миллӣ мубрамӣ пайдо кардаанд. Ин равандро метавон тавассути муоширати омӯзгор бо донишомӯзон, тавассути интиқоли хислатҳои миллат ба насли наврас, донистани тарзи зиндагии он, интиқоли таҷрибаи ҳаётӣ аз ҷониби насли калонсол ба ҷавонон самаранок гардонид.  Аммо ин раванд набояд яктарафа бошад. Муҳим аст, ки он барои тамоми ҷомеа манфиатовар бошад [243,с.12-24].

Ба ғайр аз ин донистан муҳим аст, ки фалсафаи ҳаётии мавриди пайравии мо дар раванди инкишофи худ, воситаи тавонои тарбия буда, вижагиҳои давраи мушаххаси таърихиро инъикос мекунад. Барои он ки аз ин вижагиҳо дар тарбияи ҷавонон истифода намоем, худи мо бояд дар бораи анъанаҳо, маросимҳо, урфу одатҳо, меъёрҳо ва қоидаҳои ахлоқи мардумӣ маълумоти кофӣ дошта бошем.

Барои азхуд кардани чунин донишҳо мо бояд дар худ ва насли наврас арзишҳоро ташаккул дода, онҳоро ба зинаи нави рушди инсонӣ бардорем, онҳоро дар атрофи худ нигоҳ дорем ва дар асоси онҳо зиндагии мардумро бунёд кунем, онро бардавом ва пурмазмун гардонем.

Ҳар як насл аз дунё гузашта, маҳсули фаъолияти маънавии худро ба мо  мерос мегузорад, ки ба он  бояд аз дидгоҳи ҳамон давраи таърихӣ баҳо дод. Масалан, ҷавонон дар раванди омӯзиши  осори Зардушт, бояд эҷодиёти ӯро бо  ҳамон замоне, ки набарди  марговар байни некиву бад ҷараён дошт, алоқаманд созанд.

Академик М.Шакурӣ чунин равандҳоро ин тавр тавсиф намудааст: «робитаҳои иҷтимоӣ дар таъсири мутақобилаи худ муҳимтарин омилҳои маънавию ахлоқӣ, мафкуравӣ, иҷтимоӣ гардида, урфу одатҳо, қоидаву расму оинҳои мардумӣ

зиндагии инсонҳоро ба низом меоварданд, неруи миллӣ ва устувории ҷомеаро таъмин менамуданд».

Ба насли наврас ҷиҳати дарки аҳамияти анъанаҳо, расму оинҳо, урфу одатҳо, меъёрҳои рафтор, ахлоқ ва қоидаҳои муқарраргардида барои ҳаёти онҳо ёрӣ расондан зарур аст. Ин вазифаро бо истифода аз таҷрибаи педагогикаи этникӣ иҷро кардан лозим аст. Аммо набояд гуфт, ки фақат педагогикаи этникӣ аҳамияти тарбиявӣ дорад, зеро педагогикаи умумӣ масъалаҳои дар педагогикаи этникӣ инъикос наёфтаро ҳам, мавриди баррасӣ қарор медиҳад[259,с.80].

Ҳадафи асосии таҳқиқоти мо ошно намудани кормандони педагогии ба тарбияи насли наврасу ҷавон машғулбуда бо арзишҳои ахлоқии халқи тоҷик аст, ки бидуни маърифат ва идроки онҳо тавассути ҷавонон дар ташаккул ва рушди ҷомеа ба комёбиҳои ҷиддӣ ҳамчун шаҳрванди бошуури кишвари худ ноил шудан ғайриимкон аст.

Ба психологияи инсонҳо, ба дараҷаи инкишофи эстетикӣ ва зеҳнии онҳо рӯйдодҳое, ки дар як давраи муайяни таърихии замон ба амал меоянд, таъсир мегузоранд ва дар шуури инсон осори худро мегузоранд. Аз ин рӯ, дар мактабҳо ҳангоми омӯзиши таърихи кишвар ва миллат, вижагиҳои ҳар як давраи таърихиро тавзеҳ додан ва қайд кардани он нукта лозим аст, ки барои рушди босуботи давлат танҳо бо муваффақиятҳои дар замонҳои пеш ба даст овардашуда маҳдуд набояд шуд ва зарур аст. ки пешрафт намуда, ба комёбиҳои нави илм, санъат, иқтисодиёт ва дигар соҳаҳои фаъолияти инсон такья намуда, зиндагии халқро беҳтар, ғанитар ва дурахшонтар гардонад.

Омӯзгорони муосир бо чунин масъалаҳои глобалӣ рӯ ба рӯ мешаванд, ки ҳалли онҳо дар асосҳои педагогикаи этникӣ қарор дорад. Ахамияти тарбиявии он дар инкишофи ҳаматарафаи шахс аст. Дар миёни методҳои тарбия аз эътимод, ёрӣ, машварат, тавзеҳ, сарзаниш, эътироф, хоҳиш, имон, андарз, намуна, машқ, тавсия ва ғайра истифода мешавад [35,с.347].

Маълум мешавад, ки дар педагогикаи этникӣ интихоби хеле зиёди методҳои тарбия вуҷуд дорад. Мо дар боло танҳо як қисми ками онҳоро мисол овардем.

Бояд қайд намуд, ки дар ин маврид **ҳадафи асосии тарбия** омода намудани насли ҷавон ба ҳаёти калонсолӣ, дар ӯ ташаккул додани талабот ба меҳнат ва азхудкунии дониш мебошад. Албатта, ин мақсад ҳамон вақт амалӣ мегардад, ки дар кӯдак сифатҳои шоистаи ахлоқию этикӣ, қобилияти тафаккури мустақилона, тамоюл ба тарзи ҳаёти солим ташаккул ёбад.

**Воситаҳои тарбия** метавонад мазмуни шеър, афсона, зарбулмасал, мақол, суруд, киноя, маломат, дасиса, истеҳзо ва ғайра бошад.

Дар байни **омилҳои тарбия** инҳоро ҷудо мекунем: расму оин, забони модарӣ, меҳнат, дин, фарҳанг, маишат ва ғ.

**Шаклҳои тарбия:**

- эҳсоси муҳаббат, эҳтиром;
- инсондӯстӣ;
- хушмуомилагӣ;
- покизагӣ;
- хоксорӣ;
- меъёрҳои ахлоқию этикӣ;
- хирад ва ғ.

Дар педагогикаи этникӣ ҳам шаклҳои инфиродӣ ва ҳам дастаҷамъии тарбия ба кор бурда мешаванд, ки дар байни онҳо шаклҳои асосӣ инҳо мебошанд: тарбияи оилавӣ, авлодӣ, қабилавӣ, тарбияи фаъолиятӣ ва фаъолнокӣ ва ғайра[258,с.43].

Падару модар, бародарону хоҳарони калонӣ ва «мураббиёни кӯча» тарбиятгари ҷавонон мешаванд.

Аввалин тарбиятгари кӯдак оила аст, ки дар он кӯдакон аз хурдсолӣ рафтору одобро дарк мекунад. Масалан, як маросими саломдиҳӣ вуҷуд дорад, ки вобаста ба вазъият фарқ мекунад. Илова бар ин, ба фарҳанги тоҷикон одоби салом, одоби хоб, одоби либоспӯшӣ, роҳ рафтан, суҳбат кардан, шӯхӣ кардан, таъриф кардан, никоҳ кардан, муносибатҳои оилавӣ ва ғайра хос аст.

Дар муносибатҳои оилавии мардуми тоҷик **одоби муомила байни зану шавҳар** ҷойи махсусро ишғол мекунад.

Агар баробарҳуқуқии зану мардро дар оила баррасӣ намоем, дар гузашта аз рӯйи анъана ва расму оинҳои маъмул зан бояд комилан ба шавҳар итоат кунад ва дастуроти ӯро бидуни қайду шарт иҷро кунад. Зан бе иҷозати шавҳар коре карда наметавонист. Барои зан сухани шавҳар ба ҳукми қонун буд. Аз ин рӯ, чунин ҳодисаҳо кам набуданд, ки мард завҷаашро таҳқир ва лату кӯб карда, бидуни ягон василаи зиндагӣ ӯро танҳо аз хона берун мекард. Бо ин муносибат зан бояд ҳамеша нисбат ба шавҳар меҳрубон ва фармонбардор бошад[261,с.38-40].

Педагогикаи этикӣ айнан ҳамин ақидаҳоро дар муносибатҳои оилавӣ инъикос кардааст, дар ҳоле ки дар Қуръони карим ва суннатҳои Паёмбар (с) нисбат ба мард дар оила талаботи баландтар гузошта шудааст[282,с.10-45].

**Одоби аёдати беморон**. Чунин қоидаҳо дар тӯли садсолаҳо ба вуҷуд омадаанд. Дар онҳо на танҳо вижагиҳои муошират бо бемор инъикос ёфтаанд, балки аҳамияти муайяни тарбиявӣ ҳам доранд. Ба бемор дар назди одамони бегона аз саломатии худ шикоят кардан манъ аст. Илова бар ин, бемор бояд Худо ва аёдаткунандагонро барои таваҷҷуҳе, ки ба ӯ зоҳир карданд, ташаккур кунад.

**Одоби истиқболи меҳмон** дар миёни мардуми тоҷик ба як маросими хосе табдил ёфтааст. Дар урфият меҳмононро ҳатман бо табассум ва чеҳраи кушод пешвоз гирифта, ба хона даъват мекарданд. Онҳоро мувофиқи мақомашон менишонанд. Баъзеҳо болои курпачаи фарши хона, дигарон курсиҳо ва иддае роҳаткурсиро ишғол мекунанд. Бо ҳар як меҳмон бояд дар бораи зиндагӣ ва саломатиаш пурсупос намуд. Ба ҳама зиёфат дода мешавад.

**Одоби нишастан дар сари миз ё гирди дастархон**. Пас аз нишастан дар сари миз ё гирди дастархон ҳар он чи ки дода мешавад,бояд тановул кард ва ба хӯрокҳои ба меҳмонони дигар додашуда таваҷҷуҳ набояд дошт. Одат аст, ки хӯрокро бо луқмаҳои хурд бихӯранд. Ба болои ягон хӯрок чой ё об рехтан маъмул нест.

**Одоби суханшунавӣ.** Сухани гӯяндаро набояд бурид. Ба суханони гӯянда то охир гӯш мекунанд. Агар ба фикри ҳамсуҳбати худ розӣ набошед, хатоҳои ӯро рӯйирост нишон надода, балки боадабона ақидаи худро баён намоед.

**Одоби ҳаммом**. Ба ҳаммом бо шиками сер рафтан нашояд. Ҳангоми шустушӯ ба худ хизмат карда,  бори дигарон набояд шуд. Бинобар ин, бояд тамоми васоити ҳаммомро  қаблан омода намуд.

Дар асоси коидахои зикршуда мо боварӣ ҳосил карда метавонем, ки педагогикаи этникӣ аҳамияти сирфан амалӣ дорад. Қоидаҳои онро худи зиндагӣ муайян мекунад.

Дар ҳар гуна сарчашмаи педагогикаи этникӣ мо на танҳо қоидаю меъёрҳои рафтор, балки воситаҳои тарбияро низ пайдо мекунем. Масалан, бозӣ, дин, меҳнат, сухан, фаъолият, муошират, маишат ва ғайра.

Решаҳои педагогикаи этникӣ ба гузаштаҳои дур, замоне, ки ҳанӯз  мактаб ва омӯзгор вуҷуд надоштанд, рафта мерасад. Ҳамаи масъалаҳои таълимутарбияро худи волидони кӯдакон ва калонтарони  авлод ҳал мекарданд[309,с.128].

Мақсади асосии педагогикаи этникӣ, агар асоси назариявии онро ба назар гирем, башардӯстона сохтани муносибатҳои инсонӣ, дар одамон тарбия намудани сифатҳои аз лиҳози иҷтимоӣ писандидашуда, ба вуҷуд овардани оилаи мустаҳкаму солим ва ғайра мебошад. Меҳру муҳаббати падару модар ва хешу таборро дида, кӯдакон ин хислатро ба ҳамсолони худ интиқол медиҳанд. Аз ин рӯ, ибрати шахсӣ дар раванди тарбия басо муҳим аст. Намунаи рафтор дар оила ва ҷомеа барои кӯдакони хурдсоли мактабӣ дарсе мегардад,  ки онҳо онро аз хурдсолӣ азхуд мекунанд ва он  ояндаи онҳоро муайян мекунад. Инсон ба камол расида, он чиро, ки дар  айёми тифлӣ дар атрофи худ дида буд, такрор мекунад, ӯ пеш аз ҳама рафтори падару модар ва наздиконашро такрор мекунад. Ҷанбаи муҳими тарбиявии педагогикаи этникӣ дар ҳамин аст.

Ҷиҳати дигари муҳими педагогикаи этникӣ барои ҳаёти ҳар як шахс робитаи ӯ бо мероси наслҳои гузашта мебошад. Педагогикаи этникӣ таҷрибаи ниёгонро нигоҳ дошта, инкишофу такмил медиҳад ва ба шароити кунунӣ мутобик мекунад[387,с.118].

Робитаи мазкур мустаҳкам ва бисёрҷониба аст. Ҳар як оила вижагиҳои  худро дорад, ки мазмуну муҳтаво, шаклу методҳои тарбия ва ҳамкории онро муайян мекунанд. Оилаҳое ҳастанд, ки дар назари аввал гӯё падару модарон ба тарбияи

фарзанд машғул намешаванд, вале фарзандон дар ин оилаҳо боғайрат, солиму меҳрубон ба воя мерасанд. Ҳолатҳои баръакс низ ҷой доранд, ки волидон барои тарбияи писарону духтарони худ аз ҳар фурсат истифода мекунанд, аммо фарзандон саркашу нофармон ба воя мерасанд. Сабаб чӣ бошад?

Сабаби асосӣ дар робитаи маънавии падару модар бо фарзандон, наслҳои наву кӯҳна, дар анъанаҳои оилавӣ, ки асоси маънавии одамон гардидаанд, метавонад бошад.

Дар педагогикаи этникӣ барои тарбияи фарзандон тамоми шароиту воситаҳо ҷалб карда шудаанд. Ба инкишофи кӯдак калонсолон, кӯдакони дигар, ҷомеа, муҳити иҷтимоӣ, ки ба бинои истиқоматӣ, маҳалла, деҳа ва ғайра хос аст, таъсир мерасонад.

Дар тарбияи фарзандон анъанаҳое, ки на танҳо ба як оила, балки ба тамоми ҷомеа ва қисмҳои алоҳидаи он хосанд, аҳамияти калон доранд. Чунин анъанаҳоро арзишҳои миллӣ мегӯянд.

Дар ин бобат таҳқиқоти академик Г.Н. Волков «Этнопедагогика», ки соли 1974 мунташир гардида буд, ҷолиб мебошад. Муаллиф қайд мекунад, ки педагогикаи этникӣ ба шахсияти инсон, ислоҳ ва инкишоф додани он асос ёфтааст[64,с.78].

Самаранокии педагогикаи этникӣ дар он аст, ки масъалаҳои он бо методҳои содда ва фаҳмо, ки ба осонӣ дарк ва аз худ карда мешаванд, ҳаллу фасл мегарданд. Дар баробари ин, ғояҳои педагогикаи этникӣ аз ҷониби як гурӯҳи мушаххаси этникӣ ба вуҷуд омадаанд. Бинобар ин, онхо ба халқ наздик буда, ба руҳияи он мувофиқанд.

Дар шакли талаботе, ки педагогикаи этникӣ нисбат ба шахс гузоштааст, мисолҳои мушаххас меорем: эҳтиром ба калонсолон; нигоҳубини пиронсолон, маъюбон, беморон, кӯдакон; саховатмандӣ; муносибати самимона ба меҳмон; масъулият барои рафтори худ; муҳаббат ба наздикон; арзиши замин, об, ғизое, ки Худо ба мо додааст; муносибати оқилона ба сарватҳои табиӣ, ҳама мавҷудоти зинда ва беҷон, ки моро иҳота кардааст; меҳнатдӯстӣ; эҳтиром ба меҳнат; хоксорӣ; меҳмоннавозӣ; хушахлоқӣ; рафтори наку; ростқавлӣ; шармгинӣ ва ғайра.

Сифатҳои ахлоқии болозикр дар асари номбурдаи Г.Н. Волков ба таври муфассал тавсиф ва мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд.

Дар баъзе мавридҳо мо дар таҳқиқоти худ истилоҳи «педагогикаи халқӣ»-ро истифода мебарем, ки нисбат ба мафҳуми педагогикаи этникй хеле васеътар аст. Педагогикаи этникӣ бо як гурӯҳи муайяни этникӣ алоқаманд аст. Дар он анъанаҳо, расму одатҳо, орзую омол, маросим, вижагиҳои маишат ва ғайра ифода ёфтааст. Ҳар як гурӯҳи этникӣ вижагиҳои худро дорад. Мисол, метавон дарси расмкаширо дар мактаб истифода намуд, ки дар давоми он ба кӯдакон вазифаи кашидани расми ин ё он ҳайвон суприда мешавад. Яке расми асп, дигаре саг, сеюмӣ шутурро мекашад. Чунин ҳолатро ҳангоми супоридани вазифаи кашидани расми гӯшаи дӯстдоштаи табиат низ мушоҳида кардан мумкин аст. Чунин мисолҳо гувоҳи он мебошанд, ки кӯдак ба гурӯҳи муайяни этникӣ тааллуқ дорад ва дар руҳияи он тарбия ёфтааст. Аз ин рӯ, ӯ ҳамон расмҳоеро мекашад, ки барои ӯ аз ҳама азизу пурарзиштаранд. Дар тарбияи фарзандон аз ин бояд истифода кард, кӯдаконро бо арзишҳои миллӣ ошно сохта, дар онҳо эҳсосоти зебоӣ, ифтихор аз диёр, Ватан ва кишвари худро тарбия намуд.

Дар китоби Г.Н. Волков «Этнопедагогика» ин равиш барои ташаккули шахсияти мутаносиб дар кӯдак тавсия шудааст. Олим чунин мешуморад, ки педагогикаи этникӣ таҷрибаи халқии тарбияи ҷавононро инъикос мекунад. Ҳамин тариқ, педагогикаи этникӣ илм дар бораи анъанаҳо, урфу одатҳо, расму оинҳо, маишати мардум, оила ва ҳувияти миллӣ мебошад. Умуман, педагогикаи этникӣ вижагиҳои миллатро меомӯзад ва худаш низ ҳамзамон бо пешравии миллат инкишоф меёбад.

Асоси педагогикаи халқӣ фарҳанги халк мебошад, ки дар давоми таърихи чандинасраи он ташаккул ёфтааст. Дар навбати худ, педагогикаи этникӣ анъанаҳои халқ, фарҳанги тарбияи гурӯҳи этникиро меомӯзад. Аз ин бармеояд, ки объекти омӯзиши педагогикаи этникӣ педагогикаи халқист. Дар баробари ин, чунон ки Г Н. Волков нишон медиҳад, педагогикаи халқӣ ба ҷамъбасткунии назариявӣ эҳтиёҷ надорад, зеро барои ин дар он асосҳои зарурӣ дида намешавад.

Г.Н.Волков дар асари худ менависад, ки барои педагогикаи этникӣ педагогикаи халқӣ ҳамчун маводи таҳқиқот аз аҳамият бархӯрдор аст. Вай дар пажӯҳишҳои худ аз методҳои педагогикаи умумӣ истифода бурда, фаъолияти инсонҳоро ҳамчун ҷузъи илми педагогика хисоб мекунад.

Илова бар ин, педагогикаи этникӣ аз методҳои гуногуни таҳқиқот, аз қабили методи таҳқиқоти иҷтимоӣ, этнолингвистӣ ва ғайра истифода менамояд.

Хулосаҳои муқаддамотӣ мебарорем:

- педагогикаи этникӣ илм дар бораи тарбия аст, ки дар он методҳои иҷтимоию педагогӣ бо ҳам алоқамандӣ доранд ва якдигарро пурра мекунанд. Аз ҷумла, педагогикаи этникӣ анъанаҳои як гурӯҳи этникиро меомӯзад, ки барои тарбияи насли наврас истифода мешавад;
- педагогикаи этникӣ, ҷузъи педагогикаи умумӣ буда, илми педагогикаро мукаммал месозад, ҷанбаҳои алоҳидаи онро шарҳ медиҳад;
- мавзуи омӯзиши педагогикаи этникӣ: миллат, халқ, қавм, авлод аст.

Дар педагогикаи халқӣ робитаи халқ бо таълимоти динӣ, маънавиёт ва ахлоқу одоб мутамарказ шудааст. Аз ин рӯ, педагогикаи халқӣ асоси ахлоқии тарбияи насли наврас мебошад.

Дар байни педагогикаи классикӣ ва халқӣ низ робитаи устувор мавҷуд аст, зеро педагогикаи классикӣ ба назарияҳои пешрафта такья карда, ғояҳои педагогикаи халқиро инкишоф ва такмил медиҳад.

Ҳаминро ҳам қайд кардан бамаврид аст, ки педагогикаи халқӣ дар пажӯҳишҳои худ таъсири муҳити атрофро ба инсон меомӯзад. Дар асрҳои гузашта маорифпарварон ба ҷанбаҳои инфиродии тарбияи этникии кӯдакон хеле кам дахл мекарданд. Яке аз аввалин шахсоне, ки ба педагогикаи этникӣ таваҷҷуҳ кардааст, Я.А. Коменский мебошад. Ӯ дар мақолаи худ «Сарвати забони чехӣ» ба робитаи педагогика бо ҳаёти халқ, таърих ва анъанаҳои мардумон диққати калон додааст.

Я.А. Коменский масъалахои педагогикаро баррасӣ намуда, аз чунин асарҳои мутафаккирони асримиёнагӣ, монанди «Қоидаҳои рафтор», «Ҳикматҳои қадимии чехҳо», ки дар асри XVII мунташир шуда буданд, истифода кардааст.

Дар педагогикаи халқӣ мо ба саволҳо дар бораи муносибати падару модар ба тарбияи фарзанд, вижагиҳои тарбияи ҷинсҳои гуногун, иштироки халқ дар раванди тарбия ҷавоб меёбем.

Я.А. Коменский махсусан қайд мекард, ки кори таълиму тарбия бо насли наврас бояд ба забони модарии онҳо ташкил карда шавад. Дар баробари ин, ин гуна фаъолият бояд бо ҳаёти халқ ва чомеа алокаманд бошад.

Дар асархои худ Я.А. Коменский аҳамияти анъанахои халқро дар тарбияи кӯдакон ва наврасон нишон додааст[111,с.29-31].

Дар миёнаҳои асри XIX боз як омӯзгори машҳур К.Д. Ушинский, таҳқиқоти ҷиддии проблемаҳои фарҳанги анъанавии халқ, вижагиҳои тарзи зиндагӣ, тарбия, маишат ва муносибатҳои оилавии онҳоро ташкил кардааст. Хидмати бузурги ӯ дар илми педагогика дар он аст, ки олим принсипҳои педагогикаи халқиро муайян ва асоснок кардааст, ки то имрӯз мубрам мебошанд. Ин принсипҳо асоси инкишофи забон ва ташкили мактабҳои халқиро ташкил доданд. К.Д. Ушинский чунин ҳисоб мекард, ки тарбияи мактабиро бояд бо тарбияи кӯдак дар оила пайваста, барои ин аз таҷрибаи андухтаи халқ истифода бурда шавад.

Идомадиҳандагони ғояҳои Я.А. Коменский ва К.Д. Ушинский омӯзгорони маъруф Т. Яковлев, И. Маротани, С. Михайлов, Ш. Акмуллоев ва дигарон гардиданд.

Дар давраи шуравии таърихи мамлакат проблемаҳои педагогикаи этникиро А. Макаренко, П. Блонский, Н. Крупская, М Лутфуллоев ва дигар навоварони илми педагогика мавриди омӯзиш қарор доданд[154,с.315].

Истифодаи унсурҳои педагогикаи халқӣ дар замони шуравӣ вижагиҳои худро дошт. Пеш аз ҳама бояд гуфт, ки ақидаҳои педагогикаи этникӣ дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ ҳамовозии чандон васеъ пайдо накарданд. Ғайр аз ин, дар як қатор мавридҳо пажӯҳишҳои назариявии педагогикаи этникӣ дар мактабҳо яктарафа, аксаран бо мазмуни динӣ таъбир карда мешуданд. Натиҷаи чунин фаъолият буд, ки муассисаҳои таълимӣ аз нуктаю принсипҳои педагогикаи халқӣ тамоман даст кашиданд.

Ҳамаи далелҳои дар боло овардашуда омӯзгорону донишомӯзонро дар вазъияти душвор гузоштанд. Аз як тараф, пешниҳод шуда буд, ки мушкилоти таълиму тарбия аз мавқеи педагогикаи халқӣ ҳаллу фасл карда шавад, аз тарафи дигар, мактаб ба тарафи низоми  маорифи аврупоӣ тамоюл пайдо намуд. Дар натиҷа ҷудошавии насли наврас аз решаҳои таърихӣ, анъанаҳо, расму оин ва урфу одатҳои худ ба вуҷуд омад.

Ҳамин тавр, дар мактаби садаи XX донишомӯзони мактабҳои таҳсилоти умумӣ, шогирдони омӯзишгоҳҳои касбӣ ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ  аз доираи назари фарҳанги миллӣ ва таҷрибаи наслҳои гузашта берун монданд. Муассисаҳои таълимӣ торафт бештар аз ҳаёти воқеӣ дур мешуданд.

Барои он ки тазодҳо дар муассисаҳои таълимӣ боиси мушкилоти калон нагарданд, омӯзиши соҳаҳои гуногуни педагогикаи этникӣ, аз ҷумла ҷанбаҳои тарбияи ахлоқӣ ва этикаро ташкил кардан лозим буд.

Педагогикаи этникӣ ба доираи педагогикаи анъанавӣ дохил карда шуд. Дар асоси он фаъолияти тарбиявии барномаҳои таҳсилотӣ муайян карда шуданд. Ба эҳёи забони модарӣ ҳамчун зербинои фарҳанги анъанавии миллӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда шуд.

Низоми муосири таҳсилот бояд ба фарҳанги халқ, забони модарӣ, анъанаҳои мардумӣ, арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ асос ёфта бошад.

Аз соли 1985 дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва ҷамъиятии Тоҷикистон дигаргуниҳои ҷиддӣ ба амал омаданд. Ба сари ҳокимият қуввахои нави ҷамъиятию сиёсӣ омаданд, ки ба аҳамияти педагогикаи халкӣ дар тарбияи ҷавонон ба таври гуногун баҳо доданд.

Низоми таҳсилот дар шароити муосир бояд манфиатҳои давлатро ҳимоя намояд. Аммо дар назди он вазифаи ҳимояи гурӯҳҳои муайяни аҳолӣ ва этникӣ низ қарор доранд.

Ҳаллу фасли масъалаҳои матраҳгардида ба проблемаҳои воқеӣ дучор шуданд. Бузургтарини онҳо ин набуди забони ягонаи ҳатмии модарӣ барои ҳамаи халқиятҳо ва қавмҳои сокини Ҷумҳурии Тоҷикистон буд. Бинобар ин, барои дар таълиму

тарбия истифода бурдани педагогикаи халқӣ ба забони модарӣ бештар таваҷҷуҳ бояд кард.

Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯзҳо барои ба мақому манзалати воқеиаш баргардонидани забони тоҷикӣ, дар ҳама ҷо рушду такмил додани он корҳои зиёдеро анҷом дода истодаанд. Дар ҳамаи нақшаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилотӣ омӯзиши забони модарӣ дохил карда шудааст. Илова бар ин, коргузорӣ дар ҳамаи ташкилоту муассисаҳои кишвар танҳо ба забони давлатӣ сурат мегирад.

Ба зудӣ замоне фаро мерасад, ки тамоми шаҳрвандони Тоҷикистон бо забони давлатӣ сухан гуфта, фикру андешаҳои худро бо он хеле зебо ва босаводона баён хоҳанд намуд. Донистани забони модарӣ имкон медиҳад, ки забонҳои дигари ҷаҳон зуд ва самаранок аз худ карда шаванд, зеро забони тоҷикӣ ба гурӯҳи забонҳои ҳиндуаврупоӣ тааллуқ дорад ва решаҳои он аз бисёр ҷиҳат ба забонҳои дигар кишварҳои минтақа шабоҳат дорад.

Ҳамин тавр, ворид намудани забони тоҷикӣ ба барномаи таълимии ҳатмии муассисаҳои таҳсилотӣ, новобаста аз сатҳашон ва дар муассисаҳои давлатӣ ва хусусӣ ҳатмӣ эълон кардани он имкон медиҳад, ки шаҳрвандони кишвар сатҳи дониши забони модарӣ ва дигар забонҳои хориҷиро баланд бардоранд.

Дар навбати худ, донистани забони модарӣ, яъне тоҷикӣ дар таъмини манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ақаллиятҳои миллӣ ва миллатҳои алоҳида нақши муҳим мебозад[31,с.191].

Дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ ислоҳоти мактабу таҳсилоти миллӣ бояд манфиатҳои миллӣ ва тамоюлҳои дар ҷаҳон рӯйдиҳандаро ба инобат гирад. Аз ин рӯ, раванди чунин бозсозӣ ҳалли масъалаҳои зеринро талаб мекунад:

1. Ташкили таълиму тадриси забони модарӣ аз ҷониби мутахассисони соҳибихтисос.

2. Баланд бардоштани мақоми муассисаҳои таҳсилотӣ, ки ба тарбияи насли наврас машғуланд.

3. Ташаккули муҳити иҷтимоии фарҳангии ба сатҳ ва хусусияти рушди ҷомеаи муосир мутобиқшуда.

Ҳама бозсозиҳое, ки дар маҷмуъ ба низоми таҳсилот таъсир мерасонанд, бояд бо такмили муҳтавои нави мактаб ва технологияҳои дар он истифодашаванда ҳамзамон бошанд. Масалан, дар назар дошта шудааст, ки курсҳои ба инкишофи қобилияти маърифатии донишомӯзон мусоидаткунанда ташкил карда шаванд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бисьёр миллатҳо зиндагӣ мекунанд. Аз ин рӯ, дар баробари таълими фанҳои ҷанбаи миллидошта ба барномаи таълим фанҳое, ки самти этнологӣ доранд, ворид карда мешаванд. Чунин маҷмуаи донишҳо доираи маърифати донишомӯзонро васеъ намуда, низоми таҳсилоти миллиро дар бозори ҷаҳонӣ рақобатпазир мегардонад.

Бозсозии сохтори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, инчунин бо талаботи пешрафти илмию техникӣ ва дигаргуниҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ алоқаманд аст, ки талаботро барои ба барномаҳои таълимӣ дохил намудани унсурҳои педагогикаи халқии инъикоскунандаи ақидаҳои ахлоқии мардум ва ҷанбаҳои иҷтимоии ҷомеа матраҳ месозад.

Татбиқи муқаррароти педагогикаи халқӣ дар айни замон ҳадафи раҳоии мардум аз амсилаи таҳмилшудаи тобеият ва дар шуури одамон ташаккул додани масъулияти шахсӣ барои ҳаёти худ ва ҳаёти ҷомеа мебошад.

Бояд гуфт, ки принсипҳои ахлоқӣ, анъанаҳои мардумӣ, меъёрҳои ахлоқию этикӣ, расму оинҳо ва урфу одатҳо асоси педагогика ва психологияи этникӣ буда, ба тарбияи насли наврас ва ташаккули шахсияти солим таъсир мерасонанд. Аз ин рӯ, механизми ин таъсирро донистани шахс муҳим аст. Ин масъаларо бояд педагогика ва психологияи этникӣ ҳал кунад.

Таҷрибаи дар тули асрҳо андухтаи педагогикаи этникӣ нишон медиҳад, ки натиҷабахшии раванди тақвияи таъсири меъёрҳои ахлоқию этикӣ, анъанаҳо, қоидаҳо ва расму оинҳои халқӣ ба инсон вобаста ба таври марҳилавӣ татбиқ намудани мақсади пешбинишуда мебошад. Ба шуур ва руҳияи инсон таъсир расонда, вазифаҳои матраҳшударо тадриҷан, қадам ба қадам иҷро кардан муҳим аст.

Қадами аввал дар роҳи расидан ба ҳадафи дар боло зикршуда ҷамъоварии иттилооти хосбуда ба ошкорсозии моҳияти омилҳои тарбиявии миллат, халқ ва ё қавми муайян мебошад.

Зинаи навбатӣ ҷамъбасти маводи ҷамъшуда, тачрибаи педагогии мардумони сокини вилоят, ноҳия, деҳаи муайян ва фикру зикри онҳо оид ба тарбияи ҷавонон мебошад.

Принсипи асосии педагогикаи этникӣ муносибати инфиродӣ ба таълиму тарбияи кӯдакон, наврасон, писарону духтарон бо мақсади ташаккули маҳорати «Ман худам»-и онҳо, яъне сатҳи зарурии мустақилият, рушди худшиносӣ ва такмили шахсият мебошад. Ба ғайр аз ин, педагогикаи этникӣ барои боз намудани тамоми ҷиҳатҳои иҷтимоию психологии маънои анъана, расму оин ва урфу одатҳои халқӣ, ки омили муҳими инкишофи иҷтимоии кӯдак буда, дар ӯ маҷмуи арзишҳо, эҳтиёҷот ва майлу хоҳишҳоро ташаккул медиҳад, кумак мерасонад[31,с.34].

Кӯдакон дар раванди инкишофи худ бояд бо низоми муносибатҳое, ки барои онҳо хеле душвор аст, дучор омада, бо гурӯҳҳо ва ҷамоаҳои гуногуни иҷтимоӣ робита барқарор кунанд. Омилҳои динӣ ба онҳо барои мутобиқ ва муттаҳид шудан ба як гурӯҳи этникии барои ҳама умумӣ мусоидат мекунанд. Аз ин рӯ, дин барои муқаррар кардани меъёрҳои ахлоқӣ, қоидаҳои рафтор, принсипҳои ахлоқӣ ва одоб дар ҷомеа муҳим аст. Дар навбати худ анъанаҳое, ки дар байни мардум ташаккул ёфтаанд, дар тарбияи насли наврас нақши муҳим доранд ва дар кӯдакон арзишҳои умумибашарӣ, аз қабили ростқавлӣ, дӯстӣ, таҳаммулпазирӣ, вазифашиносӣ, масъулият, ғамхорӣ нисбат ба дигарон ва ғайраро ташаккул медиҳанд. Иловатан, анъанаҳои мардумӣ ба фаъолияти эҷодии шахс мусоидат намуда, фаъолияти ӯро ба самти эҷодкорӣ равона карда, дар ҷомеа ташаккул ёфтани муҳити психологии нек ва дӯстонаро таъмин менамояд.

Кори тарбиявӣ дар мактаб, донишгоҳ ва оила боз бояд ба тарбияи ахлоқии кӯдакон, ки бо таҷрибаи ҷамъиятию таърихии андухтаи насли башар робитаи мустаҳкам дорад, равона карда шавад. Раванди азхудкунии меъёрҳои ахлоқӣ дар робита бо соҳаҳои гуногуни фаъолияти инсон ба амал меояд ва бояд дар байни ҳамаи одамон робитаи дуҷониба дошта бошад. Меъёрҳои ахлоқӣ бояд сифатҳои

беҳтарини инсон, принсипҳои ахлоқии ӯро ҷамъоварӣ кунанд. Инсон дар давоми зиндагии худ таҷрибаи шахсӣ ва таҷрибаи одамони дигарро меомӯзад, таҳлил мекунад ва ҷамъбаст мекунад, онро нусхабардорӣ ва паҳн мекунад.

Кӯдакони хурдсол талош меварзанд, ки ба калонсолон монанд шаванд. Аз ин рӯ, онҳо барои азхуд кардани арзишҳои муҳими иҷтимоӣ ҳавасманд мешаванд. Дар баробари ин, бинобар вижагҳои синнусолӣ кӯдакон наметавонанд намунаҳои рафтори ахлоқӣ ва меъёрҳои одобро мустақилона муайян ва аз худ кунанд. Илова бар ин, шароити иҷтимоӣ ва тарбиявӣ, ки кӯдакон ба он иҳота гардидаанд, дар ҳудуди худ хеле маҳдуд аст. Педагогикаи этникӣ воситаи муҳими тарбияи насли наврас буда, ба мо имкон медиҳад, ки ин проблемаҳоро ҳаллу фасл намоем.

Ахлоқе, ки дар инсон тарбия ёфтааст, имкон медиҳад, ки ба пирӯз шудан аз болои бадӣ дар тамоми шаклҳояш эътимод вуҷуд дошта бошад. Танҳо бо чунин имон инсон метавонад ҳамчун шахсият вуҷуд дошта бошад. Педагогикаи этникӣ ба инсонҳо кумак мерасонад, ки худро дар ин боварӣ ба неруи некӣ мустаҳкам кунанд. Бояд гуфт, ки агар инсон суннатҳои диниро риоя кунад, пас бо ин амалаш ҷонибдори ҳифзи анъанаҳои мардумӣ мешавад, зеро дин ва анъанаҳои мардумӣ бо ҳам алоқаманд ва вобастаанд.

Кӯдакон нисбат ба калонсолон анъана, расму оин ва урфу одатҳоро зудтар аз худ мекунанд, ки ба онҳо таъсири сахти руҳӣ ва отифавӣ доранд. Ва азбаски дин бо анъанаҳои мардумӣ зич алоқаманд аст, дар якҷоягӣ ба муносибатҳои оилавӣ низ таъсир мерасонад.

Қоидаҳо ва меъёрҳои таҳиякардаи дин ба танзими ҳаёти инсон ва ҷомеа, меъёри рафтору кирдорҳо мусоидат мекунанд. Таъсири дин ба фаъолияти иҷтимоӣ ва иқтисодии одамон, ҳаёти ҳаррӯза ва зиндагии шахсии одамон паҳн мешавад.

Педагогикаи этникӣ ва фарҳанги динӣ таҷрибаи чандинасраи халқро азхуд намуда, ба воситаи он масъалаҳои гуногуни инкишофи шахсият, муносибатҳои оилавӣ, муносибат ба одамони дигар, ҷомеа, миллатхо ва дигар динҳо ҳал карда мешаванд. Ҳамин тариқ, тавассути дин ва педагогикаи этникӣ дар сиришти инсон руҳия ва робитаҳое ташаккул меёбад, ки муносибати шахсро нисбат ба худ, ба наздикон, оила, дӯстон ва одамони дигар муайян мекунанд.

Сарфи назар аз он, ки анъанаҳо ба тарбиятгирандагон таъсири ҷиддӣ мерасонанд, онҳоро воситаи асосии тарбияи шахсияти комилу солим ҳисоб кардан мумкин нест. Масалан, анъанаҳо дар тарбияи фарзандон, ки эҳтироми калонсолон, ростқавлӣ ва меҳрубониро ёд мегиранд, ҷалб карда мешаванд. Аммо танҳо анъанаҳоро истифода намуда, дар инсон ба душвориҳо муқовимат кардан, талаботи муборизаи бо камбудиҳо ва ғайраро тарбия кардан мумкин нест[48,с.56].

Дар асоси гуфтаҳои боло ба хулосае меоем, ки омӯзгорро зарур аст, ки бо истифода аз таъсири педагогии анъанаҳо ва нерӯи анъанаҳо эҳтиёткорона истифода намуда, танҳо он лаҳзаҳоеро интихоб намояд, ки барои инсон воқеан муфид бошанд ва ба ҳадаф ва вазифаҳои тарбиявии матраҳшуда мувофиқат дошта, ба шахс зарар нарасонад, мувофиқи талаботи замон инкишоф меёбад.

Бисёре аз муҳаққиқон бар ин назаранд, ки анъанаҳои мардумӣ танҳо дар сурате аҳамияти тарбиявӣ пайдо мекунанд, ки агар онҳо дар доираи танги қавмҳо ё миллатҳо маҳдуд нашаванд, балки ба моликияти тамоми мардум табдил ёбанд, яъне ба арзишҳои умумибашарӣ табдил ёфта, аз чаҳорчӯбаи муносибатҳои байни миллатҳо берун рафта бошанд.

Дар замони ҳозира методикаҳое таҳия шудаанд, ки чунин тағйиротро имконпазир месозанд.

Ба андешаи мо, табдил додани анъанаҳои миллӣ ба арзишҳои умумибашарӣ ба таври механикӣ, то андозае сунъӣ амалӣ мешавад. Аз ин рӯ, мо ба ин раванд шубҳа дорем, ки талабот аз ҷониби мардум бошад.

Анъанаҳои миллие, ки халқ таҳия кардааст, бешубҳа тағйир ёфта, дар раванди ин тағйирот ба арзишҳои умумибашарӣ табдил ёфта метавонанд. Аммо ин гуна раванд бояд ба таври табиӣ сурат гирад ва бисёрмарҳила ва дарозмуддат бошад. Унсурҳои алоҳидаи анъанаҳои халқии як халк бо унсурҳои маънавии анъанаҳои халқи дигар пайваст шуда, инкишоф ва такмил меёбанд. Ҳамин тавр арзишҳои умумибашарии инсонӣ ташаккул меёбанд.

Вазифаи мо таҳқиқи равандҳое мебошанд, ки анъанаҳои миллӣ ба воситаи онҳо ҳамдигарро ғанӣ мегардонанд ва ба ҳамдигар унсурҳои алоҳидаи онҳоро мегузаронанд. Чунин таҷрибаро омӯхтан, ҷамъбаст намудан ва қонуниятҳои онро

ошкор сохтан барои ҳамчун дастурамал дар оянда ба кор бурдан, лозим аст, ки онҳо дар тарбияи насли наврас истифода бурда шаванд.

Фаъолияти созандаи инсон ва фаъолнокии эҷодии ӯро ба таври мисол баррасӣ менамоем. Ин раванд чӣ гуна ташаккул ва инкишоф меёбад? Он ба азхуд кардани донишҳо аз тарафи ҷавонон дар бораи гузаштаи таърихии халқи худ, фарҳанг, санъат, маҳсули устодони каломи бадеии он ва ғайра асос ёфтааст.

Муҳим он аст, ки кӯдакон дар равандҳои созандагӣ ва эҷодкорӣ иштирок кунанд. Агар фақат ба азхудкунии донишҳои назариявӣ таваҷҷуҳ гардад, натиҷаҳои пешбинишуда ба даст намеояд. Ҳамин тариқ, тасаввур кардан ғайриимкон аст, ки чи гуна метавон ҷашни Наврӯз ё Садаро ба эътиқоди шахсӣ табдил дод, агар худи кӯдак дар омодагӣ ва таҷлили он ширкат надошта бошад. Дар бораи эҷодиёти халқ низ ҳаминро гуфтан мумкин аст. Агар кӯдак бисьёр суруду зарбулмасалу афсонаро донад, пас ӯ бо ин донишҳо ба осонӣ амал карда, мазмуни асарҳоро фаҳмида, вижагиҳои қаҳрамонони онҳоро равшан мекунад. Бо мурури замон, кӯдакони имрӯза, ки ба воя мерасанд, дониши худро ба фарзандони худ меомӯзанд ва робитаи байни наслҳоро таъмин мекунанд. Дар ин сурат, дар инсон эҳсоси ҳавасмандӣ ба гузаштаи халқ ва мамлакати худ ташаккул меёбад. Дар ин асос ӯ майлу хоҳиши бештар омӯхтани миллат, халқи худ ва халқҳои дигар кишварҳоро пайдо мекунад. Дар ниҳоят, арзишҳои миллӣ дар ҷомеа маҳз ҳамин тавр ташаккул меёбанд[61,с.256].

Моҳияти тарбияи аз нуқтаи назари арзишҳои педагогикаи этникӣ баррасшаванда дар он аст, ки вай наслҳоро дар асоси анъанаҳои халқ, таҷрибаи педагогии онҳо, ки дар давоми садсолаҳо ташаккул ёфтааст, муттаҳид месозад. Масалан, аҳамияти анъанаҳои оилавӣ дар он аст, ки ба воситаи онҳо шахс дар бораи ниёгон ва авлоди худ маълумот мегирад. Ва ҳар қадар таърихи оилаи худро амиқтар донад, шавқу ҳавасаш ба гузашта, майлу хоҳиши на танҳо дар бораи хешу табор, балки таърихи диёр, маҳал, халқи худ низ бештар фаҳмида мешавад. Умуман, педагогикаи этникӣ барои мустаҳкам намудани робитаи инсон бо оила ва халқаш ёрӣ мерасонад. Вазифаи асосии тарбияи халқӣ ин аст.

Ҳар як миллат, ҳар як инсон орзу мекунад, ки фарзандони ӯ меҳрубону одил ба воя расанд ва тамоми хислатҳоеро, ки дар зиндагӣ ба онҳо ёрӣ мерасонанд, дошта бошанд. Аз ин рӯ, инсонҳо таҷрибаи наслҳоро меомӯханд, онро ҷамъбаст карда, инкишоф дода, ба ҷавонон интиқол медоданд. Нахустин пайғамбари ориёиҳо Зардушт, муаллифи матнҳои муқаддаси «Авесто» барои инсон аҳамият доштани пиндору гуфтор ва рафтори некро ба мо нишон додааст. Аммо ин сифатҳо танҳо дар сурате амалӣ мешаванд, ки шахс дониши кофӣ дошта бошад. Аз ин рӯ, Зардушт донишро нерӯе медонист, ки ҷомеаро ба ҳаракат оварда, ба рушди он мусоидат мекунад. Мардумоне, ки дар ин асос тарбия ёфтаанд, дониш ва ақлу хирадро ба дараҷаи олитарин неъматҳо арҷ мегузоранд. Охир, махз ба туфайли дониш буд, ки инсон аз тамоми мавҷудоти зинда болотар баромада, бисьёр ҳодисаҳои табиатро ба манфиатҳои худ тобеъ намуд. Дониш бояд калиди асосии некӯаҳволӣ ҳисобида шавад[71,с.230].

Ҳар як миллат фарзандони худро тавре тарбия мекунад, ки дар онҳо сифатҳои иҷтимоӣ ва ахлоқиеро, ки ба намояндагони он хосанд, инкишоф диҳад. Дар нахустин асарҳои мардумӣ тасвири сифатҳои асосии инсонро дидан мумкин аст, ки ягонагии се ҷузъро ифода мекунад: некӣ, хирадмандӣ, меҳрубонӣ.

Таҳкурсии тарбияи халқӣ тачриба ва анъанаҳо мебошад. Бинобар ин, мураббиёни мардумӣ ба масъалаҳои маърифатомӯзӣ, аз ҷумла ба педагогикаи этникӣ машғул намешаванд. Онҳо масъалаҳои худро бо таҷрибаи амалӣ ҳал мекунанд. Методи асосии таълиму тарбияи онҳо «Ба мисли ман рафтор бикун» мебошад, яъне мураббӣ ин ё он кореро ба шогирдонаш супориш дода, тавсия медиҳад, ки ба ӯ пайравӣ кунанд.

Мураббиёни халқӣ ҳеҷ гоҳ дар назди худ вазифа намегузоранд, ки бо нақл кардани афсона ва ё хондани ҳикоя дар кӯдак хислатҳои муайянро тарбия намоянд. Онҳо дар бораи мақсади тарбиявии асарҳои аз нав истехсолкардаашон фикр намекарданд. Дар баробари ин нақли онҳо барои кӯдакон шавқовар ва судманд набуд. Аммо, чунон ки қаблан зикр кардем, омӯзгорони халқӣ дар назди худ вазифаҳои тарбиявии ташаккули сифатҳои кӯдакро тавассути эҷодиёти шифоҳӣ

нагузоштаанд. Ин корро кардан ҳам лозим набуд, зеро худи кӯдакон дарсҳоеро, ки дар асарҳои халқӣ ба онҳо намунаи ибрат буданд, худашон азхуд кардаанд.

Мо таҳти унвони «мураббӣ ва омӯзгори халқӣ» киро  дар назар дорем? Инҳо, пеш аз ҳама, падару модарон, бобою модаркалонҳо ва дигар хешу табори наздики мо мебошанд.  Маълум аст, ки онҳо  ҳангоми афсона гуфтан дар назди худ вазифаи тарбияи фарзандро нагузоштаанд. Ҳамон гуна ки онҳо дар назди худ вазифа нагузоштаанд, ки тафаккур ва нутқи кӯдаконро инкишоф диҳанд, онҳоро бо тезгӯякҳо ва ҳозирҷавобӣ ошно созанд. Мақсади падару модарон ва бобою модаркалонҳо, ки саргарми тарбияи фарзандон буданд, саргарм сохтан ва вақти фароғати онҳоро бо машғулияти  ҷолиб гузарондан буд.

Ҷанбаи дигари педагогикаи этникӣ тарбияи сарфакорӣ, эҳтиёткорӣ, муҳаббат ба Ватан, табиат ва замин аст. Тарбияи иқтисодии кӯдак маънои онро дорад, ки ӯро бо равишҳои оқилона харҷ кардани маблағ, воситаҳои моддию маънавӣ, молу мулк ва маблағ ошно карда шавад. Тарбия намудани муҳаббат як раванди гуногунҷабҳаест, ки муносибати арзишнокии инсонро ба табиати атроф, ҷомеа ва шахсият инъикос мекунад. Инсон, ки ҷузъи табиат аст, унсури он  ба шумор меравад. Муддати дуру дароз дар табиат будан инсонро ба ваҷд меорад, ӯ аз зебоӣ ва ҳавои софу покиза нафас мекашад ва лаззат мебарад. Табиат ба инсон гамхорӣ мекунад, ба ӯ саломатӣ, нерую ғайрат, руҳияи ором мебахшад[137,с.51].

Ҳамин тариқ, фарҳанги экологӣ дар педагогикаи этникӣ мақоми махсусро ишғол мекунад. Дигар вижагии муҳими татбиқи принсипҳои педагогикаи этникӣ тарбия намудани  ҳисси эҳтиром нисбат ба меҳнат, натиҷаҳои меҳнати инсон ва табиат мебошад. Ғайр аз ин, зарур аст, ки дар инсон нисбат ба замин, об, нон муносибати  хос тарбия карда шавад. Ин се мафҳумро мардум ҳамеша муқаддас медонистанд.

Замин, асоси ҳаёт аст. Вай ба инсон ғизо медиҳад. Барои ҳамин онро бояд эҳтиром намуд. Ноне, ки замин ба мо медиҳад, инсонро неруманд менамояд. Аз ин рӯ, нон бояд қадр карда шавад. Дар байни мардуми тоҷик  напартофтани нон  ва ба он боэҳтиром муносибат кардан маъмул аст. Ин шакли махсуси эҳтиром аст. Анъанае низ ҳаст, ки агар нохост нон аз дасти инсон ба замин афтад, зуд онро аз

замин бардошта, мебӯсад ва бахшиш мепурсад. Тибқи шариати ислом, нон муносибати махсусро тақозо мекунад. Онро набояд ба замин партофт ё зери по намуд. Ин гуноҳ аст. Агар чунин кор шавад, пас бояд аз Худо бахшиш пурсид.

Дар як зарбулмасали мардумӣ гуфта мешавад: «Намакро ки хӯрдӣ, бояд онро пос дорӣ ё андеша кунӣ». Ин як ҷузъи меҳмоннавозӣ аст. Мардуми тоҷик як анъана дорад. Шахсеро, ки ба меҳмонӣ меояд, бояд нону намак дод, ки меҳмон инро дар ёд дошта бошад.

Агар касе, ки нону намак хӯрда, онро андеша накунад ё пос надорад, мардум дар ин маврид чунин мегуянд:

«Ҳар ки нону намако пос намедорад, кӯр мешавад». Ҳатто дар савгандҳо ин паҳлӯи меҳмоннавозиро инъикос мекунанд: «Бигзор, нон маро кӯр кунад». Ин сухан баробари қасам аст, ба мисли «Маро Худо занад».

Ҳамаи далелу нуктаҳои дар боло овардашуда гувоҳӣ медиҳанд, ки нон дар ҳаёти халқ эътибору аҳамияти махсус дорад ва махсусан эҳтиром дорад.

Ҳамин гуна муносибат нисбат ба нон дар бисьёр асарҳои эҷодиёти шифоҳии халқ ифода ёфтааст. Масалан, чунин як ҳикоя вуҷуд дорад. Марди сарватманд роҳ мерафт. Ӯ нонро шикаст, ки бихӯрад нохост як пора нон аз дасташ ба замин афтод, ҳар қадар кӯшиш кард онро пайдо накард. Бо ноумедӣ ба он ҷое рафт, ки пораи нонро пайдо накарда буд ва аз шохи дарахтон деворе дуруст кард, то ки нон зери пойи роҳгузарон набошад. Худованд чунин тақворо дид ва ин мардро подош дод. Сарваташ боз ҳам зиёд шуд[138,с.41].

Тавре ки мебинем, эҳтироми нон яке аз паҳлӯи муҳими ахлоқи мардуми тоҷик аст, ки ба урфу одатҳои худ эҳтиёткорона муносибат мекунад.

Бо истифода аз равиши диалектикӣ дар таҳқиқоти педагогикаи этникӣ мо маълум кардем, ки ғояҳои он ба он нигаронида шудааст, ки намояндагони наслҳо, кӯдакон, ҷавонон, калонсолон ва пиронсолон на танҳо барои ҳаёти худ, балки барои ҳаёти инсонҳои дигар, ҷомеа ва кишвар низ масъулият эҳсос кунанд. Принсипи асосии мавҷудияти насли башар ин башардӯстӣ аст, ки ба нуктаҳои муштарак ва арзишҳое асос ёфтааст, ки халқҳои гуногунро муттаҳид мекунанд.

Инсон дар ҳама давру замонҳо ба ин бовар дошт, ки он чизеро орзу мекунад, рӯзе амалӣ мешавад. Аз ин рӯ, ҳимояи имону ахлоқ вазифаи муқаддаси мардум буд ва мебошад.

Дигар ғояи муҳими педагогикаи этникӣ тарбияи сарфаю сариштакорӣ ва худтарбиякуниро дар бар мегиранд. Дар урфият тоҷикон мегӯянд, ки сарфакорӣ аз сарват болотар аст. Зеро барои инсони сарфаю сариштакор ҳама чиз кифоят мекунад, дар ҳоле ки барои сарватманд ҳамеша чизе намерасад. Дар навбати худ, инсони дорои қобилияти худтарбиякунӣ метавонад ба ҳама қуллаҳо бирасад ва ба амалӣ шудани орзуҳои худ ноил гардад.

Педагогикаи этникӣ, ки ҷузъи таркибии педагогикаи халқист, ғояҳои табиатсириштӣ, мутобиқати табиатмонандии раванди тарбияро, ки баробарҳуқуқии ҳамаи халқҳо, одамон, эътирофи арзиши ҳар як шахс, нақши табиатро дар ташаккул ва инкишофи шахсияти ахлоқӣ дар назар дорад, баррасӣ менамояд.

Табииятсириштӣ, табиатмонандии тарбия имкон дод, ки дар пеагогикаи этникӣ барномаи мушаххасе таҳия карда шавад, ки ба такмили сифатҳои ахлоқии одамон нигаронида шудааст. Агар орзую умеди инсонро омӯзем, мо бешубҳа унсурҳои ин барномаро кашф мекунем. Онҳо дар эҷодиёти шифоҳии халқ, зарбулмасалу мақол ва афсонаҳо низ инъикос ёфтаанд[150,с.272].

Ҳар он чизе, ки моро иҳота кардааст, аз ҷониби табиат ва Худо бо мулоҳизаи муайян офарида шудааст. Ҳамаи қисмҳои ин маҷмуаи табиӣ бо ҳамдигар робита доранд. Аз ин рӯ, агар ин робита бо аъмоли бехирадона қатъ карда шавад, дар ҷаҳон мувозинат аз миён меравад. Дар ин бора бо кӯдакон суҳбат кардан, ба онҳо моҳияти ашёро тавзеҳ додан лозим аст.

Масалан, аз замонҳои қадим андарзи "лонаи паррандаро вайрон накунед" ба мо омадааст. Агар ин кор карда шавад, ба хонаи инсон бадбахтӣ меояд. Ҳамин тариқ, насли наврас дар руҳияи эҳтиром ба табиат тарбия мешуд.

Принсипи дар боло баррасишуда ба башардӯстона кардани раванди таълим нигаронида шудааст.

Чунон ки боварӣ ҳосил кардем, педагогикаи этникӣ бо инсон ва табиат, ки объектҳои асосии таҳқиқоти ӯ мебошанд, робитаи наздик дорад. Тасодуфӣ нест, ки

К.Д. Ушинский дар асарҳои илмии худ ба педагогикаи халқӣ диққати калон дода, барои тарбияи насли наврас аҳамияти оила, падару модар, бобою модаркалонро, ки таҷрибаи ғании ҳаётӣ доранд, ба назар гирифта буд.

Педагогикаи халқӣ дар назди худ мақсади тарбияи инсонро гузошта, серпаҳлу будани ин равандро ифода намуда, онро ҳамчун барномаи ягонаи инкишофи шахсият, ки давраи дуру дарози ташаккулёбии сифатҳо ва ғояҳои ахлоқиро пешбинӣ менамояд, дарк мекунад. Дар баробари ин, ташаккули ахлоқ бояд бо азхудкунии таҷрибаи наслҳои пешин, меъёрҳои ахлоқӣ ва этикие, ки башарият пазируфтааст ва ақидаҳои башардӯстона нисбат ба ҷаҳон сурат гирад[226,с.121].

Меъёрҳое, ки мо зикр кардем, дар анъанаҳои халқи тоҷик, дар таълимоти динии вай, ки ҳамчун ормони ахлоқӣ дониста мешаванд, инъикос ёфтаанд.

Бояд донист, ки анъанаҳои халқӣ меъёр, ғояҳо ва принсипҳоеро дарбар мегиранд, ки дар тули садсолаҳо ташаккул ёфта, мавриди писанди мардум қарор гирифтаанд. Аз ин рӯ, анъанаро як навъ ёдгорие шумурдан мумкин аст, ки худи халк, бо шуури дастаҷамъона офаридааст. Анъана барои инсон муҳимтарин арзишҳои ахлоқиро, ки миллатро дар ҳаёти он роҳнамоӣ мекунанд, аз ҷумла эҷодиёти шифоҳии халқ, адабиёт ва санъатро фаро гирифтааст.

Арзишҳои ахлоқию маънавии Қуръони карим низ дорои аҳамияти бузурги тарбиявӣ барои насли наврасу ҷавони кишвар мебошанд. Дар даҳсолаҳои охир таҳаввулоти бунёдӣ барои асоснокии фалсафӣ ва ахлоқии мубрами марбут ба арзишҳои ислом, дарки нақши онҳо дар фарҳанги мусулмонӣ, имконот ва дурнамои наздик кардани самтгириҳои арзишии дин ба низоми таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии ҷумҳурӣ тақозои хоса вуҷуд дорад.

Тамаркузи таваҷҷуҳ ба муассисаи таҳсилоти умумӣ ва низоми миллии таҳсилоти олии дунявӣ, ҳатто ҳангоми аз муомила баровардани низоми махсуси таҳсилоти динӣ, моро дар пешрӯйи як қатор саволҳое қарор медиҳад, ки дар натиҷаи ҳолати зерин ба миён омадааст[133].

Аввалан, муқоисаи арзишшиносии ислом ва ахлоқи дунявӣ, ки дар низоми таълиму тарбияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шудааст, шабоҳати зиёди онҳоро бо инъикоси арзишҳои умумибашарӣ дар ҳарду нишон медиҳад. Оё ба туфайли

риштаҳои пайвандкунандаи ин низоми арзишҳо тарбия кардани арзишҳои умумибашарӣ имконпазир ва зарур аст?

Сониян, бо паҳншавии густардаи дини ислом дар ҷумҳурӣ тарбияи ибтидоии динӣ (инчунин атеистӣ) салоҳияти оила буда, аз тарбияи оилавӣ сарчашма мегирад. Дигар сарчашмаҳои тарбияи динии муосир барои ҷавонон кадомҳоянд?

Солисан, ислом дар ташаккули шуур ва эътиқодоти ҷавонони муосир дар Тоҷикистон чӣ нақш дорад? Низоми арзишҳои насли наврасу ҷавони муосир чи гуна ташаккул меёбад ва кадом омилҳо ба ин раванд таъсири асосӣ доранд?

Қуръони карим, китоби муқаддаси мусулмонон, ки дар гузаштаи дур зуҳур карда, асоси эътиқоди динии исломӣ гардид, дар тули садсолаҳо дар тамоми ҷабҳаҳои ҳаёт ва фаъолияти ҷаҳони ислом таъсири назаррасе гузоштааст. Ин раванд имрӯз ҳам идома дорад. Бахшида ба омӯзиши матни Қуръони карим миқдори зиёди адабиёт ҷамъ оварда шудааст, аммо масъалаҳои омӯзиш ва тафсири он то кунун идома дорад. А.В. Авксентев ва П.П. Мавлютов дар асари худ «Китоб дар бораи Қуръон» таъкид мекунад, ки Қуръон «китоби кутуби ислом» буда, бузургии он дар он аст, ки дар тули асрҳо дар тамоми олами ислом ҳамчун раҳнамои зиндагӣ пазируфта шудааст. Қуръон ҳамчун муҳимтарин дастури маънавию ахлоқӣ ва давлатӣ-ҳуқуқӣ хидмат мекард, ки дар асоси он муносибатҳои иҷтимоӣ ва шахсии мусулмонон бунёд гардида, низоми қонунҳои исломӣ такмил дода мешавад[16,с.5].

Дар Қуръони карим ба мақулаҳои ахлоқӣ диққати махсус дода шудааст. Тағйирнопазирии руҷуъ ба Қуръон ба он далел аст, ки ахлоқи ислом аз ибтидои худ ба мардум ғояҳои баланди ахлоқӣ бахшида, онҳоро ба арзишҳои абадӣ раҳнамоӣ кардааст.

Қуръони карим на танҳо аҳамияти амиқи динӣ - фалсафӣ дорад. Дар он дар бораи пайдоиши олам, дар бораи табиат, расму оинҳои қадимаи пеш аз ислом, тарзи зиндагӣ ва ғайра маълумот дода мешавад. Дар он манзараҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ, таърихӣ ва иқтисодии ҷомеа оварда шудааст. Адабиёт оид ба қуръоншиносӣ аллакай борҳо қаринаи васеъ ва бисёрҷанбаи тарбиявиро дар матни муқаддаси ислом қайд кардааст. Ҷанбаи нотакрори синтетикии ислом имкон медиҳад, ки он

ҳамчун сифати беназири ҷомеа баррасӣ шавад. В.В. Силвестров, З.И. Левин, М.В. Рябов ва дигар муҳаққиқон бо истифода аз ин мафҳумҳо ва бо такя ба тасаввури ислом ҳамчун ҷаҳонбинии бонизом, ки тартиби ҷаҳонии олами табиат ва ҳастии инсонро инъикос менамояд, ягонагӣ ва умумияти онҳоро таъкид мекунанд. Аз ин ҷост, ки зарурат ва имконоти густардаи истифодаи арзишҳои дини ислом ҳамчун асоси тарбияи ахлоқу одоб, сифатҳои баланди шахсии насли наврасу ҷавонон, на танҳо ҷанбаҳои мазҳабӣ ва динӣ, балки умумибашарӣ доранд. Зеро Қуръони карим мафкураи ҷомеаи мусулмонӣ, ифодагари ҷаҳоншиносӣ ва ҷаҳонфаҳмӣ, ахлоқ, мақула ва ақоиди ахлоқӣ, ҳуқуқӣ, этикӣ ва эстетикии ӯст [152,с.126] [286,с.238-252].

Муҳимтарин нукта дар дин оғози  ахлоқии он аст, зеро дин дар баробари фалсафа ва ҷаҳонбинӣ, инчунин принсипҳои рафтор, ормонҳои ҳадаф ва дастуроти арзишӣ, як тарзи томи зиндагӣ аст. Одамон зиндагии худро тавассути амалӣ намудани ҳадафҳои худ, таҷассум кардани истеъдод ва табиати худ, ошкор кардани шахсияти худ  дар ҷомеа, такя ба қонунҳо ва арзишҳои ахлоқии тағйирнопазир бунёд мекунанд. Инсон ба туфайли аъмоли некаш дар байни авлоди худ хотираи нек мегузорад. Авлодон ба пояҳои ахлоқии ниёгон такя намуда, урфу одат ва меъёрҳои рафтори худро идома дода, дар ҳаёти худ татбиқ ва инкишоф медиҳанд.

Принсипҳои башардӯстонаи Қуръони карим бо маърифати ҷаҳон, бо ҷустуҷӯи ростӣ иртибот доранд, инсонро ба худтакмилдиҳӣ ва худшиносӣ, идроки маънои ҳаёт даъват карда, дар ӯ муҳаббат ба табиат, адолат ва неъматҳои руҳонӣ барои ҳамагонро бедор менамояд. Маҳз хирад, қобилияти маърифатомӯзӣ ва донишандузӣ сифатҳои воқеии инсонӣ мебошанд,  ки инсонро аз объектҳои табиӣ ва олами ҳайвонот фарқ мекунонанд.

Дар Қуръон ва ҳадисҳо, ғояҳо оид ба хислатҳои ҳамида, накукорӣ, ҳамдардӣ ва омодагӣ барои расондани кӯмак ба шахсони камбизоат – бенавоён, заифону хастаҳолон, ки вазифаи ахлоқии динии мусалмонон мебошад, такроран таъкид карда мешавад. Дин аз қавли пайғамбар Муҳаммад (с) дар бораи доштани  сӣ ҳақ нисбат ба бародари динии худ тасдиқ менамояд: ҳамаи инҳо уҳдадориҳо ва имтиёзоти ҳамдардӣ кардан ва дастгирӣ намудани наздикон мебошанд.

Хидмати асосии ислом дар таърихи тамаддуни башар таъсири тарбиявии иҷтимоию ахлоқии он аст, ки ба беҳбудии мардум нигаронида шуда буд. Ғояҳои динӣ, ба монанди анъанаҳои халқӣ қодиранд, ки бо гузашти вақт ва дар раванди замон ва наслҳои гуногун инсонҳоро ба ҳам пайванд дода, робитаи байни халқҳо ва давлатҳоро барқарор намоянд.

Ҳамин тавр, робитаи муттасили наслҳо ба амал меояд, ки дар он инсон аз кору бори онҳое, ки худаш онҳоро ба дуньё оварда, ба воя расондааст ва тарбия кардааст, барои худ шаъну шараф мегузорад. Ин роҳи одилонаи ҳаёт барои онҳое мебошад, ки мехоҳанд дар таърих, хотираи халқ, дар руҳи азизонашон осори неки худро боқӣ гузоранд.

Ба анъанаҳои миллӣ, вижагиҳои маишат, тарбияи оилавӣ, урфу одат ва расму оинҳо дар илми педагогика вақтҳои охир таваҷҷуҳ дода мешавад. Аз ин рӯ, ин ҷанбаҳо бояд таҳқиқ карда шаванд. Гарчанде дар асри XIX К.Д. Ушинский навишта буд, ки тарбия бояд оммавӣ бошад, танхо дар он сурат вай қувваи бузург хоҳад дошт.

К.Д. Ушинский тарбияро бо таърихи халк, инкишофи он дар раванди таҳаввулотӣ вобаста кардааст. Халқ ба сӯйи оянда роҳи худро мекушояд. Дар ин раванд тарбияи насли наврас аҳамияти махсус пайдо мекунад. Он бо дигар неруҳои ҷамъиятӣ муттаҳид шуда, ба инсон кумак менамояд, ки бо роҳи тараққиёти худ пеш равад. Аммо, дар баробари ин, бояд ба назар гирифт, тавре ки К.Д. Ушинский мегӯяд: «низоми тарбияро аз дигар халқҳо гирифтан мумкин нест»..., зеро он барои ҳар як гурӯҳи этникӣ инфиродӣ аст. Олим қайд кард, ки тарбия дар сурате неруи ҳақиқӣ пайдо мекунад, ки принсипу усул ва методҳои онро худи халқ ба вуҷуд оварда бошад. Чунин принсипҳоро иқтибос кардан ё гирифтан аз ғояҳои мавҳумӣ мумкин нест. Онхо бояд аз таҷрибаи як халқи мушаххас гирифта шуда, дар амал санҷида ва дар давоми асрҳо сайкал дода шаванд.

К.Д. Ушинский навишта буд, ки халқе, ки дар раванди тараққиёти таърихӣ ташаккул ёфтааст, офаридаи Худованд, манбаи адонашавандаи тарбия мебошад[326,с.135].

Олим мафҳуми «халқият»-ро маҷмуаи иборат аз шароит (табиӣ, ҷуғрофӣ, таърихӣ), ки дар он халқ зиндагӣ мекард, фаҳмидааст. Ӯ дар таҳқиқоти худ «Дар бораи халқият дар тарбияи умумӣ» тавсифоти асосии хислатҳои баъзе халқҳоро дода, таъкид кардааст, ки таҷрибаи педагогии як халқро ба халқи дигар бидуни мутобиқсозии зарурӣ иқтибос кардан мумкин нест.

Кӯдакон бояд таърихи кишвари худ, хусусиятҳои табиии он, сарватҳои диёри худ, олами набототу ҳайвонотро донанд. Бидуни донишҳо Ватанро пурра дӯст доштан мумкин нест. Аз ин рӯ, тарбия бояд дар асоси халқият бошад ва ҳар рӯз, ҳар дақиқа зуҳур намояд.

Педагогикаи халқӣ бояд дар шуури насли наврас ҳисси ифтихор аз Ватан, халқи худ, эҳтиром нисбат ба дигар миллату халқиятҳоро ташаккул диҳад. Вале муҳимтар аз ҳама, педагогикаи халқӣ бояд ба ташаккули ҳисси масъулиятшиносӣ дар инсон мусоидат кунад, то ки манфиати шахсӣ аз манфиати ҷамъиятӣ болотар нагардад[230,с.150].

Эҷодиёти халқ манбаи адонашавандаи тарбия мебошад, ки онро беҳтарин намояндагони халқ, шоирон, нависандагон, файласуфон, олимон офаридаанд. Мардуми оддӣ асарҳое офаридаанд, ки мо бо онҳо ифтихор мекунем ва ба наслҳои оянда мерасонем. Маҳз дар маводи эҷодиёти халқ санъат ва фарҳанги муосир инкишоф меёбанд.

К.Д. Ушинский вижагиҳои тарбияи бисёр халқҳои ҷаҳонро амиқан омӯхтааст. Олим ба чунин хулоса омад, ки низоми тарбияи барои ҳамаи халқҳо ягона ва муштарак вуҷуд надорад. Чунин низом барои ҳамаи халқҳо на танҳо аз ҷиҳати назария, балки дар амал ҳам ҷанбаи инфиродӣ дорад.

Ҳамин тавр, К.Д. Ушинский бори дигар чунин андешаро тасдиқ мекунад, ки «ҳар як халқ низоми тарбияи миллии худро дорад. Пурра иқтибос намудани чунин низом аз дигар халқҳо ғайриимкон аст».

Меъёрҳои маишат ва рафтор, ки ҷузъи таркибии ҳуввияти миллӣ мебошанд, дар андешаҳои педагогии ниёгони халқи тоҷик сабт шудаанд. Онҳо ягон чизи ғайримуқаррарӣ ва ғайри қобили қабул набуда, балки барои аксарияти аҳолӣ табиӣ мебошанд, зеро анъанаҳои чандинасра аз санҷиш гузаштаанд ва ба як маъно ба ҳолати равонии фард таъсири муътадилкунанда мебахшанд. Афкори педагогии ниёгон нақши дастури ахлоқиро иҷро карда, баҳодиҳии воқеияти атроф бо он муқоиса карда шавад.

Омӯзиши масъалаи мавриди таҳқиқ ба он далолат мекунад, ки ба насли наврасу ҷавон ҷиҳати дарки аҳамияти анъанаҳо, расму оинҳо, урфу одатҳо, меъёрҳои рафтор, ахлоқ ва қоидаҳои муқарраргардида барои ҳаёти онҳо ёрӣ расондан зарур аст. Ин вазифа бояд бо истифода аз таҷрибаи педагогикаи этникӣ ва афкори педагогии ниёгон амалӣ карда шавад. Педагогикаи этникӣ илм дар бораи анъана, урфу одат, расму оин, маишати мардум, оила ва ҳувияти миллӣ буда, вижагиҳои миллатро меомӯзад ва худаш низ ҳамзамон бо пешравии миллат инкишоф меёбад.

Дар натиҷаи омӯзишу таҳқиқи масъала мо дарёфтем, ки истифодаи унсурҳои педагогикаи халқӣ ва афкори педагогии ниёгон дар замони шуравӣ вижагиҳои худро дошта, ин унсурҳо дар муассисабҳои таҳсилоти умумӣ ба таври начандон васеъ мавриди истифода қарор дода мешуданд ва дар бисёр мавридҳо яктарафа ва аксаран ҷомаи динӣ пушонида шуда, дар натиҷаи чунин муносибат муассисаҳои таълимӣ аз истифодаи баъзе нуктаю принсипҳои афкори педагогии ниёгони халқи тоҷик тамоман даст кашида буднд.

Ин ҳолат омӯзгорону толибилмонро дар вазъияти душвор гузошта, дар натиҷа ҷудошавии насли наврас аз решаҳои таърихӣ, анъана, расму оин ва урфу одатҳои худ ба вуҷуд омада буд.

Дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон педагогикаи этникӣ ва афкори педагогии ниёгон ба доираи педагогикаи анъанавӣ дохил карда шуда, дар ин замина фаъолияти тарбиявии барномаҳои таълим муайян карда шуданд. Имрӯз низоми муосири таҳсилот ба фарҳанги халқ, забони модарӣ, анъанаҳои мардумӣ, арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ асос ёфтааст.

Мо масоилу равандҳоеро таҳқиқ кардем, ки низоми таълиму тарбия ва анъанаҳои миллӣ ҳамдигарро ғанӣ мегардонанд. Барои омӯхтан, ҷамъбаст намудан ва қонуниятҳои ин таҷрибаро ошкор сохтан ва ҳамчун дастурамал дар оянда ба кор бурдан, лозим аст, ки онҳо дар тарбияи насли наврас пайгирона мавриди корбурд қарор дода шаванд.

Қисми асосии боб ба таҳлили ҳамаҷонибаи ҳуввияти миллӣ аз дидгоҳҳои соҳаҳои гуногуни илмҳои гуманитарӣ бахшида шудааст, ки ин истилоҳро вобаста ба афзалиятҳои илмии соҳаи муайяни дониш ба таври гуногун шарҳу тафсир менамоянд.

Он чизе, ки ин тафсирҳо ва бархӯрдҳо ҷанбаи муштарак доранд, ақида дар бораи он мебошад, ки зеҳнияти амиқи таърихӣ дар ин ё он маҳал дар зери таъсири дин, рӯйдодҳои таърихию сиёсӣ, анъанаҳо, урфу одат ва арзишҳои ахлоқӣ ташаккул ёфтааст. Зеҳнияти миллӣ ба инсон имкон медиҳад, ки худро ҷузъи ҷомеа, қавм, халқ, миллат эҳсос намояд.

Дар боби мазкур нишон дода шудааст, ки дар баробари вижагиҳои миллӣ дар ҳуввияти бисёр миллатҳо арзишҳои аз ҷониби умум пазируфташуда нисбат ба муносибат ба меҳнат, эҳтироми калонсолон, қобили қабул набудани рафтори ҷинояткорона ва ғайра вуҷуд доранд. Дар асоси чунин арзишҳое, ки мақоми арзишҳои умумибашариро гирифтаанд, ҳатто дар миқёси ҷаҳон иттиҳодияҳои миллатҳоро бунёд намудан комилан имконпазир аст. Чунин иттиҳодия дар замони ҷаҳонишавӣ ногузир ба назар мерасад.

Дар замони рушди сарсомовари технологияҳои иттилоотӣ, воситаҳои муошират ва ҳаракат, замоне ки имкониятҳои инсон афзоиш ёфта, Замин аз ҳисоби коҳишёбии вақт барои тай намудани масофаҳо «хурд» мешавад, зеҳнияти глобалистӣ тақозо карда мешавад, ки он боиси пайдоиши эҳсоси умумият мегардад, вақте ки шахси алоҳида, пеш аз ҳама, на намояндаи миллати алоҳида, балки «одами дунё»-ро бо тамоми масъулияте, ки аз ин таъриф барои идомаи мавҷудияти хонаи умумии тамоми башарият бармеояд, эҳсос мекунад.

Барои ноил шудан ба чунин дигаргуниҳо, ҷиҳати ҳамгироии бомуваффақияти зеҳниятҳо созмонҳои байналмилалии башардӯстона саъй мекунанд, ки барномаҳои гуногун ва «харитаҳои роҳ»-ро таҳия намоянд, ки дар татбиқи онҳо ҳам мақомоти давлатӣ ва ҳам созмонҳои ҷамъиятӣ бояд ширкат варзанд. Бо вуҷуди ин, нақши пешбаранда дар раванди таҳаввулот ба муассисаҳои таълимӣ дода мешавад.

Маҳз таҳсилот дорои маҷмуи зарурии воситаҳои тарбия ва ташаккули ҷаҳонбинии насли наврас мебошад. Донишгоҳҳои пешрафтаи ҷаҳон лоиҳаҳои муштаракеро эҷод мекунанд, ки таълими як қатор фанҳои гуманитариро бо мақсади воридшавии амиқ ва ғанисозии мутақобилаи фарҳангҳои гуногун муттаҳид мекунанд, вақте ки фард аз ҳувияти миллии худ ифтихор карда, ба арзишҳои миллии худ содиқ мемонад, эҳтиром ва пазируфтанро меомӯзад ва ҳатто, эҳтимол дорад, ки арзишҳои фарҳангҳои дигарро қабул кунад.

Барномаҳои таълимӣ дар аксари субъектҳои миллӣ, пеш аз ҳама, ба омӯзиши фарҳанг, таърих, ҳаёти сиёсӣ, инчунин марҳалаҳои асосии таърихи умумибашарӣ, аз ҷумла арзишҳои фарҳангӣ ва маънавии онҳо нигаронида шудаанд. Ба назари мо, имрӯз вақти он расидааст, ки ба саҳми дигар миллатҳо ба ганҷинаи фарҳанги ҷаҳонӣ бештар таваҷҷуҳ кунем, ки ин барои ба ҳам наздик шудани миллатҳо ва якдигарро ғанӣ гардонидани онҳо мусоидат мекунад ва ба мо имкон медиҳад, ки бо роҳи ташаккули як ҳуввияти ҷаҳонгароёна ҳаракат намоем.

# БОБИ 5. ТАШАККУЛИ АРЗИШҲОИ МИЛЛӢ ВА УМУМИБАШАРИИ НАСЛИ НАВРАСУ ҶАВОН БО ИСТИФОДА АЗ ҒОЯҲОИ ПЕДАГОГИИ НИЁГОН ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

## 5.1. Равандҳои демократикунонии ҷомеа ва таъсири онҳо ба ташаккули арзишҳои миллӣ ва умумибашарии насли наврасу ҷавон

Насли наврасу ҷавони муосир ба равандҳои гуногуни иҷтимоии ба ҷомеаи тоҷик хосбуда ҷалб мегардад ва равандҳои мазкур ба онҳо таъсири назаррас мерасонанд.

Имрӯз насли наврасу ҷавонони кишварро бисёр масъалаҳое ба ташвиш овардаанд, ки 10-20 сол пеш ба назари онҳо ночиз менамуд ва тавҷҷуҳи махсусро талаб намекард [276,с.57-65].

Тағйир ёфтани низоми иҷтимоӣ ва чун натиҷа тамоми тарзи ҳаёти халқи Тоҷикистон ба ҷавонон таъсири махсус расонд. Ин вазъият дар низоми таҷрибаҳои проблемавӣ ва дараҷаи зуҳуроти онҳо ифода ёфт. Нақшҳои иҷтимоие, ки ҷавонон бар уҳда доштанд, хеле содда карда шуданд. Вазифа ва муқаррароти онҳо иваз шуданд. Дар натиҷа, заминаҳои аз афзоиши шиддати иҷтимоӣ дар ҷомеа шаҳодатдиҳанда ба зоҳиршавӣ  оғоз намуданд. Дар байни онҳо, ба андешаи А.Г. Асмолов, аз ҳама муҳимтар инҳоянд [36,с.65-87]:

- гуногунии ҳаёти ҷамъиятӣ, ки раванди ҳамгунсозии шаҳрвандиро душвор мегардонд;

- баробараҳамият набудани арзишҳои пешниҳоднамудаи давлат баъди тағйирот дар сохторҳои сиёсӣ ва иқтисодии кишвар;

- сертаҳаррукии аҳолӣ дар натиҷаи равандҳои фаъоли муҳоҷирати дар ҷомеа бавуқуъоянда;

- ташаккули қолабҳои арзёбии зуҳуроти этнофобия ва бераҳмӣ ҳамчун ифодагари падидаи маъмул дар ҷомеа;

- дар байни аҳолӣ паҳншавии муносибати возеҳи «худӣ-бегона», ба вуҷуд овардани тимсоли душман тавассути ВАО, ки ин пеш аз ҳама ба тарбияи ҷавонон таъсир мерасонад.

Ин равандҳо норавшании самтгириҳои иҷтимоиро муайян мекунанд, ки имкони рушди ҳамаҷонибаи қобилиятҳои идрокии ҷавонон ва самтгирии арзишии онҳоро фароҳам намеоваранд.

Фарҳанги демократии шахс боз як имкони бартарафсозии таъсири манфии шароити доимо тағйирёбандаи муҳити берунӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ба ҷавонон мебошад. Аммо барои оғози ин раванд зарур аст, ки донишҷӯ нақши иҷтимоии худ, намудҳои фаъолиятро бомулоҳиза интихоб кунад ва раванди таълим дар муассисаи таълимӣ ба фардикунонии таълиму тарбия нигаронида шавад.

Воситаҳои ахбори омма, аз ҷумла захираҳои сершумори интернетӣ низ дар ташаккули ҷаҳонбинии донишомӯзон таъсири назаррас доранд.

А.Г. Асмолов дар мақолаи худ «Садамаи ҳозира» (“Шок настоящего”) дар ин бора чунин менависад: «Муҳити атроф на танхо ноосфера ва биосфера аст. Ин шабакаи Интернет аст, ки дар он ҷомеа бо сохторҳои мушаххаси шабакавӣ муаррифӣ мешавад... Барои таъсир расонидан ба оммаи васеи одамон солҳо кори фаъол талаб карда мешавад. Тавассути радио ин ҳадаф дар зарфи 38 сол ба даст омад, телевизион хеле камтар вақт гирифт, он ҳамагӣ 13 сол буд ва Интернет ҳамагӣ дар тули фақат 4 сол дар байни ВАО пешсафи ҷаҳонӣ шуд. Дар ҳамин ҳол, шабакаи иҷтимоии Фейсбук дар зарфи 2 сол 50 миллион нафарaро пайдо кардааст[36,с.65-87].»

Дар ҷаҳони муосир назарияи наслҳо маъмул мешавад, ки тибқи он ҳама кӯдакони дар ҳазорсолаи нав таваллудшуда ба насли Z мансуб карда мешаванд. Ин насл беназир аст. Дар бораи ин назария Н.В. Тамарская ҳамин тавр менависад. Беҳамтоӣ дар он ифода мешавад, ки кӯдакони солҳои 2000-ум бадунёомада имкони истифодаи Интернетро доштанд. Аз ин рӯ, шуури онҳо гӯё ба ҷаҳони воқеӣ ва маҷозӣ тақсим шудааст ва кадоме аз ин ҳар ду ҷаҳон барои инсони муосир муҳимтар аст, то ҳол як масъалаи бузург аст [362,с.11-29].

Насли Z дунёро бидуни телефони ҳамроҳ ва барномаҳои компютерӣ тасаввур карда наметавонад. Агар барои наслҳои калонсол воқеияти маҷозӣ арзиши воридкардашуда бошад, пас барои ҷавонони имрӯз он додашуда аст [312,с.110].

Дар раванди инкишофи иҷтимоии насли наврас далелҳои дар боло зикршударо ба назар гирифтан зарур мебошад. Албатта, низомҳои имкон медиҳанд, ки ниёзҳои гуногуни инсон амалӣ гардида, воситаҳои комилан нави алоқа мавриди истифода қарор дода шаванд. Бо фурӯравӣ дар ҷаҳони маҷозӣ, одамон эҳсоси иштироки мустақим дар рӯйдодҳои аз ҷониби корбар эҷодшударо доранд. Ин имкон медиҳад, ки дар ҷанбаҳои гуногун худро тасдиқ ва худро амалӣ созад. Донишҷӯён ба воситаи компютерҳо ва смартфонҳо барои баланд бардоштани самаранокии фаъолиятҳои таҳсилотӣ ва иҷтимоӣ имкони иловагӣ ба даст меоваранд.

Аммо, низомҳои рақамӣ тарафҳои манфӣ низ доранд. Тибқи таҳқиқоти Э.В. Мелник, вобастагии патологӣ аз телефонҳои ҳамроҳ дар 15,5% донишомӯзон ба мушоҳида мерасад. Чунин вобастагӣ донишҷӯро аз ҳаёти воқеӣ дур карда, масъулиятро барои амалҳои воқеӣ коҳиш медиҳад ва ба ташаккули рафтори зиддиҷтимоӣ мусоидат мекунад.

Ба гуфтаи А.В. Кондрашкин, чунин шавқу рағбати назаррас ба Интернет барои донишҷӯён бо вазъияти номуайяне, ки донишҷӯён аз тарсу ҳарос барои ҳаётиояндаи худ ва набудани дурнамои равшан эҳсос мекунанд, шарҳ дода мешавад.

Ҳамаи далелҳои зикркнамудаи мо асос медиҳанд, ки раванди ташаккули фарҳанги демократӣ дар байни донишҷӯён бояд ба самти эҷоди майдони мукаммали худшиносӣ равона карда шавад, ки он барои ҷавон бо имконияти интихоби фаъолият ва муошират ҷалби таваҷҷуҳ намояд.

Мо қаблан зикр карда будем, ки ба раванди иҷтимоишавии ҷавонон номуайянии арзишҳои ҷомеа, ки сохторҳои давлатӣ ба мо эълон мекунанд, таъсир мерасонад. Агар мо ин арзишҳоро баррасӣ намоем, пас барои муайян кардани сифатҳои барҷастаи насли наврас, ки бояд объекти тарбия гардад ва бояд ҷавонон барои он талош дошта бошанд, маълумоти кофӣ ба даст оварда наметавонем.

Низоми таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар ба ҳалли масъалаҳои муҳимтарини иҷтимоии инсон нигаронида шудааст, вале он дар ташаккули арзишҳои инсон, оила ва ҷомеа ба таври бояду шояд иштирок намекунад. Ин вазъият аз низоми таҳсилоти давраи шуравии таърихи рушди кишвар, ки ба ташаккули арзишҳои ҷавонон таъсири назарраси ташкилотҳои пионерию комсомолии ҳамгирошуда ба муассисаҳои таҳсилотӣ ба таври ҷиддӣ фарқ мекунад.

Дар марҳилаи имрӯзаи рушди ҷомеа тамоюлҳое, аз қабили барзиёдии изтироби иҷтимоӣ дар байни хонандагон ва донишҷӯён баръало зоҳир мегардад, ки дар натиҷа ба хонандагону донишҷӯён хислатҳое аз қабили худбаҳодиҳии паст, афзоиши худгунаҳгорсозӣ, интизории муносибати манфӣ ба худ аз тарафи дигарон хос мебошад [276,с.57-65].

Ҳамаи гуфтаҳои боло аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки кори таълиму тарбия бо донишҷӯён бояд ба баланд бардоштани фаъолияти иҷтимоии онҳо, инкишоф додани вокуниш, ташаббус ва баланд бардоштани ҳавасмандӣ ба иҷрои корҳои аҳамияти ҷамъиятидошта нигаронида шавад. Омӯзгорон бояд дар муассисаи таҳсилотӣ чунин шароитро фароҳам оваранд, ки таълимгирандагон баҳодиҳии воқеии имконоти худро омӯзанд, аз ҷиҳатҳои неруманд ва заифи худ огоҳ бошанд ва дар асоси ин барои такмил додани ин ё он сифатҳо қарор қабул кунанд.

Дар солҳои охир вазъи ноустувори сиёсӣ ва иқтисодии Тоҷикистон боиси афзоиши ташаннуҷи иҷтимоӣ, аз ҷумла афзоиши табақабандии иҷтимоӣ шудааст.

Мо таҳти унвони табақабандии иҷтимоӣ дастрасии нобаробари оилаҳоро ба неъматҳои ҷамъиятӣ дар назар дорем. Дар ҷомеаи муосир одамон дар шароити нобаробари иҷтимоӣ қарор доранд ва барои рушди ҷисмонӣ ва маънавӣ имкониятҳои яксон надоранд. Ин ҳолат бештар дар айёми кӯдакӣ ва наврасӣ дарк карда мешавад (Д.И. Фелдштейн, Л.С. Виготский, И.С. Кон).

Барои вазъияти иҷтимоии муосири Тоҷикистон тазоди байни хатарҳои афзояндаи табақабандии ҷомеа ва дар илми педагогика набудани роҳҳои рафъи таъсири манфии ин раванд ба донишомӯзон хос мебошад [36,с.65-87].

Т.И. Заславская амсилаи ба худ хоси табақабандиро пешниҳод кардааст, ки мувофиқи он сохтори иҷтимоии ҷомеа бо якчанд табақаҳо ё қишрҳо тақсим карда

мешавад ва дар онҳо қишри боло ва «қаъри иҷтимоӣ» нишон дода шудааст [96,с.7-15].

Қишри боло, ки қишри некуаҳволтарин аст, танҳо 6 фоизи аҳолии кишварро ташкил медиҳанд. Он аз элитаи маҳаллӣ дар сатҳҳои гуногун иборат аст, ки дар ҳокимияти давлатӣ ва тиҷорат мансабҳои муҳимро ишғол мекунанд. Тақрибан 60% онҳо таҳсилоти олӣ гирифтанд ва сатҳи даромади ин гурӯҳ аз даромади табақаи поёнӣ тақрибан 10 баробар зиёдтар аст.

Ба қишри миёна Т.И. Заславская 18% аҳолиро мансуб медонад. Инҳо соҳибкорони тиҷорати хурду миёна, кормандони сатҳи миёнаи мақомоти давлатӣ, коргарони баландихтисос ва кормандони идораҳо мебошанд. Сатҳи маълумоти қишрҳои миёна назар ба дараҷаи миёнаи кишвар баланд бошад ҳам, даромади онҳо нисбат ба намояндагони қишри боло хеле паст аст. Аз ин рӯ, некӯаҳволии иҷтимоӣ дар дараҷаи пасттар қарор дорад.

Дар амсилаи табақабандӣ 66% қишри асосии аҳолӣ мебошад. Он аз коргарон, хизматчиён, хизматчиёни ҳарбӣ ва деҳқонон иборат аст. Танҳо 25% намояндагони ин қишр таҳсилоти олӣ гирифтаанд, 44% дар зери хатти камбизоатӣ ё фақр зиндагӣ мекунанд. Вазифаи ин одамон зарурати мутобиқ шудан ба шароити доимии беруна, нигоҳ доштани мақоми иҷтимоии бадастомада ё гузаштан ба қишри боз ҳам баландтар аст.

Қишри поёнӣ, як гурӯҳи хурди одамон, тақрибан 10%, ки дар зинаи охирини иҷтимоишудаи аҳолӣ қарор доранд. Ба сабаби нокифоя будани салоҳияти касбӣ онҳо ба иқтисоди бозорӣ мутобиқ шуда натавонистанд. Ба ин гурӯҳ шаҳрвандоне дохил шуданд, ки бо корҳои оддитарин машғуланд, ки тахассус талаб намекунад. Инҳо кӯчарӯбон, лифтчиён, хаткашонҳо, фаррошҳо ва ғайра мебошанд. Аксари онҳо на танҳо камбизоатанд, балки дар остонаи фақр зиндагӣ мекунанд.

Таҳқиқоти сотсиологӣ тафовути ҷиддии сохтори иҷтимоии ҷомеаро низ ошкор намуд, ки дар он сокинони шаҳрҳо ва мунисипалитетҳои деҳот ифода ёфтаанд. Мувофиқи иттилооте, ки ба агентии ESS расидааст, дар маҳалҳои аҳолинишини деҳот нисбат ба мегаполисҳо намояндагони табақаҳои боло 8 маротиба камтаранд. Синфи миёна дар деҳот ҳамагӣ 1,4% шаҳрвандонро ташкил

медиҳад, дар ҳоле ки дар шаҳрҳо он кам аз 16-17% мебошад. 73% аҳолӣ дар деҳот зиндагии фақирона доранд (55% дар шаҳрҳо).

Тибқи маълумоти оморӣ 13,3% сокинони деҳот танҳо таҳсилоти ибтидоӣ доранд (4,6% дар шаҳр).

Хусусиятҳои табақабандии ҷомеа пайваста дар ҳоли тағйирёбӣ аст. Дар ҳамин ҳол, тамоюли собити устувории тахминии рақамҳои дар боло овардашуда боқӣ мемонад.

Мо дар таҳқиқоти худ мо равандҳои табақабандиро ҳамчун хусусияти муҳиме, ки ба раванд ва фазои таҳсилот хос аст, баррасӣ менамоем. Муътақидем, ки иҷтимоисозии шахсият бидуни тарбияи фарҳанги демократии ҷавонон имконнопазир аст, ки зуҳури он дар байни донишомӯзони деҳоту шаҳр вижагиҳои худро дорад.

Барои асосноксозии чунин тафовут мо аз натиҷаҳои таҳлили омилҳои муҳити иҷтимоии муассисаҳои таҳсилотии шаҳру деҳот истифода мебарем, яъне [142,с.5-5]:

- вижагиҳои рафтори донишҷӯён, ки ба муҳити беруна вобаста аст;
- маҳдудияти фазои иҷтимоӣ ва равонӣ;
- дараҷаи иштироки донишҷӯён дар фаъолияти меҳнатӣ;
- меъёрҳои муқарраршудаи рафтор дар ҷомеа;
- робитаи донишҷӯёни деҳотӣ бо ҷомеа;
- мавҷудият ва таъсири объектҳои табиӣ.

Тафовутҳои иҷтимоӣ, ба ин ё он тарз, ба ташаккули эҳсоси масъулиятшиносии донишҷӯён таъсир расонида, ба рушди худӣ ва худидоракунӣ ҳавасманд месозад. Дар фазои пӯшидаи муассисаи таълимӣ, ки дар он ҷо сифатҳои шахсии ҳар як донишҷӯ аз ҷониби одамони дигар арзёбӣ мешавад, донишҷӯён хоҳиши «аз дигарон бадтар нашудан» -ро зоҳир менамоянд. Азбаски дар деҳаҳои Тоҷикистон то ҳол тарзи ҳаёти ҷамоавӣ нигоҳ дошта мешавад, донишҷӯёни деҳот қобилияти бештари машғул шудан ба фаъолиятҳоеро доранд, ки тибқи қоидаҳои дар ҷомеа қабулшуда муайян карда мешаванд.

Вижагиҳои шарҳдиҳандаи натиҷаҳои бадастомада, аз он иборатанд, ки дараҷаи табақабандии аҳолии деҳот ва шаҳрҳо гуногун аст. Тибқи таҳқиқоте, ки Е.Л. Башманова, барои намояндагони мақомҳои гуногуни иҷтимоӣ анҷом додааст, ба донишҷӯён сифатҳои зерин хосанд:

- донишҷӯёни ба қишри поёнии иҷтимоӣ тааллуқдошта ба таҳсил таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намуда, муассисаи таълимиро макони муошират ва корҳои дастаҷамъӣ медонанд. Намояндагони ин гурӯҳ ба таъсири манфии муҳити зист муқовимат намуда, ба ҳолатҳои номусоид таҳаммулпазирӣ нишон медиҳанд. Онҳо иддао ба муваффақият надоранд ва дар онҳо унсурҳои рафтори ғайриҳатмӣ вуҷуд доранд, ки тавассути онҳо дар ҷомеа бартариҳои шахсиро меҷӯянд;

- донишҷӯёне, ки  ба қишри асосии иҷтимоӣ мансуб дониста шудаанд, ба муассисаҳои таҳсилотӣ таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд. Онҳо нисбат ба камбудиҳо таҳаммулгаро мебошанд, дар корҳои таълимӣ ва беруназсинфӣ фаъолона иштирок мекунанд, барои  маърифатандӯзӣ саъю кӯшиш мекунанд. Дар баробари ин, намояндагони ин гурӯҳ шавқу рағбати худро ба  корҳои таълимӣ ва беруназсинфӣ ба таври возеҳ тақсим намекунанд, робитаи муҳтавои фанҳои таълимиро бо ҳаёти воқеӣ суст дарк мекунанд;

- донишҷӯёни ба қишри миёнаи иҷтимоӣ тааллуқдошта ба муассисаҳои таҳсилотӣ ҳамчун маконе, ки дар он ҷо шахсият ташаккул, инкишоф ва такмил меёбад, таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд. Онҳо барои комёб гардидан  ҳавасмандии баланд доранд, ки таҳсилот ба онҳо барои ноил шудан ба он кумак мекунад. Намояндагони ин гурӯҳ нисбат ба худ серталабанд. Дар баробари ин ба онҳо фардгароӣ хос аст. Онҳо хоҳиши ёрӣ расонидан ба дигар донишҷӯёнро надоранд ва нисбат ба мушкилоти муассисаи таҳсилотӣ таҳаммул надоранд. Донишҷӯёни  қишри миёна дар ҳаёти иҷтимоӣ бо дили нохоҳам иштирок мекунанд;

- донишҷӯёне, ки ба қишри болоии иҷтимоӣ тааллуқ доранд, бо нақшаҳои пурҷӯшу хурӯш дар зиндагӣ тавсиф мешаванд, таҳсили хуб доранд ва барои муваффақият саъю кӯшиш мекунанд. Одатан, онҳо хушбин буда, нисбат ба намояндагони дигар қишрҳои иҷтимоӣ бартарии ҳақиқӣ эҳсос мекунанд, ба кори

ҷамъиятӣ шавқу ҳавас зоҳир намекунанд, аз дараҷаи таълим ва дараҷаи баҳодиҳӣ ба шахсияти онхо аз тарафи одамони дигар норозӣ мебошанд [50,с.24].

Хулосаҳое, ки Е.Л. Башманова баровардааст, бо таҳқиқоти олимони дигар тасдиқ шудаанд. Масалан, С.А. Чернишёв, дар асари илмии худ менависад, ки дараҷаи иҷтимоии оила ҳар қадар баланд бошад, аъзои он барои ҳаёти худ ҳамон қадар масъулияти баландтар доранд. Ин сифат махсусан дар наврасоне зоҳир мешавад, ки ба кумаки волидайни худ умед мебанданд, имкони муваффақияти шахсии худро дар синни балоғат хеле баланд арзёбӣ мекунанд.

Дар навбати худ, волидайни дорои мақоми баланди иҷтимоӣ муносибати фарзандони худро ба рушди шахсият ташаккул медиҳанд. Дар оилаҳои камдаромад, ки тафаккури муваффақият барои онҳо бештар мубрам аст, болоравии мақоми иҷтимоӣ бо мавҷудияти робитаҳо ва пул алоқаманд аст. Агар ин тавр набошад, пас дар байни онхо ақидае пайдо мешавад, ки камбизоатиро аз байн бурдан имконнопазир аст. Ҳамин тавр, дар шуури ин гуна одамон мавқеи нобаробарии моддии байни одамон ҳамчун меъёр муқаррар карда шудааст. Бояд гуфт, ки ин ақида дар ҳоли ҳозир ба як зерфарҳанги муайяни камбизоатӣ табдил ёфта истодааст [371,с.246].

Мо дар боло қайд кардем, ки асоси ҷомеа ду қишри асосии амсилаи пешниҳодшудаи поёнӣ ва заминавӣ аст. Дар баробари ин, дар байни донишомӯзони муассисаҳои таҳсилотии олии шаҳрҳо намояндагони ҳамаи қишрҳо, аз ҷумла, қишрҳои болоӣ (10%), қишри миёна (16-17%) дучор мешаванд.

Дар асоси хулосаҳои баровардашуда мо ба натиҷае расидем, ки табақабандии иҷтимоӣ ба донишҷӯён ва ташаккули фарҳанги демократӣ дар шахсияти онҳо таъсири бисёрҷониба дорад.

Ба гуфтаи Е.Л. Башманова, раванди тарбияи ҷавонони донишҷӯро бо назардошти вижагиҳои табақабандӣ муносиб гардонидан имконпазир аст, дар сурате ки барои инкишоф додани таҳаммулпазирӣ ва ғояҳои баробаҳуқуқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилотии олӣ дар онҳо ниёз ба ҳаёти ҷамъиятӣ, эҳтиром ба меҳнат ва кори одамони дигар тарбия карда шавад. Дар баробари ин, ба ҳамаи донишҷӯён барои соҳиб шудан ба маълумот ва касбу ҳунар имкониятҳои

баробар фароҳам оварда, қобилияти онҳоро ба сӯйи мақсадҳои дақиқу иҷрошаванда равона кардан лозим аст [50,с.24].

Сарфи назар аз аҳамияти тарбия дар муассисаи таҳсилотӣ, асоси ташаккули шахсият оила мебошад. Аммо, дар шароити воқеияти кунунӣ, тасаввурот дар бораи оила ба тағйироти ҷиддӣ дучор шудаанд.

Дар натиҷаи санҷиши муфассал сатҳи пасти иштироки волидон ба раванди таҳсилот муайян гардид. Инро бо он тавзеҳ мегардад, ки муассисаҳои таҳсилотӣ дар ин самт ба қадри кофӣ талош намекунанд. Вале мо аз чунин далел чашм пӯшида наметавонем, ки худи падару модарон ба кори ҷавононе, ки дар муассисаҳои таҳсилотӣ таҳсил мекунанд, чандон мароқ зоҳир намекунанд. Дар баробари ин онҳо ба ташкили таҳсилот муносибати интиқодӣ доранд.

Оилаҳои муосир бо проблемаҳое дучор мешаванд, ки ба худшиносии гендерии ҷавонон таъсир мерасонанд. Ин равандро бояд ҳамчун як падидаи дорои ҷанбаи биологию иҷтимоӣ баррасӣ кард. Аз ин рӯ, мо дар таҳқиқоти худ таҳлили донишҷӯёни ҷинсҳои гуногунро аз рӯйи дараҷаи фарҳанги демократии дар онҳо ташаккулёфта анҷом додем.

Барои донишҷӯёни донишгоҳҳои муосир шаклдигаркуниҳои гуногуни шахсӣ, вижагиҳои иҷтимоишавӣ дар ҷомеа хос мебошанд, ки ҳангоми фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди фарҳанги демократӣ бояд ба назар гирифта шаванд.

Мо барои баррасӣ як қатор нуктаҳоеро пешниҳод менамоем, ки ба андешаи мо, ба беҳтар шудани раванди мазкур мусоидат мекунанд:

1. Ба ҷомеаи муосир ҳолати номуайянии иҷтимоӣ хос аст. Аз ин рӯ, таҳсилот бояд як навъ “полоиш”-и хос барои донишҷӯён гардад, ки ба ҷустуҷӯи самтгириҳои арзишии онҳо мусоидат кунад. Таҳсилот бояд ба ҷавонон кумак кунад, ки худро шаҳрванди як кишвари демократӣ эҳсос кунанд, аҳамияти арзишҳои миллиро қадр кунанд, ба онҳо тарзи гуфтугӯ бо намояндагони фарҳангҳо, халқу миллатҳои дигарро омӯзонанд, масъулиятро барои кирдори худ талқин намоянд.

2. Ба донишҷӯёни муосир тафаккури қолабӣ ва фурӯравӣ ба Интернет хосанд. Бо назардошти ин, зарур аст, ки дар муассисаи таҳсилотӣ барои мусоидат ба самтгирии донишҷӯён ба селаи рақамии иттилоот шароит фароҳам оварда шавад.

3. Раванди тарбияи насли наврас дар шароити ҷаҳони бисёрқутбии доимо дар ҳоли тағйирёбӣ қарордошта бояд интиқоли намунаҳои донишро таъмин намояд. Дар ҳамин ҳол он бояд ба имконияти интихоби усулҳои худ-амалисозӣ ва фаъолият нигаронида шавад. Ин ҳадафҳоро дар сурате амалӣ кардан мумкин аст, ки ба донишҷӯён истифодаи амалҳои ҳаматарафаи таълимӣ омӯзонида шавад, ки ба туфайли он донишҷӯ имкони мустақилона аз худ кардани донишҳо, маҳоратҳо, малакаҳо ва салоҳиятҳои навро пайдо мекунад. Ҳамин тариқ, донишҷӯён маҳорати омӯхтанро аз худ мекунанд ва барои натиҷаҳои омӯзиши худ масъулияти шахсӣ доранд.

4. Ташаккули фарҳанги демократӣ бояд тафовутҳои гендерӣ ва вазъи иҷтимоии донишҷӯёнро ба назар гирифта бошад.

Натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда тасдиқ намуд, ки вазоҳати сифатҳои фарҳанги демократӣ дар байни донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар байни намояндагони шаҳру деҳот хеле фарқ мекунад ва инчунин ба гендер вобаста аст.

Дар раванди таълифи ин таҳқиқоти диссертатсионӣ мо сарчашмаҳои мухталифро оид ба проблемаи мазкур мавриди таҳқиқ ва таҳлил қарор додем, ки ба мо имкон дод, то асосҳои консептуалии зарурӣ барои тарбияи фарҳанги демократии донишҷӯёни тоҷикро муайян намоем

Илми педагогика имрӯз таҳти мафҳуми тарбия раванди таъсири мутақобилаи ҳамаи субъектҳои онро дарк мекунад. Ин далел имкон медиҳад, ки мавҷудияти робитаи зич байни низомҳои арзишҳое, ки иштирокдорони раванди таълимро муттаҳид мекунанд, муайян карда шавад. Аммо фарҳанги демократӣ дар байни ҷавонон танҳо дар сурате ташаккул меёбад, ки агар он дар байни омӯзгорони муассисаи таҳсилотӣ ва волидони таълимгиранда сатҳи баланди рушд дошта бошад.

Маълум мешавад, ки агар ин раванд бо муносибатҳои яксони ҳамаи иштирокдорони он робитаи устувор дошта бошад, дар байни донишҷӯён фарҳанги демократиро тарбия кардан мумкин аст. Бинобар ин, мо дар таҳқиқоти илмии худ раванди дар насли наврас тарбия намудани фарҳанги демократиро ҳамчун дастгирии мақсадноки фаъолияти ҷамъиятии донишомӯзон аз тарафи омӯзгор, ки

дар он донишомӯзон амалҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ ва шахсӣ аҳамиятдоштаро бошуурона ба ҷо меоранд ва дар раванди муносибат бо дигар иштирокдорони раванди таҳсилот самтгириҳои арзиширо азхуд намуда, интихоби шахсӣ ва масъулиятнокро амалӣ месозанд.

Мо дар асоси таҳлили назариявии адабиёти махсус оид ба ин масъала ва хулосаҳои худ дар раванди ташаккули фарҳанги демократии донишомӯзон як қатор қонуниятҳои мушаххасро муайян кардем. Пеш аз ҳама, ин мавҷудияти робитаи мансубияти гендерии донишҷӯ ва сатҳи ташаккули унсурҳои фарҳанги демократии ӯ мебошад.

Дар раванди таълифи таҳқиқот омилҳоеро муайян карда тавонистем, ки ҳамчун асоси ташаккули фарҳанги демократии донишҷӯён зуҳур мекунанд. Дар ин ҳолат, мансубияти гендерии донишҷӯ аз аҳамияти махсус бархӯрдор аст.

Таҳқиқоти анҷомдодаи мо нишон дод, ки дарачаи ташаккули унсурҳои гуногуни фарҳанги демократӣ ва дараҷаи вазоҳати онхо дар байни писарону духтарон гуногун аст. Ин бо тафовутҳои гендерии байни ҷинсҳо, ки ба илм маълум аст, шарҳ дода мешавад. Ба ин масъалахо С. Коробков, А. Анастази, Р. Кирби, М. Гариен, Н.И. Роговская, Д. Майерс, О. Константинова, С. Берн ва дигарон машғул шудаанд.

Муҳаққиқон на танҳо вижагиҳои биологии ҷинсҳои гуногунро қайд мекунанд, балки ба фарқи психологии байни онҳо низ ишора мекунанд, ки ин ба худи раванди педагогӣ ва иҷтимоишавии шахсият таъсир мерасонад.

Масалан, А. Анастази чунин андеша дорад, ки ҷавонписарон фаъолиятҳоеро авлотар медонанд, ки бо фаъолнокии баланд ва рақобат хосанд. Дар навбати худ, ҷавондухтарон фаъолиятҳоеро интихоб мекунанд, ки оромтар, вале дар айни замон бештар отифавӣ бошанд. Аз ин ҷо бармеояд, ки дар кори педагогӣ ҳангоми таҳсил дар донишкадаи олӣ ин тафовутҳо бояд ба назар гирифта шаванд. Ҳангоми азхудкунии маводи нав писаронро ба машғулиятҳои фаъолона ҷалб кардан лозим аст, ки онҳо бо ҳам мусобика карда тавонанд, ба духтарон бошад, бештар супоришҳои ҷанбаи эҷодидошта бояд пешниҳод гардад[26,с.752].

Равоншиносон тафовутҳои нейропсихологиро дар намояндагони ҷинсҳои гуногун қайд мекунанд, ки ин бо вижагиҳои кори нимкураҳои мағзи сар шарҳ дода мешавад. Дар мардон нимкураи рост, ки барои тафаккури абстрактию мантиқӣ масъул аст, фаъолтар кор мекунад. Дар занон бошад, нимкураи чапи майна бештар иштирок намуда, қарорҳои оқилонаю мантиқӣ қабул мекунад. Аз ин рӯ, дар вақти омӯзиш ба ҷавонон лозим аст, ки мавод дар амал ва ба таври аёнӣ пешниҳод гардад. Агар ба духтарон алгоритм, ангораи он дода шавад фаҳмидани иттилоот осонтар мешавад [397,с.45].

***Таҳлили маводи эмпирикӣ***

Дар асоси хулосаҳое, ки дар ин таҳқиқот дар раванди омӯзиши маводи озмоишӣ оварда шудаанд, мо ба натиҷагириҳои зерин расидем:

1. Ташаккули фарҳанги демократӣ дар байни духтарон назар ба писарон аз рӯйи ҳамаи нишондиҳандаҳо босамартар сурат мегирад.

2. Тафовути махсусан назаррас дар сатҳи фарҳанги демократии духтарон нисбат ба писарон дар нишондиҳандаҳои зерин қайд карда мешавад: «инкишофи ҳамдилӣ», «низоми тасаввурот», «маҳорати ҳифзи ҳуқуқи худ, дар ҳаёт амалӣ намудани онҳо», «таҳаммулпазирӣ», «саъю кӯшиш ба қабули қарорҳои бомаслиҳат».

Фарқиятҳои муътамад инчунин дар чунин нишондиҳандаҳо, ба монанди «идроки аҳамияти қарорҳои дастаҷамъӣ» ва «тасаввури мувофиқ оид ба шахсияти худ» зоҳир мешаванд.

Тафовутҳои муайянкардаи мо бояд аз нуқтаи назари иҷтимоӣ баррасӣ карда шаванд. Сифатҳое, ки мо таҳқиқ менамоем, дар рафти ҳамкории иҷтимоии ҳамаи иштирокдорони раванди педагогӣ инкишоф меёбанд. Аз ин рӯ, таваҷҷуҳи таҳқиқоти мо ба омӯзиши тафовутҳои отифавӣ ва муоширатӣ дар байни намояндагони ҷинсҳои гуногун нигаронида шудааст.

Ш. Берн дар асарҳояш қайд мекунад, ки духтарон нисбат ба писарон бештар ба муошират ва иртиботот майл доранд. Аз ин рӯ, дар раванди тарбия пас аз тасмими дуруст онҳо ба таърифу таҳсин ниёз доранд, дар ҳоле ки барои ҷавонписарон баҳодиҳии холисона ба натиҷаи фаъолияти онҳо муҳимтар аст. Ба ҷавонписарон

фаъолнокии калон ва як навъ қолабшиканӣ хос аст (Д. Майерс, Ш. Берн). Ин сифатҳо барои ташаккули таҳаммулпазирӣ ва иҷрои босифат ва саривақтии вазифаҳояшон халал мерасонад. Илова бар ин, ҷавонписарон ба барангезандаҳои беруна фаъолона вокуниш нишон медиҳанд, аммо ҳамон тавр зуд ором мешаванд. Духтарон метавонанд муддати тӯлонӣ нобарориро эҳсос кунанд. Дар чунин давра онҳо ба дастгирии махсус ниёз доранд [54, с.320].

Олимон инчунин услубҳои муошират ва намунаҳои вижаи рафторро барои ҷинсҳои гуногун муқаррар кардаанд. Духтарон саъй мекунанд, ки бо омӯзгор тамоси шахсӣ барқарор кунанд, аз рӯйи лаҳни гуфтор, ифодаи чеҳра ва эътирофи кӯшишҳо дар дарсҳо ба омӯзгор баҳо медиҳанд [159, с. 688].

Ҷавонписарон аз омӯзгор баҳои холисона ба кору кирдори худро интизоранд. Дар асоси ин, вақте ки раванди таълим дар вазъияти ҳамкорӣ ташкил карда мешавад, духтарон худро бароҳаттар эҳсос мекунанд. Ҷавонписарон бештар майл доранд, ки сифатҳои худро дар вазъияти рақобатӣ нишон диҳанд. Ин далелҳо бо он тасдиқ мешаванд, ки духтарон дар равандҳои худидоракунӣ нисбат ба писарон фаъолонатар иштирок мекунанд [400, с. 592].

Дар асоси омилҳои дар боло зикршуда мо як ақидаро ба миён гузоштем, ки он зарурати такя ба тафовутҳои гендериро ҳангоми тарбияи фарҳанги демократӣ дар байни донишҷӯён нишон медиҳад. Воситаҳои гуногуни педагогие, ки дар кори тарбия истифода мешаванд, бояд бо вижагиҳои дарки иттилоот аз тарафи писарону духтарон, вокуниши отифавии онҳо ба маводи дарёфтшаванда, тафовутҳо дар танзими иртиботот пайваста бошанд.

Вижагии дуюми бештар аҳамиятдоштаи тарбияи фарҳанги демократӣ вобастагии дараҷаи ташаккули фарҳанги демократӣ дар байни ҷавонони таълимгиранда аз вазъи иҷтимоии оила ва вижагиҳои ташкили кори тарбиявӣ дар муассисаи таълимӣ мебошад.

Таҳқиқоти анҷомдодаи муаллиф имкон дод, ки муҳимтарин шарти рушди фарҳанги демократӣ дар байни донишҷӯёни мактаби олии муосир: вижагиҳои иҷтимоӣ ва табақабандии оила асоснок карда шавад.

Муносибатҳои иҷтимоии донишҷӯён бештар аз ҷанбаҳои муносибатҳо дар оила, арзишҳое, ки ба аъзои калонсоли оила хосанд, вобаста аст. Масалан, Л. Колберг таъсири услуби рафтори волидайнро ба дараҷаи зуҳури хашмгинии кӯдакон таҳқиқ намудааст. Натичаи кори анчомдода нишон дод, ки дар он оилаҳое, ки волидайн нисбат ба кӯдак муносибати нармтар доранд ва барои рафтору кирдорашон ба ҷазо додани онҳо майл надоранд, кӯдакон камтар хашмгинанд.

Ин хулоса дар синни калони мактабӣ, дар байни донишомӯзон тасдиқи худро меёбад, ки рафтори онҳо на танҳо хусусияти муносибатҳои оилавиро такрор мекунад. Ҷавонони синни донишҷӯӣ ба шаклҳои рафтори дар кӯдакӣ ташаккулёфта мустақилона баҳо медиҳанд, онҳоро қабул мекунанд ё рад мекунанд.

Муаллиф дар раванди таҳқиқоти таҷрибавӣ кори муассисахои гуногуни таҳсилотиро мавриди омӯзиш қарор додааст. Хулосахое, ки дар рафти мушоҳидаҳо, пурсишҳо ва таҷрибаҳо ба даст оварда шудаанд, нишон доданд, ки байни дараҷаи ташаккули фарҳанги демократии таълимгирандагон ва иштироки падару модарон дар раванди таҳсилот робитаи бевосита вуҷуд дорад.

Дар асоси натиҷаҳои бадастомада мо зарур мешуморем, ки истилоҳоти ин таҳқиқоти илмӣ бо мафҳуми «мавқеи субъективии оила» пурра карда шавад. Мафҳуми мазкур раванди мақсадноки фаъолиятҳои гуногунро дар фазои таҳсилотӣ дар назар дорад, ки дар рафти он волидон дар тарбияи кӯдак мувофиқи ҳадафҳои таълимӣ ва талаботи иҷтимоии ҷомеа иштирок мекунанд. Сохтори мавқеи субъективии оиларо метавон ба таври зайл муаррифӣ намуд (тибқи Т.П. Симакова) [302, с. 488]:

- бахши арзишшиносӣ (аксиологӣ), ки ягонагии ҳадафҳои оиларо дар робита ба таълиму тарбияи ҷавон, мувофиқати тамоми мавқеъҳоро дар ин раванд мавриди баррасӣ қарор медиҳад;

- бахши фаъолиятӣ, ки фаъолияти зуҳуркунандаи тамоми аъзои оиларо, дар таълиму тарбияи ҷавонписар ё ҷавондухтар таъмин менамояд;

- бахши вокунишӣ, ки дар қобилияти баҳодиҳии дурусти иштироки шахс дар раванди таҳсилот аз рӯйи натиҷаҳои мувофиқбуда ба сатҳи таҳсилоти ҷавон ифода меёбад.

Оилаҳои муосири шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар иҷрои фармоиши иҷтимоӣ иштирок намуда, бо ҳамин дараҷаи муайяни тавоноии таҳсилотиро нишон медиҳанд. Ҳама оилаҳоро дар ин маврид ба гурӯҳҳо тақсим кардан мумкин аст:

1. Арзишҳо ва муносибатҳои оилавӣ ба талаботи фармоиши иҷтимоӣ мутобиқат намуда, тавассути истифодаи тавоноии таҳсилотии оила ва ҷомеа амалӣ мегарданд.

2. Оилаҳое, ки бо мавҷудияти арзишҳо ва муносибатҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ қобили қабул тавсиф мешаванд. Аммо дар ин гуна оилаҳо барои пурра ба амал баровардани он арзишу муносибатҳо шароити зарурӣ вуҷуд надорад. Ин метавонад сатҳи пасти фарҳанги иҷтимоии оила ё набудани тавоноии таҳсилотии он бошад.

3. Оилаҳое, ки дар онҳо арзишҳо ва муносибатҳо ба фармоиши иҷтимоии ҷомеа мувофиқат намекунанд ё ба қадри кофӣ мувофиқат намекунанд.

Чунон ки таҳқиқоти мо нишон дод, танҳо оилае, ки ба гурӯҳи якум дохил мешавад, дар бобати ба амал баровардани вазифаи таҳсилотии оила фармоиши иҷтимоиро мустақилона ичро карда метавонад. Дар Тоҷикистон чунин оилаҳо аз 8% зиёд нест.

Таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодаи муаллиф аз дурустии далелҳои дар боло овардашуда шаҳодат медиҳад. Сатҳи баланди рушди фарҳанги демократӣ дар 6% оилаҳои дар таҳқиқот иштирокдошта муайян карда шуд. Ин нишондиҳанда барои сокинони ҳар ноҳия, шаҳру деҳот хос аст. Ғайр аз ин, робитаи бевоситаи байни дараҷаи инкишофи фарҳанги демократии тамоми аъзои оила, падару модарон ва фарзандонро мушоҳида кардан мумкин аст. Дар оилаҳое, ки ба гурӯҳи якум мансуб шудаанд, дараҷаи баландтарини мавқеи субъективӣ мушоҳида карда мешавад.

Дар асоси ин хулоса мо боз як ақидаи дигарро пешниҳод менамоем: дар раванди таҳсилотӣ бояд ҳатман волидайни таълимгиранда тавассути ҳавасмандсозии фаъолнокии онҳо дар ин самт ба василаи истифодаи бошууронаи хадамоти таҳсилотии пешниҳодкардаи давлат, иштирок дар ташкил, гузаронидани

чорабиниҳои таълимию тарбиявӣ, банақшагирии фаъолияти тарбиявӣ, баҳодиҳӣ ба натиҷаҳои он иштирок намоянд.

Самаранокии ҳамкории оила ва муассисаи таҳсилотӣ бештар аз мавқеи омӯзгоре вобаста аст, ки ин равандро байни муассисаи таҳсилотӣ ва оилаи таълимгиранда танзим мекунад, барои ин аз корҳои дастаҷамъӣ ва тамринҳои ҳузурӣ ва фосилавии ташкилшуда истифода менамояд.

Вазифаҳои ба миёнгузоштаро ҳамон вақт дар амал татбиқ кардан мумкин аст, ки агар як қатор принсипҳо ба роҳбарӣ гирифта шаванд ва дар байни онхо принсипи асосӣ педагогикаи башардӯстӣ мебошад. Вале муваффақияти тарбияи фарҳанги демократӣ ба вижагиҳои татбиқи чунин принсипҳо вобастагӣ дорад.

Мо ҷанбаҳои гуногуни амалияи таҳсилотиро таҳлил намуда, душвориҳои имконпазирро дар раванди тарбияи фарҳанги демократии ҷавонони донишҷӯ муайян кардем. Проблемаҳои муайяншударо бо истифода аз таҷрибаи пешқадами муассисаҳои таълимӣ ҳал кардан мумкин аст. Дар асоси мушкилоти муайяншуда ва роҳҳои имконпазири ҳалли онҳо, мо принсипҳои тарбияи фарҳанги демократиро дар насли наврас муайян кардем:

*1.Ммуҳтавои фаъолияти ҳамаи иштирокдорони раванди таҳсилот бояд бо арзишҳо такмил дода шавад.* Дар шароити донишгоҳҳои олии муосир, ки дар давраи номуайянии иҷтимоӣ амал мекунанд, кори оид ба ташаккули шахсияти фарҳангии донишҷӯён ва бартараф намудани душвориҳои эҳтимолии иҷтимоишавии онҳоро ташкил кардан зарур мебошад.

Асли мазкур замоне амал хоҳад кард, ки дар ҳама рӯйдодҳои таҳсилотӣ низоми дорои арзишҳои умумибашарӣ, шахсӣ ва арзишҳои ба як ҳодисаи мушаххас хосбуда иштирок мекунад.

Татбиқи амалии принсипи мукаммалсозии раванди таълим бо арзишҳо ин тавр амалӣ карда мешавад:

- тарбия намудани самтгириҳои арзишӣ дар шуури ҷавонон, бо истифода аз тавоноии ҳамаи иштирокдорони раванди таҳсилот;

- фароҳам овардани шароит барои азхудкунии арзишҳои шахсӣ ва иҷтимоӣ тавассути вокуниш;

- интиқоли доимӣ ва мақсадноки арзишҳо аз ҷониби омӯзгор ба донишҷӯён;

- баҳисобгирии вижагиҳои арзишҳое, ки дар донишҷӯён ҳангоми фаъолияти таълимӣ ва беруназсинфӣ ташаккул меёбанд.

Барои татбиқи ин принсип фароҳамсозии як қатор шароити зарурӣ талаб карда мешавад:

- муҳити таҳаммулпазире, ки ҳуқуқи фардро ба тафриқа эътироф мекунад;

- баланд бардоштани салоҳияти омӯзгор дар арзишҳо ва роҳҳои интиқоли онҳо;

- фароҳам овардани муҳити арзишӣ дар муассисаи таълимӣ, бо ин мақсад такмили фаъолияти донишомӯзон бо рӯйдодҳои арзишӣ, ки бо вокуниш истифода мешавад.

2. *Ягонагии уҳдадориҳо ва ҳуқуқҳои ҳамаи иштирокдорони раванди таҳсилот ва масъулияти баробар барои натиҷаҳои он.* Мазмуни ин принсип танҳо дар давлати ҳуқуқбунёд ба амал меояд ва дар тезиси зерин хулоса мешавад: «ҳуқуқ уҳдадориро ба бор меорад ва уҳдадорӣ бидуни ҳуқуқ вуҷуд дошта наметавонад».

Муаллифи таҳқиқоти ҳозир баррасии идроки фарҳанги демократии шахсро, ки маънои он дарки хислатҳои шахсии худ, қабули онҳо ва дарки аҳамияти риояи меъёру қоидаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ мебошад, барои баррасӣ пешниҳод менамояд. Ҳамин тариқ, манфиатҳои шахсӣ ва ҷамъиятӣ дар ҳолати мутавозин қарор доранд.

Барои татбиқи ин принсип зарур аст, ки

- аз тарафи ҳамаи субъектҳои раванди таҳсилот идроки аҳамияти иҷрои уҳдадориҳои худ ва татбиқи ҳуқуқҳои на танҳо шахс, балки ҳуқуқи одамони дигар;

- ҳавасманд намудани ҳамаи иштирокдорони фаъолияти таҳсилотӣ барои ноил шудан ба натиҷаҳои мушаххас;

- иштирокдорони муоширатро ба фаъолияти мустақилона ҳавасманд намудан;

- таъмини имкониятҳои баробар барои ҳамаи иштирокдорони раванди таҳсилот.

Шароити зарурӣ барои татбиқи комилаёри ин принсип иборатанд аз:

- аз ҷониби иштирокдорони раванди таҳсилот дарк намудани вижагиҳои ҳамаи аъзои он;

- донистани қоидаҳо, қонунҳо, ҳуқуқҳо, уҳдадориҳои шаҳрванд, хоҳиши татбиқи онҳо;

- дар муассисаи таҳсилотӣ фароҳам овардани муҳити боварӣ, ёрии ҳамдигарӣ, масъулият барои натиҷаҳои фаъолияти дастаҷамъӣ;

- иштироки якҷояи ҳамаи субъектҳои раванди таҳсилот дар раванди қабули қоидаҳо, қонунҳо ва тартиби муносибатҳои танзимкунандаи рафтори донишомӯзон, падару модарони онҳо ва омӯзгорон;

- назорати муштарак аз болои иҷрои меъёрҳо, қоидаҳо, ҳуқуқҳо, уҳдадориҳои ҳамаи аъзои коллектив;

- инкишофи худидоракунӣ ва ҳамкорӣ барои расидан ба мақсади умумӣ.

3.*Фаъолнокии донишҷӯён ҳамчун субъекти раванди таълим.*

Дар сурати истифодаи фишор ва омилҳои беруние, ки ба талаботи шахсият мувофиқат намекунанд, фарҳанги демократӣ ташаккул намеёбад. Илми педагогика ва таҷрибаи шахсии муаллифи асари таҳқиқотӣ аз вобастагии самараи таълиму тарбияи ҷавонон ба фаъолият ва иштироки шахсии онҳо дар ин равандҳо шаҳодат медиҳад. Аз ин рӯ, натиҷаҳои шаклҳои гуногуни ҳамкорӣ, ки дар фазои таълимӣ татбиқ мешаванд, бевосита ба мавқеи фаъоли субъектии донишомӯзон вобаста аст.

Дараҷаи ташаккулёбии фарҳанги демократиро метавон тавассути муайян кардани дараҷаи воқеии соҳибсалоҳиятии субъективии таълимгиранда ва истифодаи воқеии онҳоро дар ҳаёт арзёбӣ кард.

Барои татбиқи ин принсип зарур аст, ки:

- ба донишҷӯ имкон дода шавад, ки мавқеи худро оид ба ҳамаи масъалаҳои баррасишаванда баён намояд;

- ҷавононро ҳамон гуна қабул бояд кард, ки дар лаҳзаи муайян ҳастанд;

- ҳавасманд намудани ҷавонон ба амалу қарорҳои бошуурона;

- раванди тарбияро, ки ба ташаккули фарҳанги демократӣ дар шахсият нигаронида шудааст, бо шаклҳои гуногуни вокуниши худ ҳамроҳ намудан;

- ҳавасманд намудани донишҷӯён ба нишон додани мавқеи фаъоли ҳаётӣ ва мустақилият дар қабули қарор;

Самаранокии истифодаи принсипе, ки мо дар назар дорем, ба шароити раванди таълим вобаста аст. Дар байни ин шартҳо инҳоро ҷудо мекунанд:

- ҷустуҷӯи дастаҷамъонаи ҳадафҳои таълиму тарбия, банақшагирии кор ва таҳлили натиҷаҳо;

- такя ба таҷрибаи бадастовардаи донишҷӯёни алоҳида ва дигар иштирокдорони раванди таҳсилот;

- ҳангоми ташкили фаъолияти донишҷӯён баҳисобгирии талабот ва манфиатҳои таҳсилотии онҳо;

- ҳавасмандгардонии эҳтиёҷоти донишҷӯён ба рушди шахсият;

- инкишофи низоми худидоракунӣ дар муассисаи таълимӣ;

- инкишофи вокуниш.

Ҳамаи он чизе, ки мо дар боло номбар кардем, бевосита ба ин ё он унсури фарҳанги демократӣ алокаманд аст. Дар баробари ин, субъектиӣ будан асоси он ва шарти зарурии раванди педагогӣ мегардад, ки он имконияти озодона интихоб кардани амалу кирдорро дар хар гуна шароит барои ҷавонон пешбинӣ мекунад.

4. *Муколама, шарикӣ.* Тибқи ин принсип, ҳамкории иштирокдорони раванди таҳсилот тавассути мубодилаи арзишҳо, афкор, андешаҳо амалӣ мегардад ва роҳҳои нави ҳалли мушкилот ва вазифаҳои дар назди коллективи таълимӣ истодаро ба вуҷуд меорад. Муҳим аст, ки ҳамаи иштирокдорони раванди таҳсилот шарикони худро эҳтиром кунанд ва онҳоро  тавре ки ҳастанд, қабул кунанд.

Раванди ташаккули фарҳанги демократӣ дар байни донишҷӯёни донишгоҳҳои олиро аз нуқтаи назари равиши вокунишию фаъолиятӣ баррасӣ намуда, дар он бояд принсипҳои эҳтиром, баробарии ҳамаи инсонҳо, омодагӣ ба ҳамкории фаъол ва қобилият ба роҳи ҳалҳои созиширо таъкид кард. Ин шарт, махсусан барои дар муҳити донишҷӯӣ амалӣ гардонидани проблемаҳои зиддиятҳои дохилишахсӣ муҳим аст.

Принсипи муколама ва шарикӣ талаб мекунад, ки:

- субъекти фаъолият ҳуқуқу уҳдадориҳои баробар дошта бошад;

- мавҷудияти шароит барои ҷустуҷӯи ғояҳои нав.

Ин талаботро бо шартҳои зерин иҷро кардан мумкин аст:

- иштироки ҳамаи субъектҳои раванди таҳсилот дар муҳокимаи проблемаҳо ва коркарди роҳҳои ҳалли онҳо дар асоси созиш;

- ташкили муколамаи созанда бо тамоми иштирокдорони раванди таҳсилот, ки ба муассисаи таҳсилотии мушаххас хос аст;

-таъмини ҷанбаи шарикии муносибатҳои байни иштирокдорони раванди таҳсилот тавассути технологияҳои таҳсилотии кушода, мубоҳисаҳо, суҳбатҳо ва ғайра;

- истифодаи муҳити муассисаи таҳсилоти олии касбӣ барои амалӣ намудани ҳамкориҳои шарикӣ дар асоси шартномаҳо бо назардошти шакл ва муҳтавои фаъолияти донишгоҳ;

- ҳавасманд намудани ҳамаи иштирокдорони раванди таҳсилот ба муколама ва истифодаи шарикӣ дар фаъолияти худ;

- баҳисобгирии манфиатҳои шахсии ҳар як субъекти ҳамкориҳо.

5. *Амплификатсия (густариш).* Ин истилоҳ дар илми педагогика маъноҳои зиёд дорад. Мо аз андешаи муҳаққиқ В. А.Сластенин ҷонибдорӣ мекунем, ӯ амплификатсияро имконияти озодона интихоб кардани намуди фаъолияте мешуморад, ки ба таълимгиранда барои ҳар чи пурратар амалисозии қобилиятҳояш кӯмак мерасонад[303,с.192].

Олимони гуногун паҳлӯҳои мухталифи проблемаи фароҳам овардани имконияти интихоб дар фаъолияти таҳсилотӣ ба донишҷӯёнро баррасӣ кардаанд, ки мо дар боби аввали таҳқиқоти худ дар бораи онҳо сухан ронда будем.

Мо дар бораи имконияти интихоб фикру мулоҳизаҳои аввалинро дар асарҳои муҳаққиқоне ба монанди Я.А. Коменский, Ж.Ж. Руссо ва дигарон пайдо хоҳем кард. Донишмандони муосир, масалан, А.Н. Тубелская, М. Балабан чунин мешуморанд, ки имконияти интихоб аз бисёр ҷиҳат самаранокии раванди таҳсилотро муайян мекунад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти муаллиф, инчунин таҳлили фаъолияти муассисаҳои таҳсилотӣ моро ба хулосае меоранд, ки дараҷаи инкишофи фарҳанги демократии донишҷӯён имконияти интихоби бошууронаро пешакӣ муайян мекунад. Ҷавонон бо интихоби бошуурона он нақшҳои иҷтимоие, ки ба онҳо наздиктар ва

фаҳмотаранд, ба зиммаи худ мегиранд, ки таълимгирандагонро ба азхуд кардани намудҳои нави фаъолияти ба ташаккули шахсияти онҳо вобастабуда ҳавасманд месозад. Вобаста ба ин, нақши иҷтимоиро ҳамчун яке аз равишҳои рафтори шахс ва як намуди фаъолияти иҷтимоӣ, ки арзёбии ҷамъиятро тақозо мекунад, донистан бамаврид аст.

Бояд дарк намуд, ки нақши иҷтимоӣ рафтори шахс ё самти фаъолияти ӯро муайян карда наметавонад. Ин сифатҳо ба он вобаста хоҳад буд, ки шахс ин нақшро то чӣ андоза босифат ва амиқ аз худ кардааст.

Агар мо ба принсипи амплификатсия аз нуқтаи назари равиши шахсиятшиносӣ муносибат кунем, мебинем, ки он ба донишҷӯён ба ташаккули арзишҳои худ муносибати бомулоҳиза доштанро имконпазир месозад. Ин корро донишҷӯ аз ҳисоби азхуд кардани тарзу усулҳои нави фаъолияти ҳаётгузаронӣ, васеъ кардани доираи чаҳонбинӣ ва фазои ҳаётии худ анҷом медиҳад.

Принсипи амплификатсия инҳоро талаб мекунад:

- озодии интихоби намуд ва усулҳои фаъолият аз тарафи донишҷӯён ва дигар иштирокдорони раванди таҳсилот;

- ҳавасмандгардонии барои азхудкунии нақшҳои гуногуни иҷтимоӣ ва намудҳои нави фаъолият;

- огоҳона будани иштирок дар намудҳои гуногуни фаъолият, мақсаднок будани интихоб.

Татбиқи принсипи таҳқиқшаванда дар сурати мавҷуд будани як қатор шартҳо амалӣ мегардад:

- мавҷуд будани барномаҳои гуногуни тарбиявӣ, ки ба талаботи ҷавонон ҷавобгӯ мебошанд ва қобилияти онҳоро инкишоф медиҳанд;

- вуҷуд доштани имкони интихоби вазифаҳои таълимӣ вобаста ба вижагиҳои тафаккур ва шавқу рағбати таълимгирандагон;

- ташкили ҳамкориҳои мутақобилаи муассисаи таҳсилотӣ ва оилаи таълимгирандагон бо назардошти эҳтиёҷот, манфиатҳо ва дархостҳои ҳамаи иштирокдорони раванди таҳсилот;

- амсиласозии ҳолатҳое, ки ба тағйир додани нақши ичтимоии донишҷӯ, аз худ намудани донишҳои нав, амалҳо, шаклҳо ва намудҳои фаъолияти ӯ мусоидат мекунанд;

- тағйирпазирии муносибатҳои мутақобила, ки тавассути он ҷавонони донишҷӯ чандирияти рафтори заруриро барои ичтимоисозии насли наврас инкишоф медиҳанд.

Ҳамин тариқ, принсипи амплификатсия манфиатҳои зиёдеро, ки ба донишҷӯён хос аст, муттаҳид мекунад ва имкон медиҳад, ки ҳолатҳои гуногуни ҳамкории байни ҳамаи иштирокдорони раванди таҳсилот фароҳам оварда шавад. Дар баробари ин, барои ҳамаи иштирокдорони раванди таҳсилот баробарии ҳуқуқ ва уҳдадориҳоро таъмин кардан зарур аст.

6. *Ҳавасмандгардонии худшиносии ичтимоӣ.* Ҳамаи қарорҳои қабулнамудаи донишҷӯ, интихоби усул ва шаклҳои рафтору кирдори вай бояд бошууронаю огоҳона бошанд. Таълимгиранда бояд масъулияти шахсиро барои натиҷаҳои фаъолият ва амали худ дарк кунад.

Ҳоло ҷавонон дар шароити номуайянии ичтимоӣ қарор доранд. Ба шахсият технологияҳои гуногуни амалиётӣ таъсир мерасонад. Дар чунин шароит шахс бояд ба арзишҳои шахсӣ ва ичтимоӣ самтгирӣ намояд, то ба таъсири омилҳои манфии муҳити зист, ки худшиносии ҷавононро тақозо мекунад, муқовимат намояд.

Дар ҷомеаи муосир тағйироти арзишҳо ба амал омад, ки муҳтавои он ба падидаи ҳувият таъсири манфӣ расонидааст. Одамон аз рӯйи принсипи «дӯстону бегонагон» муттаҳид шудан гирифтанд. Аломатҳои ҳувияти манфӣ дар ташаккули муносибатҳои бегонаситезӣ ва ташкили созмонҳои гуногуни ифротӣ ва миллатгароӣ зоҳир мешаванд. Онҳо аксар вақт ҷавонони муосирро муттаҳид мекунанд.

А.Г. Асмолов бар ин назар аст, ки равандҳои ҳувияти манфӣ муносибати воқеии ҷавонони донишҷӯро ба рӯйдодҳои дар Тоҷикистон руҳдода таҳриф мекунанд. Аз ин рӯ, масъалаҳои худшиносии ичтимоӣ барои ҷомеаи тоҷик аҳамияти хоса доранд. Ҳавасмандгардонии педагогии ин раванд танҳо дар сурате имконпазир аст, ки дар шахсияти донишҷӯ «ҳастаи арзишӣ»- и ташаккулёфта ба

ҷавон имкон медиҳад,  то ки ба вазъиятҳои гуногуни аксар вақт ба ҳам зид баҳо диҳад ва амалҳои муайянро ҳамчун вокуниш интихоб кунад.

Барои татбиқи принсипи худшиносии иҷтимоӣ зарур аст, ки:

- дар фазои таҳсилот шароит фароҳам оварад, то ки барои  донишҷӯён мафҳуми арзишҳои демократиро пурра ошкор намояд;

- ҷавонони донишҷӯро ҳавасманд созад, ки худро ҳамчун шаҳрванди ҷомеаи демократӣ дарк кунанд, онҳо на танҳо барои ҳаёти худ, балки барои некӯаҳволии ҷомеа ва давлат низ масъуланд;

- дар насли наврас омодагӣ ба муколамаи созанда бо одамони дигар, ки ақидаҳои мухолиф ва эътиқоди дигаргуна доранд, ташаккул дода шавад;

- дар  донишҷӯён ҳавасмандии ташаккул додани афкори шахсии худ ва омода будан ба ҳимояи асосноки онро ба вуҷуд овардан;

- ба муносибати бепарвоёна аз ҷониби муассисаи таҳсилотӣ нисбат ба зуҳуроти бегонаситезӣ, миллатгароӣ, бераҳмӣ ва таҷовуз нисбат ба дигарон дар муҳити донишҷӯён роҳ  набояд дод.

Татбиқи талаботи дар боло зикршуда бо риояи шартҳои зерин имконпазир аст:

— ба донишҷӯён расондани ғояҳо ақидаҳо, донишҳо дар бораи гуногунии ҷаҳон ва тафовути байни халқҳо;

- ташаккули манзараи маънoии ҷаҳон дар байни ҷавонони донишҷӯ бо истифода аз малакаҳои шаклҳои гуногуни муносибат бо муҳити зист;

- огоҳии донишҷӯён аз арзишҳои демократӣ, ҳамкориҳои созанда бо дигар одамон, гурӯҳҳо ва  ҷомеа;

- истифодаи ғояҳо барои рушди шахсияти донишҷӯ, ки тавассути онҳо ӯ идроки оқибатҳои қарорҳои шахсан қабулкардаашро меомӯзад;

- пурра машғулшавии донишҷӯён дар вазъиятҳои проблемавӣ.

